# ЧИЛДУХТАРОН

ДУШАНБЕ - 2019

**ББК 84 тоҷик 7-5**
**Ч -**

*Мураттиб:*
**Иброҳими Наққош**

*Ҳайати таҳририя:*
**Бахтиёр Ҷумъазода, Аслиддин Қамарзода, Исмоил Зарифӣ ва Равшани Ҳамроҳ**

**Чилдухтарон. – Душанбе: 2020, 340 саҳ.**

Дар ин тазкира намунаи осори манзум ва мансури чил тан бонуи суханвари муосир, ки дар кишварҳои дӯст ва ҳамсояи Тоҷикистону Ӯзбекистон кору эҷод ва зиндагӣ мекунанд, фароҳам омадааст. Хонандагони нуктасанҷ ва борикбин зимни мутолиаи ин китоб итминон ҳосил мекунанд, ки бонувон на танҳо ба зебоии муҳити зисти мо мусоидат менамоянд, балки бо каломи бадеъ низ неъматҳои маънавии зебо меофаранд.

**© Иброҳими Наққош, 2020**

## ЗАН ВА ШЕЪР

Шеър ва мусиқӣ тавъами якдигаранд. Инсон бо суруди «Алла» аввалин шеърро аз забони модар мешунавад ва ин нағмаи ҷонбахш то охирин нафас аз лавҳаи хотираш берун намеравад. Шоирон аз ҳисоби мардон хеле зиёданд, вале аз сабаби гирифториҳову серкориҳои зан бонувони шоир камтар ба чашм мерасанд.

Қобили қайд аст, ки сарфи назар аз ин гуна маҳдудиятҳо аксари бонувони хонадони Расулуллоҳ бо шеър сару кор доштанд. Модарашон Омина бинти Ваҳб низ шоира буд ва ҷонсӯзтарин марсияро бо ашки шашқатор дар сӯгвории шавҳари ҷавонмаргаш Абдуллоҳ сурудааст.

Дар давраи ислом бонувони хонадони он ҳазрат Хадиҷату-л-кубро ва Оишаи Сиддиқа дар васфи Муҳаммад (с) қасидаҳои зебое эҷод кардаанд.

Шеъри зан чун ҳусни ӯ дилкашу нозук аст, ки хонанда аз назокати сухани бонувон лаззати бештар мебарад. Зеро отифаву озарм ва эҳсоси бонувонро мардон надоранд.Зебуннисобегим дар як ғазали худ чунин мефармояд:

Рангомези ҷунунам, хона рангин кардаам,
Дурдошоми ғамам, паймона рангин кардаам.
Панҷаи шона ниҳам дар панҷаи занҷири зулф,
Даст рангин, панҷа рангин, шона рангин кардаам.
Барниҳад шояд ки по бар дида, баҳри макдамаш
Базм рангин, фарш рангин, хона рангин кардаам.
То кунад қасди шикоре гоҳ-гоҳе дар чаман,
Боғ рангин, об рангин, дона рангин кардаам.
Баҳри тифли орзу, Махфӣ, зи хуноби ҷигар
Бар дари ҳар хонае афсона рангин кардаам.

Дар замони нав Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои боло бурдани мақоми зан дар ҷомеа хизматҳои арзишмандеро ба ҷо овардаанд. Зани имрӯзаи тоҷик зани озод аст ва дар паҳлуи мардон суботкорона қадам мезанад. Номи Шоираҳои халқии Тоҷикистон Гулрухсор, Фарзона ва Зулфия Атоӣ кайҳо марзҳоро убур карда олами форсизабононро мусаххар намудааст ва осорашон ба дигар забонҳо табъу нашр шудаанд.

Аз бонувон аввалин шеърро бо забони тоҷикӣ Робиаи Балхӣ эҷод кардааст, ки латофати суханаш хеле волост:

Фишонд аз савсану гул симу зар бод,
Зиҳӣ боде, ки раҳмат бод бар бод!
Бидод аз нақши Озар сад нишон об,
Намуд аз сеҳри Монӣ сад асар бод.
Мисоли чашми Одам шуд магар абр,
Далели лутфи Исо шуд магар бод?
Ки дур борид ҳар дам дар чаман абр,
Ки ҷон афзуд хуш-хуш дар шаҷар бод.
Агар девона абр омад, чаро пас
Кунад арза сабӯҳӣ ҷоми зар бод?
Гули хушбӯй, тарсам, оварад ранг
Аз ин ғаммоз субҳи пардадар бод.
Барои чашми ҳар ноаҳл гӯӣ
Арӯси боғро шуд ҷилвагар бод.
Аҷаб чун субҳ хуштар мебарад хоб,
Чаро афганд гулро дар саҳар бод?

Баъди Робиа занони суханвари зиёде пайраҳаи суханро тай намудаанд, ки машҳуртаринашон Маҳастии Хуҷандӣ, Ҷаҳонмаликхотун, Меҳрии Ҳиротӣ, Зебуннисо, Мастураи Курдистонӣ, Оишаи Дурронӣ ва дигарон мебошанд.

Дар адабиёти давраи нави тоҷик, аввалин зани суханвар модари Аллома Бобоҷон Ғафуров Розия Озод мебошад.

Дар бораи занони суханвар тазкираҳо ангуштшуморанд. Масъуди Миршоҳӣ соли 2001-ум бо номи «Шеъри занони Афғонистон» тазкирае интишор додааст, ки дар он ба хонандагон намунаи осори ҳафтод шоираро муаррифӣ кардааст.

Соли 1985 бо ибтикори Раҳим Ҳошим маҷмӯаи «Ҳамсафар» ва баъд аз ин силсилаи «Навниҳолони боғи адабиёт» чоп шудаанд, ки дар онҳо бо номи «Се қалам» ва «Гулҳои наврӯзӣ» қисматҳои алоҳида ба ҳаёту осори шоираҳои муосири тоҷик бахшида шудаанд.

Дар китоби «Барги сабз», бо эҳтимоми Ваҳҳоб Одина ва муқаддимаи шоираи шинохта Гулрухсор Сафиева, намунаи ашъори

бист шоираи тоҷик бо шарҳи ҳоли мухтасарашон ба хонандагон пешкаш гардид, ки ибтикори хубе буд.

Дар «Тазкираи адибони Бадахшон» намунаи ашъори чордаҳ бонуи суханвари Бадахшон ҷой дода шудааст ва муаллиф Гавҳари Бадахшониро нахустин бонуи суханвари бадахшонӣ ном бурдааст. Аз рӯйи нақли муаллиф ин зан дар айёми ҷавонӣ бо бародараш барои таҳсили илм ба Ҳирот сафар карда, парвардаи мактаби адабии Абдурраҳмони Ҷомӣ будааст.

Махфии Бадахшонӣ, ки дар авохири асри нуздаҳ ва нимаи аввали асри бистум зистааст ва ашъори ӯро сухансанҷони давр «на камтар аз мардон» шумурдаанд, мақому манзалати занро дар шеър шоиста унвон кардааст.

Махфӣ на танҳо тахаллуси Зебуннисоро гирифт, балки ба тарзи зиндагии вай низ пайравӣ намуда, охирҳои умрро бо узлатнишинӣ, дар як гӯшаи Бадахшони Афғонистон гузарондааст.

Дӯстон, бо кӣ диҳам шарҳи ғами танҳоӣ,
Оқибат кард харобам аламӣ танҳоӣ.
Ёри ҳамдард бувад заҳри ғамамро тарёк,
Ҳама ғам саҳл бувад, оҳ, ғами танҳоӣ!
Он чӣ қисмат зи азал рафт, нагардад каму беш,
Махфиё, сабр гузин дар ҳарами танҳоӣ.

Муҳаққиқ, шоир ва тазкиранигор Иброҳими Наққош ҷавобан ба пайкорҳои Сарвари азизи давлатамон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон бо номи рамзии «Чилдухтарон» тазкирае тартиб додааст, ки ҳаёт ва эҷодиёти чил тан бонуи суханварро бозгӯ мекунад.

Чилдухтарон – номи кӯҳест, ки дар ду қисмати шимолии ноҳияи Муъминободи вилояти Хатлон ҷойгир аст. Ин кӯҳҳо аслан муҷассамаҳои одаммонананд, ки ба худ сирру асрори хоссае доранд. Онҳоро мардуми Хатлонзамин «Чилдухтарон» ном ниҳодаанд.

Дар асл бошад, ин муҷассамаҳо барои ҳар як тамошобин муҷассамаи олиҳаи зебоӣ, рамзи покию ватанпарварист. Кӯҳҳои «Чилдухтарон» дар навоҳии дигари кишвари зебоманзарамон низ пойбарҷо буда, байни мардуми дохилу хориҷ аз покдомании занони тоҷик ривоят мекунанд.

Бо ин номи рамзӣ тартиб додани тазкира бозгӯи он аст, ки бонувони ин миллат дар иффату покизагӣ ва нозуксуханӣ ҳамто надоранд.

Дар китоби «Чилдухтарон» дар баробари фарогирии ашъори Шоираҳои халқии Тоҷикистон Гулрухсор ва Фарзона, осори адибони шинохта Адибаи Хуҷандӣ, Назокат Олимзода, Зарафшони Хуросон, Нуринисои Акрам ва дигарон ҷой дода шудааст. Гулваши Иброҳим, корманди Ҳукумати шаҳри Бӯстон ҷавонтарин шоираест, ки ашъораш

дар ин китоб фароҳам омадааст. Дар тазкираи мазкур аз осори адибон ва олимони тавонои ӯзбекистонӣ Амина Шарофиддинова, Маҳбуба Турсунова, Ҳадяи Бухороӣ, Маликаи Бахтиёр ва дигарон намунаҳо оварда шудааст, ки риштаи дӯстӣ ва робитаи адабии моро мустаҳкамтар мегардонад.

Тазкираи «Чилдухтарон» асари хонданӣ ва ҷолиб аст, ки ба доираи васеи хонандагон пешниҳод мегардад.

Лозим ба тазаккур аст, ки мураттиби тазкира пеш аз тадвини ин китоб ба тавассути сомонаҳои интернетӣ ва тариқи тамоси телефонӣ борҳо ба бонувони суханвар муроҷиат намуда буд. Аммо онҳое, ки намунаҳои эҷодиёти худро лутфан барои таҳияи тазкира пешниҳод намудаанд, ҳаминҳоянд, ки ҳайати таҳририя аз онҳо сипосгузоранд.

Инчунин ногуфта намонад, ки дар ин тазкира дар баробари навиштаҳои хубу дилпазир навиштаҳое низ роҳ ёфтаанд, ки аз норасоиҳо орӣ нестанд ва қазовати ин падида ба хонандагони дақиқназар ҳавола мегардад. Мураттиб дар китоб намунаҳои эҷодиёти чанд бонуи хеле ҷавон ва камтаҷрибаро низ ҷой додааст. Албатта, ин маънои онро надорад, ки ӯ ба ҳамаи навиштаҳо розӣ ва қаноатманд аст. Ин амал бешак, ба хотири ҳавасманд намудани муаллифони зикршуда сурат гирифтааст. Зиёда аз ин, дар гулбоғи адабиёт ҳама гулҳо якрангу якбӯй нестанд.

Мураттиб барои беҳбудии корҳои минбаъда маслиҳатҳои судбахши олимону суханшиносонро интизор аст.

**ИСМОИЛ ЗАРИФӢ**,<br>
*шоир ва муҳаққиқ,*<br>
*барандаи Ҷоизаи ба номи Камоли Хуҷандӣ*<br>
**РАВШАНИ ҲАМРОҲ,**<br>
*аъзои Иттифоқи нависандагони Тоҷикиситон*

## НАМУНАҲО АЗ АШЪОРИ БОНУВОНИ КЛАССИКИ ТОҶИК

***Робияи Балхӣ бинти Каъб***
***(асри X)***

### ҒАЗАЛ

Зи бас гул, ки дар боғ маъво гирифт,
Чаман ранги «Аржанг»-и Моно гирифт.
Сабо нофаи мушки Тиббат надошт,
Ҷаҳон бӯи мушк аз чи маъно гирифт?!
Магар чашми Маҷнун ба абр - андар аст,
Ки гул ранги рухсори Лайло гирифт.
Ҳаме монад андар ақиқин қадаҳ
Сиришке, ки дар лола маъво гирифт.
Қадаҳ гир чандею дунё магир,
Ки бадбахт шуд, он ки дунё гирифт.

Сари наргиси тоза аз зарру сим
Нишони сари тоҷи Кисро гирифт.
Чу руҳбон шуд андар либоси кабуд
Бунафша, магар дини тарсо гирифт?!

***Маҳастии Хуҷандӣ***
***(1097/98 – 1183)***

## АЗ РУБОИЁТ

Қассоб чунон ки одати ӯст, маро
Бифканду бикушту гуфт, к:-ин хӯст маро!
Сар боз ба узр мениҳад дар поям,
Дам медамадам, то биканад пӯст маро.

Хат бин, ки фалак бар рухи дилхоҳ набишт,
Бар гул рақаме бунафша бегоҳ набишт.
Хуршед ба бандагӣ-ш медод хате,
Коғаз магараш набуд, ки бар моҳ набишт.

Шабҳо, ки ба ноз бо ту хуфтам, ҳама рафт,
Дурҳо, ки ба нӯки мижа суфтам, ҳама рафт.
Ороми дилу мӯниси ҷонам будӣ,
Рафтиву ҳар он чи бо ту гуфтам, ҳама рафт.

Гулшани доимбаҳору кишвари зебои ман.

***Ҷаҳони Шерозӣ***
***(1325 – 1382)***

Мо туро дилдори худ пиндоштем
В-аз ту чашми мардумиҳо доштем.
Тухми меҳри рӯят, эй номеҳрубон,
Солҳо дар водии ҷон коштем.
Ҳарчи кардӣ бо ман аз ҷавру ҷафо,
Гарчи он бад буд, нек ангоштем.
То ниҳодӣ дил ба меҳри дигарон,
Мо умед аз лутфи ту бардоштем.
Солҳо то рояти меҳру вафо
Ошиқона дар ҷаҳон афроштем.
Чун ҷафову ҷаврат аз ҳад даргузашт,
Кори худро бо Худо бигзоштем.

Гар ба ноҳақ ғамзаат хунам бирехт,
Ҷониби ҳақро фурӯ нагзоштем.

*Меҳрии Ҳиравӣ*
*(асри XV)*

**АЗ РУБОИЁТ**

Ҳаргиз коме зи хуфту хобам надиҳӣ,
Шаб бо ту сухан кунам, ҷавобам надиҳӣ.
Ман ташналабу ту Хизри вақтам гӯйӣ,
Аз баҳри Худо, чӣ шуд, ки обам надиҳӣ?!

Дар хонаи ту он чи маро шояд, нест,
Банде зи дили рамида бикшояд, нест.
Гӯйӣ, ҳама чиз дорам аз молу манол,
Оре, ҳама ҳаст, в-он чи мебояд, нест.

Маро бо ту сарӣ ёрӣ намондаст,
Дили меҳру вафодорӣ намондаст.
Туро аз заъфи пирӣ қуввату зӯр
Чунонки пой бардорӣ, намондаст.

***Зебуннисо***
***(1639 – 1702)***

Дур бод аз тан саре, к-ороиши доре нашуд,
Бишканад дасте, ки хам бар гардани ёре нашуд.
Дар қиёмат сар чӣ сон берун кунад аз ҷайби хок,
Синаи он кас, ки доғи лоларухсоре нашуд?!
Дар назар шоҳид надорӣ, дида аз олам бипӯш,
Кӯр беҳ чашме, ки лаззатгири дидоре нашуд!
Сад баҳор охир шуду ҳар гул ба фарқе ҷо гирифт,
Ғунчаи доғи дили мо зеби досторе нашуд.
Ҳайф бар аммомаи зоҳид, ба чандин печутоб
Риштаи тасбеҳ гашту тори зунноре нашуд.
Ҳар матоеро харидорест дар бозори даҳр,
Пир шуд Зебуннисо, ӯро харидоре нашуд.

***Ойшаи Дурронӣ***
***(1779 – 1853)***

Шароби ноби ирфонро бикун нӯш,
Ғами дунёи дунро кун фаромӯш.

Биё, соқӣ, бидеҳ ҷоми лаболаб,
Ҳарифон ҳозиру хумхона дар ҷӯш.
Туро чун ҷон бувад дар қолаби тан,
Мабош аз ёди Ҳақ як дам фаромӯш.
Агар хоҳӣ, ки қурбӣ дӯст ёбӣ,
Забонро ҷуз сифоташ дор хомӯш.
Либоси ҳирсу оз аз тан бадар кун,
Ту аз сабру қаноат ҷома мепӯш.
Нахоҳам мункари ишқи бутонро
Фиканда хирқаву саҷҷода бар дӯш.
Бирав, эй зоҳиди худбини мағрур,
Манам пири муғонро ҳалқа дар гӯш.
Гуноҳи Оиша гар бешумор аст,
Ғафура-л-музнибин аст Ӯ хатопӯш.

***Нодираи Андиҷонӣ***
***(1792 – 1842)***

Эй сарвиноз, тунд марав, сӯйи ман биё,
Доғи дилам шукуфта, ба сайри чаман биё.
Мавзунқадон ба тарфи чаман карда анҷуман,
Эй сарви хушхиром, дар ин анҷуман биё!
Шуд дар раҳи ту дидаи канъониён сафед,
Аз Мисри ноз, Юсуфи гулпираҳан, биё.
То чанд талхком ба ҳаҷри ту зистан?
Шаҳдам чашон аз он лаби шаккаршикан, биё.
Ойинаи хаёл ба сайқал расондаам,
Дар интизорам, эй санами симтан, биё!
Фориғ нишин ба булбулу тӯтӣ дар ин чаман,
Кай гуфтамат ба суҳбати зоғу заған биё?
Дар кунҷи ҳаҷр нест чу Макнуна тангдил,
Эй ҷилваат баҳортирози чаман, биё!

***Мастураи Курдистонӣ***
***(1805 – 1848)***

Ёр аз мо дилгарон шуд, ҳайф-ҳайф,
Бесабаб номеҳрубон шуд, ҳайф-ҳайф.
Кард пастам бар замин чун нақши пой,
Нолаам то осмон шуд, ҳайф-ҳайф.
Нахли умрам, эй гули нозукбадан,
Дур аз он гулшан хазон шуд, ҳайф-ҳайф.
Қоматам хам ҳамчу пушти моҳи нав,
Бе ту, эй абрӯкамон, шуд, ҳайф-ҳайф.

Бе рухат дар гӯшаи байту-л-ҳазан
Кори ман оҳу фиғон шуд, ҳайф-ҳайф.
То шудӣ аз чашмам, эй сарви равон,
Аз танам якбора ҷон шуд, ҳайф-ҳайф.
Рӯзу шаб Мастураро аз дидагон
Ҷӯйи хун з-ин ғам равон шуд, ҳайф-ҳайф.

***Махфии Бадахшонӣ***
***(1887 – 1964)***

Қиёмат мекунад барпо хироми қадди дилҷӯят,
Бало меборад аз тарзи нигоҳи чашми ҷодуят.
Шавад дурр дар садаф пинҳону шаккароб андар най,
Дарояд дар такаллум гар лаби лаъли сухангӯят.
Ниқоб аз абр бар сар мекунад хуршед аз хиҷлат,
Маҳи нав шом бар сар мекашад аз шарми абрӯят.
Чу дидам холро бар гӯшаи чашмат, ба дил гуфтам,
Магар з-абрӯ камондор аст бар дунболи оҳуят.
Ҳавои хулд аз сар майли ҳур аз дил бурун орад,
Бихонад ояе зоҳид агар аз мусҳафи рӯят.
Ғами танҳоиву нодидани рӯят маро хуштар
Аз он базме, ки бинам ғайрро биншаста паҳлӯят.
Агар дур аст аз базми висолат рӯзу шаб, лекин
Бувад ин Махфии ғамгин зи ҷону дил дуогӯят.

## ГУЛРУХСОР



*Гулрухсор (Сафиева Гулрухсор) 17 декабри соли 1947 дар деҳаи Яхчи ноҳияи Комсомолобод (ҳозира Нуробод) дар оилаи хизматчии давлатӣ таваллуд ёфтааст.*

*Соли 1968 факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленинро ба поён расонда, фаъолияти меҳнатиро ба сифати мухбири шуъбаи адабии рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳозира «Ҷавонони Тоҷикистон») оғоз кардааст.*

*Баъдан мудири бахши матбуоти КМ ЛКСМ Тоҷикистон (1969), муҳаррири рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» ва маҷаллаи «Машъал» (1970-1972), муҳаррири рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» (1972-1981), котиби Садорати ИН Тоҷикистон (1981-1986), раиси Хазинаи маданияти Тоҷикистон (Бунёди фарҳанги Тоҷикистон, 1987-1993) ва раиси Фарҳангистони байналмилалии «Евро-Осиё»-и Русия (1994-2002) будааст.*

*Ҳамчунин, муассиси созмони фарҳангӣ ва ҷамъиятии Фарҳангистони байналмилалии Шеъри Ҷаҳон мебошад, ки аз соли 1998 раисии онро бар уҳда дорад.*

*Гулрухсор аз айёми мактабхонӣ машқи шеър карда, шеъри нахусташ соли 1962 дар рӯзномаи «Қаротегини Советӣ» мунташир гардидааст.*

*Минбаъд ашъораш дар маҷмӯаҳои «Бунафша» (1970), «Хонаи падар» (1973), «Шабдарав» (1975), «Афсонаи кӯҳӣ» (1975), «Дунёи дил» (1977), «Ихлос» (1981), «Гаҳвораи сабз» (1984), «Сипар» (1990, ба ҳуруфи форсӣ), «Оинаи рӯз» (1984), «Оташи Сугд» (1986), «Рӯҳи Бохтар» (1987), «Қасидаи кӯҳистон» (1988), «Тахти сангин» (1992), «Зодрӯзи дард» (1995), «Дар паноҳи сояи худ» (1998), «Паймонаи ғазал» (2007), «Ҷовидона» (2009), «Шӯъла дар санг» (2010), «Сад оҳи як нафас» (2012), «Дигар ишқ!» (2014) ва ғ. чоп шудаанд.*

*Рисолаву маҷмӯаҳои манзуму мансури Гулрухсор дар бисёр мамлакатҳо, аз ҷумла, дар аксари ҷамоҳири Иттиҳоди Шӯравӣ ва мамолики хориҷӣ тарҷума ва чоп шудаанд, ки «Ояти ишқ» (1992; Олмон-Люксембург), «Гулчини ашъори Гулрухсор» (1993), «Зодрӯзи дард» (1996), «Ашки тӯфон» (2000), «Ривоятҳои ногуфта» (2001), «Танҳотар аз танҳоӣ» (2009), «Сакарот» (2011), «Гузидаи ашъор» (2014) ва ғ. аз он ҷумлаанд.*

*Гулрухсор солҳои 1993-1997-ро дар муҳоҷират ба сар бурда, бисёре аз шеърҳои дар он замон сурудаи ӯ шеъри ҳолатанд, ки вазъи рӯҳониву равонии гӯяндаро намудор мекунанд.*

*Ашъори ошиқонаи Гулрухсор моломоли ҳиссиёти эҳъирозу эҳтирос ва хоҳишу коҳишҳост.*

*Шоира на танҳо эҳсосоти ошиқонаи шахси худ, балки ҳолату рӯҳияи ошиқонаи ҳамнаслону ҳамзамононашро сурудааст.*

*Гулрухсор дар эҷоди манзумаву достон ҳам иқдоми босамаре барниҳодааст. Аз ҷумла, достони «Комсомол» (1974) аз таърихи ташаккул ва муборизаҳои қаҳрамононаи Иттиҳоди ленинии ҷавонони шӯравӣ ҳикоят мекунад.*

*Дар манзумаи «Шабдарав» (1975) саҳифае аз ҳаёти халқи тоҷик дар ақибгоҳ – дар як қитъаи хурди кишвари паҳновари шӯравӣ, меҳнати фидокоронаи занону мӯйсафедон дар даврони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба тасвир омадааст.*

*Достони «Мотами сафед» (1983) аз қисмҳои ҷудогонае, ки бо хатти ягонаи сужет ба ҳам пайвастаанд, иборат аст.*

*Қаҳрамони асосии достон Гулпарӣ ном занест, ки саргузашти ӯ бо тақдири шавҳараш Раҳмат Сано – муаллим ва иштирокчии ҷанг пайваста тасвир ёфта, дар симои худ хислату табиат, сиришту бунёди маънавии занони кӯҳистони тоҷикро таҷассум намудааст.*

*Тарғиби хислатҳои неки инсонӣ, ибрози нафрату адоват нисбат ба риёву фитнагарӣ, тараннуми адолату асолат ва покиву назофати инсон дар кору зиндагӣ ғояи асосии достонро ташкил медиҳанд.*

*Достонҳои «Сипар» (1983), «Рӯҳи урён ё ҳафт суруди носурудаи*

*Робия» (1986), «Жакон» (1990), «Сиёҳу сафед», (1993), «Ману шаб» (1995) «Озарахш» (2006), «Мурофиаи баҳор» (2006), «Таърих гувоҳ аст...» (2011), «Муждаи аржушти як ҷуфти парасту» (2012), «Қандил» (2014) аз офаридаи солҳои охири шоира мебошанд.*

*Дар ашъори Гулрухсор ангезаи лиризми эҳсосписанд мавқеи муҳим дошта, офаридаҳояш аз сарчашмаи гановатманди эҷодиёти шифоҳии мардум об хӯрданд.*

*Намунаҳои «Фолклори водии Қаротегин», ки соли 1984 дар таҳияи ӯ дастраси умум гардид, зодаи ҳамин алоқамандиву муҳаббат аст.*

*Рисолаҳои пажӯҳишии Гулрухсор «Шинохти рубоиёти Ҳаким Умари Хайёми Нишопурӣ» (2000), «Китоби гӯё» ва дувоздаҳ барномаи таҳқиқии родиёии «Атри Ҷӯи Мӯлиён» (2011) ва г. паҳлӯйи дигари эҷодиёти шоираро намудор месозанд.*

*Шоира барои бачаҳо низ шеъру достонҳо ва намоишномаҳои ҷолибе навиштааст, ки маҷмӯаи «Афсонаи кӯҳӣ» ва намоишномаҳои «Зилзила», «Ба мо бовар кунед!», «Озода» ва «Ғори аҷинаҳо» дар он шумуланд, ки охириро Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи Маҳмуди Воҳид беш аз ҳазор маротиба намоиш додааст.*

*Гулрухсор муаллифи чандин асари насрист.*

*Аз ҷумла, дар романи «Занони Сабзбаҳор» (1988)-и ӯ лаҳзаҳои мудҳиши замони ҷанги дувуми ҷаҳонӣ ва бори сангине, ки бар дӯши занону духтарони тоҷик дар ақибгоҳ афтода буд, мавриди тасвир қарор гирифтаанд.*

*Ҳадафи асосии нависанда дар ин роман таъйиду таъкиди муътамади далериву сабурӣ, садоқату дурандешӣ ва порсойии зани тоҷик аст.*

*Аксари офаридаҳои манзуму мансури Гулрухсор ба забони русӣ тарҷума ва дар маҷаллаву рӯзномаҳои бонуфузу маҷмӯаҳои алоҳида, монанди «Фиалка», 1971; «Песня родника», 1975; «Радужный цветок», 1978; «Зелёная колыбель», 1981; «Навруз», 1982; «Откровение в полдень», 1983; «Куропатка в гостях», 1983; «За солнцем вслед», 1984; «Зеркало дня», 1984; «Пульс моей любви», 1988; «Ради тебя», 1984; «Огнепоклонница», 1991; «Женщины Сабзбахора», 1992; «День рождения боли», 1995 ва г. ба табъ расидаанд.*

*Шеърҳои ба забони русӣ навиштаи Гулрухсор дар китобҳояш «Солнце без Монэ» ва «Одна планета на двоих» (2014) дастраси умум гардидаанд.*

*Ҳамчунин, намоишномаҳои ӯ «Ғори аҷинаҳо», «Зилзила», «Ба мо бовар кунед!», «Озода» «Ҳафт суруди носуруда»… ва г. дар Маскав ба забони русӣ чоп шудаанд.*

*Намунаҳое аз ашъори адибони ҷумҳуриҳои собиқи шӯравӣ ва хориҷиро ба тоҷикӣ гардондааст, ки «Ишқи зиндагӣ»-и О.Бергголтс (1977), «Гулистони гӯё» (1978; намунаҳои ашъори шоираҳои Иттиҳоди Шӯравӣ), осори алоҳидаи Г.Лорка, Г.Мистрас, М.Булгаков, А.Камю, М.Бойҷиев, ашъори гуногуни М.Ю. Лермонтов, Леся Украинка, Римма*

*Казакова, Татяна Кузовлева, Андрей Дементйев, Файз Аҳмади Файз, Йордан Милев, Силва Капутикян ва г. аз он ҷумлаанд.*

*Аз соли 1989 то пошхӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ вакили мардумӣ, узви Шӯрои Олии ИҶШС буд.*

*Бо нишони «Барои меҳнати шуҷоатнок» (ба муносибати 100-солагии В.И.Ленин) мукофотонида шудааст.*

*Дорандаи Ҷоизаи Комсомоли ленинии Тоҷикистон (1976), Комсомоли ленинии умумиттифоқ (1978), Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (2003), Ҷоизаи адабии ба номи Ҳелмут Ҳаммет (ИМА, 1994).*

*Шоираи халқии Тоҷикистон (1999).*

*Аз соли 1971 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аст.*

## НОБАРОБАР

Ту аз ман будиву ман аз ту будам,
Ту ёри дигарӣ, ман моли дигар.
Дар ишқу ошиқӣ шоҳу гадо нест,
Чаро ишқи ману ту нобаробар?!

Намебинӣ, намебахшӣ ту ҳаргиз,
Хатои ман, гуноҳи ман, ғами ман,
Намегирям, намегирям, мабодо,
Набинад беғаме чашми нами ман!

Ҳар он чизе, ки хоҳад одамизод,
Дар ин дунё барои ман муҳайёст.
Бимирад моҳии беобмонда,
Агарчи андаруни ҳавзи тиллост.

Барои ман дилу ҷони ту даркор,
Нигоҳи гарми чашмони ту даркор.
Барои ин сари сахти ятимам,
Навозишҳои дастони ту даркор.

Зи бахту толеат хушнуд ҳастӣ?
Чаро ҳолам намепурсӣ ту боре?
Мани афтода аз чашми дили ту,
Зи ту дорам умеди ғамгусоре.

Намедуздам туро ман аз дигарҳо,
Ба ҳар кас бахт ширин аст, ширин.
Бидон, бо ёди ту танҳо равонам,
Гарам бинӣ маро дар кӯча ғамгин.

Зи ман бо ҳар баҳона мегурезӣ,
Ки гӯё шоиру овозадорам,
Лаби пурханда дорам, ғам надорам,
Зи ёрони куҳан андар канорам…

Будӣ ишқи ту рӯзи рӯзгорам,
Будӣ ёди ту ёру ғамгусорам,
Ту будӣ шуҳрату номи баландам,
Ту бо ман нестӣ, чизе надорам!

Ту аз ман будиву ман аз ту будам,
Ту ёри дигарӣ, ман моли дигар.
Дар ишқу ошиқӣ шоҳу гадо нест,
Чаро ишқи ману ту нобаробар?!

**1972**

## СУРУДИ ЗАНИ ТАНҲО

Чӣ танҳоӣ, ки дар чоҳу ҷалоли хеш дилгирам,
Миёни чор девори баланду сахти тақдирам.
Нарав аз бар, нарав аз сар, нарав аз дил, ки мемирам,
Ба рӯзи сахту танҳоӣ дилу дасти кӣ мегирам?

Дар ин ғавғо, дар ин савдо, дар ин шӯру шари дунё,
Туро мегӯяму бо ёди ту бадбахти хушбахтам.
Ту ҳам монанди ҳусни ман гурезониву ҳайронам,
Ба кӣ гӯям ғами дилро, куҷо созам сари сахтам?!

Сари танҳои моро сарварӣ кун гар саре дорӣ,
Чаро ман омадам бар даҳр гар ту дилбаре дорӣ?
Сари ман, сарвари ман, ҳампари ман, раҳбари ман шав,
Шабе, ки бе ту раҳгумам, маро тобанда ахтар шав!

Чӣ танҳоӣ, ки дар чоҳу ҷалоли хеш дилгирам,
Ба дунё омадам танҳову аз танҳоӣ мемирам…

**1972**

## ДУНЁ ҒАНИМАТ АСТ!

Дунё ғанимат аст, аз ман хабар бигир,
Ҳар лаҳза қиммат аст, аз ман хабар бигир.
Ин ҷомаи хазон, ин ранги заъфарон,
Панду насиҳат аст, аз ман хабар бигир!

Рӯ-рӯйи қулла рав, аз хок дил накан
Фарзанди хок ту, фарзанди хок ман.
Дар даҳр зиндагӣ ҳарчанд қиммат аст,
Бе ту чӣ зиндагист, эй ёри дилшикан?!

Аз ман хабар бигир!
Чашми муҳаббатам, муштоқи рӯйи туст,
Гӯянд одамӣ бо дӯстӣ накӯст,
Аз қасри худ фаро, бар мулки ман биё,
Ин хона бурҷи дил, ин дил макони туст!

Аз ман хабар бигир!
Аз ман назар нагир, ёри дигар нагир,
Дунё ғанимат аст, аз ман хабар бигир!

**1973**

## ХУРШЕДИ ХОВАР

Хушрӯз модарам, дилсӯз модарам,
Ганҷи ягонаам, хуршеди ховарам.
Чун дасти зиндагӣ дасти ту бар сарам,
Бахти баланди ман ҳастӣ ту модарам.
Марде надидаам мисли ту бурдбор.
Фарде надидаам мисли ту хоксор.
Эй духтари замин, эй модари ҷаҳон,
То ҳаст зиндагӣ ҳастӣ ту ҷовидон!
Хушрӯз модарам, дилсӯз модарам.
Ганҷи ягонаам, хуршеди ховарам!

**1975**

## МУҲАББАТ

Маро мешиносӣ, ҳамонам, ҳамонам,
Ҳамон ошиқам ман, ҳамон беқарорам.
Ду чашми хуморӣ, ду рӯйи анорӣ,
Чу мурғи самандар саросар шарорам.

На занҷири қисмат, на тазвиру ғайбат,
Надорад зи роҳам, зи роҳи муҳаббат.
Муҳаббат, муҳаббат, зи сӯзу азобат,
Зи дарду итобат, дилам шуд китобат.

Муҳаббат, муҳаббат, ба ҷуз ман, ба ҷуз дил,

Гадое надорӣ.
Муҳаббат, муҳаббат, дар олам пас аз худ,
Худое надорӣ!

**1976**

## ҒОЛИБИ ХАСТАҶОН

Ба ёди ту чӣ шабҳое саҳар кардам,
Чӣ ғамҳое, ки бе ту пушти сар кардам.
Туро, эй хокии хокӣ, ба тахти ишқ,
Зи худ бологузар, болоназар кардам.
Вафо аз бевафо омӯхтам охир,
Вафоро дар набарди дил сипар кардам.
Чӣ исёне, ки бо худ кардаам бехуд,
Зи сирри хеш оламро хабар кардам.
Маро ту хоки раҳ кардӣ, амон бошӣ,
Туро ман тоҷи сар кардам, зафар кардам!

**1979**

## ВАТАНАМ

Тоҷикистон, сари ҳар санги ту бар маи Ватан аст,
Бари ҳар буттаи хори ту бароям чаман аст.
Заррае некам агар дарси ту аз бар кардам,
Заррае хубам агар ҳусни ту мероси ман аст.

Кӯҳсорони ту аз нуқраву тиллост баланд,
Ту баландӣ зи баландии вафои писарон.
Сари ҳар сахра яке кулбаи сангист баҷой,
Ҳамраҳи меҳри ту олам ҳама ғунчад дар он,
Ватанам, эй Ватани майдаи мардони калон!

**1979**

## ЗАХМИ НИҲОН

Бимон гулбарги рӯйи ман хазон гардад,
Ту умре бехазону гулфишон бошӣ.
Бимон ман сӯзаму ту дар амон бошӣ,
Бимон ман мираму ту ҷовидон бошӣ!

Бимон ҳар лаҳза чанги номуродиҳо,
Ба рухсорам хати ожанг бигзорад.
Бимон ишқи ту чун захми ниҳони дил
Маро ҳар лаҳзаву ҳар рӯз озорад.

Тавони сад тавоноро ба ту бахшам,
Биафтам ман, агар ту нотавон бошӣ,
Ба поси ин ҳама умеди қурбонӣ,
Мабодо душманамро ёри ҷон бошӣ,
Мабодо, ки азизи дигарон бошӣ?!

**1981**

## ИСТИҚБОЛ

Ман дигар танҳо наям байни замину осмон,
Ман дигар маҳзун наям бо хандаҳои ғамаён,
Ман дигар нозир наям дар роҳи холии ҷаҳон,
Ҷони ман, сад сол гар дер омадӣ, хуш омадӣ!

Гар нагаштам ғарқ дар гирдоби чашми таҳкашат,
Гар намурдам лаҳзаи дидор аз рӯйи хушат,
Зинда гаштам, балки аз хокистари беоташат,
Гарчи то ман хаставу пир омадӣ, хуш омадӣ!

Аз ҷаҳонгардӣ муродам дидани рӯйи ту буд,
Шеъри ман чун орзуҳоям дуогӯйи ту буд,
Чашми ман аз чор сӯйи зиндагӣ сӯйи ту буд,
То ба боғи хушки ҷон, борони ман, хуш омадӣ!

Ҳеҷ кас чун ман наменозад таманнои туро,
Ҳеҷ кас чун ман намебахшад гунаҳҳои туро,
Ҳеҷ кас, ҳаргиз, нагирад дар ҷаҳон ҷойи туро,
Ҷони ман, то ҳузну исён, роздон, хуш омадӣ!

Бас тасаллои фиребо мубтало пардохтам,
Ошиқона, сад тарона аз фасона бофтам,
Хештанро кардаам гум то туро ман ёфтам,
Ҷони ман, аз осмон то остон, хуш омадӣ!
Хуш омадӣ!

**1985**

## СӢ ҚАРН ТО БА ХУД

Барои сӣ нафас то пас хазидан
Барои сӣ ҳавас дар худ тапидан
Барои сӣ қафас дар худ шикастан.
Бубояд аз дили Лайли шукуфтан.
Бубояд аз гили Маҷнун дамидан.

Магӯ ,ки дер шуд хушбахт будан,
Ману ту лаҳзае дар лаҳза дорем.
Биё ,он лаҳзаро бо ҳам шуморем,
Биё, тақдирро таҳрир созем,
Бинои ишқро таъмир созем!...

Ба каф паймонаи бишкастаи ишқ,
Ба по завлонаи таҳсину таҳқир,
Ду бадному ду нокому ду ошиқ,
Ба ҳам оем дар оинаи вақт,
Зулайхои ҷавону Юсуфи пир!

**2003**

## БАҲОР ДАР БАҲОР

Сари ман ниёз дорад ба фарози шонаи ту,
Ҳавасам ситора чинад зи фазои хонаи ту.
Зи ту ҷони ҷони ман пур, ҳама достони ман пур
Чу дуост дар лаби ман, тараби таронаи ту.
Ту, ки баъди ман расидӣ, ҳама саъди ман расидӣ,
Туву гулфишони шодӣ, ману шодиёнаи ту.
Ту хумор дар хуморӣ, ту баҳор дар баҳорӣ,
Чи ҳақиқатест зебо, фараҳи фасонаи ту!

## ФАРЗОНА



*Фарзона (Хоҷаева Иноят Юнусовна) 3 ноябри соли 1964 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд ёфтааст. Маълумоти миёнаву олиро дар зодгоҳаш фаро гирифта, дар хонаводаи зиёиён тарбият ёфта, аз кӯдакӣ ба шеъру шоирӣ шавқу пайванди тамоме доштааст ва бо сабку салиқа ва садои хоси эҷодӣ вориди майдони адабиёт гардидааст. Муддате дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» ва маҷаллаи «Хуҷанд» фаъолият бурдааст. Ҳоло мушовири бахши вилоятии Иттифоқи нависандагони ҷумҳурӣ ва маҷаллаи «Паёми Суғд» аст.*

*Шеърҳои аввалинаш аз ибтидои солҳои ҳаштодуми асри гузашта дар авроқи васоити ахбори умумиҷумҳурӣ ва маҷмӯаҳои дастҷамъӣ, монанди «Риштаборон» (1983), «Барги сабз» (1987) ва ғ. ба табъ расидаанд. Маҷмӯаи нахустини ашъораш «Тулӯи хандарез» (1987) буда, дар аввалсухани он устоди бузурги шеъри форсӣ Лоиқ Шералӣ фотиҳаи сафеде ба қаламкаши навсафар додааст, ки фоли неке буданашро зиндагӣ собит*

*намуд.*

*Китоби дувуми сарводааш «Шабохуни барқ» (1989) аст, ки ба арсаи фарохи адабиёти форсии тоҷикӣ вуруд омадани суханвари соҳибзавқу соҳибқариҳа ва ҳунарманду тавонои дигареро башорат дод. Соли 1991 нашриёти «Советский писатель» (Маскав) гулчини ашъори ба русӣ тарҷумашудааш «Двадцать лепестков»-ро ба чоп расонда, шинохту шуҳраташро дар қаламрави шӯравӣ вусъат бахшид. Баъдан китоби дигараш «Ояти ишқ» (1994) манзуру мақбули ҳамагон гардид. Соле пас китоби шоири машҳури қазоқ Абай дар тарҷумаи Фарзона дар Теҳрон ба чоп расид. Ҳамчунин, соли 1996, гулчини ашъори Фарзонаи Хуҷандӣ «Паёми ниёкон» аз ҷониби Интишороти «Суруш» (дар Ҷумҳурии Исломии Эрон) интишор ёфт. Соли 1998 дар Тоҷикистон маҷмӯаи ашъори Фарзона «То бекаронаҳо», соли 2000 маҷмӯаи дигараш «Меъроҷи шабнам» ва соли 2001 гулчини ашъори ӯ чоп шудаанд. Силсилаи шеърҳои ӯ дар чандин мамлакати олам, аз ҷумла, дар ИМА, Инглистон, Олмон, Фаронса, Миср, Арабистони Саудӣ, Ироқ ва аксари ҷамоҳири шӯравӣ тарҷума ва чоп шудаанд. Маҷмӯаи навбатии ашъори шоира «Булбуле дар қафаси синаи ман» соли 2010 дар Финлонд ба забонҳои русию инглисӣ дастраси хонандагони хориҷии ӯ гардидааст.*

*Ашъори Фарзона, ки баёнгари розу ниёзи оддӣ ва армони олии инсони фардостанд, зуд ба гӯши дили мустамиъон расида, садояш ҳамеша дунболи касе меравад, ки аз бекарона меояд ва буданаш ба дунё муҳтавои тоза мебахшад, яъне, ба ҷустуҷӯи Инсони Комил, ки маҷмӯаҳои «Қатрае аз Мӯлиён» (дар 3 ҷилд; Хуҷанд, 2003), «Як ғунча роз» (Хуҷанд, 2005), «Сӯзи нотамом» (Хуҷанд, Теҳрон, 2005), «Мӯҳри гули мино» (Хуҷанд, 2007), «Гузидаи ашъор» (Белорус, 2009), «Сад барги ғазал» (Хуҷанд, 2008), «Гулчини ашъори Фарзонаи Хуҷандӣ» (Инглистон, 2008), «Парниёни ҷон» (Душанбе, 2011), «Себарга» (Хуҷанд, 2011), «Набзи борон» (Теҳрон, 2013), «Ҳама гул, ҳама тарона» (Хуҷанд, 2014) ва ғ. гувоҳи даъвостанд.*

*Силсилаи навиштаҳои дар матбуоти даврӣ чопшуда ва маҷмӯаи хотироту мақолаҳои ӯ «Дарёи сӯзон» (2014) дарак аз вусъати назар ва жарфандешиҳои саррофи сухан медиҳанд.*

*Шоира, бар замми фаъолияти босамари эҷодӣ, дар тарбияи шоирони ҷавон ва нақду баррасии осори ниёкону ҳамзамонон пайваста саҳмгузорӣ мекунад. Котиби масъули Кумитаи Ҷоизаҳои ба номи Камоли Хуҷандӣ ва Бобоҷон Ғафуров аст.*

*Барои хизматҳои шоёнаш дар рушди адабиёти муосири тоҷик сазовори унвони Шоири халқии Тоҷикистон (2001) гардонида шудааст. Ҳамзамон, Барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (2008), Ҷоизаи ҷавонони Тоҷикистон ва Ҷоизаи ба номи Мирзо Турсунзода, дорандаи ордени «Шараф» мебошад.*

*Аз соли 1989 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аст.*

## ҒАЗАЛИЁТ

Аз пардаҳои чашм бияфшон ғуборро,
Шодӣ бубахш ҳастии фурсатшуморро.
Гарм аст, маҳфиле, ки ту бошию чун туе,
Эй меҳрубон, тарона бибанд ин баҳорро.
Маҷлис дар авҷу қаҳ-қаҳа парвоз мекунад,
Аммо манам, ки дӯст бидорам фирорро.
Минбаъд моҳиёна набошам ғариқи худ,
Борон шавам, такон бидиҳам сангу хорро.
Борон шавам, ба сӯҳбати гулгаштҳо равам,
Охир кушоям ин лаби гавҳарнисорро.
Ширин ба бар бигираму дар маиз худ ҷабам,
Ин чанд рӯзи додаи Парвардагорро.

* * *

Аждаҳо шуд ғами ман, то зи дарун хӯрд маро,
Оби оина чу гирдоби бало бурд маро.
Хурд шуд, хурд шуду тӯъмаи тимсоҳе гашт,
Офтоби ғафаси сина, ки пажмурд маро.
Ғурбати сардаму танҳоии бепоёнам,
Дӯстиҳои абас бештар озурд маро.
Рашки сад оина будам ба таҷаллорезӣ,
Дасти зангори касе омаду бистурд маро.
Он азизе, ки ба ман накди амонат бахшид,
Қасди бистондан агар дошт, чӣ биспурд маро?
Аз гуле хун бичакониду ба побӯси ту рафт,
Шамъи сурхе, ки шаби фурқати ту мурд маро.

* * *

Аз пушти сина дасти кӣ барканд лоларо,
Аз хомӯшии лола кӣ бишнид ноларо.
Эй ишқ, эй ки мӯъҷизаи ғайб мекунӣ,
Таъмир кун харобаи милярдсоларо.
Дар растаҳои кӯҳнафурӯшон ниҳодаам,
Дилрову чанд гуна аз ин кӯҳнаколаро.
Айбам макун, ки маърифати ман накардаӣ,
Маҳро шинохт он, ки барандохт ҳоларо.
Дастур деҳ зи хӯрдани ғамҳои умрхор,
Парҳез бояд ин дили беистиҳоларо.

* * *

Ангушти ҷон, ки мешунавад набзи хомаро,
Мавзун мекунад зарабони чакомаро.
Андар лабат каломи шакарпораам биёр,
Хушбахт кун ба тӯҳфа мани шаҳдкомаро.
Розам чаро бараҳна ба номаҳрамон расид,
Қосид магар дарид гиребони номаро.
Он сон ки ҷома таъна занад бар бараҳнагӣ,

Урёнӣ инчунин шумарад айби ҷомаро.
Ҳаққо, ки атр ҳаст, валекин димоғ нест,
Омода кун ба роиҳаи ишқ шомаро.
Субҳе биёву гул бинишон дар гулолаам,
В-аз офтоб дар сари худ неҳ амомаро.
Моро фаротар аз ҳама ин сӯи худ бихон,
Фикри биҳишту дӯзаху барзах деҳ омаро.

* * *

*Бо сад ҳазор кас танҳоӣ*
*Бе сад ҳазор кас танҳоӣ…*

***Рӯдакӣ***

Одамӣ меборад, аммо боз ман танҳову танҳо,
Шаҳр мепечад ба ғавғо, боз ман танҳову танҳо.
Ҳар кӣ побанди ғами худ, ғарқи ташвишу тараддуд,
Ҳар сару сад гуна савдо, боз ман танҳову танҳо.
Бо дили оташпарасте, бо умеди бешикасте,
Кист он дилхоҳи якто, боз ман танҳову танҳо.
То ту, эй шаҳруди Сайҳун, бо тапиданҳои мавзун,
Мешавӣ бо ман ҳамово, боз ман танҳову танҳо.
Бо дили масту хурӯшон андар ин шаҳри хамӯшон,
То насозам шӯр барпо, боз ман танҳову танҳо.
Бо чунин пиндору даъво, бо чунин уммеди воло,
Медиҳам худро тасалло, боз ман танҳову танҳо.
Бо ҳазорон ошное, ҳамсадое, ҳамнавое,
Мондаам дар ҷумла дунё боз ман танҳову танҳо.

* * *

Ошноӣ охир омад, инзиво бояд маро,
Инзиво ҳам тангдил шуд, ошно бояд маро.
Умрҳо беҳуда ҷустам илтифоти кадхудо,
Кадхудо бигзор, алтофи худо бояд маро.
Манъ кун мошинаро, ман мефароям, эй ҳабиб,
Ҳамчу гул маҳмилкаше ранги сабо бояд маро.
Манъ кун мошинаро, ман мефароям, эй ҳаёт,
Марг раҳбон асту медонад куҷо бояд маро.
Хокро дидам, ҳама наҳс асту пастиву риё,
Ишқ медонад, ки авҷи кибриё бояд маро.
Гуфтаӣ: Доруи ман ҳарфи масеҳоии туст,
Ин аҷаб бин, он чӣ мебояд туро, бояд маро.

* * *

Эй офтоби гармхун, тобон кун обони маро,
Эй сабзрӯҳ, оғуш кун даймоҳи урёни маро.
Бар рӯди рӯҳонӣ расон аз эҳтиёҷи ташнагон,
Бар чашмаи қудсӣ бигу сӯзи биёбони маро.
Васли ту кай мефаҳмадам аз дурдасти орзу,

Ҳаҷри ту медонад фақат рози шабистони маро.
Бечора васл аз бехудӣ пар-пар заду ноком монд,
Васле, ки ҳаргиз ҳис накард оғӯши ҳиҷрони маро.
Милён диле бемори ту, аммо дили фарзона ку,
Дар байни сад пайдо шинос, эй дӯст, пинҳони маро.
Бикшой чашмони маро бори дигар бар оина,
Бори дигар бар зиндагӣ барбанд имони маро.
Фатвои озодӣ биёр бар фитрати занҷирбанд,
Чун осмон бинмо васеъ, эй ишқ, зиндони маро.
Бехону бесурат шудам, эй сурати хон, бозгард,
Хушбахт кун, хушбахт кун, хушбахт чашмони маро.

* * *

Офарин, эй ки зи сифр оғоз кардӣ корро,
Андак-андак то фалак бардоштӣ деворро.
Бо чӣ шавкат осмони абрии урдибиҳишт,
Мекунад бар хок холӣ соғари саршорро.
Осмон, аз осмонӣ ҳеч истеъфо надеҳ,
Ҷуз ту натвонад касе сомон кунад ин корро.
Эй дили аршӣ, машав фаршӣ барои ҳоҷате,
Аз ту хориҷ мекунам фикри каму бисёрро.
Бояд ӯро ҳафтшӯи чашмҳои носавоб,
Ҳар кӣ дар оинаи ту бингарад зангорро.
Дӯстро гуфтам: Чӣ дастовез бар пирӣ барӣ,
Гуфт: бо худ мебарам як доман истиғфорро.
То маро аз он табиби ғайб ёрӣ мерасад,
Ман ба номат менависам беҳтарин тӯморро.

* * *

Рафтем, биёмезем бо вусъати нопайдо,
Бо олиҳаи хуршед, бо роиҳаи саҳро.
Хуршед, шабехун зан бар ғори ғариби ман,
Фатҳи мани одӣ кун, эй аз ҳама беҳамто.
Дар дидаи охурбин дирӯзаму мозиям,
Дар дидаи охирбин фардояму пасфардо.
Кибрам ҳама аз аҷз аст, инкори ман аз иқрор,
Яъне, ки ниёзам ман дар пардаи истиғно.
Бо қавм напаймояд, бо хеш наосояд,
Ин ҷавҳари беқолаб в-ин қолаби бемаъно.
Ман қитъаи ҳафтумам, эй қитъакушои ишқ,
Бикшо, ту маро бикшо, паймо, ту маро паймо.

* * *

Умре ба ҳам дилбастаем, аммо ҷудоему ҷудо,
Як лаҳза дидоре расад, он ҳам шавад сарфи видоъ.
Хомӯш чун исторагон тобем бо ҳам як назар,
Чашмони ман гӯяд «бирав», чашмони ту гӯяд «биё».

Чун ашк бесабрӣ кунад, ман бигзарам зуд аз барат,
Он лаҳзаи деромада ингуна монад дар қафо.
Бо ёди дидори дигар умрам биёғозад зи сар,
Эй вой, ишқи бесамар кай мерасад бар интиҳо.
Тақдири ту саргаштааст, толеъ маро, баргаштааст,
Аз кӣ хато бигзаштааст, аз мову ту ё аз қазо.
Оғози ман бо номи ту, ҳар шеъри ман, пайғоми ту,
Бодо ҳама бар коми ту, эй матлаи ҳарфу ҳиҷо.
Дигар чӣ аз ин гирумон, бо дигарӣ, бо ӯ бимон,
Эй орзуи ҷовидон, бодо паноҳат бар Худо.

* * *

Вақт, бигзор, ки таҳрир кунам фардоро,
Рӯди навсамт шавам, тоза кунам маҷроро.
Баъди сад соли ғурубам, ки касе ёд накард,
Мурдаи ман бишамад роиҳаи Исоро.
Эй маро аз ҳама пайдотару нопайдотар,
Дар куҷоҳо, ки наҷустам туи нопайдоро.
Ихтисори шафақ аз субҳи ман, эй дӯст, накун,
Ба саҳарханда бибур гардани ин шабҳоро.
Сахт бошад, ки кашам қофилаи не-неро,
Саҳл бошад, ки барам силсилаи ҳо-ҳоро.
Омадӣ, ёр, ки бар хотири ман боз орӣ ,
Ишқро, отифаро, оинаро, дарёро.
Омадӣ, ёр, ки бар хотири ман боз орӣ
Он мани бехабари гумшудаи танҳоро.
Заҳмати омаданатро нафикан бар фардо,
Пур кун аз шаъшааи хеш ҳамин ҳолоро.

* * *

Ба куҷо занам, Худоё, сари дардманди худро,
Ба чӣ раҳ нишот бахшам дили ғамписанди худро.
Ту ба шодии раҳоӣ қадаҳе бигиру хуш бош,
Ки зи гарданат гирифтам ба ҳамин каманди худро.
Бираву маро ба ман деҳ, мани хоркардаатро,
Ки зи пастият бигирам назари баланди худро.
Нагирифта буд чашмам, ки зи ту ситам биёяд,
Зи худ интизор будам ситаму газанди худро.
Зи пасам дуову нафрин , чӣ бигӯӣ, ихтиёрат,
Ки фаротар аз ту бурдам дили арҷманди худро.
Зи фалак, ки рухсат омад, раҳи бетуӣ гирифтам,
Ки зи ботуӣ шикастам ҳама банд-банди худро.
Ҳама нозукию лутфам, ҳама дилбарию покӣ,
Ту на фанди ман бидодӣ, на чунон, ки фанди худро.
Ба куҷо равонаам ман, ба чӣ шоми бесабоҳат,
Кафанӣ гирифта ба худ вараќи паранди худро.

*        *        *

Субҳи обӣ, субҳи обӣ, чатри нилуфар кушо,
Гиря кун, абри ҳиҷобӣ, дар садаф гавҳар кушо.
Лаззати васли маро бо рӯшанӣ эҳсос кун,
Панҷара, бар шодбоди субҳ чашми тар кушо.
Олуи шодоб аз шарми балоғат сурх шуд,
Себ, эй себи гулобӣ, ханда зан, шаккар кушо.
Ёсуман мактуби атрогини ман бар номи туст,
Он димоғи бастаро бо номаи анбар кушо.
Ҳафт шаҳри ишқро паймудан оғози раҳ аст,
Ҳолиё, то ман раҳат дур аст, эй кишваркушо.
Субҳ як пироҳан асту зери пироҳан манам,
Дар кушо, то субҳро оғӯш гирӣ, дар кушо.

*        *        *

Милод муборак, эй накӯахтари мо,
Эй меҳрнажоди мову эй меҳтари мо.
Милод муборак, эй банӣ Садри Зиё,
Имрӯзфурӯзи мову фардобари мо.
Хуршедсулолаиву оинасулул,
Яъне, ки туӣ, ту покии ҷавҳари мо.
Гулчини ҳама накӯии дунёӣ,
Феҳристи каломи пурбаҳору тари мо.
Ҳам рафтаи моиву ҳам ояндаи мо,
Ҳам хотимаву ҳам абҷади дафтари мо.
Дар сӯги Бухороем, аммо бари мост
Он ки зи Бухорост, Бухоротари мо.
Боре ба тавофи ин Бухоро оед,
Бинед шукӯҳи маъбаду машъари мо.
Ҳарчанд, ки нақши сунъи обонмоҳӣ,
Наврӯз туӣ, ки омадӣ бар дари мо.
Бошӣ, чу сутунмӯҳраи миллат бошӣ,
То такя кунад ба буди ту бовари мо.
Аз себ бигӯ ба боғи бедониши мо,
Аз ишқ бигӯ ба лолаи аҳмари мо.

*        *        *

Баркандагӣ мабод дар ин ҷамъи ҷӯри мо,
Ҳар субҳ бод номабиёри сурури мо.
Чашмони дӯст шишаи моро булӯр дид,
Дар чашми хасм шиша намояд булӯри мо.
Карнайгулему сабки хамӯшӣ гузидаем,
Карнай занад дарун ба дарун шавқу шӯри мо.
Бо як қалам ба зидди ту бар ҷанг омадем,
Гарчи намерасад ба ту, эй вақт, зери мо.
Як умр баски бо ҳама кас нарм будаем,

Мешармад аз дуруштии худ санги гӯри мо.
Эй зиндагӣ, бигӯ, ки дар ин муддати мадид
Дигар шудӣ ва ё нашудӣ бо ҳузури мо?!
Меранҷад офтоб, агар тирагӣ кунем,
Чун ӯст вомбарги тилоии нури мо.
Як илтимос мекунам аз ишқ, то шавад
Охирфурӯзи ин раҳи наздику дури мо.

* * *

Ташхис кун диламро, эй Бӯалии Сино,
К-ин хатти печ дар печ танҳо туростхоно.
Чун хори гул зи гулдон дар чашм менамояд
Доғе, ки менуҳуфтам зери қабои раъно.
Дар тоқи синаам монд сад ҷилди бастаи меҳр,
Ҷон додаму касе ҳам боре нагуфт «ҷоно».
Перор дида будам дар пойтахти Афранг
Як бонуи ҳиҷобӣ мерафт бар казино.
Вақте ки мегузаштам аз чоркӯчаи сабр,
Масте нишон медод дар байни халқ кино.
Сад таҷриба кунандат бо зарбаи паёпай,
Аҳсан, ки метапӣ боз, эй дил, дили тавоно.
Аз ишқу замзами ӯ Замзамсиришт шуд Сир
То Меваѓул ҳам омад атри насими Мино.
Эй олами тунукмеҳр, аз ту наям хунукмеҳр
То вопасин тапидан, то охирин таманно.

* * *

* * *

Ғукон нишеман кардаанд андар булӯрин обҳо,
Ман ҳурии нилуфарам, рӯида дар мурдобҳо.
Чун чашм бикшодам яке, чашми ҳақиқат баста буд,
Печидам аз нав хешро дар парниёни хобҳо.
Бо омади номаҳрамон яксар фирор овардаанд
Аз субҳи ман хуршедҳо, аз шоми ман маҳтобҳо.
Бо нозбунёде чун ман офоқ тундӣ мекунад,
Нӯшобаи дил хушк шуд то мақдами дилёбҳо.
Оҳ, ин сарои кӯзпушт бас фитна дорад дар сиришт,
Ҳар дам ба берун сар кашанд аз кӯзаҳо Хаттобҳо.
Дар ҷустуҷӯи равзане дар ғор раҳ гум кардаам,
Охир барандам бар куҷо беқиблаву меҳробҳо?!

* * *

Чаман андар чаман гӯям муборакбодии гулҳо,
Ки барпо мешавад имшаб шаби эҷодии гулҳо.
Ҳуруфе дорам, аммо андалебон сахт меранҷанд
Зи бемаҷнунии гулгашту бефарҳодии гулҳо.
Манам ҳамшаҳрии лола, манам ҳамрустои ёс,

Пас аз сад қарн ҳам шояд чамам дар водии гулҳо.
Дило, садбарги асрори туро ман нашр хоҳам кард
Ҳамин ҳоло, ки фурсат ҳаст то барбодии гулҳо.
Ба зеҳозеҳи ту сад хирмани гулро барафшонам,
Бизӣ, бо ханда зӣ, фархунда зӣ бар шодии гулҳо.

* * *

Субҳ омад бар муборакбодии бедорҳо,
Зери анбон чанд субҳе монда, эй саршорҳо.
Медавад аз субҳи солеҳ офтоби сурхрӯ
Ҳамчу тифлии ману ту сар- сари деворҳо.
Асли ман дар лола пинҳон монд, як сарҳадшикан
Дил накарду барнаҷаст аз симбанди хорҳо.
Ин заифони ҳубобӣ бо паропар мекунанд
Хешро тасдиқҳову ғайрро инкорҳо.
Ҳосидеро гуфтам: эй арзанзамири кӯҳхор,
Қулла шав в-он гаҳ бизан хуршедро минқорҳо.
Зиндагонӣ мекунад дар жандаи садсолае
Навҷавонии гурусна бо пули идрорҳо.
Рустамӣ бояд туро, эй насли фардоофарин,
Кӯр шуд имрӯзи ту дар кӯчаву бозорҳо.
Гар паёми корсози ғайбро мебишнавӣ,
Кори ту боре намеафтад ба соҳибкорҳо.
Дӯст, бар ёди башар аз нав биёвар ишқро,
Варна ҷавҳарҳо бигирянд аз таҳи зангорҳо.
Чун туеву чун манеро бар ғубористони куфр
Мефиристад осмон бар шустани пиндорҳо.
Эй тамомият савоб андар гуназори шубоб,
Аз чӣ хоҳӣ тавба кардан фасли истиғфорҳо.



## МАҲБУБА ТУРСУНОВА

*Маҳбуба Турсунова 19 апрели соли 1949 дар деҳаи Миронқули ноҳияи Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба дунё омадааст. Пас аз хатми мактаби зодгоҳаш шомили Институти педагогии Самарқанд гардидааст. Пас аз хатми он дар мактаби деҳааш то ба нафақа баромадан омӯзгорӣ кардааст.*

*Аз давраи донишҷӯйӣ ба эҷоди асарҳои бадеӣ машғул аст. Дар эҷоди ҳикояву саҳначаҳои ҳаҷвӣ маҳорати комил дорад. Антон Чеховро "амак" - и худ медонад, пайваста мехонаду меомӯзад.*

*Маҳбуба Турсунова муаллифи маҷмӯаҳои "Савдои мушкил", "Аҷаб мардумоне", "Зиёрат" ва чанд саҳначаву ҳикояҳост. Чанде пеш маҷмӯаи қисса ва ҳикояҳоям таҳти унвони «Он касе дурбин бувад…» дастраси хонандагон гардид.*

*Маҳбуба Турсунова моҳи декабри соли 2014 ба узви ИН Тоҷикистон пазируфта шуд.*

.

## ПОРАДИҲИИ ОЙБЕК

Баъди воқеаи рӯймолча Ойбек хеле ҷасур гардид. Дастҳояш тоза, либосҳояш озода. Акнун дар қадаммонию гапзаниҳояш дудилагию нобоварӣ дида намешуд. Дигар аз муштҳои Ёдгорча намеҳаросид. Додои Ёдгорчаро дида намегурехт: салом медоду гузашта мерафт.

Сангинхола дигаргуниҳои писарашро дида, курта–курта гӯшт мегирифт. Ҳатто ба мактаб омада, миннатдорӣ намуд, ки ман писари ӯро ислоҳ кардам. Вагарна бача вақтҳои охир тарсончаки хаёлпараст шуда монда буд.

Албатта, ин гуна ғамхориҳои модар ба ман низ чун устоди аввалини кӯдакон хуш омад. Вай дасти маро дӯстона сахт фишурду рафт.

Арафаи кадом як ҷашн буд. Писараку духтаракон бо гулҳои рангоранг маро табрик мегуфтанд. Ман гулҳоро бо ҳавсала гирифта, ба бонкаи пуроб гузоштаму хулоса кардам:

– Гул буд, гулдаста шуд, акнун як ҳафта синфро хушбӯй мекунад. Раҳмат ба ҳамаатон.

Ойбек чизеро дар қафояш дошта, шармида ба ман наздик шуд.

– Муаллима, ба шумо фақат гул даркор? Туҳфаи дигарро магар қабул намекунед?

– Чаро? Бо ҷону дил қабул мекунам. Агар ягон шеъри хуберо аз ёд хонӣ, беҳтарин туҳфа мешавад.

– Ман ба шумо туҳфаи аз шеър ҳам беҳтар овардаам. Ана, ина гиред.

Вай қоғазпечеро рӯи миз гузошт. Дарунаш як либосвор помбархи қиматбаҳои гулдор мехобид. Ман дар умри худ ин хел туҳфаи муфт нагирифта будам. Гӯё касе маро болои ҷиноят дастгир карда бошад, назди кӯдакони гуловарда хиҷолат кашидам. Миёни шонаҳоям арақи сардеро ҳис намудам. Чӣ гуфтан ва чӣ кор карданамро надонистам. Овози Ойбек маро ба худ овард:

– Куртаи зебо дӯхта пӯшида, хурсанд шавед, муаллима! – гуфт бо фахр ва як қадар бодигӣ.

– Ин туҳфаро бо кадом пул харидӣ?

– Ман пул надорам, муаллима, модарам пенсияи бибиамро гирифтанду аз савдогарҳо хариданд.

Ойбек чунон баланд – баланд гап мезад, ки гӯё дигарон кар бошанд. Худнамоӣ мекард.

– Ба худи бибиат чӣ хариданд? – қасдан савол додам.

– Э – э, аслан курта барои бибиам буд, модарам дар набудани бибиам барои шумо фиристоданд.

То ба поён расидани дарсҳо туҳфа рӯи мизи ман меистод. Бачаҳо аз китобу дафтар сар бардошта, зуд – зуд ба он назар меандохтанд. Баъзан миёни худ пичир – пичиркунон кадом масъалаеро маслиҳат мекарданд.

Ногаҳон Толиба, ҳампартаи Зокир, аз ҷояш хесту мақсадашро баён кард:

– Муаллима, аз мо хафа нашудед?

– Чаро? Бо кадом гуноҳ?

– Барои шумо ин хел савғотии қиматбаҳо нахаридем.

Ман акнун фаҳмидам, ки чор соат боз бачаҳо ба рӯи миз бо кадом мақсад паи ҳам чашм медӯхтаанд.

Пас тухфаро дурусттар печонидаму гуфтам:

– Ман аз дигарҳо не, аз Ойбек хафа шудам, ки куртаи бибиашро овардааст.

Ойбек чашмони маъсумашро ҳайратомез ба замин афканд.

– Муаллима, акаам бо ҳамсинфонаш ба муаллимашон гилем харида бурданд – ку. Чува ба ман мумкин не? О ман шумоя нағз мибинам.

– Ман ҳам туро нағз мебинам, барои ҳамин ба порадиҳӣ одат накун мегӯям. – Ва қоғазпечро ба сумкаи писарак андохтам. Дилхиҷилии бачагони дигар дар як он бартараф шуд.

Модари Ойбек рӯзе дар маъракае бо ман рӯ ба рӯ омаду гила кард:

– Чува савғоя нагирифтед, муаллима? Мана хафа кардед. О майна об карда бачаҳоба дарс додед.

– Барои он маош мегирам.

– Медонам. О дигарҳо бо даҳонашон туҳфая заказ мекунанду, э шумо ношуд – э.

– Касе, ки аз кӯдакони маъсуми бегуноҳ чизе тамаъ мекунад, беҳтараш, халта гирифта, дар ба дари мардум гадоӣ кунад! – гуфтаму аз наздаш дур шудам…

Ойбек акнун марди паҳлавонсурати баркамол шудааст. Мошин меронад. Деҳқонӣ мекунад. Хушкору хушрӯзгор аст. Ҳар гоҳ ба мошинаш нишинам, то таги дарам мебарад. Кисаамро кофтанӣ шавам, дастамро медорад.

– Сабақи додаатон як умр ба ман мерасад, – мегӯяд бо табассум.

Ба наздикӣ фаҳмидам, ки ҷинояти кадом порахӯреро фош кардааст.

Ман курта – курта гӯшт гирифтам. Ҳалол бошӣ, ҳеҷ гоҳ бо ҳаром якҷоя намешавӣ.

## УЗР

Ҳамроҳи Зокирино Сафия ном духтараки лӯндачаи сурхрӯй ва сурхмӯй мехонд. Хонданро ҳеҷ ба гардан намегирифт. Барои вай мактабхона бозихона барин менамуд. Аз ин рӯ, ҳангоми дар парта нишастан шӯхиҳои ноҷӯя мекард: қаламу дафтари бачаҳоро кашола мекард, ба варақҳо хат мекашид ё рӯи китоби ҳамроҳашро бо кафчаҳояш мепӯшид. Дар натиҷа шикояту ғалоғула авҷ мегирифт. Насиҳату сарзаниш ба гӯшҳои ӯ намедаромад. Аз ин рӯ, бачаҳо аз мӯйҳояш мекашиданд, ӯро ором карданӣ шуда, ҳатто сахтакак аз

лунчҳояш мепучиданд. Бефоида. Вай ҳамеша ягон асбоби хонишро «фаромӯш» мекард, то ки бо ин баҳона як «шамол хӯрда омада» дигаронро қоил кунад. Хонаашон дар рӯ ба рӯи мактаб буд. Ҷавоб медодам. Зуд анҷомашро ёфта меомад. Аммо чизе нанавишта, нон хӯрда мешишт.

– Чаро наменависӣ? – мепурсидам худро базӯр ором карда, то ки асабонӣ нашавам.

– Ручка нест.

– Дафтар овардӣ, якбора ручкаро нагирифтӣ?

– Сумкая нағзтар накофтаам, – ҷиддӣ мегуфт ӯ. Вай дурӯғ намегуфт. Аз ин сабаб баҳонаҷӯиаш маро ба ғазаб орад ҳам, аз ростгӯиаш дилам нарм мешуд. Ручкаи худро медодам. Аҷибаш он буд, ки баъди ручкаи маро ба даст овардан бо хатҳои каҷу килеб аз дафтари Марзия рӯйнавис мекард. Ҳарчанд намунаи дурусти ҳарфҳоро нишон диҳам, бефоида. Вай ҳамеша як ҳарфро болои ҳарфи дигар менавишт. Ман тааҷҷуб мекардам, ки ҳамин гуна духтарчаи маҳмаддонои серҳаракат ба дониш гирифтан кӯшиш намекунад.

Хайрият, дар синф танҳо вай ҳамин гуна ғароибтабиат буд. Агар боз ду-се нафари дигари ба Сафия монандҳо мавҷуд мебуданд, вой бар ҳоли ман барин устоди навкор буд.

Аз устодони куҳансоли кордида маслиҳат мегирифтам, ки духтарчаро чӣ тавр ислоҳ кунам.

– Сабр кунед, азизам, оҳиста – оҳиста ёд мегирад. Баъзе бачаҳо бо таъхир инкишоф меёбанд, – маро тасаллӣ медод устод.

Ман сабр кардам. Духтарак сеюм шуд. На хатнависиаш ислоҳ шуд, на парешонхотириаш.

Як вақтҳо устодам ба худи ман ҳам «хуни дил кардӣ» гӯён танбеҳ дода буд. Ба мазмуни гапаш сарфаҳм нарафта будам. Баъди чандин солҳо худам гирифтори он ҳолат шудам ва ба бурдбории Қобилзодаи раҳматӣ аҳсант хондам. Аммо ман, мисли устодам, сабру бардошт кардан намехостам. Чандин маротиба аҳд кардам, ки аз кори мактаб гурехта, дар ягон гӯшаи дунё боғбониро пеша кунам. Ниҳолро парвариш кардан осонтар будагист. Оҳ, ин Сафиябону, маро нобуд месозад.

Таънаҳои дӯстонаи устод маро аз роҳам боздошт.

– Ба ман ҷавоб диҳед, ки аз ин кор биравам, – арз кардам ниҳоят ба мудир, – аз ман омӯзгор намебарояд.

Мудир хандае кард. Вай мардаки оқили дурандеш буд. Бо нармӣ гуфт:

– Сиву се нафари дигар саводнок шуд?

– Ҳамин тавр.

– Боз чӣ мехоҳед? Ахлоқу одоб модари муаммоҳост, – гуфт мудир таҳдор карда ва ба аризаам даст намонд.

Мақсади мудирро фаҳмидам. Минбаъд бо Сафия услуби муомиларо дигар кардам. Пагоҳӣ роҳи ӯро мепоидам. Ҳамин, ки аз дари мактаб дарояд, салом медодам. Вақте ин корро ду – се бор такрор кардам, Сафия кӯшиш мекард, ки аз ман пештар салом диҳад. Ҳолу аҳволи хонадонашро пурсам, баланд – баланд ҷавоб медод. Ва ман оҳистекак даст ба мӯйҳояш бурда, шонаамро дароз мекардам, ки кокулонашро ҳамвор кунад.

Духтарак шарм медоштагӣ шуд. Овозаш ба меъёр даромад. Оҳиста – оҳиста бо ман муносибати дӯстона мекардагӣ шуд. Ҳатто ба рӯмолчае гул дӯхта, ба ман туҳфа кард. Аммо илоҷи ба донишомӯзии вай дигаргуние даровարданро наёфтам, ки наёфтам: ин муаммо то охир пӯшида монд.

Солҳо гузаштанд. Сафия модар шуд. Акнун ба духтари вай сабақ медиҳам. Номи зебо мондааст ба духтаракаш: Шабнам.

Ягон хислати модарашро дар вай пайдо накардам. Табиатан вазин, нигоҳҳояш устувор, гуфтораш ҷиддӣ, босабру бардошт. Ба як хондан сад мисраъ шеърро бехато қироат мекунад.

Вай дар ҳамон партаи модараш нишаста мешинад. Ва ҳар гоҳе чашмони зебои Шабнам бо меҳр ба сӯям дӯхта мешаванд, хаёл мекунам, Сафия аз ман узр мепурсад.

## ДУОИ ЧОРМАҒЗАК

Чормағзак мисли парастораш – падарбобои рӯзи дароз дар зери сояаш хобида акнун хеле пири фартут шуда буд. Вай ҳамеша бо баргакони ларзонаш пирамардро аз нурҳои офтобу гармо ҳимоя мекард. Падарбобо кайҳо боз аз гуфтор монда, мақсадашро ба аҳли хонадонаш гуфта наметавонист. Кампири бадфеълаш Соатойбибӣ ҳатто дар ҷавонии бобо ӯро писанд намекарду бо хушдорҳояш борҳо ҷойи ӯро иваз карда буд, акнун интизор буд, ки пирамард зудтар дафъ шуда бимираду ақаллан дар охири умраш аз нигоҳи дурбинаш халосӣ ёбад. Вақтҳое, ки чормағзак акнун реша медавонд, падарбобо бо сатилҳо ба бехаш об мерехт, атрофашро нарм карда, пору мерехт. Навдаҳои нозукашро бо ходаҳо мебардошт, ки шамол нашиканад. Аз ҳар гуна офатҳо халос мекард: аз зери пӯстлохи вай ким-чӣ гуна ҳашароту кирмҳои дандонарраро ёфта бароварда ба оташ мепартофт. Он замонҳо боғи падарбобо пур аз аҷдодҳои чормағзак буд. Боғи сарсабзи чормағздор ифтихори падарбобо буд. Чунки онро худаш бо дастонаш бунёд карда, оқибат ба оилаю фарзандонаш манбаи даромад намуда буд. Дар бозорҳо чормағзҳои ӯро бо нархи баланд харида, ҳатто баъзе харидорон кофта то боғаш меомаданд.

Он замонҳо обрӯи чормағзак бағоят баланд буд. Меваҳояш аз меваҳои чормағзҳои дигар калонтару серравғантари хуштаъм гӯён ба

харидорони нозуки серпул фурӯхта мешуд. Он замон кӯдакони падарбобо гапгираки чаққон буданд. Гуфтаҳои боборо фавран ба ҷо меоварданд. Ба падар тақлидкунон кор мекарданд. Паррандаҳои чормағздуздро меронданд, шохҳои хушкидаю шикастаро чида, зери чормағзҳоро озода менамуданд.

Кӯдакҳо акнун мардак шудаанд. Дар се тарафи боғ барои худ макони алоҳида сохтаанд. Маконҳояшон сари шаст хоҳарони чормағзакро хӯрда аст. Онҳоро бурида решаков карда, роҳу пайроҳаҳо, долону меҳмонхонаҳо, толору болохонаҳо сохтаанд. Ҳамагӣ аз пули чормағзҳои хоҳаракони азизи чормағзак.

Аунун ҳама ҷо пури сабзаю гулҳо, майдончаҳои сангфаршу мармар, хиштҳои рангаи зебо. Кӯдакон куҷое хоҳанд, медаванд. Бемалол бозӣ мекунанд, аз дарахт минбаъд намеғалтонд. Барои келинҳо қулай гардид: хазонрӯбию чормағзафшонӣ ташвиши калон буд. Кампир ҳам дигар бозоршинӣ карда намегардад. Ҳамин ягона чормағзи соябони пиракӣ ҳам яктарафа мешуд, кори боғнишинҳо боз ҳам сабуктар мегардид. Ин чӣ гап? Дар шаҳрҳо ягон дарахти чормағзро намебинӣ. Ягон кас нобуд нашудааст. Умри азизи пиразанро чормағззори мардаки бемағз хӯрд. Акнун нағз шуд, хеле нағз. Барои чормағзғункунию, чормағзпулӣ шуда миёни бачаҳою келинҳо ҷанҷол намешавад.

Кампир ба сӯйи падарбобо нимнигоҳе накарда, барои гирифтани нафақаи бобо меравад, то ки рӯзи дигар зодрӯзашро бо обу зиёфати чор кас медидагӣ гузаронад. Чашмони пирамард хира бошанд ҳам, гӯшҳояш шунаво. Роҳгузаронро аз садои пою нафасгириашон мешиносед. Вай боло симкат хобида, фақат хаёлан сухан мекунад, чунки забон надорад. Вақте ки писаронаш ба буридани чормағзҳо оғоз карданд, ба ҳамин дард гирифтор шуд. Вақте онҳо кӯдак буданд, фоидаю зарар ҳам. Зан гирифта , фаҳмишашон барҳам хӯрд. Робот шуданд. Пирамард дар боғаки биҳиштмонандии яккаю танҳо барин зору низор монд. На ҷанҷол карда тавонист, на насиҳат. Рӯзе бачаҳо арраро ба бехи ҳамин чормағзак расонданӣ шуданд, ки давон омаду танаи чормағзакро бо гавдааш маҳкам дошт ва оби чашмонашро равон карда, кӯдаквор гуфт:

- Маро бо чормағзак якҷоя бурред!

Бачаҳо ҳаргиз надида буданд гиряи падарро. Сонӣ аҳволи ӯ вазнин шуд. Ғамхорона рӯйи кати оҳанинаш хобонданд. Шамол доданд. Духтуркелин укол кард, магазинчикелин болояшро пӯшонд, хонашинкелин тарсида як тараф истод. Се писар дасту пойҳои ӯро молида, базӯрба худ оварданд.

Падар чашмашро кушоду забонаш кушода нашуд. Сабаби чунин аҳволи пирамардро ба касе нагуфтанд. Хушбахтона, забони гирифтаи ӯ бачаҳоро аз ташвишу ғурбат халос кард.

- Як гуфтагекамон будааст-дия, гунг шуданашон ба фоидекамон шуд. Вагарна ҳамекамон тагтарин мерафтем, - пичиррос зад судяписараш.

- Бо мурданашон дарахт гуфта мемурад ин қишлоқиҳо, - хулоса кард муҳандиси доно, - мо шаҳр сохтани-ю…

- Нохонда-дия, аз содагиашон намемонанд, - илова намуд фермерписар.

Се сол гузашт. Аҳволи падарбобо як хел. Дар сояи чормағзак то боридани барфу борон мехобад. Фақат як набераи беақлак ба вай ошу нон оварда медиҳад. Кори дигарон бисёр. Ҳамаашон аз зери чормағзак гузашта ба кор меравонд. Ҳамин сол зимистон гарм омад. Чормағзак даррав муғҷаю гул кард. Меваи бисёр андохт. Дере нагузашта аз нав хунуки сахт шуд. Ҳосили чормағзак нобуд шуд. Рехт. Чормағзак чун аз бори зиёд фориғ гардид, каллнтару сершоху барг шуд. Бағоят зебою серсоя шуд. Баргҳои паҳни тару тозааш ба рӯйи падарбобо гоҳ-гоҳ расида, навозиш медоданд ва пирамард чашм кушода, бо дастонаш эҳтиёткорона онҳоро як сӯ менамуд.

Аммо ҳамин пагоӣ шохаки хамидаи дарахтак мӯйи пахмоқи духтуркелинро сахт кашида, доду фиғонашро баровард. Хуб кард. Тамоми боғро бо пайрораҳаҳо оро дода бошанд ҳам, ҳамаашон ҳатман тоб хӯрда, аз зери чормағзак мегузаранд. Духтуркелин каме фаромӯшхотир. Аммо магазинчикелин бадгир. Вақте ки сақич хоидаю сурудхонон мегузашт, шохаки хамида ба даҳонаш даромада сақичашро кашола карда ба биниаш часпонд. Ҳарорату фишшоси магазинчӣ баланд шуда рафт, сақичи зормондаро канданаш душвор шуд. Муҳандиспсисар бегоҳӣ аз кор омада, шохро бурида партофт. Хонашинкелин қаддароз ҳам пошнаҳои баландаш ба шохаки буридаи зери пойҳо хобида печида афтид ва мисли чалпак паҳн шуд. Агар модаршӯй намебардошт, то аз кор омадани мардакаш аз ҷояш нахеста, фактро нишон медод. Мардакчаи меҳрубон ӯро пушторакунон назди шикастабанд бурду то гарданаш докапеч кунонда овард. Писараш бо забони дароз ҳамаи шохҳои дарози чормағзакро бемалол, аз падараш шарм накарда, бурида партофт. Ва ҳар бори шунидани садои табарзщанӣ падарбобо як қад-як қад мепариду чизе гуфта наметавонист.

Пирамардро он шаб зарбаҳои табар ба ҳаяҷони сахт оварда, фишораш баланд шуда, оқибат хун ба сараш шорид. Ба духтур набурданд. Духтурҳои инзамона аз фолбинҳо зирактар. Дарҳол сабаби бемориро ташхиси бехато мекунанд. Оқибаташро судяпиар огоҳ кард. Аз ҷояшон наҷунбанд, албатта худи падар ҳам ба касе бадӣ карданӣ нестанд. Муранд, мемуранд, ки ҷигарбандони худро намефурӯшанд. Ба таги дилашон шуд: беташвишак мурданд.

Чормағзаки бечора аз таъсири шамоли сахти оншаба ғуввосзанон садо баровард. Садояш гиряи пуралами шахси аз меҳрубони худ

ҷудогаштаро мемонд. Баргҳои паҳнаш чапакзанон сӯзи дилашро ба атроф паҳн менамуданд. Вай дигар нафасгирии одамаки ғамхорашро, ки аз нобудшавии аҷдодонаш ба дарди бедаво мубтало гардида охир ҷон супорид, намешунавад. Навозиши ангуштони меҳнатии пирамардро ҳис нахоҳад кард. Ана, табиат ҳам ба марги ин одамаки пурмеҳнати заҳматкаш болои сар ашкҳои боронӣ фиристод. Ашкҳо рӯйи баргҳои ларзон лағжида, ба шохакони ҷароҳатдидаю табаррасида фаромада, то ба появу решаҳои чормағзак мерасанд. Болои сари вай аввал нур, пас садои раъд мебарояд. Тӯфон пуршиддаттар мегардад. Равиши шамол мисли санги осиё пурқуввату тезҳаракат шуда, аз боми хонаҳ тунукаю тахтаҳоро канда, ба осмон даҳҳо, садҳо метр баланд баровардa, ба ҷойҳои дур мебарад. Чормағзак акнун худро ҳимоя карда наметавонад. Дигар дар зераш касе тиргаку чӯбҳои такягоҳ нагузоштааст. Дигар қувваи пирамард нарасида буд, ки шохакони хушкидаашро аз болои сари чормағзак мисли сартарошҳо қайчӣ занад. Ғамхоракаш акнун нест. Ба маргаш касе ғаме нахӯрд, фарёде накард.

Вай шохҳояшро болотар намуда, хост мисоли парранда парвоз намояд, аз ҳамин хел макони ғафлатзадаи пур аз бераҳмӣ, аз миёни гурӯҳи кӯрдилони ҷоҳил биравад. Вале решаи дар замин устувораш ба танааш имкони ҷунбидан намедод. Борон мавҷзанону шамол чархзанон шохаконашро алвонҷ медоданд. Касе берун баромада хабар намегирифт. Мурдаи падарро дар хонааш танҳо гузошта, тарсону ларзон хонабахона шуда буданд. Пиразан мисли ҳамешагӣ дар зиёфате арғушт мерафт.

Замоне пирамард ба ҳамаи онҳо ғамхору меҳрубон буд. Ҷойдору ҷойнишинашон намуд. Ғамхории пирамардро фарзандон надонанд ҳам, чормағзак медонад. Бо баҳои ҷон ӯро аз теғи арра раҳонид. Акнун вай намехоҳад, ки…

Ногаҳон равшании барқ оташ шуда аз осмон боридан гирифт. Шамшери тезу дарози паҳн ба фарқи сари чормағзак зад. Шохҳои ғафси дарозашро шамоли тӯфон бардошта аз бомҳо болотар баровард. Вале боз як чароғаке шуду танаи ғафси дарахти бечораро болои мошинҳои дар роҳрав қатористода гирифта зад. Дар як мижазанӣ садои таркиши даҳшатнок баромад. Касе аз тарс берун намебаромад.

Пагоҳӣ аҳли хонадон аз хоби ғафлат хеста, як-як аз дарҳо берун омаданд, ки барои ҷасадро гӯрондан маслиҳат кунанд. Дар роҳрав ҷасади мошинҳоро дида, дар ҷояшон шах шуданд.

Пиразани айёри бало аз куҷое хабардор шуда миёни боғ бори дигар тамошои қалбакиашро сар кард:

- Замину осмон дар ҳақи шумо нолид, паҳлавонакам!

## НЕШХАНДҲО

– Бобоҷон, шумо аслан кӣ шуда кор мекунед?

– Магар то ҳол намедонӣ? Домуллои калони шаҳр ҳастам.

– Дурӯғ нагӯед. Маъруфҷӯрем мегӯяд, ки бобоят садақахӯр шуда кор мекунанд.



* * *

– Фарҳодҷон, говамон ин пагоҳӣ шир надод. Камтар сабӯс бароварда ба пешаш мон. Пора надиҳем, намешудагӣ барин.

Фарҳодҷон хандон гуфт:

– Акнун шумо ба ду порахӯр ҳақ медиҳед, модарҷон.

– Наход? Порахӯри дигар кӣ?

– Устоди акем – чӣ? То пора нафирсонед, ба акем баҳо нест.

* * *

– Дадем писари шумо ё писари модарам, бибиҷон?

– Албатта писари ман, бачем, хато накун.

– Набошад, чаро модарам ҳама вақт ба он кас «агар бок ампир гап занӣ, шатта мехӯрӣ» мегӯянд?

* * *

– Ба ман дигар укоча даркор не.

– Чаро, духтаракам?

– Ман намехоҳам, ки шумо чор тақсим шавед.

– Шаш тақсим гӯй, нодон. Бибему дадема ҳисоб накардӣ, – гуфт хоҳаракаш. –Хизматкори шаш бекорхӯҷа гӯю мон.

## НАЗОКАТ ОЛИМЗОДА

*Назокат Олимзода 18 июли соли 1955 дар ноҳияи Шаҳритузи вилояти Хатлон ба дунё омадааст. Падараш устои ҳунарманд – Бобоҷон Олимов ва модараш қаҳрамонмодар – Зулфинисо ӯро дар қатори 10 фарзандашон тарбия намуда, ба воя расониданд.*

*Назокат мактаби миёнаи №1-и зодгоҳашро хатм намуда, соли 1979 Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе, факултаи забон ва адабиётро бомуваффақият ба итмом расонидааст.*

*Назокат соли 1975 оиладор шуда ба деҳаи Чорбоғи ноҳияи Қубодиён меояд ва солҳои тӯлонӣ дар ин ноҳия ба касби омӯзгорӣ машғул шуда, шогирдони зиёде тарбия намудааст. Ӯ солҳои 1992-1994 дар вазифаи директори мактаби таҳсилоти ҳамагонаи №47 ва солҳои 1994-2000 раиси кумитаи кор бо занон ва оилаи ноҳияи Қубодиён ва солҳои 2001-2002 муовини раиси ҷамоати ба номи Ишмурод Ниёзов фаъолият кардааст.*

*Назокат дар натиҷаи корҳои фарҳангию ҷамъиятӣ фаъол буданаш соли 1997 аз тарафи Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бо унвони Аълочии Фарҳанги Тоҷикистон қадр карда шудааст.*

*Назокат соли 1985 ба Ҷумҳурии Озарбойҷон; соли 2007 ба Федерасияи Руссия ва Қиргиситон; соли 2008 ба Ҷумҳурии Туркиё – Қуния; соли 2011 ба зиёрати Маккаву Мадина; соли 2012 ба Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Дубай; соли 2013 Ҷумҳурии халқии Ҳиндустон – Деҳлӣ, Агра, Ҷайпур, Мумбай; соли 2016 ба шаҳрҳои Истамбул ва Анталияи Ҷумҳурии Туркиё; соли 2017 ба Ҷумҳурии Қазоқистон ва соли 2018 чандин маротиба ба шаҳри бостонии Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон сафарҳо кардааст.*

*Назокат аз синни 15-солагӣ ба шеъргӯӣ пардохта, аввалин намунаҳои ашъораш дар рӯзномаҳои ноҳиявии "Октябр" ва "Шараф" ва баъдан дар рӯзномаҳову маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ чоп шудаанд. Намунаҳои эҷодиёташ дар китобҳои дастаҷамъии "Навсафар", "Шукуфаҳои Хатлон", "Аз Хуталон омадия", "Хоҷа Оби Гарм", "Бахтофарин", "Пайки Наврӯз", "Лабханди баҳор", "Гулбонги Истиқлол", "Сифоти Хоҷаобигарм бишнав", "Наврӯзи Рогун", "Наврӯзи ҷаҳонафрӯз", "Гулбаргҳои меҳр" ва ғайра ҷой дода шудаанд. Маҷмӯаҳои алоҳидаи Назокат бо номҳои "Хумори дил" (2004), "Ҳарири муҳаббат" (2005), "Оҳанги ёдҳо" (2010), "Парчами меҳр" (2011), "Пайғоми нур" (2015) ва "Чилучорчашма" (2016) нашр шудаанд. Айни замон боз се китоби Назокат бо номҳои "Диёри биҳиштосо", "Кӯчабоғи ишқ" ва "Тоҷикистонам" омодаи чопанд.*

*Мавсуф аз соли 2007 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аст.*

*Назокат Олимзода оиладор ва соҳиби 3 фарзанд ва 5 набера аст.*

## ТОҶИКИСТОНИ АЗИЗАМ

Тоҷикистони азизам, ориёнфар миллатам,
Сарзамини бегазандам, олами баҳру барам.
Чашми дилро во намудам баски дар оғӯши ту,
Ҷовидонӣ сарпаноҳам, ҷовидона модарам.

Гармии хунам, тапиданҳои ҷон аз ишқи туст,
Тоҷикистон, сарвосо соябонӣ бар сарам.
Хоку сангу сабзаву обу ҳавоят ҳамдилам,
Эй биҳишти дар заминам, раҳнамову раҳбарам.

Дар дили хурди ту меҳри халқи олам ҷо шудаст,
Номи ту вирди забони ҷумла миллатҳо шудаст.
Гашта мероси ниёгон ифтихорат, ай Ватан,
Тоҷики бонанги ман тоҷи сари дунё шудаст.

Тоҷикистон, хонаи меҳру таманно, зинда бош,
Соҳиби иқбол гаштӣ, хурраму фархунда бош.
Коми моро меваи сулҳи ту ширинтар кунад,

Тоҷикистон, бар сари мо то абад поянда бош!

## ЗАБОНИ МОДАРӢ

Забони модарӣ – ганҷинаи дил,
Забони модарӣ – ороми ҷон аст,
Забони модарӣ – номуси миллат,
Забони модарӣ худ як ҷаҳон аст.

Бинозам бо забони модари хеш,
Ки бо ӯ Рӯдакӣ эҷод карда,
Зи ӯ эъҷози Фирдавсӣ ба олам
Биноҳои сухан обод карда!

Зи ҳарфаш Шайх Саъдиву Низомӣ
Басе гуфтанд шеър аз ҳиммати хос,
Зи Хайёму Ҳилоливу зи Ҳофиз
Каломе ҷовидона монд мерос.

Ба дунё "Шоҳнома" дод ин лафз,
Табиби бемасал чун Ибни Сино,
Суруди Борбад бо ӯ садо дод,
Ки мислашро надида рӯйи дунё.

Забони миллатамро мепарастам,
Аз ӯ рӯшан дилу ҷонам ба дунё.
Бувад ганҷинаи бемисл, кас лек
Набитвонад барад онро ба яғмо!

## БАҲОР

Тозабаҳори гулбасар, сабзқабо расидаӣ,
Бо қадами муборакат нағмакушо расидаӣ.
Дил зи фараҳ лаболабу ҷон ба тапидан омада,
Дилбари гуларӯси мо, ҷилванамо расидаӣ.
Чашму дили додадилон дар раҳи ту ки чор буд,
Гавҳари дерпои мо, дер ба мо расидаӣ.
Сабз замини нарми мо, боз канори гарми мо,
Тозанафас ба ҷони мо бахри даво расидаӣ.
Миллати ориёиям мисли ту дилкушод буд,
Сабза ба сабза, дил пур аз шеъру наво расидаӣ.
Кишвари нозанини ман кард дуруст анҷуман,
Шоири ҳамтабори мо, шеърсаро расидаӣ.

## НАВРӮЗ БИЁ

Ин қадр базебу нозанинӣ, Наврӯз,
Гӯё, ки фаришта дар заминӣ, Наврӯз.
Мафтуни ҷамоли хеш кардӣ моро,
Покизаниҳоду дилнишинӣ, Наврӯз.

Наврӯз, биё, меҳри ту дар ҷони ман аст,
Гулзор зи ҳусни ту биёбони ман аст.
Гул кошта дар кӯҳу биёбону дара,
Гул коштан оини ниёгони ман аст.

Наврӯз, биё, сабз шавад боғу чаман,
Себарга расад, тоза шавад дашту даман.
Пеш аз ту зи омади ту пайғом ояд,
Хушбӯй шавад машомам аз мушки хутан.

Аз бӯйи хуши ту шоду сармаст манам,
Чун мурғаки ром дар кафи даст манам.
Ҳар сол ба такрор шавам ошиқи ту,
Эй боди сабо, фитода дар шаст манам.

Наврӯз, дилам зи ишқи ту сӯзон аст,
То омадани ту сина пурармон аст.
Ман аҳд ба фасли дигаре кай бастам?
Бишкастани аҳд кори номардон аст.

## ТОЗААРӮСИ ЧАМАН

Тозаарӯси чаман ойи барам,
Шӯълаи хуршед ба пушти дарам.
Атри хуш орад ба машомам насим,
Рӯзи нав ояд, бинамо боварам.

Лолаву себаргаи ту бегазанд,
Ҳусни дигар аз ту ба боғу чаман.
Атрмисоливу хушу нозанин,
Бо ту шукӯҳест ба ҳар анҷуман.

Бо нафаси тозаву хушбӯ, биё,
Карда ҷаҳонро ҳама дилҷӯ ,биё.
Ҳар гияҳи руста зи борони ту
Ҳаст ба дарди ҳама дору, биё.

Бош ту фасли дили ошиқнавоз,
Пур шавад аз ишқ дили хаста боз.
Аҳд бубуанданд дар оғӯши ту,
Ҳар дили ошиқ ба ту дорад ниёз.

Шодӣ физо бар дили пиру ҷавон,
Ҳаст муаттар зи қудумат ҷаҳон.
Мо ҳама муштоқи ту, эй беҳтарин,
Кош бимонӣ бари мо ҷовидон.

## ҒАЗАЛҲО

Дӯш мегуфтам, ки танҳо навбаҳоронро парастам,
Кӯҳу дашти сабздоман, лолазоронро парастам.
Фасли дилхоҳам баҳорон, гоҳ тундар, гоҳ борон,
Марғзори пургулу себаргазоронро парастам.
Лек мебинам чӣ зебо фасли поизам расида,
Ҷилваҳои фасли ошиқ, тирамоҳонро парастам.
Шаҳду шаккар меваҳояш, ҳамчу марҷони дарахтон.
Шадда-шадда, дона-дона себи хубонро парастам.
Фасли поиз аст зебо, баргҳо ҳамранги тилло,
Рақси зебои ниҳоли анбарафшонро парастам.
Ҳусни боғи пурниҳолам, карда шайдоям саропо,
Зарду сурху арғувонӣ баргрезонро парастам.
Чашмаву рӯдаш сафобахш, меваву донаш давобахш
Ман ҳама файзу сахои мулки Сомонро парастам.
Ман саропо зарфишонам, бо ҳама ҷон дилфишонам,
Тирамоҳи зарҳалини Тоҷикистонро парастам.

* * *

Ишқе, ки аз ӯ ғуссаи бисёр гирифтам,
Шаб то ба саҳар дидаи бедор гирифтам.
Як лаҳзаи шодӣ ба ман аз ӯ нарасидаст,
Дил додаму бар ҷои вафо хор гирифтам.
Сад захм дар ин синаи озурда нишондаст,
На ёр, бубин, душмани хунхор гирифтам.
Эй войи дили содаву афсурдаам, имрӯз
Бар ҷойи муҳаббат ҳама озор гирифтам.
Аз неши забон аст ҷароҳат ҳама бар тан,
Пиндоштаам лаҳни шакарбор гирифтам.
Пайваста зи ағёр чашидам ҳама зиллат,
Дил хост ҳамин ёр, ки ночор гирифтам.
Мехостам ойинасифат покниҳоде,
Гуфтор чу неш аст, магар мор гирифтам.
Бо ман буду ҳаргиз набуд аз ман, чӣ бигӯям?

Як ҳамдами пурфитнаи маккор гирифтам.
*  *  *

Ишқи ту чун баҳор аз ман гузашту рафт,
Чун рӯди беқарор аз ман гузашту рафт.
Аҳди шикастаат қалби маро шикаст,
Як ишқи бебарор аз ман гузашту рафт.
Дарси ҳаёт буд, ишқи дурӯғи ту,
Эҳсоси ногувор, аз ман гузашту рафт.
Сад захм дар дилам з-ағёри бешуур,
Пинҳону ошкор, аз ман гузашту рафт.
Ин умри бегазанд аз ту газанд ёфт,
Бахти умедвор аз ман гузашту рафт.
Ақлам рабуда буд, оромиш инчунин,
Он чашми интизор аз ман гузашту рафт.
Як фасли бехудӣ додӣ барои ман,
Бурд аз танам мадор, аз ман гузашту рафт.
Тан пурҷароҳату дил пора-пора шуд,
Ашкам ҳама қатор, аз ман гузашту рафт.
Ин сактаи ҳаёт, дилро ба бод дод,
Ҳамрози ғамбарор аз ман гузашту рафт.
Ҳар он ки сода буд, дид аз бадон ҷафо,
Як ишқи пуршарор аз ман гузашту рафт.
*  *  *

Алам дорад дили бедорам, эй ишқ,
Шикастӣ қалби пурозорам, эй ишқ.
Фиребу ҳилаву макрат зиёда,
Чакад хун аз дили ғамборам, эй ишқ.
Ту будӣ мурғи бахте дар хаёлам,
Хаёлам рафту ман ночорам, эй ишқ.
Туро дар сар нишондам бо ҳавасҳо,
Шудӣ дарди сарам, беморам, эй ишқ.
Ҳама гуфтӣ зи кибру ман-маниҳо,
Бароят гӯиё сарборам, эй ишқ.
Дигар шуд зиндагият бо вуҷудам,
Намоӣ ҳар нафас инкорам, эй ишқ.
Ҳама хубӣ туро бахшида будам,
Нишондиям ба шоми торам, эй ишқ.
Ба банди макри ту афтода умре,
Зи покии дили худ хорам, эй ишқ.
*  *  *

Қуфли сандуқи диламро боз кардӣ, зинда бош,
Қиссаҳо бо ишқи ман оғоз кардӣ, зинда бош.
Ман накардам фикри ёре, омадӣ бо ҷаҳди хеш,
Дар саройи қисматам эъҷоз кардӣ, зинда бош.

Дар вуҷудам дил тапидан дошт, аммо бе шарар,
Тори қалби нозукамро соз кардӣ, зинда бош.
Муддате бе рангу бӯ бигзашт ин умри азиз,
Саҳнаи ишқам аҷаб пардоз кардӣ, зинда бош.
Хешро дарёфтам, эҳё шудам аз қарнҳо,
Бар мани шайдо канорат боз кардӣ, зинда бош!
* * *
Аз ханҷари ба дил зада хуншор шуд дилам,
В-аз ҳаҷри беҳисоби ту бемор шуд дилам.
Кардӣ фиреб бешаму бахшидамат яқин,
Баҳри камоли тифл, чу ночор шуд дилам.
Ҳар ҷо гирифта домани нопоки ину он,
Аз ҳилаву дасиса чи безор шуд дилам.
Бо як паёмаки нави он тозадилбарат,
Ҷон бар лабаш расидаву абгор шуд дилам.
Бо ёри хушадо ҳама хуш буд хотират,
Ин ҷо чу кабки захмие афгор шуд дилам.
Бар содагии ман ҳама писханд мезадӣ,
Бар рағми талху шӯрҳо солор шуд дилам.
Танҳо дар ин ҷаҳон наӣ ту, ёри носипос,
Бикшод дида, толиби дидор шуд дилам.
* * *
Аз ман фирор карда ту, дигар маҷӯ маро,
Бас интизор карда ту, дигар маҷӯ маро.
Бо қалби поку сода бигаштам аниси ту,
Дилро фигор карда, ту дигар маҷӯ маро.
Пурфитна буд олами розу ниёзи ту,
Эй ишқ хор карда, ту дигар маҷӯ маро.
Будӣ азизтар каси ман, сад дареғҳо,
Ҷурми ҳазор карда, ту дигар маҷӯ маро.
Ҳастӣ ту гӯи ҳокими тақдирсози ман,
Шабзиндадор карда, ту дигар маҷӯ маро.
Аз ишқ дар вуҷуди ту як зарра ҳам набуд,
Ашкам қатор карда, ту дигар маҷӯ маро.
Бо қалби пучу ҳеҷ ту худро ба пеши ман,
Беэътибор карда, ту дигар маҷӯ маро.
* * *
Бирафтӣ, хуш бирав, ёро, дигар ман меравам аз ту,
Гунаҳ бисёр кардӣ, бехабар, ман меравам аз ту.
Туро дар дил нағунҷидам агар, дар ин ҷаҳон бошад,
Бароям беш кас ғамхортар, ман меравам аз ту.
Маро нашнохтӣ чун ман, набишносӣ дигар умре,
Ба ёри нав шудӣ ҳамболу пар, ман меравам аз ту.
Ҳаёт ин гуна номард аст, ту номардтар аз ӯ,

Ту хуш бошу бизӣ осудатар, ман меравам аз ту.
Ҳар он чӣ дар раҳат аз даст додам, буд тақсират,
Ба ёди ман туро сӯзад ҷигар, ман меравам аз ту.
Наёбӣ дар ҷаҳони худ заминие ба сони ман,
Ба сар ояд туро афзун хатар, ман меравам аз ту.
Ҳамин будаст дигар қисмату тақдир, эй бедил,
Бимон бо тозаёри муътабар, ман меравам аз ту.

* * *

Ҳамеша бар мани сода каломи туст дурӯғ,
Надонам аз чӣ каломy паёми туст дурӯғ.
Ман аз дурӯғи зиёди ту гаштаам хаста,
Тамоми ҳарфи дили бенизоми туст дурӯғ.
Хиҷолате накашидӣ туву суханҳоят,
Даруни хонаву ҳам пушти боми туст дурӯғ.
Дурӯғ ризқи касонро бидон, ки кам созад,
Адои иззату ҳам эҳтироми туст дурӯғ.
Фиреби беши ту аз дил қарору сабр рабуд,
Наҳору чоштгаҳу вақти шоми туст дурӯғ.
Дигар ба ёри фиребо намонда ихлосам,
Каломи пухтаву афкори хоми туст дурӯғ.
Дилам шикастаӣ бо ҳарфи нозарури хеш,
Магӯ ба ман, ки ҳамин интиқоми туст дурӯғ.

* * *

Мушкил шуда дидан туро, тарки ту месозам кунун,
Сахт аст бахшидан туро, тарки ту месозам кунун.
Пуштам чаро ханҷар задӣ, дил дода бар дилдори нав,
На ишқ варзидан туро, тарки ту месозам кунун.
Аз ҳаҷр ҷонам хаста шуд, тобу тавонам хаста шуд,
То чанд санҷидан туро, тарки ту месозам кунун.
Бо хуррамиву хушдамӣ, паймон бубастам, водареғ
Бас, бас парастидан туро, тарки ту месозам кунун.
Сад ҳайф гуфтӣ сад дурӯғ, аз қалби холӣ, бе фурӯғ
Боист нашнидан туро, тарки ту месозам кунун!

* * *

Ишқи ту фиребо буд, бишкаста чаро паймон?
Ман банди хаёли ту, ту банди дигар ҷонон.
Чун хотирам озурдӣ, сад пора шуда ин дил,
Сад захм ба дил дорам, дигар нашавад дармон.
Маҷнунсифатият ку? Фарҳодниҳоди ман,
Афсона буд ишқи ту, афсонаи бесомон.
Бо ҷаҳду талоши худ хушбахт даме будам,
Аз булҳавасии ту дил кард дигар исён.
Ҳар ҷо ки сафар кардӣ, ёдам зи сарат берун.
Бо ғайр шудан ҳамдам, бошад бари ту осон.

Хушфеъл канори кас, бо чашму лаби хандон.



Абрӯ бикашӣ дарҳам дар пеши мани ҳайрон.
Баъд аз ману ишқи ман, дунё-т шавад холӣ,
Гӯ: рафт нигори ман бо он дили пурармон.

* * *

Мавҷи гул андар канорам кай шавад?
Соф оби ҷӯйборам кай шавад?
Бо бузакбозӣ равад умрам, дареғ,
Мужда аз фасли баҳорам кай шавад?
Устуворӣ нест дар пиндори ӯ,
Зиндагии созгорам кай шавад?
Гоҳ ҳарфаш гарм, гоҳе талху сард
Қисматаш дар ихтиёрам кай шавад?
Рафт хоб аз ёди чашмонам дигар
Хоб чашми интизорам кай шавад?
Ғӯра ҳалво мешавад аз сабри кас,
Шаҳд андар рӯзгорам кай шавад?
Хастаҷонам аз такопӯҳои умр,
Охири ин гирудорам кай шавад?
Ёд н-орад бевафо аз ишқи ман
Ошиқи шабзиндадорам кай шавад?
Мебарам ин орзуямро ба гӯр,
Бетараҳум дӯстдорам кай шавад?

## АДИБАИ ХУҶАНДӢ

*Адибаи Хуҷандӣ (Мирзоева Адиба Қаландаровна) 5 июли соли 1971 дар маҳаллаи Тути Калони шаҳри Хуҷанд ба ҷаҳон омадааст.*

*Модараш бо тахаллуси Озурдаи Хуҷандӣ, падараш таҳти унвони Мирзоқаландари Хуҷандӣ шеър мегуфтаанд.*

*Пас аз хатми мактаби миёна чанде муаллимаи мактаби миёнаи №7 шаҳри Хуҷанд будааст.*

*Соли 1988 вориди факултаи филологияи ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров шуда, соли 1993 хатмаш кардааст ва дар шуъбаи Суғди Иттифоқи нависандагон ба сифати коргузор ва мушовири шуъбаи кор бо ҷавонон фаъолият бурдааст.*

*Солҳои 1997-1999 дар телевизиони Хуҷанд муҳаррири барномаҳои адабӣ будааст.*

*Аз соли 1999 дар маҷаллаи «Паёми Суғд» мудирии шуъбаи назмро бар уҳда дорад.*

*Муаллифи даҳ китоби ашъор – «Пайғоми саҳар», «Гиряи ишқ», «Ҳиҷрони Офтоб», «Хокистари Хуршед», «Фарёди хотираҳо», «Накҳати гулҳои гумгашта», «Садои шикастан», «Рӯзи танҳоии оина» ва*

*«Ғунчаборон» аст, ки дар мавзӯъҳои гуногун офарида шуда, садои дили нарми адибаро ба гӯши ҳамагон мерасонанд.*

*Барандаи Ҷоизаҳои ба номи Камоли Хуҷандӣ ва Қутбӣ Киром.*

*Аз соли 1998 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аст.*

## ҒАЗАЛИЁТ

Чизе намонд саҳфаи боронрасидаро,
Ошиқ чаро шудем ҷамоли надидаро.
Ман то шумо мисоли сукут омадам ҳанӯз,
Ногуфтаам каломи зарини шунидаро.
Аз даштҳои оина як рӯз меравед,
Бо худ баред дар дили худ ин падидаро.
Аз як-ду ҳарфи оина худро шинохтам,
Он ишқи суративу сафои рамидаро.
Эй офтоб, панҷараҳоро гузар намо,
Дилҳои сарду тираи дарёнадидаро.
Дигар туро, мақоми туро эътибор нест,
Эй шамъ, ошиқи саҳари норасидаро.
Чизе намонд, ҳар чи маро буд, бурдаӣ,
Ҳам ҳусну бахту вожаи гавҳарбичидаро.

*   *   *

Имону эътиқоди шумо гуна-гуна аст,
Қалби шумо, намоди шумо гуна-гуна аст.
Ҷоне чу офтобу замиру зуғолгун,
Диди шумо, саводи шумо гуна-гуна аст.
Эҳсос нест дар дилам аз ранҷише дигар,
Ҷанги шумо, ҷиҳоди шумо гуна-гуна аст.
Хомӯштар зи санг шудам, дурам аз шумо,
Эй хокиён, билоди шумо гуна-гуна аст.
Садҳо ҳазор ранг ба як дил нуҳуфтааст,
Дунёи бенамоди шумо гуна-гуна аст.
Дунё чӣ аст? Маркази савдою ҳеч не,
Ин ҷо ҳаме маводи шумо гуна-гуна аст.
Бар чашмҳои сабзи ту ҷон доданам чаро,
Ишқи шумо, имоди шумо гуна-гуна аст.
Дар коргоҳи ҳавсала чизе намондааст,
Роҳи каҷу садоди шумо гуна-гуна аст.
Таҷдид нест дар назари қарнҳо ҳанӯз,
Ин ҷамъу инфироди шумо гуна-гуна аст.
Ман то худам ҳанӯз ,бале, норасидаам,
Буҳтону интиқоди шумо гуна-гуна аст.

*   *   *

Нигоҳи чашмҳои мо маҳаллист,

Ба ҳар шахсе баҳои мо маҳаллист.
Рафоқат дӯстию рафтуомад,
Чу қонуне барои мо маҳаллист.
Дар ин ҷо дар маҳалли мо махаллӣ,
Ҳамеша муддаои мо маҳаллист.
Зи як кӯча нарафтӣ дур ,эй дил,
Саводи мо, намои мо маҳаллист.
Хурофоти хатарноке ба ҳар дил,
Замири бесафои мо маҳаллист.
Парии он маҳал зишт аст бар мо,
Аҷузи баднамои мо маҳаллист.
Агар симурғ бошад «аз дигар ҷо»,
Кам аз чуғзи барои мо маҳаллист.
Ҳазорон ранг дорад хуни одам?
Ки хуни бебаҳои мо маҳаллист.
Ҳаме дасту сару поҳо дигаргун,
Дилу сар, дасту пои мо маҳаллист.
Нахонам шоири дигар маҳалро,
Ки шоир ҳам барои мо маҳаллист.
Кунед инкори олимҳои дигар,
Ки илму олимои мо маҳаллист.
Забони мо замони мо маҳаллӣ,
Рафиқу ошнои мо маҳаллист.
Куҷо миллат, чаро миллат Худоё,
Ҷудои мо, ҷудои мо маҳаллист.
Надорад дарди мо ҳаргиз давое,
Ҳама дарду балои мо маҳаллист.
Ҳама чун бандагони як Худоем,
Чи роҳи норавои мо махаллист.
Худовандо, Худовандо, мабодо,
Худовандо, Худои мо маҳаллист.

* * *

Мурдае, ки зинда буданро таҳаммул мекунам,
Реза-реза мешавам, аз ғам таназзул мекунам.
Осмонро турнаҳо бурданду дар беинтиҳо,
Дар шаби дайҷури танҳоӣ тағофул мекунам.
Оқибат оинаҳо вораста аз сурат шуданд,
Ишқ ҳам шуд мубсароту дар адам гул мекунам.
Соате тилло, ки дар занҷири ӯ вобастагист,
Дар куҷо гум кардаам тарки таҳаввул мекунам.
Кӯчаҳои шаб чароғон аст дар шаҳри шумо,
Ёди фикри бечароғу бетаҷаммул мекунам.
Ман намедонам чӣ суд аз ҷилва дар оинаҳо?
Ҷилва дар Порису дар Маскову Кобул мекунам.

Асри суръат, асри фурсатҳои берангу намод,
Мурдае, ки зинда буданро таҳаммул мекунам.

* * *

Бори дигар то ту, то гум карданат баргаштаам,
Омадан кай доштӣ? Бар рафтанат баргаштаам.
Бори дигар осмонро дар фироқат сӯхтам,
Бори дигар ҳам хазон аз гулшанат баргаштаам.
Хона аз ман нест ин ҷо, раҳгузар будам даме,
Шояд аз баҳри зи ғамҳо куштанат баргаштаам.
Ман ба ҳар ахтар ниҳодам номи ширини туро,
Аз барои ишқи зебо буданат баргаштаам.
Дар замоне, ки зи хар оина мерӯяд дурӯғ,
Баҳри чашмону риё ногуфтанат баргаштаам.
Додаҳояшро замину осмон аз ман гирифт,
Аз ту ҳам, эй зиндагӣ, то душманат баргаштаам.
Гуфтам осоям зи дунё, инзивоҷу шуд дилам,
Омадан кай доштӣ? Бар рафтанат баргаштаам.

* * *

Бигзор дигар ин дили ошӯбгарамро,
Озод кун аз сурати хубат суварамро.
Дигар на маҷол аст, ки дар об бисӯзам,
То чанд шумори гунаҳу шӯру шарамро.
Довар на туӣ, эй ҳама осию гунаҳкор,
Магзор, ки оғоз кунам ман шумарамро.
Аз бодияи сабзи рақам гумшудагонем,
Ҳарчанд ки хонанд зи ҳар дар назарамро.
Чун дар шаби торик мусофир шуда будем,
Оина надидасту надонад ҳунарамро.
Эй ишқ, надонам чӣ балои ба сари мо?
Оташ зада будӣ зи азал бому дарамро.
Эй буми хароботи шаби тор, чӣ гуфтӣ?
Анқост, ки донад сухани чашми тарамро.
Дар дайри аҷирам ҳама побасти хурофот,
Эй фикри ба занҷир, ки донад асарамро?

* * *

Кӯчаҳо, эй кӯчаҳо, инсофро дар ёд доред?
Анҷуманҳо, шишаи шаффофро дар ёд доред?
Эй забондонони олам, эй сухандорони олам,
Лафзи анқои муқими Қофро дар ёд доред?
Қалбатон иқлими зулмат, лонаи ҳирсу адоват.
Эй ҳасудон, чашмаҳои софро дар ёд доред?
Эй тамаддуни бадиҳо, эй таназзули накуӣ,
Матлаъи роҳи фалак. аҳдофро дар ёд доред?
Номаи нури шабаҳҳо, дар кафи сабзи дарахтон,

Ишқи вартоҷи фалак, Кашшофро дар ёд доред?
Санг андар мактаби борону дарё хонд умре,
Сангҳо, эй сангҳо, инсофро дар ёд доред?
* * *

Бо ту маро чора чист? Суннати ғам доштан,
Ҷони гаронмояро нуқли ситам доштан.
Шоху бари соатат то ба шикастан расад,
Як чамани шукр кун лаҳзаву дам доштан.
Хиттаи тақвимро моҳияташ чор буд,
Дар васати бистучор ҳафт рақам доштан.
Шаш ҷиҳати қалбро рушани як офтоб,
Рӯшании офтоб сабту рақам доштан.
Боварии бутпарасат, шишаву сангу шикаст,
Ғайри самад маъсият буд санам доштан.
Чист бигӯ ёдгор аз падарам ҳикмате,
То ба тавоноият лутфу карам доштан.
Гар набувад чашм, чист моҳияти зиндагӣ,
Пеши назар умрро боғи Ирам доштан.
Офати мо офият аз ситами ишқи туст,
Бахти баланде бувад аз ту ситам доштан.
Ин зару зевар туро ҳосили ҳирс асту оз,
Ҷони амонат чаро сарфи дирам доштан.
Гар набувад офтоб дар дили ҳар вожаат,
Ҳеч бувад ҳеч , ҳеч, лавҳу қалам доштан.
Лавҳи ман оина шуд, саҳфаи оламнамо,
Оламу оина дар коми адам доштан.
Нашри адаб мекунам, дар ҳама роёнаҳо,
Матлабу мазмуни ман ишқ рақам доштан.
Шаъну шараф номро гавҳари инсоният,
Вусъати илму амал гуфтани кам доштан.
Гуфт, Адиба, чаро оина нашносадам?
Сурати мо вом буд, ҷумла адам доштан.
* * *

Аз гулшани шишаҳои зангор марав,
Аз кишвари оинаву дидор марав.
Эй он ки замину осмон мехонӣ,
Аз мактаби рамзҳои асрор марав.
Душвор наоядат амал, эй огаҳ,
Аз илму адаб, зи роҳи душвор марав,
Таҷрид туро маслиҳат аз торикӣ,
Бар маҷлиси он аҳли шаби тор марав.
Имконияти ту аст, хушбахт шавӣ,
Аз олами чашми сабз зинҳор марав.
Омӯз зи хуршед забони фалакӣ,

Ялдосуханӣ макун, тахи дор марав.
То маърифати чашмаву хуршед биё,
Нодонӣ макун, ба роҳи инкор марав.
Вобастаи зулмоти хурофот мабош,
Чун сайд ба коми аждару мор марав.
Тасвир ба тасвир сухан зебо дор,
Дур аз чамани сукути пиндор марав.
Бигзор, ки раҳбари ту бошад афкор,
Ҷуз роҳи хирад ба сӯи гуфтор марав.
Бигзор, ки сарвари ту бошад умед,
Навмед мабош то шаби тор марав.

* * *

Кӯр будӣ фурсате, ки гул шудам, дилбар шудам,
Дур шав акнун, замоне шуд, ки хокистар шудам.
Дӯстӣ мехостам, афсӯс кардӣ душманӣ,
Нест эҳсосе дигар хоро шудам, links мармар шудам.
Оҳбайту шоҳбайтамро малак азёд кард,
Дар замин аз бесаводии замон музтар шудам.
Ашки ман дар ёнаҳо рӯид, оре, лола шуд,
Чашма медонист, ки сайде ба тӯҳматгар шудам.
Чашма медонисту бо фавворахо аснод дод,
Оҳ, дар тақвими ялдосиратон ховар шудам.
Чун ҳақиқат андаруни моҳиён сокин шудам,
Ноумеду ноилоҷу зору бебовар шудам.
Ваъдаҳо монанди Анқо монд андар кӯҳи Қоф,
Ман амалҳои шуморо сӯи он раҳбар шудам.
Рушаниву нуру зулмат, неку бад, пасту баланд,
Аз куҷо омад намедонам вале довар шудам.

* * *

Вожаҳо то дар сифоти ёр афсунгар шуда,
Обҳо, оинаҳо, лабрези нилуфар шуда.
Лолаҳоро чидаам дар пештоқи осмон,
Эй ки аз нури рухат оина ширинтар шуда.
Бо забарҷадхотирӣ гуфтам ду сатри гирярез,
Номаҳои ман пур аз беҷодаву гавҳар шуда.
Қубҳи инсонҳо табиатро сияҳдил кардааст,
Одамон бемеҳру беинсофу бебовар шуда.
Аз тараҳҳум то мурувват норасидан буду ҳаст,
Орзумандон ба навмедии худ абтар шуда.
Дар раҳи сабқат азизон харсаворӣ мекунед,
Оҳ, фарҳанги шумо ҳангии дур аз фар шуда.
Ман чи мехоҳам ҳарисон аз шумо одамгарӣ,
Чун Худою ишқу имони шумоён зар шуда.

* * *

Аз барои шиша садҳо санг ташкил мекунанд,
Бошарафро душмани бенанг ташкил мекунанд.
Ҷоҳилон сад ҷангали торики пур мору ҳашар,
Оқилон дар ҳар куҷо фарҳанг ташкил мекунанд.
Осмонро кардаӣ лабрез аз зангӯлаҳо,
Вақти даъват хурҳоят занг ташкил мекунанд.
То ҷаҳонро куштаву дар чоҳи нафси худ кунанд,
Ҳар куҷо дунёхуронаш ҷанг ташкил мекунанд.
Аз сафою аз таҷалло тирадилҳо мемуранд,
З-ин сабаб иғвогарию ҷанг ташкил мекунанд.
Росткору растагоронро балои бад шаванд,
Ин ҳасудон, ки басо найранг ташкил мекунанд.
Душмани қаттоли худро ҳеч гаҳ натвон шинохт,
Дар либоси дӯстӣ сад ранг ташкил мекунанд.
Ишқу бовар, рӯшаниву эътимоду эътиқод,
Дар дили бишкастаам аржанг ташкил мекунанд.
Эй Адиба, дар фалак дар даргаҳи поки Худо,
Аз барои ту зи нур авранг ташкил мекунанд.

* * *

Анкабутонанд дар вайронаҳо,
Холӣ аз овои мурғон лонаҳо.
Дар гулистони шафақ дидам, бале,
Рафтагони мо шуда парвонаҳо.
Душмании доими талху шадид,
Мекунад ҳамроҳии ҳамхонаҳо.
Як мани девона бовар кардаам,
Бар каломи ишқ, бар паймонаҳо.
Ман ба чанги рӯбаҳон уфтодаам,
Дар хамушӣ зиста фарзонаҳо.
Гуфтаи оинаро бовар кунед,
Мӯ ба мӯ рафтанд гарчи шонаҳо.
Ҳамдигарро ҳеҷ гаҳ нашнохтем,
Дар ҳақиқатҳою дар афсонаҳо.
Ҳамдигарро нек гуфтан лоақал,
Дар миёни душману бегонаҳо.
Даъватам карданд ёрони фалак,
Дур аз ин ҷода аз ин ёнаҳо.
Равзани оинаҳоро боз дор,
Мерасад пайғомаш аз роёнаҳо.

* * *

Гуфтам туро ба роҳи мунири саҳар барам,
Як номае бар он назари шуълавар барам.
Бархостам, ки бори дигар инҳизомро
Аз инқирози меҳру вафо дуртар барам.

Мактуби офтоб гирифтам, ки боз ҳам,
Бар чашмҳои хираи дилҳо назар барам.
Паргори фикр меҳани анқост меравам,
То он харобазор, паёми шарар барам.
Гул карда чашмҳои шумо дар чанорҳо,
Шояд аз ин сукуту садо як хабар барам.
Майдони душманист кунун фикри дӯстон,
Аз ин диёр доғи дилу чашми тар барам.
Аз дӯстӣ чу саҳфа дар оташ бисӯхтам,
Аз ҳар кӣ дуст буда, зиёну зарар барам.
Эй вақти бебақои фано - бовару умед,
То чанд лолае ба ҳама баста дар барам.
Афсурдааст фикри шукуфтан ба фикрҳо,
Сирқот аз шукуфтани як нилуфар барам.
Садбаргҳост номаи матлуби офтоб,
Соат ба дасти оинаи раҳгузар барам.

* * *

Аз барои ман ба ёдаш ҷо надорад осмон,
Мекунад ирсоли ғам, парво надорад осмон.
Бар суоли ман ҳамеша оварад, оре сукут,
Тоби ин фарёду ин ғавғо надорад осмон.
Ахтарон чун моҳиён хомӯш дар дарёи ӯ,
Ҷуз хамушӣ гӯиё маъно надорад осмон.
Некиву ишқу сафо подош мегирад ҷафо,
Ҷуз ҷазою душманӣ бо мо надорад осмон.
Мефиристад гиряву ғам ноларо бар хонаам,
Гӯиё сад гулшани зебо надорад осмон.
Ҳамнинини шаб кунад ӯ орзумандони нур,
Баҳри ман ҷуз ин шаби ялдо надорад осмон.
Мисли маҳ дар хиттаи шаб кард ӯ моро асир,
Номаи нуре ба номи мо надорад осмон.

* * *

Чи қадар муъҷизаҳо гум шудаанд,
Қалбҳо сайди тарокум шудаанд.
Орзуҳо, ки ба раҳ мерафтанд,
Кушта аз дасти тасодум шудаанд.
Чӣ қадар нодираҳо ноёбанд,
Дар фалак селаи анҷум шудаанд.
Беназирон, ки ба поки токанд,
Туъмаи туҳмати мардум шудаанд.
Илм бечораву бекас шудааст,
Олимонанд, ки раҳгум шудаанд.
Моҳиёне, ки хамӯшанд фано,
Дар сарахбори талотум шудаанд.

Эй Адиба, чӣ қадар торикист,
Чӣ қадар нодираҳо гум шудаанд.

## ЧИЛДУХТАРОНӢ

Эй раҷим, эй омада то тору пуди ман,
Ҳеҷ медонӣ, ки ман чилдухтарониям.
Санг гаштам дар қатори духтарони кӯҳ,
То гуноҳи ту наранҷонад ҷавониям.

Чашмапиндоре будам, фавворагесӯе,
Субҳидамрӯе зумуррадчашм гулқомат.
Ҳуснро бурдам супоридам ба хоки кӯҳ,
То наолояд ба манфурии бадномат.

Як муаррачпираҳан будам самовотӣ,
Дар чаман бобуна аз дастам нишон омад.
Гетиоро буд таърифи чамоли ман,
Ҳар ҷавоне ошиқи ман бар ҷаҳон омад.

Ҳолиё чун номи покӣ рафтаам аз ёд,
Пайкари сангиву хокии канори бод.
Ҳеҷ чизе нест аз ман ёдгори давр,
Аз баҳори рафтааздунёи ман фарёд!!!

## РАФОАТ АБДУСАЛОМОВА



*Рафоат Абдусаломова10-уми марти соли 1939 дар шаҳри Конибодоми вилояти Суғд ба дунё омада, пас аз хатми мактаби миёна ба факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии ба номи В.И.Ленин (ҳоло Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон) дохил гардида, онро соли 1963 хатм намудааст.*

*Дар Телевизиони Тоҷикистон қариб 45 сол чун наттоқ, муҳаррири калон, мудири шуъба, сармуҳаррир, котиби масъули Иттиҳодияи эҷодӣ (пас аз якҷоя шудани се сарредаксия) адои вазифа намудааст. Номи ӯ чун наттоқи аввалини телевизиони тоҷик дар сафҳаи таърих сабт шудааст ва ба «Энсиклопедияи миллии тоҷик» ворид гаштааст.*

*Даҳҳо силсилаи барномаҳои эҷодкардаи ӯро бо номи «Дугонаҳо» (барномаи бадеӣ-публисистӣ), «Муҳаббат ва оила», «Ватан ва фарзандон», «Гулдаста», «Пойтахт», «Иқтисод ва бозор», «Ваҳдат», «Дилафрӯз», «Гулдухтарон», «Телевизион ва тамошобин», «Аз паи барномаҳо», «Бозсозӣ», «Наво» ва ғайра мухлисонаш то имрӯз дар ёд доранд.*

*Аз соли 1978 узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон буда, хизматҳои арзандааш дар Телевизиони Тоҷикистон бо унвони «Корманди хизматнишондодаи маданияти Тоҷикистон» (с.1989), Ифтихорномаи Президиуми Шӯрои Олии Тоҷикистон (с.1977), унвони «Аълочии телевизион ва радиои СССР», медали «Собиқадори меҳнат» ва Ифтихорномаҳои Кумитаи давлатии телевизион ва радиои СССР, Кумитаи давлатии телевизион ва радиои Тоҷикистон, Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ва чанд Ифтихорномаи ҷамоҳири собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ қадр карда шудааст.*

*Солҳои охир бо таҳқиқи соҳаи телевизион шуғл дорад. Рисолаҳои «Телевизион оинаи зиндагист», «Наттоқ чеҳраи телевизион», «Телевизион ва психологияи инсон» ба қалами ӯ тааллуқ доранд. Аз хурдӣ ба шеъргӯӣ ҳавас дорад. Соли 2019 китоби ашъораш бо номи «Парвози дил» дар шаҳри Душанбе ба табъ расида, дастраси хонандагон гардидааст.*

## САДОИ ДИЛИ МУҲОҶИР

Зи Меҳан чун бурун рафтам,
Диле дарёи хун рафтам.
Зи мулки сар ба сар гулшан,
Ба дунёи фусун рафтам,

Зи Меҳан чун бурун рафтам.

Замоне, ки зи нуристон,
Бурун рафтам мани сарсон,
Ба зулмат гаштаам меҳмон,
Намедонам,ки чун рафтам,
Зи Меҳан чун бурун рафтам.

Биёбонҳои бепоён,
Диёри ғурбате бар ҷон,
Зи дунболи сабукборон,
Ба сад ҳоли забун рафтам,
Зи Меҳан чун бурун рафтам.

Сари корам намедонам,
Бару борам намедонам,
Гирифторам, намедонам,
Чаро ман сарнагун рафтам,
Зи Меҳан чун бурун рафтам.

Биёбам луқмаи ноне,
Бурун аз роҳи шайтонӣ,
Бидодам нимаи ҷоне,
Сӯи дунёи дун рафтам,
Зи Меҳан чун бурун рафтам.

Бибояд шукр дар кишвар,
Бибояд шукр бар модар,
Нигоҳи дилбари дилбар,
Диле дарёи хун рафтам,
Зи Меҳан чун бурун рафтам!

## ЗЕБО ШУДАӢ БОЗ

Он қадар зебо шудастӣ дар назар,
Сарви якто дидамат дар раҳгузар,
Ҳусни рухсорат намудам дарбадар,
Шоҳи хубон, алвидоъ бо ман магӯ!

Дар талошат пора кардам синаро,
Ёд овардам дами поринаро,
Сабз бинмудам ғами деринаро,
Шоҳи хубон, алвидоъ бо ман магӯ!

Дар фиғонам бе канори гарми ёр,
Чун гули рӯям шукуфад бе баҳор?
Мон, ки бо ту ман намоям ифтихор,
Шоҳи хубон, алвидоъ бо ман магӯ!

## БАҲОРИ ТАНҲОӢ

Баҳор буду танам рез-рези борон буд,
Ба ҳоли ман магар абри баҳор гирён буд,
Тани наҳифи мани зори ёр ларзон буд,
Ба ҳар тараф, ки нигоҳ мекунам, ғам арзон буд.

Зи обхези баҳорӣ ҳаросҳо дорам,
Ду чашми хеш бибандам, агар шавад борон,
Чаро, ки соҳили ишқи ману ту он ҷо монд,
Ба мисли ин дили танҳост бесару сомон.

Зи обхези баҳорӣ ҳаросҳо дорам,
Гумонам, ин ки тану ҷони ман барад бо худ,
Ва дасту пои маро қувваи раҳоӣ нест,
Ки дастгири мани зор рафт, кайҳо буд.

Худойро, чӣ кунам,дар диёри танҳоӣ?
Барои кӣ супурам ин канори танҳоӣ?
Магар даме дили ман бишкуфад, намедонам,
Чӣ қиссаҳо бикунам бо баҳори танҳоӣ?

## НАВРӮЗ, БИЁ

Саҳни гулшан хушқабо шуд,
Булбулу гул ошно шуд,
Хандаи насрину лола,
Бар дили ман муддао шуд,
Боз, о, Наврӯзи ҷонам!

Дарди ошиқро даво кун,
Дилбари ҷонро садо кун,
Васли хубонро дуо кун,
Меҳрубоние ба мо кун,
Боз, о, Наврӯзи ҷонам!

Бо табоқи «ҳафтшин», о,
Бо табоқи «ҳафтсин», о,
Файзбахши ин замин, о,

Бо нигоҳи нозанин , о,
Боз, о, Наврӯзи ҷонам!

Кори деҳқонро бароре,
Азми чӯпонро бароре,
То ки фасли тирамоҳон,
З-он намоем ифтихоре,
Боз, о, Наврӯзи ҷонам!

Атласи зебанда дар бар,
Мӯйи гулпечида бар сар,
Дар забонат дурру гавҳар,
Бо чакан бар рӯи минбар,
Боз, о, Наврӯзи ҷонам!
Боз, о, Наврӯзи ҷонам!

## МОДАР

Хоби хушбунёд дидам,
Хонаат обод дидам,
Қоматат озод дидам,
Сӯи ман, о, ту куҷо рафтӣ?

Аз пасат наззораам рафт,
Ин дили садпораам рафт,
Пояки овораам рафт,
Сӯи ман, о, ту куҷо рафтӣ?

Ман туро бинмудам ёд,
Дуриятро доду сад дод,
Мекунам фарёд, фарёд,
Сӯи ман, о,ту куҷо рафтӣ?

Санги кӯятро бибӯсам,
Мавҷи мӯятро бибӯсам,
Нори рӯятро бибӯсам,
Сӯи ман ,о, ту куҷо рафтӣ?

Бе ту ман танҳоию зорам,
Рӯи раҳ чун сангу хорам,
Беҳ зи ту ҳамдам надорам,
Сӯи ман, о, ту куҷо рафтӣ?

## БИЁ, ГУЛҲО БИЧИНЕМ

Ба гулдони дилат гулҳо ниҳодам,
Гули савсан, гули раъно ниҳодам.
Табассум дар лабонат мавҷи гул буд,
Ба зулфи печи ту сунбул ниҳодам.

Чу мурғи дил ба гулҳо маст кардам,
Диламро бо дилат пайваст кардам.
Ба боғи дил дигар абре нағунҷад,
Чароғи шед рӯи даст кардам.

Дигар он булбули кошонаи дил,
Нахонад аз суруди ашку ҳиҷрон.
Ту бошию ману аҳде, ки бастем,
Нанолад дар ҷаҳон ҷуз обшорон.

Зи боғи меҳри дилҳо гул бичинем,
Баҳорон боғи мо пурлола бошад.
Ду дил пайванди ҳам гулдаста чинем,
Ки нури ишқ аз онҳо шуъла пошад.

## ГУЛРО НИГАР

Аз остон то осмон манро нигар, гулро нигар,
Худ ман гулам дар гулситон, манро нигар, гулро нигар.
Гулшан агар гул бахшадат, фарёди булбул бахшадат,
Ман бахшамат ними ҷаҳон, манро нигар, гулро нигар.
Андар канори ҷӯйбор, дар ҳотаи сабзи баҳор,
Эй майгусори меҳрубон, манро нигар, гулро нигар.
Оҳанги наврӯзӣ бизан, овои наврӯзӣ бикун,
То хезад оҳангат зи ҷон , манро нигар, гулро нигар.
Қандам бидеҳ, қандам бидеҳ, себи Самарқандам бидеҳ,
Медорамат умре ҷавон, манро нигар, гулро нигар.
Дар маҳфиле,ки нокасон арзи муҳаббат мекунанд,
Аз меҳрубонон меҳрубон , манро нигар, гулро нигар.
Хоҳӣ Рафоат бошадат як умр дар паҳлӯи ту,
Бо майли дил то ҷовидон манро нигар, гулро нигар.

## МЕГИРЯД

Сари роҳи вафо, бин, гул ба сад озор мегиряд,
Ғами худ монда як сӯ, бар ғами дилдор мегиряд.
Кадомин гулфурӯш ӯро бурид аз шохаи мақсуд,
Кунун аз реша маҳрум гашта зори зор мегиряд?

Зи дасте то ба дасте рафтаву пажмурда мегардад,
Шуда девона, андар кӯчаву бозор мегиряд.
Гули гулдон дур аз ғавғою шӯри булбули шайдо,
Мисоли мотамӣ дар сояи девор мегиряд.
Магар гулдастаеям, ки ҷудо аз булбулам имрӯз,
Даруни синаам дарёи хун такрор мегиряд.
Рафоатро чӣ мепурсӣ, ки ин дарду алам аз чист?
Зи беохир сафар бинмудани он ёр мегиряд.

## ГУЗАШТ

Бо ғами дил бешумар шабҳо гузашт,
Ёди хотирҳои пурғавғо гузашт.
Кӯдакию беғамӣ чун бод рафт,
Аз сарам имрӯз сад дарё гузашт.
Орзуи дӯстони бешумар,
Дар раҳи ҷустан ба бозиҳо гузашт.
Шамъ сӯзам бар мазори булбулон,
Чунки беҳосил дӣ аз дунё гузашт.
Гашт ғурбатхона ин олам ба ман,
Ғурбате, к-ӯ аз сару савдо гузашт.
Бо Рафоат нолаҳои зор монд,
Бод инро гуфту бепарво гузашт.

## ХУД БА ХУД

Заъфаронӣ гашт рухсорат, хазон гаштӣ, хазон,
Кора месозад яқин ин то ба мағзи устухон.
Он давиданҳои беҳосил чӣ додат? Оқибат
Гаштаӣ дар кӯю дарҳои касон бехонумон.
Ку шукуфтанҳо, шукуфтанҳои айёми шабоб,
Ку тани бедарду рухсори гул, абрӯи камон?
Гарчи ӯро дидаву аз ҷон харидораш шудӣ,
Имтиҳон месозӣ аз нав хештанро, имтиҳон.
Гаштаӣ девонаи ишқу ҷунун аз сар гузашт,
Аз чунин ишқе, ки дил дорад, Худоё, аламон!
Аз Рафоат ҳарчи пурсӣ пурс, ғайр аз ишқи ёр,
Рози худро ӯ нагӯяд бар касе андар ҷаҳон.

## ҶУДОӢ

Ҷудоиро маҳоҳ аз дилбари хеш,
Ҳамеша дор якто дар бари хеш.
Мадеҳ аз даст домони висолаш,

Марон, то умр дорӣ, аз дари хеш.
Ҷудоӣ мушкилу дардаш гарон аст,
Макун гум ҳеҷ гоҳе гавҳари хеш.
Бикун қадри нафасҳои канораш,
Ҳавасро куш, варо хон ахтари хеш.
Зи сад тӯфон гузар карда Рафоат,
Дарораш умрҳо бар бовари хеш.

## МИРАМ БАРОЯТ

Ту сарви боғи ман, мирам бароят,
Ту зеби ин чаман, мирам бароят.
Нигоҳат мекунад дармон дардам,
Гумонам бе сухан, мирам бароят.
Ҷаҳоне дидаму чун ту надидам,
Чароғи анҷуман, мирам бароят.
Зи ман дурию дастам бар ту кӯтаҳ,
Ту садбаргу суман, мирам бароят.
Набудӣ ту, сияҳбахтӣ маро кушт,
Шукуҳи ҷону тан, мирам бароят.

## БАРОИ ТУ

Умре будам барои ту,
Чун обу чун ҳавои ту.
Девонавору зори зор,
Афтодае ба пои ту.
Базми тараб намуда тарк,
Аз лаззати садои ту.
Масту аласти бӯи гул,
Дар шому сабои ту.
Оғӯши худ кушудаам,
Бо майлу муддаои ту.
Имрӯз ҳайф, ин ки ман,
Қонеъ бар дуои ту.

## ПАНДИ ДАРВЕШ

Метавон афсонаҳои беш гуфт,
Қиссаҳои беҳаде аз хеш гуфт.
Орӣ аз таҳқиқу аз андешае
Бар даҳан ояд ҳар он чӣ пеш гуфт.
Дар забон набвад дару давозае,-
Ин суханро марди дурандеш гуфт.

Метавон лофи тавоної задан,
Нуктае аз наштаре ё неш гуфт.
Берун аз доираи ақлу хирад,
Бетаҳаммул метавон аз кеш гуфт.
Ё зи сӯзи синаи пурдарду ғам,
В-аз дили озурдаву садреш гуфт.
Лек манро хуштар омад ин сухан,
Берун аз рӯю риё дарвеш гуфт:
«Беш мебояд амал, эй ҷони ман,
Ҳарфро, аммо набояд беш гуфт».

## ДИРӮЗ НЕСТ

Ҳарфи мову кор чун дирӯз нест,
Гуфтаҳои ёр чун дирӯз нест.
Ҳар қадар фанду фиребам медиҳанд,
Сурати дидор чун дирӯз нест.
Феълу хӯи одамӣ дигар шуда,
Сирати гуфтор чун дирӯз нест.
Ҳар қадар дашти ҷунунам мебарад,
Шаҳди ин гуфтор чун дирӯз нест.
Он қадарҳо бесару сомон шуда,
Қимати ҳар кор чун дирӯз нест.
Дилбарию дилрабоӣ кардаем,
Меҳр бар дилдор чун дирӯз нест.
Эй Рафоат, умр ҳам бигзаштааст,
Гармии бозор чун дирӯз нест.

## РУБОИЁТ

Хоҳам, ки ба рӯ ба рӯй бошӣ бо ман,
Як умр ба гуфтугӯй бошӣ бо ман.
Аз дидаи оташат дилам гарм шавад,
То зиндаӣ мӯбамӯй бошӣ бо ман.

Заҳри ғами ту бар дили ман кард асар,
Бар ҳастии обу гили ман кард аксар.
Ин ғам чӣ ғаме буд, на танҳо ба дилам,
Бар хонаю бар манзили ман кард асар.

Аз дарди дилу ҷон ба фиғонам , чӣ кунам?
Дар олами хеш бенишонам чӣ кунам?
Сабр аст маро тадбиру донам чӣ кунам,
Аз сабр шудам хаста, надонам, чӣ кунам?

Шабҳо зи ғамат гиряи ман беш шавад,
Ашке зи ду чашми хомаам пеш шавад.
Дил ҳар чӣ бигӯяд зи ғами дарду фироқ,
Ҳар қадр,ки гӯяд, он қадр реш шавад.

## ҲАДЯИ БУХОРОӢ



*Ҳадяи Бухороӣ (Раҷабова Саломат Муҳсиновна) 17-уми августи соли 1948 дар шаҳри Бухорои Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба дунё омадааст.*

*Ӯ соли 1966 мактаби миёнаро бо медали тилло ва соли 1970 Донишкадаи омӯзгории шаҳри Самарқандро бо дипломи имтиёзнок хатм кардааст.*

*Фаъолияти меҳнатии Ҳадяи Бухороӣ аз соли 1974 ба сифати омӯзгори кафедраи фалсафа огоз гардидааст. Ӯ аз солҳои 1999 то 2002 дар Донишкадаи тиббии шаҳри Бухоро дар вазифаи мудири кафедраи Таърихи Ӯзбекистон, назария ва амалиёти сохтмони ҷамъияти демократӣ дар Ӯзбекистон кор карда, соли 2002 ба нафақа баромадааст.*

*Ҳадяи Бухороӣ ҳанӯз аз овони мактабхонӣ машқи шеър намуда, ҳикояҳо менавишт. Чакидаҳои қаламаш дар китоби дастаҷамъии «Суханварони Зарафшон» (Ирфон, 2019) чоп шудааст.*

*Китобҳои алоҳидааш бо номҳои «Ба хокат по ниҳам бо номи Яздон» (2002), «Парвоз» (2006), «Кишвари дил» (2008), «Набзи зиндагӣ» (2010), «Ишқи ҳастизо» (2011), «Ситораи умед» (2014), «Меъроҷ» (2017) ва «Ҳазору як панд» (2019) нашр шудаанд.*

### БУХОРОЯМ

Зи бас додӣ шарифонро ба олам,
Шарифӣ аз барои ҷумла одам.
Бибӯсам хоки ту, бар дида молам,
Бухороям, чаро бо ту наболам?

Зи ҳар як зарра хокат бӯйи ҷоне,
Зи ҳар як санги ту нақши ҷаҳоне.
Сифотат бишнавам аз ҳар даҳоне,
Чу Каъба саҷдагоҳи бандагонӣ.

Ту амсоли китоби бебаёнӣ,
Вале дар қисмати халқат аёнӣ.
Ҷаҳон сад гирд гардонду ҳамонӣ,
Қадамгоҳи бузургони ҷаҳонӣ.

Ба хокат по ниҳам бо номи Яздон,
Ки бошам покдил, покизавиҷдон.
Ниҳам сар бар тавофи ту, диҳам ҷон,
Шавам хоки қудуми саҷдаорон.

## ТАЗОД

Туи афтода бар чоҳи ҷаҳолат,
Ман он бози самои пурсафоям.
Туи нодида хуршеди адолат,
Ман он шамшери буррони ҷафоям.
Туи абри сияҳ бар дидаи ом,
Ман он хуршеди яктои самоям.
Миёни мову ту фарқи бузургест,
Ту бо шайтон қарин, ман бо Худоям.

## БА МОДАРАМ

Дарахти борпарвар будӣ, модар,
Маро бинӣ, лабонат гул ҳамекард.
Нигоҳат қиссаҳо мехонду аммо
Дилат андар баён ғул-ғул ҳамекард.

Ба ҳар дидан баҳори тоза будӣ,
Ба монанди гули навхези гулзор.
Баҳор омад, бихез аз хоки покат,
Сари қабрат кунам сад нолаи зор.

Мисоли меваи афтода бар хок,
Биҷӯям шохаат, дигар наёбам.
Баландиам зи ту будаст, модар,
Ба пастиҳо равон акнун чу обам.

Туро дар хоб мебинам ҳамеша,
Мисоли мурғи зебои фасона.
Қасам бар хоки покат, хоб ором,
Сазоворат бимонам ҷовидона.

## МАН НИДОИ ИН ЗАМИНАМ

Субҳи содиқ медамад бо нури оташбори ишқ,
То само оғӯш бикшояд, навозад тори ишқ.
Ошиқиро аз фалак омӯхт инсон аз азал,
Сурату ҳам сирати одам бувад ҳам кори ишқ.

Ишқи поки осмонӣ деҳ, Худовандо, ба ман,
Нури маъниро бипошам аз чароғи равшанам.
Қалби хоболуди шаб бедор созам бо ҷарас,
Бар дили шайдои ошиқ рӯҳ бахшам аз танам.

Оламе аз нав бисозам, одамеро инчунин,
То зи хасми бемурувват пок гардонам замин.
Дар ҷаҳон дигар наояд кор на тиру камон,
Аз дили модар нахезад нолаи зору ҳазин.

Ман нидои ин заминам, эй Худои оламин,
Қудрати покӣ бидеҳ бар ҷисму ҷони одамӣ.
Аз қудумаш лола рӯяд, аз дилаш меҳру зиё,
Заррае аз ӯ наранҷад, бод доим хуррамӣ!

## ДИЛИ МАН

Шавам ғаввоси дарёи дили ту,
Биҷӯям гавҳари меҳру вафоро.
Як умре аз канораш по нагирам,
Намоям пора харсанги ҷафоро.

Дили ман об хӯрад аз дили ту,
Нафас гирад ҳамеша аз ҳавоят.
Намехоҳам, ки сар бидҳам туро ман,
Бихоҳӣ, сар диҳам лек аз бароят.

Ба теғи абрӯят кардӣ ишора,
Ки созад қалби решам пора-пора.
Дилам садпора гашту пешат афтод,
Ба худкарда наёбӣ ҳеҷ чора.

## БИНАМ ТУРО

Меравам, то дар гузар бинам туро,
Аз паси дар як назар бинам туро.
Аз ҳамон рӯзе, ки ман дил бохтам,
Дар тамоми баҳри бар бинам туро.
Ҳар қадар, ки дур гардӣ аз барам,
Боз ҳам наздиктар бинам туро.
Ман сафар дорам ба амри ҳукми дил,
Кош бо худ ҳамсафар бинам туро.
Дар фироқат ҷону дил аз кор монд,
Ҳамчунон ҷону ҷигар бинам туро.

## БО ЗАН АСТ

Ҳастиву маънои олам бо зан аст,

Халқи ҳар як насли одам бо зан аст.
Қатраеро ҷон диҳад хуршедсон,
Кашфи яздонӣ дар ин дам бо зан аст.
Ҳар куҷо нас ласт, гӯяд: «модарам»,
Лаззати дунёи ӯ ҳам бо зан аст.
Ҷаннати рӯйи замин – оғӯши зан,
Ҳам вафову меҳри Ҳотам бо зан аст.
Макри зан, - гӯянд, - дорад решаҳо,
То фалакро фикру мақдам бо зан аст.
Бо ҳама қудрат бигӯянд: «Зан заиф»,
Назди ишқи ёр сар хам бо зан аст.

## БА МОДАРАМ

Ту ҷон додӣ ба ҷисмам, офаридӣ,
Бидода роҳатат, умрам харидӣ.
Ба рӯйи хонаҳо гашта шабу рӯз,
Бароям аллаҳо хондӣ дилафрӯз.
Чу «воҳ» гуфтам, баромад аз дилат «оҳ!»
Чу хандидам, ту ҳам хандидӣ қоҳ-қоҳ.
Ба садҳо орзу кардӣ калонам,
Ки то раҳатрасон бошам, бихонам.
Чӣ уммедест, к-он охир надорад,
Аё модар, маро бар ваҷд орад.
Пайи уммеди ту акнун равонам,
Туро, албатта, бар мақсад расонам.

## БУЛБУЛИ ХОНО ТУ БОШ

Боғи ободи диламро булбули хоно ту бош,
Бар сарам садҳо муаммо, ҳамдами доно ту бош.
Накҳати гулро барад занбӯру меорад асал,
Ҳам чи меҳоҳӣ зи ман, худ беҳтарин, ҷоно, ту бош.
Ҳамчу кӯҳ вопас барам амвоҷи тӯфони ғамат,
Баҳри орому пур аз гавҳар ба ҳар оно ту бош.
То нагӯӣ, дар муҳаббат сустбунёдӣ зи туст,
Қалъаи сабру таҳаммул гирди ман, боно ту бош.
То барад хокистари умри маро боди аҷал,
Боди рӯҳафзо сарамро, дафъи ҳар коно ту бош!

## ФАҚАТ ЯК ОРЗУ ДОРАМ

Парам гар сӯйи маҳ, ёрон,
Фақат як орзу дорам.

Чу рамзи сулҳ кафтарро
Барояш туҳфа биспорам.

Ҳамон туҳфа аён созад,
Дили мо, манзили моро.
Ҳамон туҳфа аён созад,
Фуруғи маҳфили моро.

## МАН ҲАСТАМ

Нишони даври Сомонам,
Чу лафзаш дар даҳон монам.
Чароғи байти хомӯшон,
Нидои таърихи онам.
Манам он рамзи ҷовидон.

Мисоли чашмаи Айюб,
Ман он оби равон будам.
Чу шеъри Рӯдакӣ умре
Нигаҳдори забон будам.
Манам астам акси он даврон.

Мисоли баҳри пуртуғён,
Талоши зиндагӣ будам.
Сари мағрури худ поён
Накардам ҳеҷ то ин дам.
Қасам бар рӯҳи аҷдодон!

## МЕҲР, МЕҲР, МЕҲР

На чашму ақлу ахлоқу на адён,
На ҷанги байни миллатҳо, на ирфон.
На шири модарон, на ғамгусорон,
На тарс аз маргу дӯзах, не зи Яздон.
Нагардонад зи роҳи бад бад-ин сон,
Ки меҳри ошиқӣ, пайванди дӯстон!

* * *

Агар эҳсоси дарде дар миён нест,
Касеро майли дармонаш аён нест.
Чӣ ҳосил будани ин зиндагонӣ,
Агар ғам нест, шодӣ ҳам дар он нест.

## ЧӢ САВДО КАРДУ РАФТ

Ёр бо ман, бин, чӣ савдо карду рафт,
Ӯ маро маҳви тамошо карду рафт.
То ки аз тоқи назар гардам раҳо,
Ҷони ман бар қабза маъво карду рафт.
Чашми ман чун абри найсон мегирист,
Хонаам тӯфони маҷро карду рафт.
Чашми шаҳлоям ба роҳаш кӯр шуд,
Роҳи худро сӯйи саҳро карду рафт.
Сӯхтам монанди фонуси хаёл,
Сӯхтанҳоям тамошо карду рафт.
Гар ҳамин ишқ асту меҳру шафқат аст,
Ошиқиро, бин, ки расво карду рафт.
Кафтари дубомаро қисмат ҳамин,
Баҳри пул худро ба дарё карду рафт.
Мурғи дил аз теғи ҷабри кушта шуд,
Хуни онро дар каф оро карду рафт.

## БА ХИЗМАТ МЕШАВАМ

Ман барои ким-кадоме дарси ибрат мешавам,
Бо китоби шеъри худ шахси баиззат мешавам.
Меҳнати ҷонкоҳи моро қадр медонад касе,
Чун кушоди қуфли банде ман ба хидмат мешавам.
Мерасад аз ман ба мардум заррае рӯҳи навин,
Шамъи рахшони раҳи шахси баҳиммат мешавам.
Тори ҳастиам сукуну пуди он аз сабр шуд,
Баҳрашон дар зиндагонӣ рӯзи роҳат мешавам.
Умри ман бо суръати кайҳонӣ аз ман меравад,
Баҳри рӯҳам рӯзу шаб андар ибодат мешавам.

## ДАРДИ ДИЛ

Дарде, ки ин дил мекашад, бар ҷисму ҷонам меравад,
Дарде, ки дар тан доштам, то устухонам меравад.
Аз рангу бӯйи ин чаман нобурда роҳат дар бадан,
Ғамҳои беҳад дар ҷигар, аз дил фиғонам меравад.
Гар ҳастӣ бошад чунин, бе ғам набошад ангубин,
Аз рафтуое инчунин маънӣ аз онам меравад.
Қадре надоранд одамон, аз баҳри пул ҳар сӯ давон,
Роҳат гар ин аз баҳри ҷон, бешак ки ҷонам меравад.
Нақши замони шум нигар, ҷуз ғам намебошад дигар,
Фарҳанги мо зеру забар, афсӯс, к-онам меравад.
Дар маҳди ин даврони мо кӯдак намеёбад сафо,
Чун модари аз ғам хазон шири равонам меравад.

Уммедҳо шуд бедарак, шуд нолаҳо то бар фалак,
Ё Раб, бикун з-одам малак, аз каф инонам меравад.
Ман мондаам ночор аз ин, пажмурдагулзору ҳазин,
Бемору бе ғамхор аз ин, к-аз дил имонам меравад.
Коре бикун, ист, эй ҷаҳон, бар ҷони бисмил деҳ амон,
Шеъре бигӯям ин замон, лафз аз баёнам меравад.
Пайрав набошам то абад дар роҳи ҳар ҷангу набард,
Дар маслакам истам чу мард, то ки равонам меравад.
Ҳадя, зи ғамҳои ҷаҳон бинмо дари дилро ниҳон,
Охир надорад бегумон, ҳатто нишонам меравад.

## КАЙ ГУФТААМАТ?

*(Мухаммас бар ғазали Пайрав)*

Дар роҳи муҳаббат баладӣ бебасарон бош,
Бар фарқи хиёнат ҳама дам гурзи гарон бош,
Дар уфқи дилам ламъаи хуршеди ҷаҳон бош,
«Кай гуфтаамат партави базми дигарон бош?
Эй шуъла, ба сӯзи дили хомам нигарон бош!»

Шамъи маниву партави базми ину онӣ,
Баргӯ, ки ту ҳам балки аз он насягаронӣ,
Ё хастагии дидаву дилро нигаронӣ?
«То кай чу ҳумо чатр ба раъси дигаронӣ?
Гул бошу ба парвози ҳазорат нигарон бош!»

Болида зи гарди қадамат лаб накушудем,
Дил дода ба қоши қаламат лаб накушудем,
Аз нозу адову аламат лаб накушудем,
«Мурдем ба зиндони ғамат, лаб накушудем,
Эй тӯтии ширинсухани мо, ба фиғон бош!»

Бас шому саҳар хондамат, эй ёр, ба ёрӣ,
Ё ту магарам бар дили ман кор надорӣ?!
Бо ёди ту додам қадаҳе чанд ба орӣ,
«Ангури сари ток нашуд дафъи хуморӣ,
Маҷнуни арақрезии ин кӯзагарон бош!»

Гуфтам, санамо, ҳарф бизан, худ чӣ хамӯшӣ?
Мақсуди дили хеш зи мо чанд фурӯшӣ?
Як ҷуръа зи дурди қадаҳи сидқ нанӯшӣ?
«Пайрав, зи чӣ муфт ин ҳама дурдона фурӯшӣ?
Мабғун кунандат, ҳазар аз насягарон бош!»

## САБУРӢ

Ғубори зиндагӣ бар сар гирифтам,
Зи озори ҷаҳон озар гирифтам.
Ба бозори тамаъ қадри сухан нест,
Раҳи дониш ба ҷойи зар гирифтам.
Замингири замони дастногир,
Худоро ҷойи он аз бар гирифтам.
Ҳама роҳи ҷаҳон ҷуз гумраҳӣ нест,
Чӣ созам, таълим аз Ховар гирифтам?!
Тиҳиҷом аз шароби айши даврон,
Ман узлат ҷойи ҳар довар гирифтам.
Маҳу хуршеди рахшонизаминам,
Сабурӣ бар худ аз бовар гирифтам.

## ГУРУСНАИ ИШҚ

Чашми минофоми ту мастам кунад,
Нури рӯям иқтибос аз меҳри туст.
Коми дил аз ту ба ҷонам раҳ ниҳад,
Ҳарфу гуфторат чу атри гуфтугӯст.

Дар дилам ҳусни баҳор эҷод кун,
Рӯйи чашмонам кашам нози туро.
Додаӣ ҳар буттаро ҳафтод бун,
Сози умрам донам овози туро.

Дар дилам муҳри намози меҳри ту,
Бар сари меҳроби ишқат сар ниҳам.
Аз забони дил шунав, бар сеҳри ту
Барқи ишқ аз осмони дил диҳам.

Рашҳаи килки маро сероб кун,
Назми хуш дар сина фарҳанги дил аст.
Меҳри покат мекунад сеҳрам фузун,
Қалби ман аз ҳастият дар манзил аст.

Мадду ҷазри ин таконхӯи дилам,
Аз равонат шӯр дар набзам равон.
Бо ту осон мешавад ҳар мушкилам,
Табли тӯфонӣ занад ҳам бегумон.

Пир гаштам, қалби поки ман ҳанӯз
Ҳамрадифи инзиво шуд аз ҷаҳон.
Ишқи пок аз марг ҳам дар тобу сӯз,
Гушнаи ишқам, наметарсам зи ҷон!

## РОЗИЯ ШАРОФИЁН



*Розия Шарофиён (Сайфуллоева) 1 январи соли 1950 дар шаҳраки Калинини ноҳияи Колхозободи вилояти Хатлон ба дунё омадааст.*

*Хатмкардаи факултети филологияи УДТ (соли 1972) мебошад.*

*Фаъолияти кориашро аз идораи Радио огоз намуда, минбаъд дар идораи газетаҳои «Тоҷикистони советӣ» (ҳозира «Ҷумҳурият»), «Кургантюбинская правда» кор кардааст. Баъди ҷанги шаҳрвандӣ мудири шуъба дар вазорати Иқтисодӣ ҳамчун ёварӣ раиси «Тоҷиккоммунсервис» фаъолият намудааст.*

*Алъон беш аз даҳ сол аст, ки дар муҳоҷират умр ба сар мебарад.*

### КОШО ДИЛЕ

Кошо диле пайдо шавад, то бишнавад овози ман,
Кошо ҳабибу мӯнисе, то ки шавад дамсози ман.
Дил, ин дили пурсабри ман, то нашканал аз як ҳавас,
Бастам пару боли варо, бингар ту бар эъҷози ман.
Аз мушкилоти зиндагӣ тӯмор дорам пургиреҳ,
Мушкилкушои ман куҷост? Ку ёри ман ҳамрози ман?
Эй пунбабаргӯш, эй фалак! Бо ғамза болам мешканӣ,
Овози манро нашнавӣ? Безорӣ аз иғмози ман?
Дил, ин дили бечораам, дар орзуи бахт мурд,
Худ гиря дорам бар сари ин сози беовози ман!

### ХУДО ЁРАТ

Ту рафтӣ, дар дилам ғам монд, Худо ёру мададгорат,
Зи ҳаҷрат дида пурнам монд, Худо ёру мададгорат.
Чӣ мегуфтӣ, чӣ мехондӣ, чиро мондӣ, киро рондӣ?
Зи ту ғам монду алам монд, Худо ёру мададгорат.
Ба чашми гул, ба боғи дил, ки будӣ боғбонаш ту,
Ҳамин як қатра шабнам монд, Худо ёру мададгорат.
Сари шӯридае дорам, дили ғамдидае дорам,
Пас аз ту буданам кам монд, Худо ёру мададгорат.
Туӣ сарсону саргардон, манам сарсону саргардон,
Бигӯям, то маро дам монд, Худо ёру мададгорат!

### ЭЙ ИШҚ, ЭЙ ТАҶАММУЛ...

Дар гӯши гул хурӯшам бо нағмае чу булбул,
Сад раҳ канор гирам ёди туро чу ин гул.

Ман аҳди ошиқиро рӯзи азал бубастам,
Ранҷи туро гирифтам бар дӯш бе таваккул.
Дар базми ишқнозон бо ту ҳамеша нозам,
Аз ту ҳамеша ёбам дар ошиқӣ такомул.
Сар то ба пой ишқам, сар то ба пой хоҳиш,
Бо ман ба чашми дил бин, эй дур аз тағофул.
Роҳи раҳоӣ ҷустан дар зеҳни ман наояд,
Умре туро намоям бо ҷону дил таҳаммул.
То майли ман ҳамеша сӯйи ту боду бошад,
Аз ишқи ту сароям, эй ишқ, эй таҷаммул!

## СӮЙИ ХУДО МЕРАВАНД

Дилшудагон бар дарат бе сарупо меравард,
Гоҳ ба хешу гаҳ аз хеш ҷудо меравард.
Ишқ садо мекунад, ҳарфи хирадро магӯ,
Мардуми ошиқ пайи ақл куҷо меравард?
Сар ба раҳаш, ҷон каф, дода дилу дини худ,
Гаҳ ба Хито меравард, гаҳ ба хато меравард.
Ишқ раҳи Каъбаро равшанӣ бахшад, биё!
Аҳли назар баршуда сӯйи Сафо меравард.
Ишқ маро дӣ ба хоб гуфт: «Биё, Розия!
Аз раҳи мо сӯйи Ёр, сӯйи Худо меравард!»

## БОВАР НАКАРДӢ

Гуфтам: Ту ҷонӣ! Бовар накардӣ,
Бар ман иноят дигар накардӣ.
Аз дил сурудам ман пеши поят,
Овах, чӣ хокам бар сар накардӣ.
Додам худро чун гул ба дастат,
Оғӯш бастӣ, дар бар накардӣ.
Гуфтам: Шаробам, менӯш боре,
Соғар шикастӣ, лаб тар накардӣ.
Дил бурдӣ, аммо тардид дорӣ,
Аз бадгумонӣ сар бар накардӣ.
Чашми туро ман довар гирифтам,
Ишқи маро ту довар накардӣ.
Оташ гирифтам, эй ишқи ҷонсӯз,
Оташ гирифтам, бовар накардӣ...

## ОТАШ МАРО РУЪЁ ШАВАД

Ҳар шаб, ки маҳ дар рӯйи об чун сояе пайдо шавад,
Дар чеҳраи маҳтоби ту лабханда чун гул во шавад.

Ҳам қалби ман равшан шавад аз нури рӯйи моҳи ту
Парвона гардам гирди ту, оташ маро руъё шавад.
Дигар нагирам роҳ ман бар Каъбаву бутхонае,
Чун Каъбаву бутхонаам дар пеши ту якто шавад.
То ишқ омад бар дилам, оташ бишуд обу гилам,
Дар оташи дидори ту ҳар шаб маро фардо шавад.
Ин дил, ки дорам пеши ту, саргашта дар бозори ишқ,
Рӯзе харидораш шавӣ, дар дасти ту савдо шавад.
Ҳар шаб бихонад Розия оёти ишқи ёрро,
То ёр, ёри нозанин, аз мо, фақат аз мо шавад!

## АФСОНАХОНИ ОШНО

Ман ташнаи меҳру вафо, эй дил, дигар чизе магӯ,
Афсонахони ошно, эй дил, дигар чизе магӯ!
Шаҳбози ишқи ман туӣ, аз ман кунӣ бар ман назар,
Эй ман, мани бемуттако, эй дил, дигар чизе магӯ!
Шодам, ки бадноми туям, ҳамшишаву ҷоми туям,
Эй холӣ аз реву риё, эй дил, дигар чизе магӯ!
Шӯри Зулайхо мешавам, эй ишқ, расво мешавам,
Аз ишқи ёри порсо, эй дил, дигар чизе магӯ!
Ҳастам намоди зиндагӣ, ҳастам намоди ишқ ман,
Бо ман биё, бо ман биё, эй дил, дигар чизе магӯ!

## ТО БОДУ БОШАМ

Кошкӣ то боду бошам, чеҳрахандон бинамат,
Шанги ман, то буду бошам, масти ҷавлон бинамат.
Ҳамчу булбул мехурӯшам то саҳарҳо баҳри ту,
Боғи ман, то бод мехоҳам гулафшон бинамат.
Рӯйи роҳат монда дил садҳо чу ман дилдодае,
Кошкӣ чун ашк худро сар ба домон бинамат.
Як табассум карданат марҳам ба ҷони хастааст,
Кошкӣ марҳам ба захму дарди ҳиҷрон бинамат.
Сӯхтам дар орзуят, сӯзиши ҷон то ба кай?
Сӯхтам, дар ишқи худ хоҳам фурӯзон бинамат!

## НАМЕОЯД ҲАНӮЗ

Мурдам аз дуриву дилдорам намеояд ҳанӯз,
Кори дил бигзашт аз корам, намеояд ҳанӯз.
Орзуҳоям абас, аммо нигори симгун
Баҳри таскинам ба дидорам намеояд ҳанӯз.
Ғам гирифта маскане бар ин тани маҳҷури ман,

Ёр медонад, ки беморам, намеояд ҳанӯз.
Гарчи ман хӯ кардаам бар зулму бар дурии ӯ,
Ташнаи зулмаш ба такрорам, намеояд ҳанӯз.
Хасмро кай дӯст дорам, гарчи мебошад қариб,
Дӯстро кай хасм пиндорам? намеояд ҳанӯз.

## ЭЙ ЮСУФИ МАН, БИШНАВ

Аз ғам нашавам безор, чун ҳаст навои дил,
Ғам бар дили худ хоҳам, чун ҳаст давои дил.
Ойинаи ашки ман аз ҷилваи андуҳ аст,
Дар ғурбати худ ҳастам ҳамҳолу ҳавои дил.
Дар чоҳи ғами хешам, афтода зи боми ишқ,
Эй Юсуфи ман, бишнав з-он ҷо ту садои дил.
Чун лолаи саҳроям, аз доғ ҳама оташ,
Гӯӣ, ки дар ин водӣ ман гашта намои дил.
Аз ҷумла бало растам, аз ҷумла бало, оре,
Мондам ҳама ҷо, аммо дар банди балои дил.
Раҳ сӯйи Илоҳ орам, эй Розия, чун ҳастам,
Умре ба Худои дил, умре ба Худои дил.

## ИМШАБ

Шеъру ғазали дил буд дар маҳфили мо имшаб,
Тавсифи ту буд равшан дар маҳфили мо имшаб!
Моҳ аз карми рӯят берангу ҷило мерафт,
Чун равшанамон мекар моҳи дили мо имшаб.
Эй мурғи саҳар, боре имшаб ту махон ин ҷо,
Шаб, гӯ, накашад заврақ бар соҳили мо имшаб.
Моему лабони ту, эй шоҳи ғазалгӯён,
Ҳал кун ба ду-се бӯса сад мушкили мо имшаб.
Эй соқӣ, ба ҷоме ту мастам куну эй ҷонон,
Бо бӯса ба май омез обу гили мо имшаб.

## БИШНАВАД ОЁ КАСЕ

Бишнавад оё касе ин доду афғони маро?
Ин нагуфта дарди дил в-ин шӯру исёни маро?
Боғбоно, лаҳзае боз ову биншину шунав
Аз ғами дил бо алам нолидани ҷони маро.
Косиде ку, то барад машрӯҳи ҳоли хастаам
Бар дари ёру бигӯяд ранҷи пинҳони маро.
Осмони дидагонам рӯзу шабҳо пушти абр,
Ашк пӯшида саросар рӯйи чашмони маро.

Ёри худро бар касе ҳаргиз намебахшам, вале
Нӯши ҷони кас, хӯрад гар луқмаи нони маро.

## ГОҲЕ МАДОРО МЕКУНАМ

Аз дуриҳо, аз дуриҳо дасти дуо во мекунам,
Аз ишқи ту пеши Худо ҳар шаб тавалло мекунам.
Дасту гиребон мешавам байни ситези ақлу дил,
Гаҳ ғарқ дар ин моҷаро, гоҳе мадоро мекунам.
Дарёи чашмам мебарад бо мавҷкӯбӣ санги ашк,
Сар аз миёни ин бало баргашта боло мекунам.
Ойинадори ишқи ман ойинаи чашмони туст,
Ҳар субҳдам дар чашми ту худро тамошо мекунам.
Аз ғам, ки бе ту дидаам, як дам наоромидаам,
То бишнавӣ зории ман, номи ту ово мекунам.
Ҷуз нанги доғи ишқи ту, эй ному нанги Розия,
Аз ҳаҷри доғи дигаре худро мубарро мекунам.

## ЭЙ МЕҲРИ БЕПОЁНИ МАН

Мехоҳамат, эй ҷони ман, бо ман ту ҳамдастон шавӣ,
Бо ҷоми пур аз май шабе бо ман ту ҳампаймон шавӣ.
Дар боғи афсуни лабам гулҳо ҳама бишкуфтаанд,
Бо мавҷ-мавҷи бӯсаҳо дар он ту атрафшон шавӣ.
Эй меҳри бепоёни ман, эй рӯҳи саргардони ман,
Мехоҳамат бо ман дигар дар ишқ саргардон шавӣ.
Шамъи шабафрӯзи туям, субҳи туву рӯзи туям,
Бошад ки, эй хуршеди ман, бо ман дар ин сомон шавӣ.
Дил бар ту дилбар, бастаам, аз дурии ту хастаам,
Чун ғунча лаб барбастаам, то бар лабам борон шавӣ.

## ҚИССАИ ШОИРИ ФАҚИР

Ман бигӯям достон бар дӯстон,
Ин ҳақиқат, қиссаи ғамнок он.
Буд шоир дар замоне пеш аз ин,
Камбизоат, лек кони илму дин.
Рафт шоир сӯйи бозор харсавор,
То ба даст орад куте ӯ зи кор.
Як паривашро бидид дар нимароҳ,
Шуд ғуломи он парӣ, Эзад гувоҳ.
Мурғи қалбаш дар қафас дилтанг шуд,
Ҳам замину осмон беранг шуд.
Зад ба зонуву бигуфт: - Эй дилнавоз,

Ин сару савдои манро чора соз!
Дардманду хастаам, дору туӣ,
Чорасози дарди ман, маҳрӯ, туӣ!
Гар ту дармон мекунӣ, эй ҷон, маро,
Ман фидоят, бурдаӣ имон маро.
Ман надорам дурру марҷону ақиқ,
Бахшамат дурдонаи ҳарфи шақиқ.
Ту бароям чун Масеҳо омадӣ,
Бар дили доғам мудово омадӣ.
Чун надошт ӯ пайсаву мискин буд,
Рӯйи аз лоғарӣ пурчин буд.
Он парӣ гардонд рӯй аз навҷавон,
Сели ғам аз чашми шоир шуд равон.
Кори шоир ҷумла бебунёд шуд,
Сӯхт ӯ, хокистараш барбод шуд.
Эй азизон, ин замон даври пул аст,
Хони доро пурраву пурҳосил аст...
Хони нодор ҳамчунон сад соли пеш,
Ғайри нону чой нагардад ҳеҷ беш...
Гуфта буд он Ҳофизи ширинкалом:
«Айби туст – дорои ирфон», вассалом.

## МАРО ИШҚ СӮЗАД

Бало ишқу бало дил, бало ғам, Худоё!
Ки як қатра бигрифт олам, Худоё!
Гирифт аз ду дастам бари ғусса биншонд,
Маро ғам шуд аз ишқ марҳам, Худоё!
Кабӯтар ба доми уқобе фитодаст,
Чӣ монад аз парру болам, Худоё?!
Кашам оҳу сӯзам аз ишқу аммо
Насӯзад дили ғам ба қалбам, Худоё!
Нигоҳе зад оташ ба ҷону равонам,
Маро ишқ сӯзад ба ҳар дам, Худоё!

## НАВОИ ДИГАРЕ ҲАСТ ЯҚИН

Пушти ин рӯд навои дигаре ҳаст яқин,
Дар дили шаршараҳо шӯру шаре ҳаст яқин.
Шаб, ки дар бистари худ моҳи тамоме дорад,
Парда бикшод, ки лайлонигаре ҳаст яқин.
Қатраро кам натавон дид дар он гӯшаи чашм,
Ашкро қуввати тӯфонасаре ҳаст яқин.
Ҳама дарҳои ҷаҳон бар рухи мо баста шуданд,

Боз ҳам дида кушоем, даре ҳаст яқин.
Эй ки чашм аз дили шӯридаи мо барбастӣ,
Ғам надорем, ки бар мо назаре ҳаст яқин.
Мақтаи шеъри маро чашми ту як нуқта ниҳад,
Ки дар он мардумиву додгаре ҳаст яқин.

## ҲАВОИ ВАСЛИ ҶОНОН

Чӣ хуш бошад, ки ёри ман ҳамеша дар барам бошад,
Ҳамеша ҳамдилу дар дидаву болу парам бошад.
Худовандо, чи хуш будӣ таманнои дили хаста,
Бароварда чу уммеди азизон, боварам бошад.
Саборо гӯ, ки пайғоми маро то кӯйи гул орад,
Ки аз дурӣ чиҳо дидам? Ба чашмони тарам бошад.
Куҷо досташ расад машшотаро бар зулфи ман, вақте
Ки дасти меҳрубони ёр болои сарам бошад!
Ҳамеша дар замири ман, даруни дил, даруни ҷон,
Касе бо нола мехонад, ки ёди дилбарам бошад.
Ҳавои васли ҷонон дар дилам, месӯзаму хоҳам,
Ки ин оташ ҳамеша андаруни миҷмарам бошад.

## НОМИ ВАТАН ОЯД БА ЁД,

Ҳар нафас дар ғурбатам номи Ватан ояд ба ёд,
Сарзаминам – модарам он рӯҳи ман ояд ба ёд.
То саҳар вақте намемонад зи афғон булбуле,
Пеши чашмам ошёнам дар чаман ояд ба ёд.
Хоҳарам дур асту ҳар дам ёди хоҳар мекунам,
Меравам аз худ, чу он ширинсухан ояд ба ёд.
Ашк мегардам саропо, мечакам бар рӯйи гул,
Ранҷи булбул мешавам, чун он чаман ояд ба ёд.
Нест ҳамрозеву ҳамдарде бароям, Розия,
То бигӯям дарди худро, чун Ватан ояд ба ёд.

## Ё РАБ, ДУБОРА ОВАР

Аз хеш дур мондам, зорӣ кунам Худоро,
Бишкаст санги ҳасрат рӯҳи шикеби моро.
Касро чу худ надидам зору ҳазину хаста,
Эй кошкӣ, набинам ҳамчун худам шуморо.
Ҳофиз, сарам фидоят, гуфтиву нек гуфтӣ:
«Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро».
Бо дӯстон мурувват кардам, вале зи душман

Сад захми корӣ хӯрдам, сад санги пеши поро.
Ман дур аз диёрам, ошуфтаву низорам,
Ё Раб, дубора овар моро ба он диёро.

## Ё ИН, КИ ТУ МУЛЛОЙ?

Ман шеъру ғазал гӯям аз ту, ки ту зебоӣ,
Эй он ки ба шеъри ман шаҳзодаи руъёӣ.
Гӯям чу дубайтӣ ман, посух ба ғазал гӯӣ,
Ман қисса бигӯям, ту аз қисса бадар оӣ.
Ман худ ҳама ту гаштам, ту худ ҳама ман бошӣ,
Оҳи дили Вомиқ ман, ту оташи Узроӣ.
Ту ром намудӣ дил бо сеҳри сухан моро,
Дар илми фусунсозӣ ё ин, ки ту муллоӣ?!
То рӯзи пасинам дил дар қайди ҳавои туст,
Эй ҳамнафаси воло, эй ҳамдами руъёӣ!

## АЗ ШОМИ ҒАРИБОН

Аз ҳилаи дунё мани нодон гила дорам,
Аз ҷон, ки нашуд ҳамдами ҷонон, гила дорам.
Ай дӯст, карам кун, ки карам аз ту маро бас,
Чун бе ту ман аз кори каримон гила дорам.
Селоби сиришкам ҳама аз дида равон аст,
Дар соҳиламу ташналаб, аз он гила дорам.
Мағруқ ба андешаи чун карду чӣ бояд?
Дилхаставу аз хори мағелон гила дорам.
Лайлисифатам, ишқ тараҳҳум нанмояд,
Эй Розия, аз шоми ғарибон гила дорам!

## ЭЙ ФАХРИ САМАРҚАНД

Эй дӯст, ба лабханд дидам шод накардӣ,
Бо ханда аз он қанд дидам шод накардӣ.
Боре ба гулистони дилам нағма нахондӣ,
Эй мурғи фараҳманд, дидам шод накардӣ.
Ширинсуханонро ҳама сарҳалқаи базмӣ,
Ман монда дар ин банд, дидам шод накардӣ.
Чун кӯҳи Дамованд туро дидаму хондам,
Эй фахри Самарқанд, дидам шод накардӣ.
Бояд зи ту қонуни муҳаббат ҳама омӯхт,
Эй соҳиби сад панд, дидам шод накардӣ.

## ГУЛБИБӢ БОҚИЕВА



*Гулбибӣ Боқиева 15 марти соли 1953 дар деҳаи Гулпарвари ноҳияи Рудакӣ дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст, дар МДТМУ-и № 58 ноҳияи Рудакӣ таҳсил кардааст.*

*Баъди хатми мактаби миёна дар Донишгоҳи омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ дар факултаи забон ва адабиёти рус таҳсил намуда онро соли 1976 хатм менамояд. Ҳоло ба ҳайси омӯзгори фанни забони русӣ дар МДТМУ-и №58 ноҳияи Рӯдакӣ ба шогирдон дарс медиҳад.*

*Аз овони кӯдакиаш ба шеър дилбастагӣ зиёд дошт. Ҳамин аст, ки имрӯз чакидаҳои хомааш дар рӯзномаи ноҳия, ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат», «Омӯзгор», «Пайрав» ва дигар матбуоти даврӣ нашр шудаанд.*

*Китоби «Бахшандаи эъҷоз» аввалин маҷмӯаи ашъори ӯ мебошад.*

## ХУДО ЁД КУНЕМ.

Ҳама аз доди худоем, Худо ёд кунем,
Дар Заминему Самоем, Худо ёд кунем.
Эй хирадбахш Худованд, саноят гӯем,
Ҳама шукрона намоем, Худо ёд кунем.
Субҳдам меҳри Худованд зи хуршед расад,
Зодаи меҳру вафоем, Худо ёд кунем.
Розҳое, ки бувад дар қафаси қалб ниҳон,
Ба Худованд кушоем, Худо ёд кунем.
Панҷ вақте, ки ба даргоҳи Худо саҷда барем,
Ҳама шукрему саноем, Худо ёд кунем.

## ЭЙ ХУШО

Эй хушо, дар шоҳроҳи илм ҷавлон доштан,
Кибриёи қалбро аз нури имон доштан.
Сайр кардан дар гулистони мусаффои сухан,
Сорбон аз маънии панди ниёгон доштан,
Фикри бадро дур кардан аз ниҳоду қалби худ,
Орзуи пайравии роҳи покон доштан.
Хайр кардан бенаворо лаҳзаи дармондагӣ,
Шодмонӣ аз сафои хайру эҳсон доштан.
Ҳамчу Ҳофиз гавҳару дурдона чидан аз сухан,
Гавҳару дурдонаи таъби ғазалхон доштан.
Ҳамчу Фирдавсӣ вафо кардан ба халқи хештан,

Аз сухан волотарин қасри дурахшон доштан.
Ҳамчу Лоиқ сӯхтан андар ғами халқу Ватан,
Ҳамчу Гулрухсор қалби шерамардон доштан.
Одамӣ будан, набудан душмани одамгарӣ,
Хешро дар хидмати волои инсон доштан.
«Зиндагӣ озодии инсону истиқлоли ӯст»,
Эй хушо, иқболи озодипарастон доштан.

## МАҲФИЛИ « ҲАМЕШАБАҲОР»

Маҳфили мо аз зимистон то зимистони дигар,
Маҳфили мо аз баҳорон то баҳорони дигар.
Шеър мегӯяд ба васфи одаму одамгарӣ,
Бо забони модарӣ – ганҷинаи лафзи дарӣ.
Рӯҳи поки Рӯдакӣ дар маҳфили мо зиндааст,
Накҳати анфоси Синоӣ шифобахшанда аст.
Сабри Мавлоно ба мо зӯру тавоноӣ диҳад,
Рӯҳи Фирдавсӣ камоли субҳи доноӣ диҳад.
Назми Лоиқ бо насими кӯҳсорони Ватан,
Гӯиё дар маҳфили мо шод мегӯяд сухан.
Бо насими анбарафшони Ҳисори Шодмон,
Сайр дорад шеъри Турсунзода дар рӯйи ҷаҳон.
Зеби ҳар як маҳфили мо чи зимистон, чи баҳор,
Шеъри Ҳофиз , панди Саъдӣ – шоирони номдор.
Маҳфили моро ба монанди гулистон кардаанд,
Бо сухан дар маҳфили мо хайру эҳсон кардаанд.
Навҷавон асту шукуфон аст монанди баҳор,
Маҳфили моро, Худоё, дар паноҳи хеш дор!

## ИДИ ГУЛ

Иди гул омаду аз гул сухан аст,
Рӯйи гул чашму «чароғи чаман аст».
Гули садбарг диҳад бӯйи баҳор,
Гули хушбӯйи чаман ёсуман аст.
Бӯйи хуш мерасад аз накҳати гул,
Гули мо Юсуфи гулпероҳан аст.
Лола мегуфт: Дилам шод кунед,
Ғами ушшоқ чу дар қалби ман аст,
Чу баҳор омаду Наврӯз расид,
Дили мо бар гулу булбул Ватан аст.
Нарасад офати сармо бар гул.
Барф дар чеҳраи гул Аҳриман аст.
Чи баҳор асту чи кошонаи гул,

Гули Хуршед дар ин анҷуман аст.

## ДАР МАЗОРИ МОДАРАМ

Бар мазори модарам бо дастаи гул меравам,
Модарам гул буд, сӯяш мисли булбул меравам.
Модарам аз хона дар фасли баҳорон рафта буд,
Модарам гӯё ба сайри лолазорон рафта буд.
Зинда бошад модарам, андар хаёлам зинда аст.
Мисли хуршеди само дар чашми ман тобанда аст.
Модарамро интизорам, интизорам, интизор.
Модаро, бедор шав, омад баҳор, омад баҳор.
Модари хомӯши ман дигар намегӯяд сухан,
Модари гулпӯши ман дигар намепӯшад чакан.
Модаро, рӯҳи бузургу меҳрубонат шод бод,
Модаро, иди бахоронат муборакбод бод!
Чашмаи илҳоми ман аз модарам оғоз шуд,
Дар Ватан таъби ғазалхонам суханпардоз шуд.

## ФАРЗАНДИ МОДАРЕ БУД

Хайёму Ибни Сино фарзанди Модаре буд,
Фирдавсии тавоно фарзанди Модаре буд
Рустам, ки достон шуд дар рохи қаҳрамонӣ,
Афсона шуд ба дунё, фарзанди Модаре буд.
Бо киштиаш Гагарин то осмон сафар кард,
Шерона гашт боло, фарзанди Модаре буд.
Фарзона буд Ҷомӣ, шоҳи сухан Низомӣ,
Бар об рафта Саҳбо фарзанди Модаре буд
Восеъ чу марди майдон бар Балҷувон даромад,
Бечора гашт аъдо, фарзанди Модаре буд
Ахсант Модаронро гуфто Расули Акрам,
Инсони пиру барно фарзанди Модаре буд.
Имруз иди Модар – иди зан асту мардон,
Халқи тамоми дунё фарзанди Модаре буд.

## БОБОЯМ

Зи ҷабри бехудоён сахт ҳайрон рафт furобоям,
Зи дасти нокаси бединуимон рафт бобоям.
Чи марди хоксору некойин буд дар олам,
Ба соли сиву ҳафти нобасомон рафт бобоям.
Ба дил ҷо карда меҳри поку волои Худовандӣ,
Зи дасти душмани аҳли мусалмон рафт бобоям

Зи пиндори бузургон маърифат бигрифту воло шуд,
Ба сӯйи марг бо оёти Қуръон рафт бобоям.
Чунон шайдои шеъри Саъдии Шерозу Ҳофиз буд,
Хаёлам бо дилу табъи ғазалхон рафт бобоям.
Зи ҳаҷраш гиряҳои модари зорам ба ёд омад,
Зи чашмам донаҳои ашки марҷон рафт бобоям.
Худоё, рӯҳи покашро ба ҷаннат раҳнамоӣ кун,
Чу пок омад ба дунё, боғи Ризвон рафт бобоям.
Ба қалбаш тири аъдо буду хунаш мечакид аз тан,
Шаҳиди роҳи Ҳақ гардиду шодон рафт бобоям.

## АЛИФБОИ НИЁГОНАМ

Алифбои ниёгонам калиди донишу дин аст,
Калиди нуктаҳои беназиру ноби дерин аст,
Алифбои ниёгонам фано ҳаргиз намегардад.
Зи қалби тоҷики воло ҷудо ҳаргиз намегардад.
Алифбои ниёгонам бувад ҳамроҳи Мавлоно,
Зи ҳарфи ҳазрати Ҳофиз насиҳат гӯш кун, ҷоно!
Азизо, сиву ду ҳарфи ниёгонат зи бар бинмо!
Ҷамеи ҳарфҳои хештанро тоҷи сар бинмо,
Калиди кохи Фирдавсӣ, «Шифо»-и Буалӣ Сино,
Ман ин ҳарфи ниёгонро ба рӯйи дида мемолам,
Зи ҳар як донаи ҳарфи бузурги хеш меболам.
Алифбои ниёгонам бувад нобу суханпардоз,
Алифбое, ки тоҷикро бувад бахшандаи эъҷоз.

## ГАНҶИ СУХАН

Агар ганҷи сухан набвад, забон нест,
Фурӯғи зиндагӣ андар ҷаҳон нест.
Ниёгонам суханро тоҷ карданд,
Чу он тоҷе, ки андар хусравон нест.
Ба шеъри Рӯдакӣ парвона гаштам
Забонам бе суруди «Мӯлиён» нест.
Сано гӯем нерӯи суханро ,
Чу Фирдавсӣ худои достон нест.
«Гулистон»-и сухан обод карда,
Чу Саъдӣ ин чаманро боғбон нест.
Ба тори назм барчидам суханро,
Чи зебо шуд, баҳорашро хазон нест.
Худовандо, сухан додӣ бароям,
Зи шодӣ дар замирам ормон нест.

## ТЕЛЕФОН БОЗИЧА НЕСТ

Эй модари меҳрубон,
Ҳаминро дониста мон,
Телефон бозича нест
Аз барои бача нест.
Ба бача бозича деҳ,
Мошинча деҳ, зоча деҳ.
Ё хирсаки качпо деҳ,
Ё тӯбаки зебо деҳ.
Агар бидиҳӣ китоб,
Кӯдак шавад боодоб.
Ҳаргиз надеҳ телефон
Ба дастаки кӯдакон.
Мавҷаш зараровар аст,
Ҳатто, ки марговар аст.
Аз он мерасад зарар,
Ба дасту майнаи сар.
Кӯдак саратон шавад,
Дар дилат армон шавад.
Набераҷони ширин,
Биё, ба паҳлуям шин.
Бозӣ кун бо бозича,
Бо мошинчаю зоча.
Телефон бозича нест,
Аз барои бача нест.
Инро ба ту бибӣ гуфт,
Бибии Гулбибӣ гуфт.

## «2»-ДУШМАНИ ХОНАНДА

«Ду» гирифтам аз забон,
Қавоқам шуд овезон.
Падарҷонам малол шуд,
Лабу лунҷам кашол шуд.
Модаракам ҳайрон шуд,
Хоҳаракам гирён шуд.
Додаракам,-танбал,-гуфт,
«Занбӯри беасал», гуфт.
Бибиҷонам хандида,
Гуфто, каме ранҷида:
- Канӣ, биё, наваса,
Китоб хонем дукаса.
Донӣ забони Модар,
Дурдона асту гавҳар.
Номат бувад Диловар,
«Ду»-ро ба мо наёвар!
«Ду»-душмани хонанда,
Туро кунад шарманда.
Дидӣ, лабат кашол шуд,
Падарҷонат малол шуд.
Доно шав аз кӯдакӣ,
Ба монанди Рӯдакӣ!
Биё, забон мехонем,
Аз дилу ҷон мехонем
Қоидаро азёд кун,
Дили ҳамаро шод кун.
Донӣ-ку нобурда ранҷ,
Касе намегирад «Панҷ»!
Гуфтам, ки мардак ҳастам,
Миёнамро бубастам,
Фардо, - гуфтам, - Бибиҷон,
«Панҷ» мегирам аз забон.

## ЛОЛА

Хоҳаракам дусола,
Номи хоҳарам Лола.
Лола духтари ширин,
Ба монанди ангубин.
Хурсандии хонадон,
Ҳама ба ӯ меҳрубон.
Ҳатто бибию хола,
Шодӣ доранд аз Лола.
Лола – гули хонадон,
Лола – гули баҳорон.
Лола калон мешавад,
Моҳи тобон мешавад.

## ТАМОКУ БАЛОИ ҶОН

Ҳар кӣ мекашад сигор,
Бемор асту бемадор.
Гуфтамат аз дилсӯзӣ,
Дар оташаш месӯзӣ.
Гуфтаҳоям на аз кин,
Дар таркибаш никотин.
Тамоку – балои ҷон,
Сармояи саратон.
Бар он нашав ту моил,
Захр аст, заҳри қотил.
Душмани дилу ҷигар,
Мекушадат бе хабар.
Ҳайфи ранги арғувон,
Аз тамоку заъфарон.
Мекушад одамонро,
Аз шаш яки ҷаҳонро.
Мешавӣ, додари ҷон,
Аз кардаат пушаймон.
Одат намоӣ ба нос,
Осон нашавӣ халос.
Ин гуфтаамро ҳақ гир,
Аз шеъри ман сабақ гир.
Хоҳӣ, саломат бошӣ
Бо қадру қиммат бошӣ.
Ҷудо шавӣ аз сигор,
Бошӣ ба мисли баҳор.

## МУЧАЛ
***(Солшуморӣ)***

Ба муҷал намоӣ гӯш,
Аввал ояд соли «муш».
Навбати соли дигар
Соли гав ё ки “бақар”.
«Паланг» аст-соли саввум,
Ҳайвони бетараҳҳум.
Соли чорум «харгӯш» аст,
Зираку дарозгӯш аст.
Медарояд бе диранг,
Соли моҳӣ ё «наҳанг».
Соли шашумро шумор,
Соли аждар ё ки «мор».
Соли «асп» соли ҳафтум ,
Ба замин мезанад сум.
Ҳаштум соли «гусфанд» аст,
Ҳайвони дилписанд аст.
Соли нуҳум – ҳамдуна,
Медони-ку «маймун»-а.
Соли даҳум чу ояд,
Соли “мурғак” дарояд
Соли «саг” - соли вафо,
Соли меҳр асту сафо.
Соли «хук» чу дарояд,
Мучал ба охир ояд.

## СУХАНВАРИ МОҲИР

Шеъре навиштам дина,
Дар бораи Мадина.
Мадинаҷон шоир шуд,
Суханвари моҳир шуд.
Ба сӯяш илҳом омад.
Саҳар омад, шом омад.
Бо шеъраки тар омад,
Ба рӯйи дафтар омад.
Номи шеъраш «Модар» буд.
Модараш бехабар буд.
Дар нашрияи «Пайрав»,
Нашраш намуд даррав.
- Ана гуфто, модарҷон,
Шеъри ман бароятон.
Қаҳрамонам Шумоед,
Меҳрубонам Шумоед.

## ХОНАИ ЧАППАГАРДОН

Дидам хонаи калон,
Хонаи чаппагардон.
Мехоҳӣ дидани он?
Сафар кун ба Лаҳистон.
Ба ин хона биёӣ,
Аз бомаш медароӣ.
Тирезаву дар чаппа,
Ҳама саросар чаппа.
Гуфтаам ҳама рост аст,
Хона бе каму кост аст.
Вале чаппагардон аст,
Ҳама аз он ҳайрон аст.
Ин хонаи иштибоҳ
Тӯша ба чашми сайёҳ.

## ЧИЛДУХТАРОН

Як рӯзи истироҳат
Ману Кариму Озод.
Баҳри сайру саёҳат
Рафтем ба Муъминобод.

Аз дур шуд намоён
Чилдухтарони сангин.
Дар борааш шунидем
Мо қиссаҳои рангин.

Чил духтарак замоне
Буданд шоду хандон.
Масрур менамуданд,
Аз сайри лолазорон.

Ногоҳ душманонро
Он духтарон бидиданд.
Монанди оҳувоне
Болои кӯҳ давиданд.

«Ё Раб, ба мо мадад кун!»
Гуфтанд бар Худованд.
Сангин шавем беҳтар,
Бар кӯҳ гашта пайванд.

Бо қудрати Худованд
Дур аз палиду нокас.
Чилдухтарони зебо
Гаштанд дастнорас.

## ИФТИХОР АЗ «ШОҲНОМА»-Ю ФИРДАВСӢ

Ҳамегуфт як шоири хушсухан,
Ба Маҳмуд – шоҳи замони куҳан:
«Чӣ шоҳӣ, ки «Шоҳнома» нашнохтӣ?
Чу теғе дами хома нашнохтӣ?»
Ба қадри сухан мерасидӣ чу шоҳ,
Набудӣ чунин кавдану рӯсиёҳ.
Гуҳарҳои дониш ҳамекофтӣ,
Бузургӣ зи «Шаҳнома» меёфтӣ.
Ба Рустам задӣ таъна – заҳри сухан,
Ки ҳеҷ аст дар пеши гурдони ман.
Ту Заҳҳок будию гурдон-т мор,
Зи морони худ доштӣ ифтихор.
Чу пири хирадро ҳамеёфтӣ,
Таги пойи пилон-ш партофтӣ?
Ба пойи бузургӣ задӣ нештар,

Бимурдӣ ту аз марги худ пештар.
Чу беақл будӣ, пушаймон шудӣ.
Адӯи меҳони бузургон шудӣ.
Набудӣ чунин ҷоҳилу бадгуҳар,
«Агар шоҳро шоҳ будӣ падар».
Шунидам, зи хубону фарзонагон,
Ба Фирдавсию Рустами паҳлавон.
Самимона гуфтанд сад офарин,
Ба хуршеди тобони Эронзамин.
Ки шукрона бодо Худовандгор,
Зи Фирдавсию Рустами номдор.
Сано бар сухан, некхоҳи сухан,
Ба Фирдавсӣ, он подшоҳи сухан!

## СОЛИ НАВ

Як соли некӯ гузашт,
Мисли оби ҷӯ гузашт.
Соли меҳру вафо буд,
Соли сулҳу сафо буд.
Некиҳояш афзун буд,
Тантанаи Роғун буд.
Соли бахту зафар буд,
Сайёҳию ҳунар буд.
Дар куҷое сахтӣ буд,
Куҷое бадбахтӣ буд,
Ҳамааш паси сар шуд,
Ана, соли дигар шуд.
Дар мезанад Соли нав,
Бахти нав, иқболи нав.
Соли «хук» медарояд,
«Муҷал» ба охир ояд.
Аз ин соли мелодӣ
Мо интизори шодӣ.
Барои халқи дунё
Менамоям таманно:
Соли бобарор ояд,
Бе ҷангу фирор ояд.
Ҳаёти солим шавад,
Нодон ҳам олим шавад,
Ҳама китобхон шавад,
Ҳама сухандон шавад.
Ҳама шавад боодоб,
Озими кори савоб.
Дилҳо беғубор шавад,
Монанди баҳор шавад.
Ваҳдат шавад дар Ватан,
Дар амалу дар сухан.
Ватан Гулистон шавад,
Машҳури ҷаҳон шавад.

## БАҲОР ОМАД!

Навбаҳоро, ҳунари хеш намоён кардӣ,
Субҳгоҳон гули хуршед ба домон кардӣ.
Аз дили абри сияҳ гавҳару дурдона чакид,
Абрҳоро зи само рехта, борон кардӣ.
Ба рухи сабзаи навхоста аз хоки сияҳ
Саҳар аз шабнами тар шаддаи марҷон кардӣ.
Хушку беҷоншуда буданд дарахтон урён,
Бо масеҳодами худ марҳамати ҷон кардӣ.

Ноз бар чеҳраи гулҳои шукуфон додӣ,
Андалебони дилангез ғазалхон кардӣ.
Ту ҳамон Юсуфи мисрӣ, ки зи Канъон рафтӣ,
Бо ҷамолат ҳамаро волаву ҳайрон кардӣ.
Интизорони ту охир ба висолат бирасанд,
Бештар қалби маро лоиқи ҳиҷрон кардӣ.
Мурғи илҳом зи сармои зимистон бигрехт,
Боз омад, чу Худованд баҳорон кардӣ.

## ДИЛБАР НУРИДДИНОВА



*Дилбар Нуриддинова соли 1953 дар шаҳри Самарканд, дар оилаи зиёӣ тавлид ёфтааст. Вай баъди хатми мактаби таълими ҳамагонии рақами 5 ба номи Абӯаблуллоҳ Рӯддакӣ дар бахши забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд таҳсил намудааст.*

*Баъди хатми донишгоҳ вай солиёни зиёд дар мактабҳои шаҳри Самарқанд аз забон ва адабиёти тоҷик, омӯзиши алифбои ниёгон ба шогирдон дарс гуфта, сазовори унвони ифтихории “Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон” сазовор шудааст.*

*Дилбар аз овони мактабхонӣ ба шеъру адаб майли хоса пайдо намуда, чакидаҳои килкаш дар матбуот ва маҷмӯаҳои дастҷамъӣ чоп шудаанд. Китобҳои ашъораш таҳти унвони “Изҳор” ва “Муноҷот” дар Тошканд нашр шудаанд.*

*Дилбар ҳамчун бисёр адибони имрӯзаи Самарқанд чун шоираи зуллисонайн ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ пайваста эҷод менамояд. Ӯ ҳамчун омӯзгори эҷодкор ба анъанаҳои адибони мумтозу муосир пайравӣ намуда, бештар дар мавӯъҳои ахлоқӣ-тарбиявӣ шеърҳо ва таронаҳои мансур навишта хонандагонро ба соҳиби ахлоқи ҳамида будан ҳидоят менамояд.*

## МОДАРНОМА
**(Таронаҳо)**

## ЗИЁРАТИ МОДАР

Боз баҳор омад. Баҳори зебо, баҳори нотакрор. Баҳори сабзу хуррам…

Ман боз ба зиёрати Шумо омадам модар, то ки Шуморо бо навбаҳорон муборакбод намоям. Ин дафъа бо сари хаму хомӯш, дар даст бо гулдаста омадам.

Модар, сари қабрат омадам боз,
Бо меҳру муҳаббат омадам боз...

Борҳо ин ҷо омадаам. «Тамоми гиёҳу сабзаҳо сар бардоштанд, чаро Шумо сар намебардоред, Модар?» -гӯён нолаҳо кардам, аммо аз Шумо садое намебаромад. «Шумо чӣ сон сарду бемеҳр, чаро ёди маро намекунед»-гӯён дар қаҳрӣ мешудам, аммо аз Шумо садое намебаромад.

Ман, духтараки хурдсол, аз куҷо донам, ки ба арӯси ҷудо гашта аз ёри дӯстдошта, ба модари ҷавон аз кӯдакҳои норасида чӣ азобе будааст…

Ман аз куҷо донам, ки фасли баҳор, ҳангоми либоси арӯсиро дар бар гирифтани табиат зери хок рафтан чӣ даҳшате будаст.

Ман танҳо як чизро медонистам. Шумо бояд дар паҳлӯи ман бошед. Шуморо дидан, дидан ва боз дидан мехостам. Сурати Шумо дар ёди ман нест. Шуморо «зани соҳибҷамолу соҳибистеъдод буд» мегӯянд. Ин мисраи шоири шаҳир Мирзо Турсунзода ҳамеша вирди забонам:

«Тифл мондам аз ту модар, рӯйи ту дар ёд нест...»

Ин шеър гӯё аз забони ман гуфта шуда... Шоир торҳои нозуку ноаёни қалби маро ба қалам гирифта…

Ҳоло ҳам ҳар як шеъри хуби шоир, созу суруди ҳофиз, ҳар як лаҳзаи ҳаёт Шуморо ба ёд меорад.

Овози модаре, ки бар сари гаҳвораи дилбандаш суруди нахустини зиндагӣ мехонад;

Кӯдаке ки қадамҳои аввалини худро гузошта «оча» гӯён худро ба оғӯши модар мепартояд.

Модаре, ки шаби тӯйи арӯсии духтараш бо чашмони пур аз ашки шодиву бо лабони пуртабассум духтари худро ба хонаи домод гусел мекунад;

Модари кӯҳансоле, ки фарзандаш кайҳо модар шудаасту ӯро мисли кӯдак мепарварад.

Фарзанд як пораи дили модар будааст. Дар вақти ба олам омадани фарзанд дар ҳаёт мондани модару фарзанд имконнопазир бошад, бе ҳеҷ як шакку шубҳа, бе ҳеҷ як фикру мулоҳиза, модари бечора, бигузор дилбандам саломат монад - мегӯяд. Гарчанд ҳоло вай на рӯйи он дилбандашро дидаасту на овозашро шунидааст.

Модар ҳаргиз намемирад.

Аз ҷумла, Шумо ҳам, модарҷонам!

Илоҳо Парвардгори Оламиён дар олами боқӣ ҷойи Шуморо дар ҷаннатул Фирдавс ҷовидон бимонад!

## МОДАРҶОН

Саҳаргоҳон. Ҳоло мурғони чаман болу пар накушодаанд. Аз хоб мехезаму гоҳо ба ёдам Модари ҷонам меоянд. Аз рӯи сураташон симои пурнури Модарам ба пеши назар меояд. Як ҷавонзани зебо, бо чашмони шаҳлою маҳзун, бо лабҳои нимтабассум ба ман нигоҳ мекунанд. Ман бе савту садо бо он кас роз мегӯям. Мегӯям, ки Модарҷон ба оғӯши гарми шумо ба воя нарасидаам. Дастҳои нарми шумо сари маро молида навозиш накардаанд, мӯйҳои маро набофтаанд, тоқиҳои симу-заррин напӯшонидаанд. Куртаҳои рангину

минчокдор дӯхта, пӯшонида маро оро надодаанд. Модарҷон аз дастони меҳнатқарини шумо кулчаҳои гарму ширин нахӯрдаам. Дар лаҳзаҳои пуррангини ҳаёт дар паҳлӯи ман набудед. Агар ҳаёт мебудед, албатта ин тавр намешуд. Бо вуҷуди ин ман шуморо Модарҷон, бисёр дӯст медорам. Шумо доимо ба ёдам меоед. Модарҷон ман худ ҳоло нафақат модар, балки кайҳо момо шудаам, аммо, ҳамон бонуи зебои дилороро пеши назарам меорам. Ва мегӯям, ки агар ҳаёт мебудед хизматҳои шуморо ба ҷо меовардам ва ин барои ман бахти бузург мешуд.

*Модари меҳрубонаму ба ҷону дил баробарам,*
*Агар ҳаёт мебудед, медоштам чун тоҷ бар сарам.*
*Хизмати модар ба ҷо овардан бахту шараф аст,*
*Ҳадисе ҳаст: "Ҷаннат зери қадами модарон аст".*

Модарҷон, агар шумо ҳоло ҳаёт мебудед, шояд як пири нуронии дуогӯй мешудед. Ҳоло ҳам Модарҷон ҳар боре, ки пеши назар меоед, мегӯйед, ки "Ҷонакам ба даргоҳи Офаранда шукр, ки то ин дам туро азиз кардааст ва ҳеҷ гоҳ хорие надидаӣ. Бигузор, то дами охир ин чунин бошад. Нури чашмони ман ба ту доимо хушиҳои зиндагӣ таманно дорам. Ту охир як порчаи вуҷуди ман ҳастӣ. Дар узвҳои ту хуни ман ҷорӣ ҳастанд. Ба омадани ту дар ин дунёи фонӣ Парвардгори оламиён маро сабаб кардааст. Агарчи дар тақдири сарнавишти мо бармаҳал ҷудо гаштан буд, вале ҳар яки мо бо худ хушбахт будем. Илоҳо, охири ҳар як кор бо хайр гардад".

Дуруст гуфтед: Модарҷон, илоҳо "охират" низ ба хайр гардад. Ба Офаранда шукрҳо, ки муҳаббати шуморо, Модарҷон ба дили ман ниҳода аст.

*Саҳаргоҳон, бе садо розҳо мегӯям ба модарам,*
*Гулҳои чаман бе шумо хор мегӯям ба модарам.*
*Шукрҳо мегуфтед ба тақдиру ҳаёту ҳам бахти худ,*
*З-ин рӯ дар олами фонӣ некном мондед модарам.*

## ОҲ МОДАРИ ҶОНАМ

Оҳ модар, модари ҷонам. Оҳ модар, модари меҳрубону ғамхорам. Оҳ модар, модари соҳибҷамолу соҳиб каломам. Шуморо пазмон шудам. Дар лаҳзаҳои хуби зиндагӣ: Дар комёбиҳо, дар пирӯзиҳо, дар шодию фараҳҳо, дар хушбахтию, хушвақтиҳо ба ёдам меоед модар.

Оҳ модар, модари оқилаю оростаам. Оҳ модар, модари меҳнатдӯсту меҳмоннавозам. Шуморо дар бемориҳо, дар танҳоиҳо дар ғаму андӯҳҳо ба пеши назар меорам.

Оҳ модар, модари рӯзнодидаам. Агарчи шумо дар чоряки аср бо олами фони хайрбод гуфтед, аммо аз ҳаёт, аз тақдир шиква намекардед. Нолаю гирён намешудед. Шумо аз тақдири худ, аз бахти худ масруру сарфароз будед. Ба Офаранда шукрҳо мегуфтед, ки ба бахти модарӣ мушарраф ҳастед. Шукрҳо мегуфтед, ки ҳамсари дӯстдоштаед. Ба хешу ақрабои худ мӯнису малҳам ва бо ташвиши онҳо умр ба сар мебурдед. Аз ин рӯ ҳама шуморо дӯст медошт ва азиз мепиндошт.

Аз Офаранда илтиҷо дорам, ки бигузор дар олами боқӣ низ шуморо азизи худ созад. Дуои фарзанд ба ҳаққи волидайн амали воҷиб будааст.

*Дуое аз каломи дин, ба ҳаққи модарам гӯям,*
*Каломе аз замири дил, ба ҳаққи модарам гӯям.*
*Оҳ модарам, модари ба ҷону дил баробарам,*
*Баёти назми хуби худ, ба ҳаққи модарам гӯям.*

## МОДАР

Модар! Модарҷон! Чи калимаи хушу зебост, чи калимаи дилкашу гуворост. Дар як калимаи хурдакак олам-олам маъно муҷассам аст. Ризогии модарро ёфтан, хизматхои модарро ба ҷо овардан, чи аҷрхои бузурге дорад. Муҳаммад Мустафо (с) ҳабиби Аллоҳ фармудаанд: «Ҷаннат зери қадами модарон аст», аммо ин неъмати бузург на ба он модароне, ки фарзанди худро ба дунё оварда ба талоши баҳри зиндагӣ ба ҳоли худ партофтаанд. Балки барои он модароне, ки фарзандони худро бо меҳру мухаббат, бо навозиш, бо машаққат, бо эътибор тарбия намуда, аҳли тамиз кардаанд. Ин гуна модарон сазовори ҳурмат ва эҳтиром ҳастанд. Муҳаббати модарон мисли обҳои дарё равон ва беканор, мисли обҳои чашмаҳои шифобахш беҳамто аст. Муҳаббати модар он қадар устувор аст, ки санги кӯҳҳо хок шавад ҳам, аммо муҳаббати модар кам намегардад. Ин муҳаббати бузургу тавоноро ба қалби модар Парвардгори оламиён ҷо кардааст. Аз ин рӯ аллаҳои дилфиреби модар қалбро ба наво меорад. Навозишҳои меҳрибононаи модар ба дили кас илҳом мебахшад. Дуои модар ба мурооду мақсад мерасонад.

Агарчи муҳаббати модар чун кӯҳҳои азим устувор аст, аммо қалби ӯ чун гулҳои баҳори нозук аст. Парвардгори оламиён ба мо фармудааст, ки мо набояд дар назди модар «уф» гӯем. Бо нигоҳи сард нигоҳ накунем, бо овози баланд ҳаргиз сухан нагӯем. Дар назди эшон по дароз накунем. Дар пирӣ ҳурмат, эҳтиром ва навозиш намуда, ризогии модарро ёфтан, бахти бузург аст. Зеро ки мегӯянд: «ризогии волидайн дар ризогии Худованд аст, шодии онхо дар шодии Парвардгор аст».

Илоҳо, ризогии модарон ва шодии онҳоро ёфтан ба ҳамаи мо насиб гардад.

*«Уф», нагӯ ҳаргиз ту эй, дар назди падар ҳам модарат,*
*Хоксору бо адаб бош , ту назди падар ҳам модарат.*
*Сухани бад магӯ, назди ӯ по дароз ҳаргиз макун,*
*Эъзозу эҳтиром кун дар пирӣ падар ҳам модарат.*

## ПИРӮЗИИ ЗИНДАГӢ

Рӯзҳои сарди зимистон. Сардӣ ба дараҷаест, ки туф кунед ях мекунад. Бо вуҷуди ин роҳи хонаи бобоямро пеш гирифтам. Ҳафтае дусе бор бобои пири нурониамро хабар мегирам.

Аз дар даромадан ҳамоно бобоямро дар ҷойгаҳ дида:

- Магар бетоб шудед бобоҷон, чаро хоб кардем? – гуфта пурсидам бо хотири парешон..

- Ҳа, бачем, ба нохост бетоб шудам. Тарсидам, ки мабодо дар ҳамин ҳавои хунук қазоям нарасида бошад, - гуфтанд бобоям маҳзунона.

- Не, бобоҷон натарсед. Шумо ҳоло бардаму бақувват ҳастед, умри дароз мебинед, - дилбардорӣ намудам ман.

- Ман аз мурдан наметарсам, "пир шудан-мурдан" мегӯянд. Ман аз он метарсам, ки мабодо дар ҳамин ҳавои сард бандагиро ба ҷой оварда монам, шумоён азоб мекашед, кӯдакҳои хурдсол доред, овора мешавед...

Аз суханони бобоям ба чашмонам ашк ҳалқа зад. Аҷабо, аз ҷони ширин чудо шуданро не, ба зери хоки сарду сахт рафтанро не, балки роҳату осудаҳолии моро фикр мекунад ӯ. Оё ин нишонаи пирӯзии зиндагӣ нест?.. Магар ин нест ғолибияти ҳаёт бар марг?...

Расули акрам (с) фармудаанд "Маънои ҳақиқии ҳаёт рӯҳи бедору дили зинда аст"…

## ШУКРОНА

Ба ойина назар кардам. Чашмонам ба торҳои сафеди мӯйи сарам афтод. Дилам ба танг омаду гуфт: магар ман дигар ҷавон нестам? Магар дигар наметавонам Дилбар бошам?! Ҳамаи инҳоро ба ту гуфтам. Ту сарамро ба синаат пахш карда, дар ҷавоб гуфтӣ:

- Не азизам, ту ҳамоно ҷавонӣ, дилороӣ. Танҳо мӯйҳоят каме сафед шудаанд. Ин торҳои сафеди мӯй ҳам мисли ситораҳои дурахшон дар шаби тор зебандаанд. Ташаккур ба ту, азизам. Аз ин суханонат сарам ба осмон расид.

Шукри беадад ба Парвардгори оламиён, ки маро бо ту рӯ ба рӯ кард.

## САРОБИ ЗИНДАГӢ

Дар баҳри зиндагӣ аз накӯкорӣ киштие насохтам, ки бо он гузарам. Дар тоату ибодат боле ҳам надорам, ки парвоз кунам. Дар рӯйи баҳри ҳаёт чун хасу хошок-ночизу ҳеҷам. Дар саробн зиндагӣ чун гирдоб саргардонам. Гоҳ аз паси ҳою ҳаваси дунё мераваму гоҳ дар хоби ғафлат мемонам. Баъзан пешаи сабрро аз худ дур сохта, кибру ғурурро ихтиёр мекунам. Гоҳо бошад, дар чеҳра тундию дар имон сустӣ дорам. Аммо ноумед намешавам.

Ноумедӣ куфр аст.

Доимо дар қалбу ёдам туӣ. Офардигорам. Умед дорам,ки гунаҳкор ману бахшанда туӣ, бемор ману шифобахш туӣ. Ҳолам ба худат аён аст, ҳар чорае дорӣ, худат медонӣ. Фақат меҳри худро аз ман дареғ надор. Парвардгорам.

## ИЗҲОРИ МЕҲР

Дар ҳаққи падар сухан гуфтан хоҳам забонам лолу қалам оҷиз аст. Бо вуҷуди ин, ки дар бораи азизу муқаддас будани падар, дар бораи меҳнату машаққатҳои инсони бузург сухан меронам, дар пеши назарам падари нурониам намудор мегарданд ва шеъри шоири Самарқандӣ Хуршед Қамарро вирди забон мекунам:

*Ман дар ин дунё надорам ҷуз падар як раҳбаре,*
*Ҳамдамеву маҳрамеву сарвареву гавҳаре.*
*Осмони бахти ман, аз ту сарафрозам, падар,*
*Дар сари умри ҷавонӣ бо ту менозам, падар!*

Ва мегӯям, ки кош ман ҳам шоир мебудаму дар васфи падар шеъре мегуфтам. Кош ман Монии Чин мешудаму акси пурмеҳри падарро мекашидам. Кош ман файласуф мешудаму панду андарзҳои падарро мегуфтам. Мегуфтам, ки падарҷон чаро гарму сарди рӯзгор, пасту баландиҳои зиндагӣ мӯйҳои шуморо сафед, абрӯвонатонро гиреҳ карду ба қалби покатон осебе нарасонд, меҳру шафқатро ба кину адоват, сабру тоқатро ба ғазаб, ҳиммату саховатро ба пастӣ мубаддал накард. Заррае амалҳои неки Шуморо накост. Шумо ҳамон хоксор, боҳиммат, ҳолпурсу ҳолдони мардум ҳастед. Касоне, ки Шуморо мешиносанд мегӯянд, ки агар дар олам ду фарзанди дуогирифта бошад, яке падари ту, агар якто бошад, вай падари ту аст.

Чӣ ҷойи шубҳа, дар воқеъ ҳақ асту рост. Худ кайҳо бобо шудаед, садҳо торҳои сафед дар мӯй доред, аммо падари худро мисли кӯдак парвариш мекунед. Гарчанде соҳиби мансабу мақомед, лаҳзае аз ҳоли падари пири дармондаи худ бехабар нестед. Балки меҳру ҳурмату эҳтироми мо ба падари бузург аз боиси Шумо аст, балки ҳамаи хислатҳои неки Шумо ҳам аз падари бузург аст.

Падарҷон, кош ман ҳам дар ҳаёт заррае ба Шумо монанд шаваму одамон гӯянд, ки ин духтари Нуруллои Нуриддин. Ман худро хушбахттарин фарзанд мешуморидам. Расули акрам (с) фармудаад «Беҳтарин некиҳо хӯйи нек аст».

Илоҳо, амалӣ гардидани ин фармудаҳои Расули акрам (с) ба ҳамаи мо насиб шавад ва аз савоби он шумо баҳраманд гардед.

## БИБИҶОНАМ

Духтари калон шудам,
Гаҳворачунбон шудам.
Абдувалӣ додарам,
Апаи калон шудам.

Дасти рости бибиям,
Гапрасони бибиям.
Бобоям гар ҷанг кунад,
Пуштибони бибиям.

Бибиҷони базебам,
Пеши рӯйи додоям.
Додом ба сафар равад,
Дуогӯйи додоям.

Бибӣ мепазад таом,
Ҳам зебо гӯяд калом.
Гоҳе шеър агар гӯяд,
Мехонам баҳри бобом.

Бибиҷонам рафта ҳаҷ,
Мушки анбар овардаст.
Оби Замзаму хурмо,
Аз он сафар овардаст.

Бибиҷонам бадавлат,
Басавлату батоат.
Моён аз сояи ӯ

Ёбем бахту саодат.

Бозӣ кунам дар хона,
Хонда шеъру тарона.
Оши палав мепазам,
Агар ой, дугона!

## МУНОҶОТ

Эй Худо, бахшо хатои Дилбари дилдодаро,
Дар миёни баҳри олам як хаси бечораро.
Оҷизу ночиз мисоли шохаи хушки дарахт,
Аз пайи нафсу шақоват дар ҷаҳон овораро.
* * *
Эй Худо, аз ҳамраҳии нокасонам дур дор,
Аз риёву аз тамаъ, шарри забонам дур дор.
Рӯзи маҳшар кун сарфарозам қатори солеҳон,
Аз сафи бедонишону гумраҳонам дур дор.
* * *
Эй Худовандо, Туӣ бар хақ дар ин ҳаждаҳ ҳазор,
Ман заифу нотавонам, дар роҳат гирёну зор.
Ҳамчу парвона ҳамесӯзам зи ишқат, эй Худо,
Бо тараҳҳум кун қабул ишқи маро, эй Кирдгор.
* * *
Бо тараҳҳум, эй Худо, гуфтӣ, ки ман аз баҳри ёр,
Мекунам авфи гунаҳ аз умматони шармсор.
Беадад шукру сано гӯям ба ту, ё Раббано,
Он ки моро кардаӣ аз уммати он шаҳриёр.
* * *
Эй Худо, аз суҳбати бемуддаоям дур кун,
Аз шурури кинаҷӯву беҳаёям дур кун.
Ман, надонам имтиёзи нокасону ҳам касон,
З-аҳли арбоби риё, з-аҳли балоям дур кун.
* * *
Ё Илоҳо, аз саховҳои худат шодам бикун,
Аз карамҳову атоҳои худат шодам бикун.
Раҳм кун ба ҳоли ман, бахшо гуноҳи кардаам,
Эй табибам, аз давоҳои худат шодам бикун.
* * *
Гӯри тангу тори моёнро чароғ омад намоз,
Гар саховатпешаӣ, аз дил бурун кун кину оз.
Ҳар кӣ бошад дар намоз, ӯ гашта ҳамрози Худо,
Эй Худовандо, фузун кун дар намози мо ниёз.

*      *      *

Эй Худо, бемор ҳастам, худ ту дармонам бидеҳ,
Сарсариҳо гаштаам, ё Раб, ту сомонамро бидеҳ.
Шукрҳо гӯям ба даргоҳат, Худои меҳрубон,
Дар раҳи охир зафар ба деву шайтонам бидеҳ.

## МАРЯМ ДАВЛАТОВА



*Марям Давлатова 5 майи соли 1955 дар шаҳри зебои Душанбе ба дунё омадааст.*

*Марям Давлатова соли 1976 факултаи филолигияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намуда, алъон номзади илми филология мебошад.*

*Муаллиф ва барандаи барномаҳои телевизионии «Дабистони оиладорӣ» (ТВ «Тоҷикистон» 2015), муаллиф ва барандаи барномаи телевизионии «Эҳсос, афкор ва рафтор»(ТВ «Сафина» 2016-2018), муаллиф ва барандаи телевизионии «Алифбои хушбахтӣ» (ТВ «Сафина» 2019), «Рӯҳафзо» (радиои «Ховар») (айни замон).*

*Муаллифи тақрибан 150 мақолаи илмӣ ва оммавӣ, китобҳои: «Таълими назарияи гендер дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ» (2009), «Инъикоси назарияи гендер дар адабиёти тоҷик» (2011), «Қаҳрамони лирикии осори Мирзо Турсунзода» (2011). «Нақши муҳити оила дар тарбияи худогоҳии миллӣ» (2015), «Чархса» (маҷмуаи шеърҳо. 2016), «Дар раҳгузари ишқ» (маҷмуаи шеърҳо, 2018).*

*Мураттиби китоби «Аснод доир ба ҳуқуқҳои занон» (2004), тарҷумон ва мураттиби китоби «Вожаномаи гендерӣ», (2005), мураттиби китобҳои «Олиме, ки қонуни Нютонро инкор кардааст» (2006), «Гулчини «Равзана ба ҷаҳон» соли 2009, тарҷумони «Дастурамали татбиқи усулҳои гендерӣ» (2006), «Резолютсияи САҲА 1325» (2005), «Гуногунии биологӣ ва нақши занон» (2009), «Элмира Охундова «Ҳайдар Алиев. Шахсият ва Замон.» (2013), «Анорпарварӣ» (2017).*

*Муаллифи бештар аз 100 модул оид ба ҷанбаҳои гуногуни масъалаҳои психологии муносибатҳои занону мардон, нақши занон дар ҳифзи экологияи кишвар.*

*Коршиноси миллии барномаҳои занонаи Бунёди Сорос, барномаи САҲА «Волидон бар зидди терроризм» 2014-2019.*

*Иштироккунандаи беш аз 70 семинар, конфронсҳои байналмилалӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни масъалаҳои муносибатҳои мардону занон, журналистика, экология, масоили пешгирии паҳншавии терроризм дар ҷаҳон. Шаҳрҳои Душанбе, Тошканд, Кайроққум, Бишкек, Алма-Ато, Маскав, Кобул, Варшава, Брюссел, Теҳрон, Шероз, Ашқобод.*

*Муассис ва сардабири маҷаллаи «Равзана ба ҷаҳон». Аълочии матбуоти Тоҷикистон.*

## ҒАЗАЛҲО

Ишқи нав дар дили худ ҷой диҳам ё надиҳам,
Ба раҳи мушкили нав пой ниҳам ё нанниҳам.

Солҳо бандии деву дади танҳоӣ буд,
Ман ба озодии дил рой диҳам ё надиҳам..
Дару девори ҷаҳонам ҳама дар чанги мағор,
Шуста бо сабзааш орой диҳам ё надиҳам.
Дар замирам гули умед дамидан дорад,
Баҳри ӯ базми дафу ной диҳам ё надиҳам.
Азму шукранд беҳин марҳами захми дили мо,
Ишқи нав дар дили худ ҷой диҳам? Ҳо бидиҳам!

*　　*　　*

Бар қомати расои ту ошиқ намешавам,
Ба ҳусни дилрабои ту ошиқ намешавам.
Лабханд мезаниву пас бо ғамза мекушӣ,
Дигар ба хандаҳои ту ошиқ намешавам.
Буйи вафо намерасад аз боғи тинатат,
Бар атри камбаҳои ту ошиқ намешавам.
Саррофи ҳарфи холии бемуҳтавостӣ,
Моно, ба муҳтавои ту ошиқ намешавам.
«Дидор менамоиву парҳез мекунӣ»,[1]
Гар нестам сазои ту, ошиқ намешавам....

*　　*　　*

Биё андар дили тангам, ҷаҳон андар ҷаҳоне бин,
Биё дар манзари чашмам, замину осмоне бин.
Биё дар гиряи талхам ту шаҳди зиндагӣ дарёб,
Биё дар ларзаи дастам ту неруву тавоне бин.
Биё аз сатри ожангам китоби ошиқӣ мехон,
Биё дар муйи испедам, ту нақши навҷавонӣ бин.
Ман инсони заминиям, ҳама авранги эҳсосам,
Биё аз шеъри сабзи ман ту аржанги равонӣ бин.

*　　*　　*

Чӣ дар масҷид, чӣ дар бозор, чӣ дар бӯстон, ту он ҷойӣ,
Чӣ бо бегонаву бо худ, чӣ бо дӯстон ту он ҷойӣ.
Чӣ дар саҳна, чӣ ойина, чӣ дар пушти дари хона,
Чӣ дар мисраъ, чӣ андар байт ва ё дастон ту он ҷойӣ.
Зи худ худро ҳамеҷӯям, туро умре ҳамепуям,
Агарчи ҳаст маълумам, ба мағзи ҷон ту он ҷойӣ.
Гуноҳам ман, савобам ман, суоли беҷавобам ман,
Лиқоям ман, атоям ман, аё инсон ту он ҷойӣ.

*　　*　　*

Биҳишти мо будӣ в-аз дида нопайдо шудӣ модар,
Ту аз мо рафтиву дар синаи ҷон ҷо шудӣ модар.
Тамоми умр баҳри мо кашидӣ заҳмату ҳайҳот,
Зи мо роҳат надида, рафтиву аз мо шудӣ модар.

---

[1] Ин мисраъ моли Саъдист

Ғами ту ганҷи пинҳони дилам буд солу моҳу рӯз,
Дар ин чанд байти номавзуни ман ифшо шудӣ, модар.

* * *

Писарам, ҷон писарам, ҷон писарам,
Эй беҳин туҳфаи Яздон писарам.
Ҳар куҷо по бинихӣ, сабз шавӣ,
Наҷми бахтат партавафшон, писарам..
Сарпарастат Худованди карим,
Рӯзият бод фаровон, писарам.
Шухрату сарвати некат хоҳам,
Зери ин гардуни гардон, писарам.
Дар сахо Ҳотами Тойӣ бошӣ,
Дар раҳи адл Нушервон, писарам.
Зиндагӣ печу хамиҳо дорад,
Мушкилат бод ҳама осон, писарам.
Муттако ақлу заковат бошад,
Раҳнамоят фақат имон, писарам.

* * *

Навбаҳор аст, биё дилбари мо, рақс бикун,
Дил бубар аз ҳамаву дар бари мо рақс бикун.
Шаҳри мо чун ҳама савдозадаи ишқи туянд,
Бурун аз шаҳр биё, ҳампари мо рақс бикун.
Баски дар ишқи ту аз хеш бурун омадаям,
Бинишин бо ману дар соғари мо рақс бикун.
Ҷони ман дар қадамат об шавад боке нест,
Нанигар бар ману чашми тари мо рақс бикун.
Он яке гулхани наврӯзӣ биё дар бидиҳем,
Гирди он ёри баландахтари мо рақс бикун.
Шеъри наврӯзии ман гар ки писандат н ояд,
Қаламам бишкану дар дафтари ман рақс бикун.

* * *

Писарам, ҷон писарам, ҷон писарам,
Қуввати ҷониву ҳам зебу фарам.
Панди сахтат бидиҳам сахт маранҷ,
Чӣ кунам? Модараму ҳам падарам..
Аз Худо тоза ҷавонӣ хоҳам,
То набинӣ, писарам, дарди сарам.
Бардаму шод бихоҳам зистан,
То бад-он соате, ки даргузарам.
То ки дар тӯй зи ҷон рақс кунам,
То ба тифлони ту савғотӣ харам.
То ба мардонагият такя кунам,
Ҳам зи фарзонагият баҳра барам.
Чу расад соати рафтан зи ҷаҳон,

Дасти ту бод ба болои сарам.
Гузарам чун зи ҷаҳон, ғусса махӯр,
Баҳри ту пеши Худо нома барам.
Эй Худо, ҳифз кунӣ фарзанди маро,
Писарам, ҷон писарам, ҷон писарам.

*    *    *

***Ба ёди устод Айнӣ***

Мактаби Айнӣ надида дарси ӯ омӯхтам,
Ҳамраҳи Одинааш дар зиндагонӣ сӯхтам.
Ҳар шабе будам ба дор аз дасти «Ҷаллодон»- ӯ,
Ҳамраҳи дохундаҳояш инқилоб афрӯхтам.
Дар Бухоро ҳамраҳаш ман ҳам сабақ бигрифтам,
Ҳам зи маҳфилҳои орифона нур андӯхтам.
Тафсири Бедил кӣ медонист чун устоди мо,
Дар раҳи армони Айнӣ дида то ҳол дӯхтам.
Сарфу наҳви тоҷикӣ бе килки ӯ бегона шуд,
Сарфу наҳви тоҷикӣ аз ҳарфи ӯ омӯхтам. [2]

*    *    *

***Ба ёди устод Турсунзода***

Зеҳни моро шеъри ту бо шеър ошно карда буд,
Номи моро номи ту дар даҳр боло карда буд.
Кӯдаке будам замони «Ҷони ширин» гуфтанат,
«Ҷони ширин» дар забони халқ маъво карда буд.
Мо зи шеъри ту «Садои Осиё» бишнидаем,
Дарди ҳиндуро ба гӯши халқи дунё карда буд.
Аз ҳама беҳтар занонро шеъри ту тасвир кард,
Эътибору иззаташ оваҳ, чӣ воло карда буд.
Наврасе будам, ҷаҳони мо туро аз даст дод,
Халқи ту дар мотамат бо дард ғавғо карда буд.
Баъди ту миллат бимонду то ҳанӯз бемор монд,
Миллати садпораро меҳри ту якто карда буд.
Ман ба ту азбаски додам меҳри фарзандии худ,
Мисраи чанде, ки гуфтам ёдат илқо карда буд.

*    *    *

Омад баҳору тоза зи гул пираҳан кунам,
Аз нав ҳавои боғи гули настаран кунам.
Берун равам зи шаҳру насимвор пар кашам,
Дигар макони зист канори чаман кунам.
Бо сор ҳамнавову зи булбул сабақситон,

---

[2] Устод Айнӣ мехостанд, ки шарҳи ашъори Бедил ва сарфу наҳви забони тоҷикиро бинависанд, вале умрашон бақо накард.

Чанге биёру замзама бар анҷуман кунам.
Парҳези ғам намояму шодобӣ аз сурур,
Нӯше зи ҷоми лолаи саҳро чу ман кунам.
Ҳон дилбаре, ки дил зи тамошо буридаӣ,
Боз о, зи шеъри тозаи Марям сухан кунам.
* * *
Ҳама дарди дил парешад ба ҳавои ёди Ёрам,
Ва ҳазор нағма хезад ба навои ёди Ёрам.
Агарам нигори хокӣ ҳама хок ба сарам кард,
Сари мову авҷи гардун, ки ба пойи ёди Ёрам.
Манаму ҷаҳони мастӣ, бурун аз ҷаҳони ҳастӣ,
Зи ғами замон биҷастам ба вафои ёди Ёрам…
Кушодам дафтари дилро ҳама садбарги тар онҷо,
Ва ҳар як ғунчаи зебо тар аз хуни ҷигар он ҷо.
Варақ гардондам онро, чӣ исёнҳо, чӣ майдонҳо,
Чӣ хунин қиссаҳое сабт шуд бо хатти зар он ҷо.
Вале сокиту беғавғо ҳама дар ҳарбу дар зарбанд,
Нагардӣ ғарқи хуни дил, намеёбӣ хабар он ҷо.
Биё Марям, ҷаҳони тоза пайдо кун аз ин дафтар,
Ки меёбӣ ту огоҳӣ зи кулли баҳру бар он ҷо.
* * *
Дар ҳар ҳиҷои шеъри ман бошад садои ишқи Ту,
Савту садои шеъри ман бошад навои ишқи Ту.
Ҳар рукни шеъри тар маро ба Ёр наздиктар барад,
Ганҷест гар ашъори ман, резам ба пои ишқи Ту.
Афсуни килку ҳарфи ноб, чизе набошад ҷуз ҳиҷоб,
Андар замири он ниҳон афсонаҳои ишқи Ту.
Гар бо манӣ, гар бе манӣ, гар бо туям, ё бе туям,
Берун шудам з ин бандҳо, андар ҳавои ишқи Ту.
Ҳастии ман дар ин ҷаҳон, донам, ки бошад бегумон,
Аз ибтидо то интиҳо танҳо барои ишқи Ту.
* * *
Шеъри ман чун оби дида,
Метаровад чида чида.
Гоҳ чун шир меравад сар,
Аз хурӯши дил дамида.
Гоҳ тифли тозароҳ аст,
Аз бағал берун давида.
Гоҳ дарди пухта бошад,
Дар дили ман орамида.
Ҳам гаҳе ӯ шиква орад,
Аз ғами қалби рамида.
Дар ҳам ҳоле, ки бошад,
Шукри Ҳақ дар он падида.

Рӯҳи Марям ёбад он ҷо,
Ҳарки Марямро надида.
* * *

Ман диле дар кишвари дилдодаҳо гум кардаам,
Махзане будам пур аз ишқу сафо, гум кардаам.
Аз пайи он дил маро умеду шодиҳо бирафт,
Ақли раҳҷуиву ҳам худ ҷодаро гум кардаам.
Лаб ба дандони алам бас мегазам, аз дарди дил,
Кас намедонад, чирову ҳам чаро гум кардаам.
Сар задам ба ҳар даре дар ҷустуҷуи гумшуда,
Дард пайдо кардаму ҳайфо даво гум кардаам.
Марямо, умри азизат сарфи гумҷуйӣ бишуд,
Ҳар чи бо ман буд, дар ин моҷаро гум кардаам.
* * *

Ёрони азиз, баҳри ман инъом биёред,
Бар маҳфили мо бодаи гулфом биёред.
Хун хӯрдаам умреву ҳама хун бигиристам,
Бар қиссаи хунини ман анҷом биёред.
Шӯрида дил аз дилбари ағёрпарастам,
Шӯридаи моро даме ором биёред.
Парҳезидаам з -ишқ, ки бадном набошам,
Бадномӣ дигар бар мани хушном биёред...
* * *

Ман лолаи танҳоям, дар домани саҳроям,
Бо чеҳраи чун оташ, лабханди таманноям.
Не боғу чаман донам, не атри суман донам,
Ҷуз бод наменӯшад аз соғари лабҳоям.
Хандонаму хандонам, ман соғари боронам,
Медонаму шодонам, к- ишқ аст саропоям...
* * *

Дило, дигар зи шаҳрат рафтаму вопас намеоям,
Зи худ ман сӯйи худ рафтам ба шаҳри кас намеоям.
Дило, дигар зи дарди беамонат даст мешӯям,
Ба шӯру валвала аз неши ҳар як хас намеоям.
Агар ки дафтари шеърам фақат бо номи ту бошад,
Ба оташ медиҳам килкам, вале вопас намеоям.
* * *

Агар рӯзе аз ин майдон равам, чун шер хоҳам рафт,
Саропо дил, саропо ишқ, саропо шеър хоҳам рафт.
Зи бас ман аз камонӣ тоқи абруро парастидам,
Агар садсола ҳам гардам, ба сони тир хоҳам рафт.
Зи ҳасрат шодӣ омӯзам, зи тӯҳмат покӣ андӯзам,
Ба ашкам захми дил дӯзам, ҳама тоҳир хоҳам рафт.
Зи худ афсонаҳо монам, тиҳӣ паймонаҳо монам,

Давоми қиссаро хонам, бад ин тадбир хоҳам рафт.
Агар рӯзе аз ин майдон равам бо тақвими тақдир,
Ба дил шукронаи ишқу ба лаб такбир хоҳам рафт.

* * *

Гуворо шарфаи пойи ту меояд, аё борон,
Наме моро зи дунёи ту меояд, аё борон.
Тароват нопадид аз шеъру аз рухсору ҷони мо,
Агар ояд зи дарёи ту меояд, аё борон.
Дари моро намекӯбад на ёреву на дилдоре,
Паси тиреза ғавғои ту меояд, аё борон,
Ту танҳо нестиву дарди танҳоӣ намедонӣ,
Зи дарди мо чӣ парвои ту меояд, аё борон.

* * *

Шеъри тар, эй дилбари зебо, биё,
Ғамзудои ин дили шайдо, биё.
Бо худу бо ин ҷаҳон бегонаям,
Ошнотар аз ҳама ошно, биё.
Дардомез аст ахбори ҷаҳон,
Меҳровар як туӣ, шеъро, биё!
Хаста мегардад дилам аз баҳси кӯр,
Пас ту бишнав розу деҳ ово, биё!

* * *

Гар ки моро кору боре ҳаст шукр,
Шуғли моро эътиборе ҳаст, шукр.
Он даме к- аз хона берун меравам,
Ҳамраҳи ман раҳсипоре ҳаст, шукр.
Ҳар куҷо мебишнавам баҳсу талош,
Баҳри миллат гиру доре ҳаст, шукр.
Ҳар ки аз роҳе ба мақсад мерасад,
Гаҳ барор, гаҳ нобарорӣ ҳаст шукр.
Он ки наштар мезанад моро ба дил,
Хуни мо дар шеър ҷорӣ ҳаст, шукр.
Шокирӣ бошад мароми ишқи мо,
Фурсати некишуморӣ ҳаст,шукр.

* * *

Дар раҳгузари ишқ чӣ сарсон аст дил,
ҳайрон аст дил,
Ҳар лаҳза дусад ҷамъу парешон аст дил,
ҳайрон аст дил.
З- умеди висоли ёр агар шод шавад,
обод шавад,
Аз сардии чашми ёр бирён аст дил,
ҳайрон аст дил.
Таркида зи дарди ишқ зи нав зинда шавад,

арзанда шавад,
Оғуштаи хун бо лаби хандон аст дил,
ҳайрон аст дил.
Андӯҳи ҷаҳонро бибарад мардона,
дили фарзона,
Месӯзаду боз ҳам ғазалхон аст дил,
ҳайрон аст дил.

* * *

Эй дил, ту биё боз зи нав кони ғазал шав,
Ё хони ғазал шав,
Эй сар, ту бирав гӯй ба чавгони ғазал шав,
Қурбони ғазал шав.
Эй дида, ту аз шавқ биё шӯълафикан шав,
Хуршеди чаман шав,
Эй зеҳн, биё махзани шоёни ғазал шав,
Майдони ғазал шав.
Бас дарди ниҳон чора намуд шеъри равонам,
Эй дафтари ҷонам ,
Як растаи перостаи бӯстони ғазал шав,
Паймони ғазал шав.
Марям, ки зи шукрона ба ин рӯз расидӣ,
Эъҷоз бидидӣ,
Бигзар дигар аз роҳи дигар ҷони ғазал шав,
Султони ғазал шав.

Лаҳза- лаҳза ёдат аз ҷон мешавад,
Лаҳза- лаҳза дардат осон мешавад.
Ашки шӯрам шуд илоҷи сӯхта,
Зарра-зарра захм дармон мешавад.
Ончунонам рехтӣ хун, хун намонд,
Хуни тоза пас ба шарён мешавад.
Покӣ меёбад замирам баъди ин,
Оламам аз нав гулистон мешавад.

## ИНТИХОБИ НАВ

Ёдҳои рафтагонам мебарад,
Бар фазои дигаре,
Бар ҷаҳони ғуссаи беинтиҳо,
Бар ҷаҳони дардҳои бедаво,
Аз пайи ин ҳузн умре меравем,

То ба кай? Ё то куҷо?
Лаҳзаҳои шодиро бо ҳузнҳо бар мекашем,
Дар мизон мо бори ғамро лек бештар мекашем...
Шодиҳо кутоҳумранд, лек ғам номурданист!
Чунки мо
Шодиҳоро мегузорем баҳри таърих,
Бори ғамро ҳамчу ганҷи ҷони музтар мекашем,
Ҳам тафохур карда аз ғампарварӣ.
Меситоем, мефизоем қудраташ,
Чашм мебандем зи хавфу нудраташ.
«Тарсам ки ман бимираму ғам бепадар шавад
Ин тифли нозпарвари ман дарбадар шавад» [3].
Лек ман
Баъд аз ин, дигар гузорам мазҳаби ғампарварӣ,
Бигзарам бар мазҳаби шодии одампарварӣ,
Ишқи оламапарварӣ.
Баргузинам шодихоҳӣ, шукри индампарварӣ!
Муттакои хеш бишносам Худоро,
Молики тақдири худрову шуморо.
Ақли ман, бозуи ман инъоми Ӯст,
Ҳарчи моро мерасад пайғоми Ӯст.
Ҳузни мову ғамкашии ман чаро?
Ҳеҷ маънӣ нест дар ин моҷаро...
Мекунам такрор баҳри эътимод,
Муттако гардад маро ин эътиқод:
Баъд аз ин дигар гузорам мазҳаби ғампарварӣ,
Бигзарам ба мазҳаби шодии одампарварӣ,
Ишқи оламапарварӣ.
Баргузинам шодихоҳӣ, шукри индампарварӣ!

## ШЕЪР ЧИСТ?

Шеър чист? Пурсанд аз ман одамон.
Шеър чист? Мепурсам аз худ ҳар замон,
Шеър мавҷудест зинда, савти ҷон,
Рӯз дорад, рӯзгоре ҳамчунон.
Гоҳ меояд чу боди оҳи дил,
Мекашонад ҷони мо бар роҳи дил.
Гоҳ ақле мешавад ҷиддиву сард,
Гаҳ тарозуи ҳама карду накард.
Гаҳ шавад дарди замон, дарди ҷаҳон,
Гаҳ садои ҳамдилии дӯстон.

[3] Байт аз Урфӣ

Шеър гоҳе аз тахаюл беш нест,
К -андар он нӯше наяст, ҳам неш нест.
Шеър гоҳе дарди хоси шоир аст,
Гоҳ дарде нест, танҳо зоҳир аст.
Шеър гоҳо шоиреро одатест,
Гаҳ нидои улвӣ, гоҳо ҳолатест.
Ман надонам, ёфтаам оё ҷавоб,
То куҷо дар шоирӣ бошад савоб?

## МОДАРОН ВА ФАРЗАНДОН

Ман ҳамонам, ки туро аз нахи ҷон сохтаам,
Ман ҳамонам, ки ба роҳат ҳама ҷон бохтаам.
Ман ҳамонам, ки ғизо аз тани худ дода туро,
Ман ҳамонам, ки ба номи ту сар афрохтаам.

Ту ҳамонӣ, ки ҳамеша дили ман сӯхтаӣ,
Ман ҳамонам, ки барои ту ҷаҳон сохтаам.
Ту ҳамонӣ, ки раҳи ман ҳама ҷо банд кунӣ,
Ман ҳамонам, ки чу об аз дили кӯҳ тохтаам.

Ту ҳамонӣ, ки ҳаме бар сари ман санг занӣ,
Ман ҳамонам, ки санг аз раҳат андохтаам.
Сад агар марди замонӣ, яке фарзанди манӣ,
Ман ҳамонам, ки туро аз нахи ҷон сохтаам.

## БАРОИ РӮЗИ ОШИҚОН...

Ман нагӯям бовафо ёри туям,
Зиндагӣ ҷойи вафодорӣ набуд.
Ман нагӯям бевафо ёри туям,
Дар вафо чун ман дигар ёре набуд.

Зиндагӣ як арсаи доду гирифт,
Зиндагӣ як ҷабҳаи доду надод.
Ҳарчи бар мо дода буд, Ӯ пас гирифт,
Ҳарчи мо додем, бар мо сад бидод.

Умри худ кардам фидои ҷустуҷӯ,
То ба худ пайдо кунам ёре накӯ.
Он ки пайдо гашт, зуд аз мо бирафт,
Бори дигар мондаам дар чорсӯ.

Дарк кардам, ин ки ман гум гаштаам,
Дар фаросӯи ҷаҳони хештан,
Баъд аз ин гумҷӯи хешам, эй азиз,
Дарси истинтоқ дорад, рӯҳи ман.

Ман ки худро дар худам гум кардаам,
Мерасад рӯзе, ки пайдо мекунам.,
Ҳар гаҳе пайдо шавам аз умқи хеш,
Ишқро бар хеш шайдо мекунам.

## ГУЛРЕЗ



*Гулрез (Ҳикоят Қурбонова) 1-уми апрели 1958 дар деҳаи Ғезани Поёни шаҳри Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст.*

*Ӯ пас аз хатми мактаби миёнаи зодгоҳаш соли 1977 ба Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко дохил шуда, онро бо ихтисоси муаллимаи забонии русӣ дар соли 1982 ба поён расондааст.*

*Солҳои тӯлонӣ дар макотиби таҳсилоти ҳамагонии шаҳри Душанбе ба ҳайси омӯзгор ва ҷонишини директор кору фаъолият намудааст.*

*Айни замон дар МД «Қасри миллат»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон бар ҳайси мудири бахши умумӣ ва коргузорӣ фаъолият менамояд.*

*Шеърҳояш дар маҷмӯаи дастаҷамъии «Наврӯзи Зарафшон», «Суханварони Зарафшон» ва рӯзномаву маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ ба нашр расидаанд.*

*Китоби нахустинаш «Меҳри Ватан» ном дорад.*

### ТИФЛАКИ ЗЕБОИ МАН

Ноз бикун, ноз кун, тифлаки зебои ман,
Оғӯши худ боз кун, давлату дунёи ман.
Аз ҳавасу меҳри дил «Алла» бихонам туро,
Як нафасак хоб кун, олами руъёи ман.
Ханда ба лаб мерасад, ханда кунӣ сӯи ман,
Соғари саршори ман, бодаи саҳбои ман.
Зеби канорам туӣ, боғи баҳорам туӣ,
Зеб ба боғам диҳӣ, гулбуни яктои ман.
Бӯи баҳор аз ту хуш, савти ҳазор аз ту хуш,
Давлати имрӯзи ман, бонии фардои ман.

### САБРИНАҶОН

Сабринаҷони оча,
Бетоқати балоча.
Духтараки беқарор,
Хушрӯ чун фасли баҳор.
Мехобад дар гаҳвора,
Монанди алмоспора.
Гаҳворааш гулкорӣ,
Аз лолаи баҳорӣ.
Табассум менамояд,
Дили ман мекушояд.
Ширин бозӣ мекунад,
Маро розӣ мекунад.
Пагоҳ шавад яксола,
Оед аммаю хола.
Бобою бибӣ оед,
Як табрикаш намоед.
Шуморо мо интизор,
Тамоми хешу табор.

## БИЁ, РАВЕМ БА РОҒУН

Аҷаб ҳавое дорад,
Ба дил сафо меборад,
Ба кас аҷаб мефорад,
Биё, равем ба Роғун!

Роғун аҷаб дилкушост,
Дар дилу дар дида ҷост,
Бо меҳнати мо барпост,
Биё, равем ба Роғун!

Роғун ба мо нур диҳад,
Даво ба ранҷур диҳад,
Ба ҷисми мо зӯр диҳад,
Биё, равем ба Роғун!

НОБ-и нав барпо кунем,
Нури нав эҳё кунем,
Ба кишвар эҳдо кунем,
Биё, равем ба Роғун!

## СОМОНИ МАН

Эй ғунчаи армони ман,
Сомони ман, Сомони ман.
Эй дар тани ман ҷони ман,
Сомони ман, Сомони ман.

Ганҷи умеди ман туӣ,
Бахти сафеди ман туӣ,
Ҳам ҷашну иди ман туӣ,
Сомони ман, Сомони ман.

Бобои ту буд Қаҳрамон,
Аз сидқи дил мактаб бихон,
Аз ҷода берун по намон,
Сомони ман, Сомони ман.

Кун тоҷи сар панди падар,
Омӯз сад касбу ҳунар,
Дар зиндагӣ ёбӣ зафар,
Сомони ман, Сомони ман.

Бар дарди ман бошӣ даво,
Бар ман ту бошӣ муттако,
Бошӣ саломат доимо,
Сомони ман, Сомони ман.

## НИМПАЙКАРА

Бобои қаҳрамонам,
Азизи ҷисму ҷонам.
Ман ҳам монанди Шумо,
Пои худро мемонам.

Нимпайкараи Шумо,
Ба мо бахшад иқтидор.
Аз номи Шумо доим,
Мо мекунем ифтихор.

Мактаби деҳа акнун
Номи шуморо дорад.
Ин навиди дилписанд,
Ба гӯши мо мефорад.

Чун Шумо мо ҳам акнун
Хубу аъло мехонем.
Дар пайроҳаи Шумо,
Пои худро мемонем.

## ДУНЁ БАҚО НАДОРАД

Гар аз аҳли вафоед,
Базму тараб намоед,
Зангори дил зудоед
Дунё бақо надорад.

Дар рӯи сабза шинед,
Гулҳо тоза чинед,
Рухсори ҳам бубинед,
Дунё бақо надорад.

Шӯру шарар нашояд,
Гул ҳафтае напояд,
Рӯзи рафта наояд,
Дунё бақо надорад.

Гарчанд ҷисму ҷонем,
Мо қадри ҳам надонем,
Пешу қафо равонем,
Дунё бақо надорад.

Гулрез бенавоем,
Шамъему бебақоем,
Бар коми хок оем,
Дунё бақо надорад.

## ШУКРИ ИСТИҚЛОЛ

Муборак, субҳи Истиқлоли тоҷик,
Муборак, бахту ҳам иқболи тоҷик,
Муборак, рӯзу моҳу соли тоҷик,
Муборак, ҷашну идат, Тоҷикистон!

Муборак, чеҳраҳои шоду хандон,
Муборак, чаҳ-чаҳи мурғи ғазалхон,
Муборак, аз Худо ин лутфу эҳсон,
Муборак, ҷашну идат, Тоҷикистон!

Муборак, тифли зебои дабистон,
Муборак, ёдкарди Оли Сомон,
Муборак, Парчами доим парафшон,
Муборак, ҷашну идат, Тоҷикистон!

Муборак, рӯзи Ваҳдат, иди Навруз,
Муборак модарони шоду пирӯз,
Муборак, дасти ту ёри чакандӯз,
Муборак, ҷашну идат, Тоҷикистон!

Ҳамефахрам ман аз номи баландат,
Биболам аз вуҷуди бегазандат,
Бинӯшам оби софи ҳамчу қандат,
Муборак, ҷашну идат, Тоҷикистон!

## ВАҲДАТ МАРОМИ ДИЛ

Ваҳдат чароғи мост,
Хушранг боғи мост,
Бошад калиди бахт
Ҷому аёғи мост.

Гӯям зи номи дил:
Ваҳдат мароми дил.

Он лутф аз Худост,
Як ҷузъ аз сахост,
Иксири дилхушист,
Ҳам сулҳу ҳам сафост.

Гӯям зи номи дил:
Ваҳдат мароми дил.

Ишқасту ҳам умед,
Бошад раҳи сафед,
Аз мулки шоди бахт,
Орад ба мо навид.

Гӯям зи номи дил:
Ваҳдат мароми дил.

Хубасту дилрабост,
Яъне баҳори мост,
Чун сабзаи баҳор,
Пурфайзу дилкушост.

Гӯям зи номи дил,
Ваҳдат мароми дил.

## МАН ДУХТАРИ ИСТИҚЛОЛ

Ман духтари Истиқлол,
Ман духтари озодам.
Механдаму мерақсам,
Аз бахти Худододам.

Ман духтари Истиқлол,
Бар номи Ватан ҷонам.
Эй кишвари озодам,
Авсофи ту мехонам.

Ман духтари Истиқлол,
Сарчашмаи эҷодам.
Чун нур ҳаметобам,
Дар мулки гулободам.

Ман духтари Истиқлол,
Дар боғ чу шамшодам.
Дурдонае аз дарё,
На дар ғами Фарҳодам.

Ман духтари Истиқлол,
Хушбахтаму хушиқбол.
Дар ҷода қадам монам,
Болидарӯҳу хушҳол.

Ман духтари Истиқлол,
Менозам аз ин иқбол.
Шукрона ба озодӣ,
Созам маҳу рӯзу сол.

## СОҒАРИ ХАЙЁМ

Ба олам тифлаке гирён нахоҳам,
Касеро дар ҷаҳон сарсон нахоҳам.
Миёни одамон дар зиндагонӣ,
Ба ҷуз аз лутфу аз эҳсон нахоҳам.

Бимон, ки соғари Хайём бошад,
Дур аз тиру туфанг айём бошад.

Кунам маҳв аз замона ин туфангро,
Зи барра дур медорам палангро.
Нахоҳам навҳаи ҷонкоҳи модар,
Басо воло шуморам ному нангро.

Бимон, ки соғари Хайём бошад,
Дур аз тиру туфанг айём бошад.

Нахоҳам ҳеҷ гаҳ зӯровариро,
Диҳам оро фақат лафзи дариро.
Ба хушбахтӣ бубинам дар ҳама ҷой,
Ҷамоли дилкаши ҳуру париро.

Бимон, ки соғари Хайём бошад,
Дур аз тиру туфанг айём бошад.

Намехоҳам ғами ёру бародар,
Ҷаҳон бошад фақат софу муаттар.
Нахоҳам нахли боғи зиндагонӣ,
Баногаҳ бесамар гардад саросар.

Бимон, ки соғари Хайём бошад,
Дур аз тиру туфанг айём бошад.

Ҳамехоҳам, ки Парчам парфишон бод,
Пур аз гулҳои тар боғи ҷаҳон бод,
Ҳамехоҳам Суруди миллии ман,
Мутантан дар фазояш ҷовидон бод.

Бимон, ки соғари Хайём бошад,
Дур аз тиру туфанг айём бошад.

## БОРОН

З-абри баҳорон,
Бар лолазорон,
Ҳар лаҳза резад,
Борони найсон.

Борон мерезад,
Борон мерезад.

Гулҳо шукуфта,
Дар кӯҳу пушта,
Дарро бикӯбад,
Борон думушта.

Борон мерезад,
Борон мерезад.

Ҳар ҷода гулпӯш,
Дил мезанад ҷӯш,
Дилдода дорад
Гулҳо дар оғӯш.

Борон мерезад,
Борон мерезад.

Саҳрост дилкаш,
Олам мунаққаш,
Ҳосил фаровон,
Дилҳост беғаш.

Борон мерезад,
Борон мерезад.

Аз файзи борон,
Гул гашта хандон.
Зебост саҳро,
Бо хочу торон.

Борон мерезад,
Борон мерезад.

## ТОҶИКИСТОН

Бахту иқболат муборак!
Хубии фолат муборак!
Сӣ сари солат муборак!
Тоҷикистон! Тоҷикистон!

Кӯҳу саҳроят дилорост,
Меваат беҳтар зи тиллост,
Ҳар кафи хоки ту дунёст,
Тоҷикистон! Тоҷикистон!

Ту давоми Оли Сомон,
Ҳастӣ рашки сад гулистон,
Парчамат бодо парафшон,
Тоҷикистон! Тоҷикистон!

Обҳоят марҳами ҷон,
Хоки поки ту зарафшон,
Ман ба ҳифзат медиҳам ҷон,
Тоҷикистон! Тоҷикистон!

## МОДАР

Ақли расоӣ, модар!
Кони сафоӣ, модар!
Дар базми зиндагонӣ,
Созу навоӣ, модар!

Чун рӯди зарфишонӣ,
Хуршеди осмонӣ,
Гулбарги бехазонӣ.
Ту бебаҳоӣ, модар!

Чун лолаи баҳорӣ,
Рангину хушгуворӣ,
Сармояи бароръ,
Мушкилкушоӣ, модар!

Ширину бебаҳоӣ,
Гулбоғи босафоӣ,
Бар дарди дил шифоӣ,
Кони давоӣ, модар!

Зеботарин нигинӣ,
Ширин чу ангубинӣ,
Дарду ғаме набинӣ,
То дер поӣ, модар!

## АБДУЛҒАНИҶОН

Абдуғаниҷон
Шодону хандон,
Давида ояд
Бо бӯйи райҳон.

Аз ҳар канора
Дар рух шарора,
Мошинчаҳояш
Кунад идора.

Гаҳ шеър мехонад
Бо табъи хандон,
Тоза мекунад
Ҳар пагоҳ дандон.

Гоҳе мешавад
Саргарми бозӣ,
Гоҳ мебарад дил
Бо дилнавозӣ.

Ба ҳамаи мо
Медиҳад салом,
Аз худ калонро
Кунад эҳтиром.

Гӯяд ҳар замон:
Гардам чун калон,
Монанди Пешво
Шавам қаҳрамон.

## МУҲОФИЗОНИ ВАТАН

Мо муҳофизи сулҳу
Муҳофизи давлатем,
Бо бозувони қавӣ
Фарзандони миллатем.

Нигаҳбони хоҳару
Нигаҳбони модарем,
Синаи нохалафро
Бо тири худ медарем.

Ҳомиёни давлату
Соҳиби ин марзу бум,
Аз бими нерӯи мо
Душман кунад худро гум.

Фарди соҳибдавлатем
Дорем Парчаму Нишон,
Дар ҷӯи мо меравад
Оби сулҳи ҷовидон.

Мо муҳофизи сулҳу
Муҳофизи давлатем,
Бо бозувони қавӣ
Фарзандони миллатем.

**НАРГИС**



*Наргис (Қурбоной Давлатзода) 20-уми июни соли 1958 дар деҳаи Меҳрободи ноҳияи Рӯдакӣ ба дунё омадааст.*

*Баъд аз хатми мактаби миёна соли 1974 ба Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе дохил шуда, соли 1978 донишгоҳро бо дониши хубу аъло хатм намудааст.*

*Номбурда соли 1978 баъди хатми донишгоҳ бо ихтисоси муаллимаи забон ва адабиёти тоҷик, роҳбари пешоҳангон ва роҳбарии мактаб дар ноҳияҳои Рудакӣ, Шаҳритус, Турсунзода, Рашт ифои вазифа намуда, дар ободонии ҷамиятҳои кор намудааш саҳми босазое гузошта, солҳои1988-89 дар ноҳияи Рашт бо Ифтихорномаҳои Вазорати Маорифи Тоҷикистон мушараф гаштааст. Инчунин соли 1990 то 1995 Депутати Совети деҳаи Ҷафри ноҳияи Рашт интихоб гардидааст. Ӯ дар мактаби таҳсилоти миёнаи № 41- и деҳаи ҳозира – Мулло Барот (гузашта Янголиқ), ки солиёни дароз хонандагон баъди хатми мактаб ба макотибҳои олии кишвар дохил нагашта буданд, инчунин оби нушокӣ надошт ва хонандагони мунтазам ба беморӣи дарди гулӯ мубтало бударо, ки боиси ба дарсҳо иштирок надоштанашон мушоҳида намуда, бо маблаги шахсии худ аз оби софу бегубори чашмаи «Кафтаргул» соҳиби оби нӯшиданӣ гардонид. Дар баробари фаъолияти кориаш омӯзгороне, ки аз деҳа бе маълумоти олӣ ба хонандагон дарс мегуфтанд бо роҳхати Вазорати Маорифи Тоҷикистон ба Донишкадаи педагогии Душанбе дохил кунонда, соҳибмаълумот гардонид. Солҳои 1984 то1992 аз мактаби номбурда зиёда аз 20 нафар хонандагон ба донишкадаҳои олии пойтахти ҷумҳуриамон шаҳри Душанбе дохил гардидаанд, ки яке аз муваффақиятҳои беназири аҳли деҳа ва ноҳияи Рашт ҳисобида мешавад. Соли 2012 бародари Қурбоной Давлатзода, Шарифбек Давлатов дар худи шаҳри Рогун деҳаи Печакзор барои хонандагони деҳа мактаби замонавӣ сохта ба истифода додааст,ки шоира Наргис ба муносибати ин рӯзи фархундаю хотирмони 600 нусха аз китобҳои шерҳояшро тӯҳфа ба хонандагони мактабхои шаҳру шӯъбаи маориф ва ҳукумати шаҳри Рогун чун туҳфа ройгон супорид.*

*Китобҳои Наргис (Қурбоной Давлатзода) бо унвонҳои «Шабнаме дар барги лола» (Ирфон, 2002), «Тамоилҳои идораи мактаб ва сохтори роҳбарии педагогӣ ба ҷараёни таълиму тарбия» (ҳаммуаллифӣ 2003), «Баҳори орзу» (Адиб, 2014), повести «Дарси зиндагӣ» (Адиб, 2014), «Абармарде аз табори бузург» (ЭР-граф, 2016), «Асосҳои педагогию психологии ҳамкории мактаб, оила ва ҷомеа дар пешгирии ҷиноятсодиркунии наврасону ҷавонон» (ҳаммуаллифӣ, 2016),*

*«Дурдонаҳои дилангез» (ЭР-граф, 2017), «Суруди нури мавҷ» (ЭР-граф, 2019).*

*Наргис соли 1986-ум ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон шаҳрҳои Тошкенту Самарқанду Бухоро; соли 1993-ум ба Ҷумҳурии Туркманистон шаҳри Ашқобод; соли 1993-ум ба Ҷумҳурии исломии Эрон – шаҳрҳои Машҳад, Балх, Шероз, Тӯс; соли 2000-ум Эрон, Теҳрон, Исфаҳон, Ироқ, Яман, Мадина, Макка ва ғайра; соли 2001-ум ба Россия, Москва, Новосибир, Свердлов, Иркутск, Чита, Владивосток ва ғайра; соли 2010-ум ба Хитой-Урумчӣ; соли 2012-ум ба Дубай; соли 2013-ум ба Америка – Ню-йорк, Денвер Гриилл, штати Колорадо; соли 2015-ум ба Туркиё ва Хиндустон – Деҳлӣ ва ғайра; соли 2017-ум ба Москва – Англия, Лондон, Денвер, Гриилл, Лосс-Анҷелос, Галивууд, Санта-Барбара ва ғайра сафарҳо доштааст.*

*Наргис оиладор, соҳиби панҷ фарзанд ва ҳабдаҳ набера аст.*

## ТОҶИКИСТОН

Кӯҳҳои сарбаланду обшорат дилрабост,
Обҳои поку софи чашмасорат дилрабост.
Қуллаҳоят мисли яхдон пур бувад аз барфу ях,
Сабзаю гулҳои домони баҳорат дилрабост.
Дилбаронро дар канори чашмаҳои поки ту
Хешро дидан ба оби беғуборат дилрабост.
Бас уқобони ту пар бикшодаанд андар ҳаво,
Осмони софу мавҷи лолазорат дилрабост.
Тоҷикистон, эй диёри кӯҳҳои сарбаланд,
Дар фалакҳо қуллаҳои нуқраборат дилрабост.

## ИСТИҚЛОЛ

Марҳабо, эй Иди Истиқлоли тоҷикони мо,
Хайра мақдам бар замини мулки ҷоноҷони мо.
Рӯзи шодиву фараҳ, ҳам бахту иқболӣ ба мо,
Марҳабо, эй шавкату шон, аз Худо эҳсони мо!

Тоҷикистон, ҷону ҷонон, файзу эҳсонӣ маро,
Тоҷикистон, марҳами ҷон, фахру имонӣ маро.

Ҷаннати зебои армонам ту ҳастӣ, эй Ватан,
Орамида дар дилу ҷонам ту ҳастӣ, эй Ватан.
Месароям ман суруди Тоҷикистонам зи дил,
Як нишон аз Оли Сомонам ту ҳастӣ, эй Ватан.

Тоҷикистон, ҷону ҷонон, файзу эҳсонӣ маро,
Тоҷикистон, марҳами ҷон, фахру имонӣ маро.

Ту камоли умри ҷовидонаи моӣ, Ватан,
Хонаву кошонаи ҷононаи моӣ, Ватан.
Васфи ту берун намегардад зи дафтар ҳеч гоҳ,
Достону қиссаву афсонаи моӣ, Ватан!

Тоҷикистон, ҷону ҷонон, файзу эҳсонӣ маро,
Тоҷикистон, марҳами ҷон, фахру имонӣ маро.

## ЧАРОҒОН МЕНАМОЯМ ҲАР КАНОРЕ

***(Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон)***

Мунаввар менамоям нақби ҳар торе,
Чароғон менамоям ҳар каноре,
Ба дасти худ кунам обод Роғун,
Агарчи тан набуд аз ранҷ орӣ.

Агар мавҷаш намоям сӯйи дарғот,
Намоям Роғуни худро ман обод.
Ба ҳар коре, ки тоҷик кард ҳиммат,
Ҳамоно мешавад он кор бунёд.

Шавад Роғун макони партави нур,
Дари сулҳаш кушояд шоду масрур.
Ба иқболам шаҳаншоҳам мададгор,
Ба савганду ба халқи худ вафодор.

Худоодоу худотарсу ҳунарвар,
Қасамро хӯрд ӯ бар шири модар.
Ба халқу мулки тоҷик ҳаст содиқ,
Ба тахту тоҷи тоҷик ҳаст лоиқ.

Ба ӯ ҳастем мо доим ҳаводор,
Набигзорем, ки пояшро халад хор.
Надонӣ қадри ӯ гар, хор гардӣ,
Ба ӯ бошем мо аз ҷон вафодор.

## ЗАБОНИ МОДАРӢ

Забони модарӣ аз ҷон азиз аст,
Чу шири модарам поку лазиз аст.
Зулол асту латиф асту мусаффо,
Забони мардуми олитамиз аст.

Забони шоирони номдор аст,
Ба он бас шеъри нобе бешумор аст.
Суруди булбул аз он нашъа гирад,
Хушоҳангу самимӣ чун баҳор аст.

Суруди Рӯдакӣ шуд шуҳравар з-он,
Мақоми Борбад з-он ангубин дон.
Ҷаҳонро ошиқӣ лаҳнаш намуда,
Суруди ҷовидонаш доимо хон!

## ЁДБУДИ МОДАРАМ

Ёд орам файзи дастурхони ту, эй модарам,
Аз дилу ҷон дасти пурэҳсони ту, эй модарам.
Меҳри гармат зиндагиро нурпошӣ менамуд,
Қалби софу меҳри бепоёни ту, эй модарам.
Субҳи рӯят рӯйи моро худ сабӯҳӣ дода буд,
Бо муҳаббат ду лаби хандони ту, эй модарам.
Фасли дай бигзашту тобистон ба боғат омада,
Ёд орам гашничу райҳони ту, эй модарам.
Бомдодон шир-шири ширҷӯшият ояд ба гӯш,
Халтаҳои чакка овезони ту, эй модарам.
Рӯйи оташ деги пур аз шири ту ояд ба ёд,
Ҳам фатират дар тани чакдони ту, эй модарам.
Баҳри мо тайёр мекардӣ саҳаргоҳон ғизо,
Ёди он қаймоқи дарстурхони ту, эй модарам.
Шаккаробу нони гарми гирди чакдонат ба ёд,
Ёди фатирмаскаи дастони ту, эй модарам.
Баҳри мо бо нозҳо парварданат боғи падар,
Меваи рангини рӯйи хони ту, эй модарам.
Ҳар замон ёдоваре будан падарро пеши мо,
Қиссаҳои ишқи ҷовидони ту, эй модарам.
Дур бошем аз бало, дасти дуо бардоштӣ,
Ёди дастони балогардони ту, эй модарам.
Ёд кардам дар дами маргат гули рухсори ту,
Ҳар ду чашми хаставу ҳайрони ту, эй модарам.
То қалам бар даст дорам, то нафас боқӣ мlarост,
Менависам қиссаву дастони ту, эй модарам.

## ЭЪТИБОРИ ПАДАР

Зарра-зарра мефизояд эътиборат, эй падар,
Қатра-қатра мешавад дарё таборат, эй падар.
Тифли ту сабзад чу ҳар шохи чанори манзилат,

Мерасад бар авҷи бахтат шохсорат, эй падар.
Донаҳои ризқу рӯзӣ рехтӣ бар сар маро,
Рӯзиям афзудаӣ бар рӯзгорат, эй падар.
Одамият баҳри мо аз сафҳаҳо омӯхтӣ,
Одаму одамгарӣ шуд ёдгорат, эй падар.
Одамон мушкилкушо карданд гар аз баҳри худ,
Сад гиреҳ во гашта аз гуфтугузорат, эй падар.
Хоксорӣ пешаи ту буд, эй соҳибдилам,
Меписандам зиндагии хоксорат, эй падар.
Мо чаро мағрур бошем, ин ҷаҳон поянда нест,
Ёд орам пандҳои мондагорат, эй падар.
Меҳрпарвар буд ҷаҳони дил барои мо туро,
Нозпарвар буд канори беканорат, эй падар.
Дар намозам, дар суҷудам аз Худо дорам талаб,
Рӯшании ҳарфи ман дар гӯр ёрат, эй падар.

## КАЙ ЁР БИЕЯД

Кай амр шавад, ёр биёяд бари ошиқ,
Ёрам ба бар ояд, ки шавад бовари ошиқ.
Ишқат ба масал май буда, дил соғари холӣ,
Лабрез кун аз май, гули ман, соғари ошиқ.
Рӯзе, ки ту чун бод бар шӯр омада, рафтӣ,
Чун бод биларзид яке пайкари ошиқ.
Хомӯш шуда оташи ишқи дили ёрон,
Ку сӯзи дили Қайсу куҷо дилбари ошиқ?
Эй он ки ту ними дили моӣ, ба куҷоӣ?
Бе ними ту холист, бидон, бистари ошиқ.
Наргис бинависад ба аламҳо ғазалашро,
Як раҳ назаре соз ба шеъри тари ошиқ.

## ШАБҲОИ БЕХОБӢ

Месӯзаму месозам дар ҳар шаби бехобӣ,
Сар то ба қадам розам дар ҳар шаби бехобӣ.
Ҳар соати шаб солест, эй ёр, агар донӣ,
Равшан шаби худ созам дар ҳар шаби бехобӣ.
Ку хотири ободе? Чун ҷуғз ба фарёде,
Ман навҳа барандозам дар ҳар шаби бехобӣ.
Дил дар қафаси сина бо ғуссаи дерина,
Ку ёри пур аз нозам дар ҳар шаби бехобӣ?
Дунё ба назар маҳбас, бечора дилам маҳбус,
Аз худ ба куҷо тозам дар ҳар шаби бехобӣ?
Андуҳ диҳад бар ман, чун кӯҳ диҳад бар ман,

Ағёри сарафрозам дар ҳар шаби бехобӣ.
Дигар чӣ биҷӯям ман? Дигар чӣ биҷӯям ман?
Сокин шуда овозам дар ҳар шаби бехобӣ...

## БА ФАРЗАНДИ ДОНИШҶӮЯМ

Бубин, бо ёди рӯят гашта модар,
Ба шавқи орзуят гашта модар.
Саратро сила созад панҷаи ман,
Фидои тори мӯят гашта модар.
Ба ҳар кӯе, ки ту по мегузорӣ,
Адои хоки кӯят гашта модар.
Чу кафтарбачча аз бомам паридӣ,
Ки болафшон ба сӯят гашта модар.
Ту аз ман дур рафтӣ, аз фироқат
Хуморие ба бӯят гашта модар.
Зи хондан ёфтӣ ту обрӯро,
Фидои обрӯят гашта модар.

## ДАРЕҒ

Огаҳ намегардад касе аз сӯзи пинҳонам, дареғ,
Огаҳ намегардад касе аз нолаи ҷонам, дареғ.
Соқам ба ҳам печидаю печидатар домони ман,
Огаҳ намегардад касе аз соқи печонам, дареғ.
Аз чашмаҳои Салсабил ҷоме ҳама саршори нӯш,
Огаҳ намегардад касе аз ҳалқи сӯзонам, дареғ.
Бингар, ки Азроил зи дар аз бахри ҷонам омада,
Огаҳ манам аз марги худ, бо чашми ҳайронам, дареғ.
Мотам чаро маҳбуби ман, дар лаҳзаи матлуби ман,
Саргаштаву сарсон манам, роҳе намедонам, дареғ.
Дар кӯчаҳои зиндагӣ дил гашта бас лабрези ғам,
Бо худ ба он дунё барам ғамҳои ҳиҷронам, дареғ.
Бо ишқу армони дигар дар хок хуфтан мондааст,
Гул сурх мерӯяд баҳор аз хуни шарёнам, дареғ.
Гулҳои рӯйи тобутам гӯё хиҷилу сархаманд,
Бо нолаҳо рӯидаанд аз хоки армонам, дареғ.
Бар марги ман ҳайрон машав, бахшо дуои мағфират,
Дарҳол бинӣ пеши худ арвоҳи шодонам, дареғ.

## НАРГИСУ ЛОЛА

Наргису Лола – ду хоҳаракон,
Наргису Лола – себи дукафон.

Ҳарду ҳам зебо мисли кабӯтар,
Дар қаду қомат бо ҳам баробар.
Дар сари ҳар кор аз ҳар як ҷиҳат
Ҳарду мекунанд доим маслиҳат.
Наргису Лола – номи ду гуланд,
Ба китобхонӣ доим машғуланд.
Ба модари худ дар кори хона
Ёрӣ медиҳанд бе ҳеҷ баҳона.
Ҳардуро бинам – гашта калонак,
Боақлу доно, китобчахонак.

## ҲАҚ

Бихоҳам ҳар замон номат шунидан,
Туро дар қалби поки хеш дидан.
Агар як лаҳза бе ёди ту бошам,
Дилам дар сина монад аз тапидан.
Агар аз роҳи ҳақ берун ниҳам по,
Бимонад пойи ман аз раҳ буридан.
Чаро дар фикру ёди ту набошам?
Чаро дар хеш бояд орамидан?
Забон гар фориғ аз зикри ту ояд,
Зи комам хоҳаме онро кашидан.
Чӣ лаззат дорад аз сӯзи муҳаббат,
Зи нав дар хеш худро офаридан.
Намозамро гузорам панҷ навбат,
Бубин тасбеҳи зикрат баркашидан.
Худоё, шоҳидӣ бар тавбаи ман,
Зи роҳи ту ба ҳақ бояд расидан.

## ЁДИ НАВРАСӢ

Ёд кардам акси беожанги рухсори ҷавонӣ,
Кокулони майдабофи пилтапечи мушксоне.
Наврасию даштҳои лолазори деҳаамро,
Ёд кардам фурсате аз он баҳори шодмонӣ.
Ёд орам гоҳи гулчинию ҳамсолони худро,
Баҳри модар бурдан гулдастаҳои армуғонӣ.
Фол дида духтаре дар теппаи пургул зи бахташ,
Чида аз бобуна баргу зикри маҳбуби ниҳонӣ.
Ӯ навишта бо ҳазор уммед ҳарфе аз муҳаббат,
Сӯзанак будаш қалам, дафтар зи барги арғувоне.
Орзуҳо беҳисобу хандаовар менамуданд,
Орзуро, гуфтаанд, айбе надорад дар ҷавонӣ.

Номаҳои кандакорӣ рӯйи тал ё бар дарахте,
Буд ба фикри кӯдакона гӯиё, ки ҷовидонӣ.

## САРОПО СӮХТАН

Эй бародар, ин ҳама ҳоли хазонамро бубин,
Зери гардончарх ранги заъфаронамро бубин.
Назди Яздон ҳар касеро ибтидою интиҳост,
Интиҳоям бин, азобу имтиҳонамро бубин.
Қоматам чун сарв буд, бишкаст аз ҷабри замон,
Боварат н-ояд, биёву устухонамро бубин.
Оташе афтод дар ҷонам, саропо сӯхтам,
Аз танӯри тан биёву дуди ҷонамро бубин.
Панҷаи марг аст аз ҳар роғи дар сӯям дароз,
Аз тани ҷондарбағал рӯҳи равонамро бубин.
Оҷиз омад аз илоҷи дарди ман ҳинду табиб,
Мисли кӯҳам, ганҷи ман дард аст, онамро бубин.
Субҳа гардонам дуогӯён ба даргоҳи Худо,
Лобаи ман пеши ёри меҳрубонамро бубин.
Наргисо, бочоранолонро набошад чорае,
Нола не, пеши Худо ашки равонамро бубин.

## ДИЛАМ ДАР СИНА МЕСӮЗАД

Зи қисмат ғуссаҳо дорам, дилам дар сина месӯзад,
Нидоят ошно дорам, дилам дар сина месӯзад.
Ҳабибам будию бо хештан бигзоштӣ танҳо,
Киро пас муттако дорам? Дилам дар сина месӯзад.
Маро бе ёри безинҳор ҳаргиз зиндагонӣ хуш нест,
Ба номи ишқ зинҳорам, дилам дар сина месӯзад.
Расули ишқи ман шеър асту пайвандам туӣ танҳо,
Миёни чордеворам, дилам дар сина месӯзад.
Нагӯям рози худро бар каси донову нодон ҳам,
Зи хешон таънаҳо дорам, дилам дар сина месӯзад.
Дили Наргис зи ғурбат офарида, Офаранда, пас,
Диламро бурд дилдорам, дилам дар сина месӯзад.

## ШУКРОНА МЕГӮЯМ

Ба ранги зарду беморам, вале шукрона мегӯям,
Ҷароҳат дар ҷигар дорам, вале шукрона мегӯям.
Ба бесӯӣ сафар дорам, ба ҳоли худ назар дорам,
Басо бим аз хатар дорам, вале шукрона мегӯям.
Ба боғистони ман боди хазон омад, чӣ андешам?

Зи умри худ на безорам, вале шукрона мегӯям.
Намеёбад сари Наргис ба болин роҳату гӯё
Зи болин мехалад хорам, вале шукрона мегӯям.

# БОНУ ШОКИРОВА



*Шокирова Бону Раҷабовна – китобдор, омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик, омӯзгори ихтисоси дутор, рӯзноманигор, нависанда, шоир буда, 21 апрели соли 1960 дар гузари Ҳавзи Сангини шаҳри Ӯро-Теппа дар оилаи коргар таваллуд шудааст.*

*Бону соли 1967 ба мактаби миёнаи рақами 3 ба номи Калинини шаҳри Ӯро-Теппа қабул шуда, синфи якумро тамом кард. Минбаъд бо сабаби ба деҳаи Меҳнатобод кӯч бастан маълумоти миёнаро дар мактаби рақами 2 шаҳраки Меҳнатободи райони Зафаробод гирифтааст.*

*Бону Шокирова соли 1978 ба шӯъбаи рӯзонаи факултаи китобдорӣ ва китобшиносии адабиёти бадеӣ ва адабиёт оид ба санъати институти давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода шаҳри Душанбе дохил шуда, онро соли 1978 хатм менамояд ва дар китобхонаи марказии ноҳияи Зафаробод чун мудири шӯъбаи пуррагардонӣ ва коркарди китобхона кор карда, соли 1983 бо амри тақдир ба зодгоҳаш шаҳри Ӯротеппа бармегардад.*

*Бону Шокирова соли 1993 шӯъбаи ғоибонаи факултаи забон ва адабиёти ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, соли 2015 шӯъбаи созҳои халқии /асбоби дутор/-и Коллеҷи санъати ба номи Содирхон Ҳофизи шаҳри Хуҷандро хатм кардааст. Ӯ қариб 32 сол дар шӯъбаҳои фарҳанг ва маорифи шаҳру навоҳӣ-Зафарободу Ӯротеппаю Хуҷанд аз дастурдиҳанда ва китобдор то ба ҷонишини директор оид ба таълим софдилона меҳнат кардааст. Хабару мақола, шеъру тарона, қиссаву ҳикояҳояш дар нашрияҳои маҳалливу вилоятӣ, ҷумҳурӣ ва берун аз он «Зарбдор», «Паёми Истаравшан», «Роҳи коммунизм», «Сурушан», «Ганҷи ороста», «Тирози ҷаҳон», «Милоди муҳаббат», «Ҳақиқати Ленинобод», «Саломат бошед», «Сугд», «Овози тоҷик», «Минбари халқ», «Адабиёт ва санъат», «Лочин», «Нилуфар», маҷаллаҳои «Хуҷанд», «Занони Тоҷикистон», «Паёми Сугд» ва ғайраҳо рӯи чопро дидаанд.*

*Соли 1991 дар шаҳри Ӯротеппа дар озмуни нахустини адибони ҷавон ва озмуни Камолхонон, ки ба пешвози ҷашни 675-солагии Камоли Хуҷандӣ барпо гардида буд, бо қиссаи «Марги арӯс» иштирок намуда, дар бахши наср ғолиб омад ва соҳиби ифтихорнома ва тӯҳфаи хотиравӣ шуда буд.*

*Бону Шокирова дар ҷодаи шеър дастпарвари илму адаб ва муҳити шоирпарвари шаҳри Истаравшан ва Хуҷанд буда, аз мактаби шеъру шоирии маркази фарҳанги шаҳри Истаравшан-таъсисдиҳандааш Сайдумари Султон ва маҳфили адабии «Ганҷи сухан»-таъсисдиҳандааш Абдулманнони Насриддин баҳраҳо бардоштааст.*

*Навиштаҳои ӯ дар маҷмӯаи дастаҷамъии «Гулафшон» рӯйи чопро дида соли 2013 китоби мақолаву очеркҳояш бо номи «Ёсуманзори Истаравшан», соли 2015 нахустин маҷмӯаи ашъори ӯ бо номи «Ба кӯйи*

*ишқ афтодам» бо дастгирии духтараш Гулбаҳор Шокирова-ромишгар ва овозхони ансамбли «Дарё»-Кумитаи Давлатии телевизион ва радиошунавонии назди Ҳукумати ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.*

*Ҳоло Бону дар айни камолоти эҷодӣ буда, дар мактаби мусиқии бачагонаи рақами 3 ба номи бастакори тоҷик Александр Степанович Ленскии шаҳри Душанбе ба вазифаи омӯзгори асбоби дутори шӯъбаи созҳои миллӣ фаъолият мебарад.*

## ҲУСНИ ЗЕБОИ ДИЁР

***(ба овозхон ва навозандаи маҳбуб,***
***духтарам Гулбаҳор Шокирова)***

Духтари шармину зебо, ҳурии фасли баҳор,
Навраси чордаҳсолӣ, ҳусни зебои диёр.
Дасти сеҳрат армуғоне аз Худованди карим,
Менавозӣ, месароӣ ту ба монанди ҳазор.

Қисмати шӯре туро бар ҳар ҷафое мекашад,
Панҷаи дарду алам бо ҳар сазое мекашад,
Лолаи наврустаи ман, аз чӣ қалбат доғ-доғ?
Хез аз ҷоят,ки ғусса бо навое мекашад!

Гӯши ман аз он садои махмалинат, чун намоз,
Мекунад тоат, ба сӯи он Худои бениёз.
Ваҳ, чунон зебои чун гул, вақти ханда боҳаё,
Бо сурудат, ай париҷон гӯши дилҳоро навоз.

Шоху барги ҳар суруди ту муборак бод-бод!
Доманат сабзу рухат зебо, ҳаётат шод бод!
Олами ишқу муҳҳабатро сурудӣ, бегумон,
Ин ҷаҳон аз хандаи меҳру садоқат шод, бод!

## ДУТОРИ ТУ

Дутори ту ба захми кӯҳнаам гашта даво имшаб,
Ба ҳайрат омада чашми наво андар наво имшаб.
Ғубори дил баровардӣ зи чоки қалби зори ман,
Ба коми ишқ афкандӣ, ту бо ҳарфи худо имшаб.
Чӣ шодиҳо, ки аз меҳри суруди дилрабои ту,
Барад бахра, ҳар як мухлисони ту сафо имшаб.
Зи хории сухан, ҳар мижаатро ашки сӯзонест,
Саро, эй булбули ғулғулфикан, оташнаво имшаб.
Ба ду дида бимолам дастакони нозанинатро,
Навоз, ай мутрибо, ки ман ғуломи ошно имшаб.

## ЧӢ ҲОЛ ДОРӢ ЗАБОНИ МОДАРИАМ?

Забони модарӣ чун партави ишқ,
Фурӯзон менамояд, хонаи мо.
Гулафшон менамояд мазраи дил,
Ба боли хеш ин парвонаи мо.

Агар бо хома нанвишти каломе,
Агар бо нома нанвишти саломе,
Куҷо донӣ забони модари худ?
Нахонӣ гар зи осоре паёме?

Забони модариам, бо чӣ маънӣ?
Туро кас тоҷики гӯяд, надонам,
Ки номат форсӣ будасту бошад,
Ки номи дигарат ҷуз ин надонам,

Зи шеъри Рӯдакӣ донам ман инро,
Ки номат порсӣ буда зи аввал,
Забони рӯдҳову чашмасорон,
Забонӣ сабзаҳои ҳамчу махмал.

Забони модариам, ифтихорам,
Забони форсии рӯҳи тоҷик!
Мабодо оташат гардида хомӯш,
Шавад кошонаи андеша торик.

Хумори модарон гирад ба ҳар дам,
Паёме кай расад аз марқади ӯ?
Дило, то кай димоғсӯзаст, дунё?
Нагирӣ ком аз ҳар матлаби ӯ?

Забони форсии модариам,
Барои ту ҳамеша дар набардам.
Дар ин роҳ ҳамдили Исфандиёрам,
Аз ин роҳ, то ки бошам барнагардам.

## ХУДРО БА КАНОР МЕГИРИФТАМ...

Худро ба канор мегирифтам,
Бо чашми хумор мегирифтам.
Сарсабзии ин диёри худро,
Дар дил ба виқор мегирифтам.

Бардорад агар ҷунун оҳанг,
Бо рақси баҳор мегирифтам.
Хуршед агар ки рӯй тобад,
Бо оташ пор мегирифтам.
Сарманзили ман чакомахонист,
Бо хати нигор мегирифтам.
Мақсуди ман аст ҷустуҷӯе,
Ин дарс шиор мегирифтам.
Ман вусъати андешаи худро,
Бо тори дутор мегирифтам.
Навмед наям зи гардун, аммо,
Ман нолаи зор мегирифтам.
То рози дилам касе надонад,
Худро ба канор мегирифтам.

## ХУДО БО МАН

Худо бо ман, Худо бо ту, Худо бо вай, Худое ҳаст,
Сафо бо ман, сафо бо ту, сафо бо вай, сафое ҳаст.
Ғубори дил диламро карда захмину дусад пора,
Наво бо ман, наво бо ту, наво бо вай, навое ҳаст.
Ба ҷуз хунобаи ҳасрат наменӯшӣ дар ин дунё,
Азо бо ман, азо бо ту, азо бо вай, азое ҳаст.
Худозорӣ, дилозорӣ, аз ин роҳи ситамгорӣ,
Ҷазо бо ман, ҷазо бо ту, ҷазо бо вай, ҷазое ҳаст.
Ба дӯши модарон уфтода, нозу ғамзаи гардун,
Чаро бо ман, чаро бо ту, чаро бо вай, чарое ҳаст?
Дари парвардигори оламу одам ба дил боз аст,
Дуо бо ман, дуо бо ту, дуо бо вай , дуое ҳаст .
Мабодо бар диле доғи ҷудоӣ тамға бигзорад,
Вафо бо ман, вафо бо ту, вафо бо вай, вафое ҳаст.
Чаро кас пешпоӣ мехӯрад дар роҳи худ ин ҷо?
Хато бо ман, хато бо ту, хато бо вай, хатое ҳаст.
Зи ношукрӣ на имоне, на виҷдоне, ба кас монда,
Фано бо ман, фано бо ту, фано бо вай, фаное ҳаст.
Падарҳо сӯйи масҷидҳо равонастанду, аммо ҳайф,
Ҷафо бо ман, ҷафо бо ту, ҷафо бо вай, ҷафое ҳаст.
Замин - Сайёраро мардум нигоҳ доред з-озурдан,
Бало бо ман, бало бо ту, бало бо вай, балое ҳаст.
Чу қасри шоҳӣ масҷидҳову мактабҳо, вале вайрон,
Риё бо ман, риё бо ту, риё бо вай, риёе ҳаст.

## ШАШМАҚОМ

Шашмақом мероси бои мардуми Машриқзамин,
Шаш мақом дорад «Бузург»-у «Рост», «Сегоҳ»-и ҳазин.
Сафҳаҳо ҷустам, хирадро пеша кардам, ёфтам,
Ҳам «Дугоҳ»-у ҳам «Наво»-ву ҳам «Ироқ»-и дилнишин.

Шашмақом розӣ Худо аст аз баму зераш бигӯ,
Бетакаллуф магзар аз ин олами хушрангу бӯ.
Ҳар кӣ қадрашро шиносад, гул ба сар дорад мақом,
Рози худ аз ноз гӯяд бо мақоми қиссагӯ.

Дар ҷавонӣ кӯшише кун, то ки хонӣ Шашмақом,
Баркушо ганҷи маонӣ, то бидонӣ Шашмақом.
То ки огоҳӣ биёбӣ ту зи асрори арӯз,
Вазни шеъри тоҷику беҳтар зи ҷонӣ Шашмақом.

Ҳаст Барно дар гузаргоҳи мақом ҳамчун парӣ,
То ба имрӯз рӯҳи ӯ мородаст рӯҳи модарӣб
Эй азизо, магзар аз сабку садои Шашмақом,
Бӯйи хуши ошно дорад, каломи дилбарӣ.

Шашмақом бошад каломy доруи аҳли биҳишт,
Чунки дорад лаҳни Қуръонӣ, ки Яздонаш навишт.
Занги дилҳоро рабояд лаҳни хуши ҷовидон,
Маърифат ҳосил намояд дар замиру дар сиришт.

Шашмақом – оинаи сират, сафои бебаҳост,
Шашмақом – оинаи ваҳдат, садои қалби мост.
Саъй шоҳи тоҷикон Эмомалӣ беҳуда нест,
То ба фарҳанги ҷаҳон ворид созад, ки баҷост.

## РУҶӮИ ЗАНИ БАХТБАРГАШТА

Баски аз шавҳар ҷудо гаштам, пушаймон нестам,
Он ки беаҳду вафо буд, ҷону ҷонон нестам .
Интихоби модарам буд,ҳавсари беаҳду кин,
Шири хомхӯрдас-т одам, дил ба армон нестам.
Гову гӯсолабупарвар гашта будам деҳи ӯ,
Духтари шаҳрӣ манам, аммо Сулаймон нестам.
Ман арӯси чиллашин будам, ки рафт ӯ аз барам,
Монда пеши волидайнаш,пуши султон нестам.
Эй дил,озодӣ дигар аз амру фармони дурушт,
Ҳам зи таҳдиди сухан , хотирпарешон нестам.
Баски мехостам давоми таҳсиламро чун магистр,
Шавқу завқамро рабуданду чу сӯҳон нестам.

Дар сарам оҳанги қонун ғунҷаду сози рубоб,
Ёфтам худро зи санъат, зору ҳайрон нестам.
Ку ҳамон марде,ки дар қалбам ниҳонӣ ҷӯямаш,
Рӯҳнопайвандро ёри баимон нестам.
Духтари санъат манастам, роҳи ҷавлонам фарох,
Гар намеёбам мақом, аз Тоҷикистон нестам.

## ПАДАР ОМАД

Ба сӯйи хонаам мшаб ба меҳмонӣ падар омад.
Тамоми шодии кошонаам бори дигар омад.
Хабарпурсии ман омад ба ҷойи модари зорам,
Хаёле қомати модар ба ёдам ҷилвагар омад.
Ба саъйи ҳар касе сокин нашуд ашки ятимиам,
Ба хун оғуштаам , хуноб аз мағзи ҷигар омад.
Илоҷи марҳаму таскин насиби ман набудӣ ҳеҷ,
Ба шоми тирарӯзиҳо фурӯғе аз саҳар омад.
Фараҳ чун гул шукуфта андар оғӯши нишоти ман,
Ба ҷисми нотавони ман паёми болу пар омад.
Барӯманд омаду гул кард нахли орзумандӣ,
Агар чанде ба меҳмонӣ падар чун раҳгузар омад.
Зи сӯзу ҳасрати модар , ки буд аз ҳад фузун дар дил,
Маро дар ҳар қадам аз ӯ нишоте бештар омад.
Фаро аз нӯҳ фалак рафтаст овози хуши Бону,
Зи Ноҳид имшабаш як шеър бо оҳанги тар омад.

## НАДОНИСТА

Ба кӯйи ишқ афтодам, тапиданро надониста,
Шароби талх нӯшидам, чашиданро надониста.
Асири доми ту гаштам , надорам қуввати боле,
Зи макри доми сайёде, рамиданро надониста.
Ба ҳусни хеш болидам, саранҷомам чӣ шуд охир,
Гул аз хори ҷафо чидам, шамиданро надониста.
Ҳамегуфтам, биё, ҷоно, шукуфта лола дар саҳро,
Ба сони лола доғи дил дамиданро надониста.
Дилафгорам,зи ишқи ту,намепурсӣ зи ҳоли ман,
Ба ғайр аз ту кӣ мепурсад дили манро надониста?!
Ду-се рӯз ин дили мискин зи базми ишқ шодон буд,
Ба рағмаш лашкари ғам саф кашиданро надониста.
Нигоҳам пур зи маънои муҳаббат буд,сад афсӯс,
Ба сурат рӯ ба рӯ шуд чашм, диданро надониста.
Саропо дар шарори шӯълаи оҳам, бале Бону,
Ба боли сӯхтае аз ҷо париданро надониста.

## ДАР ПАНОҲ ДОР!

«Парвардгор, ёри маро дар паноҳ дор!»[4]
Ёри маро, хумори маро дар паноҳ дор!
Фарёди ман шуниду нигоҳе ба ман накард,
Он ҳайкали виқори маро дар паноҳ дор!
Чун ман шикастаболаму маҷрӯҳу хастадил,
Сайёди ҷоншикори маро дар паноҳ дор!
Гармӣ намондааст дар ин хонадони ман,
Хуршеди шӯълабори маро дар паноҳ дор!
Ман меравам чу захми ҷудоист дар ҷигар,
Он доғи лолазори маро дар паноҳ дор!
Уммеди худ ба килки суханпеша мебарам,
Килки гуҳарнисори маро дар паноҳ дор !

## ШАҲИ ИШҚИ НАХУСТИНАМ

Шаҳи ишқи нахустинам, нигаҳдорат Худо бошад,
Мусаффо бар сари сабзат ҳамеша ин само бошад.
Туро ман дӯст медорам , агарчи рафтаӣ аз ман,
Таманнои висоли ту ба дил доғи ҷафо бошад.
Набудӣ мисли ман ошиқ ,чӣ донӣ рангу бӯйи ишқ?
На марди ишқ ҳастиву на андар дил вафо бошад.
Маро дар умр ҳамқисмат нагаштӣ зор кардиям,
Бубин тақдири шӯрангези ман, пурмоҷаро бошад.
Ба вақти зинда будан о, ки мирам рӯ бо рӯи ту,
Мабигзоро, ки чашмонам ба вақти марг во бошад.

## ҚАДРИ ЗАР

Қадри зар заргар бидонад, гуфтаанд дар урфият,
Ин сухан аст баргузида, баски дорад моҳият,
Ҷома медӯхт, он ки султони ҷаҳони ман будӣ,
Дастони меҳрубони модари бооият.

Лаҳзаи дидор бо модар, чу умри шабнам аст,
Ин чаманро нағмаи булбул, садои мотам аст.
Кай ба қадри модари гетӣ расем, эй ҳамзанон?
Гӯш дардеҳ, шеъри шоир мояи дарду ғам аст.

Хоб мебинам, ба ҳолам гиря дорад модарам,

[4] Тазмин бар ғазали шоира Фарзона.

Пок карда бо ду дастонаш, чашмони тарам.
Қадри ашки тифлакон аз модари дунё бипурс,
Рози пинҳонам, куҷоӣ, модарам, болу парам?

Қадри занро зан бидонад, қадри зарро заргарон,
Қадри ёре ёр донад, қадри дилбар дилбарон.
Ман, ки имрӯз, тифл зода, модари дунё шудам,
Қадри модар бештар донам, зи аҳли чокарон.

Қадри зар заргар бидонад безабону бемаҷоз,
Он, ки ҳамдард аст, донад, ин ҳама асрори роз,
Хун махӯр, ай модаро, гар рафтам аз пеши ту дур,
Боз меоям ба оғӯшат ба сад розу ниёз

## АСЛИ ХЕШ

Ҳамехоҳам дигарбора ба асли хеш пайвастан,
Ба аҳли Ҳинду Покистону Эрон боз биншастан.
Ба он дурри даридорон.ки бисёранд дар олам,
Зи ҳарфи қудсии шаккаршикан дурри адан суфтан.
Ҳамехоҳам зи боби ҳикмати Сомониён гуфтан,
Чунон қисмат, ки аз ирфони он дилҳо шавад равшан.
Дилам хоҳад ғубори дил зи аҳли дил барафшондан,
Ба носури ҳамон дарде, ки доғашро даво будан.
Ҳамехоҳам чароғи офиятро нури ҷовидон,
Чу Сино дар дили халқи ҷаҳоне машъал афзудан.
Газанде то набинад мулки зебо Тоҷикистонам,
Шавам огоҳ зи одобу вуҷуди тифли ин гулшан.
Ҳамехоҳам дубора боз бинам Истаравшанро,
Зи хоки пок бӯсидан, зи оби чашма нӯшидан.
Маро аз Истаравшан мебарад то Ҳинду Покистон,
Аҷаб хосияте дорад канори чашма биншастан.
Дилам хоҳад дигарбора ба асли хеш пайвастан,
Ки аз як реша мерӯянд ин ҷо рустану растан.
Барои хотири ояндагону рафтагон бояд,
Б а ҳар як порсигӯйе ҷудо наваҳдҳо бастан.

## ЗАРАФШОНИ ХУРОСОН



*Зарафшони Абдураҳмон (Хуросон) 10 марти соли 1961 дар деҳаи Дараи Калоти ноҳияи Ҳамадонӣ дида ба олам кушодааст.*

*Ӯ маълумоти миёнаро дар мактаби рақами 34, ба номи Камолиддин Беҳзоди зодгоҳаш гирифтааст.*

*Шавқи донишҷӯӣ ӯро ба даргоҳи Университети давлатии Тоҷикистон овардааст. Шуъбаи танқиди адабии факултаи филологияи тоҷикро бо баҳои аъло хатм намудааст.*

*Зиндагӣ ӯро водор намуд, ки барои маълумоти дуюм ба Донишгоҳи техникии Тоҷикистон, ба номи Муҳаммад Осимӣ шомил шавад.*

*Аз соли 1996 то имрӯз ба сифати нозири корхонаҳои саноатӣ ва ғайрисаноатии шабакаҳои барқии шаҳри Душанбе фаъолияти касбӣ мебарад.*

*Аз хурдӣ ба шеър меҳр меварзад ва шеърҳояш борҳо дар рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» ва маҷаллаи «Машъал» нашр шудаанд. Шеърҳояш дар китоби дастҷамъии «Аз ҳафт дафтар» ба табъ расидаанд. Китоби мукаммалаш бо номи «Раҳоварди муҳаббат» дар шаҳри Душанбе соли 2019 нашр шудааст.*

*Дар шеър Зарафшон ва Моҳи Хуросон тахаллус мекунад. Ин силсила аз дафтари ба табънарасидаи ашъори ӯст.*

### РӮДАКӢ

Дарс мегирам зи шеъри ҷонфизои Рӯдакӣ,
Мекашад дилро ба худ оҳанрабои Рӯдакӣ.
Аз ғазалҳои тараш бӯи муҳаббат мерасад,
Дар дили шӯридаам бошад ҳавои Рӯдакӣ.
Дил ҳамехоҳад равам бар соҳили рӯди Уреч,
То ба гӯши ҷони ман ояд садои Рӯдакӣ.
То равонам дар тан асту то ки мегирам нафас,
Аз сарам берун намеояд садои Рӯдакӣ.
Хомаи гавҳарфишонаш он қадар дурдона рехт,
Кам нагардад дар ҷаҳон ҳаргиз баҳои Рӯдакӣ.
Раста гулҳои муҳаббат дар миёни боғи ӯ,
Абри тира раҳ наёбад дар самои Рӯдакӣ.
Духтари Хатлонаму Моҳи Хуросонам, чи хуш
Мениҳам сарро зи шавқи дил ба пои Рӯдакӣ.

### БӮИ МУҲАББАТ

***Дар бузургдошти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ***

Бубинам ман ба рӯи равзаат хуршеди тобонро,
Ба хиҷлат оварад бӯи хушат садбаргу райҳонро.
Ҳамеборад ба рӯи марқадат борони лутфи Ҳақ,
Расад бӯи муҳаббат аз мазорат мулки Хатлонро.
Зи алфози хушат дил дар даруни сина мерақсад,
Зи ҳар ҳарфи ту ҷӯям зиннати гулҳои хандонро.
Зи зикрат баски хушҳолам, зи номат то абад болам,
Туӣ пирам, наёрам бар забонам номи исёнро.
Ба хобам медароӣ ҳар шабе, домони ту гирам
Диҳӣ таскин ба алфози хушат хотирпарешонро.
Касе ояд ба сӯи марқадат қалбаш шавад равшан,
Зиёрат карданат лаззат ҳамебахшад тану ҷонро.
Ба кӯят омадам, чашми умеди ман ба сӯи туст,
Сабақ деҳ аз китоби хештан Моҳи Хуросонро.

## ХОҶА МУЪМИН[5]

Ҷӯям ба ҷони пазмон, асрори Хоҷа Муъмин,
Дил мешавад мунаввар з-анвори Хоҷа Муъмин.
Аз лолаи қотораш, аз оби чамасораш,
Бар кас расад футӯҳе аз тори Хоҷа Муъмин.
Завқу ҳавас биёрад касро ба дидани он,
Беҳ аз гули дигарҳост ҳар хори Хоҷа Муъмин.
Як посутуни Хатлон бошад чу Хоҷа Сартез.
Аркони дигари он гулзори Хоҷа Муъмин.
Майли қадаҳ надорам, эй соқиёни даврон,
Нӯшам шароби ҷонбахш з-анҳори Хоҷа Муъмин.
Бар ёди худ биёрад ҳаққи намак ҳамеша,
Созад насиба ҳар кас з-анбори Хоҷа Муъмин.
Моҳи шаби Хуросон, нокарда роз пинҳон,
Созад садоқати худ изҳори Хоҷа Муъмин.

## КӮЛОБИ МАН

Боғшаҳри дилрабо, Кӯлоби ман,
Меҳри ту дар сина ҷо, Кӯлоби ман.
Мири Мирон хуфтааст андар барат,
Бар ҳама дардам даво, Кӯлоби ман.
Хоҷа Исҳоқи Валият, шаҳри нур,
Будааст марди Худо, Кӯлоби ман.
Шоҳину Носеҳи нотакрори ту,
Гуфтаанд васфи туро, Кӯлоби ман.

[5] Кӯҳи намак.

Аз каломи Ҳоҷии овозадор,
Гаштаӣ ту бефано, Кӯлоби ман.
Аз Вализода тафохур мекунам,
Ҳастӣ шаҳри бебаҳо, Кӯлоби ман.
Мезанад дил гум ба Мавлоно Ашӯр,
Шаҳри шаҳри Ориё, Кӯлоби ман.
Одина Ҳошим дар оғӯши ту,
Буд аз аҳли сахо, Кӯлоби ман.
Гарчи бошам ман зи оғӯши ту дур,
Нестам аз ту ҷудо, Кӯлоби ман.
Шукри ту Моҳи Хуросон мекунад,
Оварӣ бар дил сафо, Кӯлоби ман.

## ЧАШМАСОРИ ХОВАЛИНГ

Тавъами ҷаннат бувад фасли баҳори Ховалинг,
Рӯҳ бахшад бар тани кас чашмасори Ховалинг.
Аз мазори Ҳазрати Султон расад бӯи вафо,
Манзили мурғи саодат ҳар чанори Ховалинг.
Меваҳояш лаззати шаҳду шакар доранд магар?
Ошиқам бар меваҳои шаҳдбори Ховалинг.
Шоирону олимонашро намебошад ҳисоб,
Булбули хӯшгӯй бошад аз табори Ховалинг.
Хоҷа Айюб[6] медамад бар рӯи зоир нури Ҳақ,
Чатри осоиш бувад беди қатори Ховалинг.
Медамад бар рӯи ҳар сангаш гиёҳи беҳисоб,
Қувватам созад ато санги мазори Ховалинг.
Мекунад тавсифи ӯ Моҳи Хуросон ҳар сабоҳ,
Ҷон диҳад, эй кош, рӯзе дар канори Ховалинг.

## РАВОДИДИ ИШҚ

Бар сафоратхонаи ишқ омадам,
Ай сафири ишқ муҳратро биёр.
Дафтари арзи маро аз нав бихон,
Муҳри ҳиҷрону садоқатро гузор.

Магзар аз ин маҳфили ман, ай сафир,
Гарм бинмо манзили ман, ай сафир.
Дар билоди ишқ бахшо ихтиёр,
Соз осон мушкили ман, ай сафир

[6] Ишора бар мазори Хоҷа Айюби Ансорӣ.

Кун раҳоям, дардро дармон бишав,
Раҳнамои ошиқи гирён бишав.
Интизорӣ мекушад рӯзе маро,
Гар тавонӣ нохудои ҷон бишав.

Ай сафири ишқ муҳратро гузор,
Аз китоби ишқ армон бишканам.
Сар ба мулки ошиқиҳо афканам,
Қуфли дилҳои парешон бишканам.

Чун тарафдори сиёсат нестам,
Ман вакили хуби дилҳо мешавам.
Муҳри ишқатро гузору раҳ намо,
Раҳнаварди роҳи фардо мешавам.

## УМЕД

Гузарам даме ба кӯят ба умеди як саломат,
Ба дилам хазор ҳасрат, ба забон ҳавои номат.
Қадамам паи қадамҳо зи дари ту дур гардад,
Дили танги ғамрасида зи бари ту дур гардад.
Ғами ту ба ҷода ҳар дам бари доманам бидорад,
Писарам ба лаҳни дилкаш қадами маро шуморад.
Ба бағал чу гирам ӯро , ғами дил шавад фаромӯш,
Ҳама оташи диламро бикунам дубора хомӯш,
Ғами ишқ то қиёмат нагузорадам, гурезам,
Зи Худо талаб намоям, ки ба пои ту бирезам.

## ХАЗОН

Хазон шудам,
Чу баргҳои нахли тирамаҳ,
Накарда тоби сардиҳо,
Ба зарб дар набарди зиндагӣ,
Ба сад ҷафо
Хазон шудам.

Бирехт барги зарди ман,
Ба рӯи сабзаҳои зард,
Ба рӯи хоки сарди ман.
Чун он диле, ки аз ҷафо,
Ба дард шуд,
Хазон шудам.

Хазон ба саҳни ҳавлиам,
Зи нахли ғам бирехта,
Чи баргҳо ба ранги зард,
Чу қалби дардманди ман,
Зи одамон гурехта,
Ба хокдон бирехта,
Хазон шудам.

Дили ба дард омада,
Чу баргҳо,
Зи зарбу доғи зиндагӣ,
Ба дардҳо.
Ки вораҳад зи синаам,
Чу оҳи як нафас,
Хазон шудам.

Ба сад ҳазор орзу,
Ба зери хоки сард,
Ниҳон шудам,
Дареғу сад дареғи ман,
Хазон шудам...

## ХИТОБ

Ошноё, ошноӣ боядо,
Шавқи мо бар даркушоӣ боядо.
Бо ҳама пасту баланди зиндагӣ,
Қалбро оҳанрабоӣ боядо.
Гарчи ҳечӣ дар баҳои офтоб,
Саъй андар хушбаҳоӣ боядо.
Ишқ омад, ақл аз мо рӯй тофт,
Ақлро мушкилкушоӣ боядо.
Ғам нахӯрдан беҳ дар кори ҷаҳон,
Ғамбарию ғамзудоӣ боядо.
Бо маҳалбозӣ хатое мекунӣ,
Ҷои он миллатгароӣ боядо.
То нагӯӣ «аз куҷоӣ?», эй азиз,
Дилбарию дилрабоӣ боядо.
Чун забони мо забони тоҷикист,
Ҳамзабоно, ҳамнавоӣ боядо.
Зарфишонам, ваҳри ҳифзат, эй Ватан,
Ҷоннисорӣ, ҷонфидои боядо.

## ИЛТИҶО

Аз боргоҳи ишқ гурезон машав дигар,
Чун ашк рӯи дидаам марҷон машав дигар.
Афсурдадил ба ёди туям, эй нигори ман,
Коҳам ба бод додаву хандон машав дигар.
Руъёи ишқи покаму дар банди ёдҳо,
Чун соя пушти абри ғам пинҳон машав дигар.
Андар сарои кухнаи дил, о, қадамзанон,
Чун дона зери хок парешон машав дигар.
Фарёдрас надораму дастам ба сӯи туст,
Андуҳи қалби Моҳи Хуросон машав дигар

## АСОИ РӮЗГОРАМ ШАВ

Ба дидори ту пазмонам,
Макун дигар парешонам.
Зи ман ҳарфи вафо омӯз,
Ки ман Моҳи Хуросонам.

Зи ман дурӣ маҷӯ ҳаргиз,
Гули дигар мабӯ ҳаргиз.
Ба собуни касу нокас,
Либоси худ машӯ ҳаргиз.

Намо дилро харидорӣ,
Бидон қадри вафодорӣ.
Зи ҳар гумроҳи беҳуда,
Намебинӣ ту ғамхорӣ.

Биё, эй бахти бедорам,
Зи ҳиҷрони ту беморам.
Туро бо накди ҷони худ,
Харидорам, харидорам.

Манам чун бахти бедорат,
Саодатро кунам ёрат.
Дар ин дуроҳаи ҳастӣ,
Шавам як умр ғамхорат.

Ало, эй сарви боғи ман,
Биё, баҳри суроғи ман.
Даме аз накҳати мӯят,
Кушояд то димоғи ман.

Чароғи шоми торам шав,
Гули боғи баҳорам шав.
Сарам дар китфи ту монам,
Асои рӯзгорам шав.

Ба дидори ту пазмонам,
Макун дигар парешонам.
Зи ман ҳарфи вафо омӯз,
Ки ман Моҳи Хуросонам.

## ДУНЁИ РОЗ

Тилфуни дасти ман шуда дунёи рози ман,
Аз шишае умеди вафо мекунам ҳанӯз.
Аз содагӣ ҳазор хато карда будаам,
Бо содагӣ ҳазор хато мекунам ҳанӯз.

Ҳар лахзае нигоҳи маро шишаи сафо,
Бо сад саволу ҳарфи ҷафо рӯ ба рӯ кунад,
Аз гармии лабону дили дардноки ман,
Яхпорае ба оташи дил гуфтугӯ кунад.

Тилфуни ман маҷоли нигоҳи вафо накард,
Як заррае муқобили кони шарора шуд.
Ман доштам назар ба умеде ба сӯи ӯ,
Якбора пеши пои ман афтоду пора шуд.

## РУБОИЁТ

Авсофи туро ба барфу борон гуфтам,
Дарди дили худ ба пеши ёрон гуфтам.
Аз дида чу чашмаи сиришк ҷорӣ шуд,
Ғамҳои туро ба чашмасорон гуфтам.

Дар панҷаи ишқ нотавон афтодам,
Чун мӯри заиф хастаҷон афтодам.
Номонда ба роҳи орзу як қадаме,
Аз шоха чу гулбарги хазон афтодам.

Ман ишқи туро даруни ҷон парвардам,
Меҳри ту ба мағзи устухон парвардам.
Нахли қади ту ба пеши чашм овардам,
Дар синаи танги Зарфишон парвардам.

Аз олами ишқи ман нишон мебошӣ,
Ман пир шудам, вале ҷавон мебошӣ.
Ман номи туро ба синаам ҳак кардам,
Чун нақш ба қалби Зарфишон мебошӣ.

Эй ёри азиз, биё, ки пазмони туам,
Дар базми тараб чароғи тобони туам.
Ҷуз ту ба дилам касе надорад ҷое,
Дилдодаи ту, Моҳи Хуросони туам.

Эй ёри азизи ман, фидоят ҷонам,
Дар кӯчаи ишқу меҳр саргардонам.
Боре ту агар зи ҳоли зорам пурсӣ,
Дар пеши ду пои ту сарамро монам.

Донӣ, ту тамоми рози пинҳонии ман,
Аз барқи нигоҳу аршҷавлонии ман.
Зарро чӣ кунӣ, ки зар зи сар мемонад,
Шукрона намо, ту бар Зарафшонии ман.

Чун рӯд ҳамеша дар талотум бошам,

Шабҳо ба хаёли моҳу анҷум бошам.
Ҳар ҷо, ки равам сифоти ту мегӯям,
Бо нағмаи соз дар тараннум бошам.

Эй ишқ, ту кинаварзиро сар кардӣ,
Тири ситамат ба ман муқаррар кардӣ.
Аз дасти ту ҷонам ба фиғон омадааст,
Ду дидаи ман зи ашки ғам тар кардӣ.

То чанд ман аз шикастаболон бошам,
Дар ҷодаи ишқ зору нолон бошам?
Бар сӯи ман аз лутф нигоҳе афкан,
Шояд, ки ман аз хуҷастафолон бошам.

## ДУБАЙТИҲО

Гаҳе аз сӯзу сози дил бисӯзам,
Гаҳе аз тангии манзил бисӯзам.
Гаҳе чун моҳӣ оям дохили об,
Гаҳе бе об дар соҳил бисӯзам.

Намедонӣ ту чун роҳи Хуросон,
Наӣ ҳаргиз ту огоҳи Хуросон.
Ба ин дилмурдагӣ, эй бемурувват,
Чӣ донӣ қимати Моҳи Хуросон?

Зи саҳрои адам андеша дорам,
Гаҳе аз бешу кам андеша дорам.
Дар ин дуроҳаи имрӯзу фардо,
Зи фарҷоми қалам андеша дорам.

Дилам хоҳони фасли навбаҳор аст,
Сарам помоли пои рӯзгор аст.
Намебинад маро ҳар чашмхира,
Ки пеши чашмаш акси кӯҳсор аст.

Ба сина оҳи шабгире намонда,
Дар ин беша дигар шере намонда.
Намепурсанд зи аҳволи Зарафшон,
Дар ин маъво магар мире намонда?

Бихон боре, азизам, номаи дил,
Ба хоки тар маяфкан хомаи дил.
Туро дорам, барои ман ҳамин бас,

Барои ту бизебад ҷомаи дил.

Бувад чашми ҳаросонам ба сӯят,
Намонам по бурун аз хоки кӯят.
Манам Лайлову Маҷнунам ту бошӣ,
Бимирам ҳам шавам зинда ба бӯят.

Дилам майли гули рӯи ту дорад,
Ҳавои чашму абрӯи ту дорад.
Маро магзору аз пешам машав дур,
Димоғам накҳати мӯи ту дорад.

Биё, ҷоно, чароғи манзилам шав,
Тавонбахшандаи обу гилам шав.
Туро дорам, барои ман ҳамин бас,
Азизам, гармибахши маҳфилам шав.

Ягона, эй ягона, эй ягона,
Бихон дар гӯши ҷони ман тарона.
Ғанимат бишмар ин умри дурӯза,
Ҷаҳон бод асту ҳеҷ асту фасона.

## ГУЛАФЗО



*Саидова Гулафзо 1-уми январи соли 1962 дар деҳаи Пагнаи ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи хизматчӣ таваллуд шудааст.*

*Мактаби 8-солаи деҳаи Маргедарро хатм кардааст.*

*Айни ҳол дар шаҳри Панҷакент истиқомат дорад. Соҳиби 9 фарзанд мебошад.*

*Ӯ аз даврони таҳсили мактабиаш то ин замон ба шеъру ғазалнависӣ майлу рағбати зиёде дорад. Узви маҳфили Хайрандеш аст.*

*Чакидаҳои хомааш дар рӯзномаву маҷаллаҳои «Истиқлол», «Муҳаббат», «Рӯзгор», «Зарафшон», «Омӯзгор» ва маҷмӯаҳои дастаҷамъии «Армуғони ғазал», «Шеърҳо дар васфи падару модар», «25 гуфтор», «Наврӯзи Зарафшон» ва «Суханварони Зарафшон» нашр гардидаанд.*

*Китоби нахустинаш бо номи «Хандаи гул» манзури хонандагон гардидааст.*

## ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Марди баори миллат,
Шаъну шиори миллат,
Эй меъмори Ваҳдат,
Ҳам посдори давлат.

Ту сарбаланд бошӣ,
Эй шоҳи боадолат,
Эй раҳнамои миллат,
Эй Пешвои миллат!

Додӣ ба кулли тоҷик,
Оши ҳалоли оштӣ,
Дар сарзамини тоҷик
Сулҳу салоҳ коштӣ.

Умрат дароз бодо,
Эй шоҳи боадолат,
Эй ҷонфидои миллат,
Эй Пешвои миллат!

## ҒАЗАЛ

Он софниҳодон ҳама ёрони Худоянд,

Он покзамирон ҳама ёрони Худоянд.
Бечораву нодору мусибатзадагон низ,
Бетоҷу сарирон ҳама ёрони Худоянд.
Пуртоқатӣ аз бандаву аҷр аст зи Аллоҳ,
Ин ҷамъи сабурон ҳама ёрони Худоянд.
Аз хонаи дил меҳр бурун кард ғами мол,
Дарвешу фақирон ҳама ёрони Худоянд.
Карданд ҳама умр нисори гули рӯяш,
Покизаву ҳурон ҳама ёрони Худоянд.
Ғофил манишин, пардаи рӯят надаронанд,
Он зери ҳарирон ҳама ёрони Худоянд.
Озурдани дилро ба ду олам напазиранд,
Он пандпазирон ҳама ёрони Худоянд.
Дар дил чу сухан дорӣ, Гулафзо, ба қалам ор,
Ёрони сухандон ҳама ёрони Худоянд.

## ДИЛ

Дил мурғаки озод аст, ӯ дом намехоҳад,
Азбаски тарабнок аст, ӯ ҷом намехоҳад.
Дар зиндагӣ побанд аст, бо ёди Худованд аст,
Оғози таманноро фарҷом намехоҳад.
То ҷон ба бадан дорад бар назму сухан шайдост,
Дил дар тақупӯ бошад, ором намехоҳад.
Ҳарчанд пур аз сӯз аст, ҳар як шаби ӯ рӯз аст,
Рӯшноӣ парастад ӯ, чун шом намехоҳад.
Бо рафтани айёмаш, бо пухтагиву хомаш,
Парвози баландашро анҷом намехоҳад.
Гуфтори Гулафзоро раҳтӯшаи дилҳо кун,
Чун номи накӯяшро бадном намехоҳад.

## ҒАЗАЛИ ИСТИҚЛОЛ

Ободии ин Ватан зи Истиқлол аст,
Осоиши ҷисму тан зи Истиқлол аст.
Шукронаи файзу нусраташ мегӯем,
Пирӯзии марду зан зи Истиқлол аст.
Бо Ваҳдату якдилӣ ҳамоҳанг шавем,
Анвор ба анҷуман зи Истиқлол аст.
Сабзидани ҳар ниҳоли уммед аз ӯст,
Гул кардани ҳар чаман зи Истиқлол аст.
Ҷӯшидани илҳом зи сарчашмаи ӯст,
Озодии ҳар сухан зи Истиқлол аст.
Ангезаи фикру зикр бошад аз вай,

Андешаи мову ман зи Истиқлол аст.
Ин иди накӯпай муборак бошад,
Ҳам тантанаи Ватан зи Истиқлол аст.

## ҒАЗАЛИ ОГОҲӢ

Зарурат гар шавад пайдо, наметонам нагӯ, ҷонам,
Агар ҳарфе бипурсидам, намедонам нагӯ, ҷонам.
Ту ишқи зиндагии ман, ту бешию камии ман,
Камию костиҳоро намемонам нагӯ, ҷонам.
Бироні киштият бо шаст, оби тира пеш ояд,
Зи оби тира тарсида, намеронам нагӯ, ҷонам.
Агар боре зи ашъорам ягон ҳарфи хато ёбӣ,
Ба як ҳарфи хатое нуқта мемонам нагӯ, ҷонам.
Ту ишқи ҷовидони ман, китоби хонадони ман,
Китоби зиндагониро намехонам нагӯ, ҷонам.
Манам шамъи фурӯзонат, манам шӯхи ғазалхонат,
Гули пажмурдае бинӣ, ту хандонам нагӯ, ҷонам.

## ТАБРИКОТИ НАВРӮЗӢ

Эй нахлҳои ғарқи гул, Наврӯзатон табрик бод!
Эй зинати ҳар ҷузву кул, Наврӯзатон табрик бод!
Эй ошиқони гулбасар, эй шоири волоасар,
Эй лолаву гулбарги тар, Наврӯзатон табрик бод!
Чангу дутору сурнай, тору рубобу созу най,
Мутриб шуда сархуш зи май, Наврӯзатон табрик бод!
Борони найсонат чӣ хуш, хунёи мурғонат чӣ хуш,
Ҳам боғу саҳро сабзапӯш, Наврӯзатон табрик бод!
Худ ҳафтсину ҳафтшин, ороста дар рӯйи хон,
Бошад шиори тоҷикон, Наврӯзатон табрик бод!
Ҳам сабза пуршабнам шуда, ҳам шохаи гул хам шуда,
Пурбода ҷоми Ҷам шуда, Наврӯзатон табрик бод!

## БА ҲАМСАРАМ

Мӯнису ширинзабони ман туӣ,
Обрӯйи хонадони ман туӣ.
Ин туӣ ифшогари эъҷози ман,
Нури ҳар ду дидагони ман туӣ.
Қадр созам хизмати шоистаат,
Бас қарину қадрдони ман туӣ.
Мард ин сатри зану зеби макон,
Зебу зинат дар макони ман туӣ.

Ҳамчу нозир дар хати сарҳад мудом
Посдору посбони ман туӣ.
Ҳар даму ҳар соату ҳар рӯзу шаб
Меҳмони ҷовидони ман туӣ.
Зиндагӣ бо шамъи ту афрӯхтам,
Аввалину охирини ман туӣ.
Ту набигзорӣ рухам гардад хазон,
Худ баҳори бехазони ман туӣ.
Гар Гулафзо достон гӯяд кам аст,
Сӯҳроби достони ман туӣ.

## ГУЛДУХТАРИ АТЛАСПӮШ

Гулдухтари атласпӯш, атлас ба ту зебанда,
Маҳпайкари атласпӯш, чун моҳию тобанда.
Атлас ба барат зебо, рӯмоли сарат зебо,
Ҳам тоҷу фарат зебо, хушрӯиву оганда.
Андар бари ту атлас, ояд ҳаваси ҳар кас,
Гӯянд: «Аҷаб маҳваш!» - ин аст магар ганда?
Дар тантанаи атлас дилро бизанӣ аз раҳ,
Мастона бизан қаҳ-қаҳ, ширинлаби пурханда.
Пироҳани ту миллӣ, навъи сифати олӣ,
Як тори Хуҷанд-атлас ҳаргиз нашавад канда.
Ҳар чевари ин водӣ эҳдо бикунад шодӣ,
Ҷо дар дили мо дорад бо хизмати арзанда.
Бо дидаи Гулафзо ин маҳфили рӯҳафзо,
Шаҳре, ки пур аз атлас, сардор занад қанда!

## ҲАНГОМИ СУБҲ

Файз борад аз само ҳангоми субҳ,
Хастаҳолонро шифо ҳангоми субҳ.
Аз ибодатхонаҳо бонги азон,
Роз бошад аз Худо ҳангоми субҳ.
Аз замин то бар самояш бингарӣ,
Пуртароват, пурҷило ҳангоми субҳ.
Нағмаҳои обшору мурғакон,
Хушнавову хушсадо ҳангоми субҳ.
Чашм во кун бо каломи номи Дӯст,
Фикру зикрат ҷо ба ҷо ҳангоми субҳ.
Ризқ тақсим мешавад вақти саҳар,
Ғафлат аз дил кун раҳо ҳангоми субҳ.
Эй Гулафзо, шукр ғофил нестӣ,
Бандаро тоат раво ҳангоми субҳ.

## ЛАБХАНДИ ЗИНДАГӢ

Лабханди ман, лабханди зиндагӣ,
Шаҳди лаби ман аз қанди зиндагӣ.
Ман ранг мегирам аз ранги зиндагӣ,
Ман панд мегирам аз панди зиндагӣ.
Ҳеч зиндагонӣ нест бе ғубору чанг,
Ман гардолудам аз чанди зиндагӣ.
Шахсе, ки пос дошт зиндагии хеш,
То зинда ҳаст ӯ побанди зиндагӣ.

## ЧАҲОРПОРАҲО

Рафтани бебозгаште мо зи об омӯхтем,
Ин ҳаёти одамиро аз ҳубоб омӯхтем.
Рафтагон гуфтанду мегӯянд ҳоло одамон,
Қадри заҳматҳои шоир аз китоб омӯхтем.

Ҷафои хубрӯёнро ба дӯши худ бибардорӣ,
Шавад рӯзе, ки аз онон вафоро низ дарёбӣ.
Ҷафои хубрӯёну вафои зиштрӯёнро
Ба мизон гар гузорӣ, ҳар ду дар як вазн дарёбӣ.

Ҳарфи хуш қиматтар аз тиллову ганҷ,
Гар бигӯяд дӯст нуқсатро, маранҷ.
Сесаду шаст аст паҳлуи сухан,
Пеш аз гуфтор паҳлуҳо бисанҷ.

Бороне баҳор рӯйи гулро шустаст,
Дар бистари гул шабона шабнам хуфтаст.
Чаҳ-чаҳ задаву ба ноз гуфто булбул:
- Шармида зи ман арақ намудаст ин гул!

Чил духтари хушдимоғ ҳастем,
Чил шамъу чил чароғ ҳастем.
То муштариён хато наёбанд,
Қофияву вазнсуроғ ҳастем.

## МОДАР

Чу меҳрат ганҷи пурқиммат надидам дар ҷаҳон, модар,
Ба монанди ту боҳиммат надидам дар ҷаҳон, модар.
Ту меҳри дигаре дорӣ, ту сеҳри дигаре дорӣ,

Ба амсоли ту бошафқат надидам дар ҷаҳон, модар.
Ҳакиму нуктадонӣ ту, азизи хонадонӣ ту,
Ба монанди ту боҳикмат надидам дар ҷаҳон, модар.
Ту хушрӯиву хушбӯӣ, дилороиву дилҷӯӣ,
Ба мислат хушқаду қомат надидам дар ҷаҳон, модар.
Ту пуркориву пурборӣ, зи ҳарфи нек саршорӣ,
Чу ту пуркору пурзаҳмат надидам дар ҷаҳон, модар.

## ШОДОН БИШАВ

Эй ҷисми ман, эй ҷони ман, бар қасди ғам шодон бишав,
Эй қалби бовиҷдони ман, бар қасди ғам шодон бишав.
Ғамро зи худ дур кун зуд, хурсандиро хон назди худ,
Эй дидаи рахшони ман, бар қасди ғам шодон бишав.
Ғамро ба дил паймон мадеҳ, бар фитнаи шайтон мадеҳ,
Эй дини ман, имони ман, бар қасди ғам шодон бишав.
То одам аст, ӯ бо ғам аст, ду дидаи ӯ пурнам аст,
Ту Сотирӣ Яздони ман, бар қасди ғам шодон бишав.
Гуфто Гулафзо ин масал, эҷод бинмуда ғазал,
Ҳамхонаву ҳамхони ман, бар қасди ғам шодон бишав.

## НАЗИРА БАР ҒАЗАЛИ ХОҶА ҲОФИЗ

«Гул бе рухи ёр хуш набошад,
Бе бода баҳор хуш набошад».
Лаб баста фурӯ ба назди дилбар,
Бе гуфтугузор хуш набошад.
Гар ҷӯш занад дил аз муҳаббат,
Бе айши нигор хуш набошад.
Бо дег шинӣ сиёҳ гардӣ,
Ин гуна шиор хуш набошад.
Бе тоату бе намозу рӯза
Рӯ сӯйи мазор хуш набошад.
Бар дӯст агар мусибат ояд,
Худ гирӣ канор хуш набошад.
Қоил шуда Гул ба шеъри Ҳофиз,
Ӯро шаби тор хуш набошад.

## СУРУДИ АЛЛА

Ҷони ман, бо алла оромат кунам,
Шири худро ширaи комат кунам.
Бо каломи исми Аллоҳи бузург
Гарчи бетобӣ кунӣ, ромат кунам.

Алла гӯям, бачаҷонам, аллаё,
Номи ширинат ба ҷонам, аллаё.

То ки гардӣ тифлаки хандону шод,
Сад дуои нек бар ҷонат кунам.
Гарчи озору азобам медиҳӣ,
Ҷони худ доруву дармонат кунам.
Алла гӯям, бачаҷонам, аллаё,
Номи ширинат ба ҷонам, аллаё.

Касбу кор омӯзию олим шавӣ,
Қалби худ аз шодӣ қурбонат кунам.
То ки бошад рӯзиат нони ҳалол,
Ман дуоҳо бар сари хонат кунам.
Алла гӯям, бачаҷонам, аллаё,
Номи ширинат ба ҷонам, аллаё.

## ҒАЗАЛИ НАВРӮЗӢ

Наврӯзи накӯпай, ки имрӯз расидаст,
Бар лавҳи лаиб[7] тифли навомӯз расидаст.
Балъид хурӯс аз паси ҳут мастии дайро[8],
Дил гашт фараҳманд, дилафрӯз расидаст.
Ин муғчаи гул шиквакунон лаб бикушода,
Андар дили мурғони чаман сӯз расидаст.
Омад ба машомам зи саҳар накҳати гулҳо,
Шаббода вазон, шамъи шабафрӯз расидаст.
Гулнеш[9] дили реш ба зархок намудаст,
Гул ёфт дили хоку ба ин рӯз расидаст.
Олам ҳама шуд сабзу дилорою фиребо,
Оҳубара бар сабзаву бар бӯз расидаст.
Дар дафтари ман шеър шукуфтаст, Гулафзо,
Наврӯзи гулафшону гулафрӯз расидаст.

## ФАСЛИ БАҲОР

Сабзаборонат чӣ хуш, фасли баҳор,
Резаборонат чӣ хуш, фасли баҳор.
Соли нав бо ҳафтсину ҳафтшин,
Зиннати хонат чӣ хуш, фасли баҳор.

---

[7] **Лаиб** – айшу ишрати зиёд.
[8] **Дай** – сармо.
[9] **Гулнеш** – неши гул.

Қаҳ-қаҳи кабки ҳилол аз кӯҳсор,
Сучу торонат чӣ хуш, фасли баҳор.
Баррапоӣ дар лаби сарчашмаҳо,
Хӯрдани нонат чӣ хуш, фасли баҳор.
Гаҳ ҳаво борону гаҳ хуршедӣ аст,
Ҳам ину онат чӣ хуш, фасли баҳор.
Зирку қоту кудричу кокӯтиат,
Бӯйи райҳонат чӣ хуш, фасли баҳор.

## НАДОРАМ

Дарёдиламу тарс зи гирдоб надорам,
Мастам зи худу майли майи ноб надорам.
Дорам дили шаффофу чу ойина мусаффо,
Дар зулмати шаб ҳоҷати маҳтоб надорам.
Абруи базебат ба гиреҳ нест мувофиқ,
Бикшо гиреҳи ноз, ки ман тоб надорам.
Хоҳам, ки нависам сари ҳар мӯй тарона,
Шаб то ба саҳар бо ҳавасат хоб надорам.
Аз дард тиҳӣ нест тани гарм дар ин даҳр,
Ман тоқати дарди дили нобоб надорам.
Холӣ ба барам бошад агар кӯзаи зардам,
Мақбул нагардад, чу дар он об надорам.
Асло ба сарам фикри хато нест, Гулафзо,
Дар ҳар ду ҷаҳон шиква зи Сӯҳроб надорам.

## МЕДИҲАД

Гул хабар аз рӯйи ҷонон медиҳад,
Бӯйи хоки баъди борон медиҳад.
Абри найсон дар ғуруби офтоб
Сурхии рухсори ёрон медиҳад.
Моҳи тобон дар шаби ялдои тар
Бар замин шире зи пистон медиҳад.
Он ду чашме, ки ҷамоли ёр дид,
Сад нишон аз чашмасорон медиҳад.

## НАБУДААМ, НАМЕШАВАМ

Ғайри ту ёри дигаре набудаам, намешавам,
Дилбару зори дигаре набудаам, намешавам.
Сайр ба боғи дигаре нарафтаам, намеравам,
Боғу баҳори дигаре набудаам, намешавам.
Ба хонаи нахонда ман нарафтаам, намеравам,

Гарду ғубори дигаре набудаам, намешавам.
Ғайбати ёру дӯстон накардаам, намекунам,
Банд ба кори дигаре набудаам, намешавам.
Ҷону мадори ман туӣ, равнақи кори ман туӣ,
Ҷону мадори дигаре набудаам, намешавам.

## ХАСТАҲОЛАМ МЕКУНАД

Бенизомиҳои олам хастаҳолам мекунад,
Носозӣ, носабуриҳо малолам мекунад.
Зиндагӣ дорои пастию баландӣ будааст,
Гаҳ насими фораму гоҳе шамолам мекунад.
Якдигарфаҳмӣ ба тӯли зиндагонӣ зиннат аст,
Фаҳмише пайдо набошад, мисли долам мекунад.
Вергул дар зиндагӣ мақбули ман бошад мудом,
Гаҳ хитоби пуршитобу гаҳ саволам мекунад.
Бо ҳама шебу фарозу розҳову нозҳо,
Бурдаи нон додаву ҳаққу ҳалолам мекунад.
Ҳар чӣ ояд аз фалак, онро бибардорад замин,
Он чӣ дар ҳолам навишта, ӯ зи қолам мекунад.
Зиндагӣ бо ин ҳама талхию ширинии худ,
Эй Гулафзо, боз бар худ дилкашолам мекунад.

## ХАЁЛИ ТУ

Ҳар замон дар пеши чашмам сурати барнои ту,
Доимо андар хаёлам қомати раънои ту.
Он суханҳои хуши ту дар дили ман ҷо гирифт,
Меҳр бастам ман аз он бар тинати зебои ту.
Ин ҷаҳону ин замину ин замон якто бувад,
Дар ҷаҳону дар замину дар замон яктоӣ ту.
Одамон гаштанд шайдои дилу соҳибдиле,
Лек ман бошам фақат дар ҳар куҷо шайдои ту.
Дар ҳама мулку макони мо бувад дарё равон,
Ташнагиям нашканад бе қатраи дарёи ту.
Кофтам рӯйи ҷаҳон, пайдо бикардам ман туро,
Ҳар куҷо ки ҷустамат, дар он макон пайдоӣ ту.
Гар туро гиранду бифрӯшанд дар бозори даҳр,
Халқи олам ҷамъ ояд, то кунад савдои ту.
Ин ду чашми чори ман дар интизори роҳи туст,
Ҳар гаҳе берун равӣ ёдат кунам, то оӣ ту.
Ман, Гулафзо, бо таманно васфи рӯят мекунам,
Дар дилу дар дидаи ман маскану маъвои ту.

## ДУХТАРИ ДЕҲОТӢ

Духтари деҳотиям, деҳзодаам,
Кибр дар ман нест, яксар содаам.
Обро аз сарғаҳаш нӯшидаам,
То ки бошам софдил, кӯшидаам.
Аз ҳавои соф бигрифта нафас,
Тинати покиза мекардам ҳавас.
Духтари деҳотиям, деҳзодаам,
Чун русуми деҳаам озодаам.
Панд аз пирони деҳ омӯхтам,
Дар дилам шамъи сухан афрӯхтам.
Обу хоку санги деҳам дилписанд,
Мардумаш ширинзабону сарбаланд.
Духтари деҳотиям, деҳзодаам,
Дил бибурдам аз деҳу дилдодаам.
Ман Гулафзоям, зи деҳ рӯйидаам,
Гул ҳам аз гулзори деҳ бӯйидаам.
Деҳаро васфи накӯ арзанда аст,
Хандаи деҳдухтарон зебанда аст.
Гарчи дар шаҳри бузург афтодаам,
Духтари деҳотиям, деҳзодаам.

## ГУЛПАРВАРАМ

Аё ҷонам, биё, ҷонони ман бош!
Чу гул бишкуфтаву хандони ман бош!
Дар ин дунё манам баҳрат дуогӯй,
Ба ду олам ту худ дармони ман бош!
Ман аз сардии дил метарсам, эй ёр,
Ту хуршеди манӣ, тобони ман бош!
Агар як лаҳзае бошӣ зи ман дур,
Шавам пазмони ту, пазмони ман бош!
Ту зебу зинати ин хонадонӣ,
Чароғи роҳи фарзандони ман бош!
Ду тан дорему аммо ҷони мо як,
Дар ин ду ҷисму тан як ҷони ман бош!
Манам гулпарварам, номам Гулафзо,
Гули ишқат манам, гулдони ман бош!

**ҲАКИМОВА ТӮТӢ**



*Ҳакимова Тӯтӣ Раҷабзода 8 марти соли 1962 дар Гузари Ҳавзи Сангини шаҳри Ӯротеппа аз оилаи коргар дида ба олам кушодааст.*

*Соли 1979 мактаби миёнаи рақами № 2 ба номи Зоя Космодемянскаяи шаҳраки Меҳнатободи ноҳияи Зафарободро хатм намуда ба факултаи филологияи руси Донишгоҳи давлатии педагогии шаҳри Ленинобод (имрӯза Донишгоҳи давлатии ба номи академик Бобоҷон Ғафуров,шаҳри Хуҷанд дохил шудааст.*

*Фаъолияти кориашро аз моҳи июли соли 1984 ҳамчун омӯзгори забон ва адабиёти рус дар ММУ № 20 огоз намуда, аз соли 1987 то соли 2013 бо сабаби ташкили оила дар МТМУ № 21 деҳаи Чорбоги шаҳри Истаравшан давом додааст. Бо сабаби норасогии мутахассисон ҳамгиро ҳамчун омӯзгори забони давлатӣ ва синфҳои ибтидоӣ дар ин мактаб фаъолият бурда ҳамчунин муддате ба ҳайси ҷонишини директор оид ба корҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ кор кардааст.*

*Дорои тахассуси дараҷаи олии касбӣ буда барои фаъолияти намунавии корӣ борҳо бо Ифтихорномаҳо, туҳфаҳои хотиравӣ, мукофотҳои молию пули раёсати маорифи шаҳру вилоят сарфароз гардидааст.*

*Дар давоми фаъолияти омӯзгорӣ шогирдони зиёдро тарбия намуда, ба воя расондааст, ки алҳол онон дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии қишлоқи мамлакат кору фаъолияти хубу намунавӣ мебаранд.*

*Тӯтӣ Ҳакимова дар давоми фаъолияти омӯзгориаш ба кори рӯзноманигорӣ,эҷоди асарҳои бадеӣ ва тарҷумаҳо машгул шуда,бо мақолаҳои баҳсталаби худ «То ба кай пинҳон кунам дарди дили бечораро», «Кор дар мактаб, маош аз бозор», «Агар кӯдакро бо тарбия дидан хоҳед», «Марди накӯном намирад ҳаргиз», «Новая Родина начинается с...», «Люблю Отчизну любовю всего тела», ҳикояҳои «Тухмҷанг», «Бурданони газида», «Ғӯрамарги рӯзнодида», «Меҳргадо» дар нашрияҳои «Паёми Истаравшан», «Ҳақиқати Сугд», «Нилуфар», «Саломат бошед», «Согдийская правда» ва гайраҳо баромад намудааст.*

*Тӯтӣ Хакимова бо тақозои шароити оилавӣ ва вазъи саломатӣ ба шаҳри Хуҷанд омада, ба шӯъбаи гоибонаи коллеҷи ба номи Содирхон Хофизи шаҳри Хуҷанд,шӯъбаи созҳои халқӣ,ихтисоси дутор дохил шудааст. Аз соли 2015 дар мактаби санъати рақами 2 шаҳри Хуҷанд, ба номи Боймуҳаммад Ниёзов чун омӯзгори дутор фаъолияти худро идома медиҳад. Худи ӯ дар бобати ин кори омӯзгориаш чунин гуфтааст:*

*-»Мақсади ҳаёти ман то дами охир бо меҳнати манфиатовари ҷамъиятӣ шугл варзидан, омӯхтани таҷрибаи бойи кору зиндагӣ, алалхусус, навозиши дутор ба шогирдон, дар онҳо тарбияи шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта бо роҳи мусиқӣ ва дар зиндагӣ фаъолияти судмандро интихоб кунонидани онҳо мебошад.Ҳамчунин гулчин намудани наврасони соҳибистеъдод дар ҷодаи*

*санъату мусиқӣ зерасоси ҳадафи касбии ман буда, мехоҳам онҳоро то қуллаи баланди касбӣ расонам. (04.02.2017)» .*

*Сад дарду дарего ! Хакимова Тӯтӣ Раҷабзода ба орзуҳои наҷиби худ расида натавонист. Ӯ 13-уми феврали соли 2018 дар шаҳри Хуҷанд ногаҳон аз бемории саратони меъда чашм аз олами ҳастӣ пӯшид ва 14-уми феврал – рӯзи иди ошиқон дар деҳаи Чорбоги шаҳри Истаравшан бо арзу эҳтироми зиёди ҳамдеҳагон, шогирдону ҳамкорону дӯстону пайвандон ба хок супорида шуд.*

*Ҳакимова Тӯтӣ Раҷабзода бузургтар аз бузургон аст, зеро бо даъвои омӯзгорони мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 21 ба номи Усмонҷон Қосимов ва мардуми деҳаи Чорбоги шаҳри Истаравшан ӯ чун асосгузори адабиёти шӯравии тоҷик Садриддин Айнӣ,Қаҳрамони халқ мебошад, зеро бо туфайли ин омӯзгори заҳматкаш аввалин маротиба дар қишлоқи ӯзбекзабону ӯзбекнишини Чорбог таълими забон ва адабиёти тоҷик ва синфи тоҷикӣ асос гузошта шудааст,ки онро халқ фаромӯш накардааст.*

*Маҷмӯаҳои хабару мақолаҳо, шеъру таронаву ҳикояҳо ва тарҷумаҳои ҳакимова Тӯтӣ Раҷабзода интизори чопанд....*

## БУРДАНОНИ ГАЗИДА

- Писарам, ҳой писарҷонам, ту чӣ кор карда истодаӣ? Ист. Ин ҷо биё,- назди худ хонд Сухсурой хола як бачаи тахмин 8 ё 10 соларо.-Ту чӣ кор кардӣ? Канӣ аз роҳат гард-чӣ? Ман ба ту гуфта истодаам, ҳой бачаи тӯппипӯш.

- Ман-мӣ?- ба қафо нигоҳ карда гуфт писарбачаи олуфтаи хушқаду қомати тӯппии тӯйипӯш, ки буридаи нони газидаашро ба як кунҷи хараки дарози истгоҳ монда рафт.

- Ҳа, ту.

- Шумо ба ман чӣ кор доред?

- Ин ҷо биё, баъд мефаҳмӣ?

- Не ман вакт надорам, ба мактаб дер мешавад.

- Факат як дақиқа.

- Э, не---е---е.

- Ту дар кадом мактаб мехонӣ?

- Ба Шумо фарқаш чӣ?

- Агар худи ҳозир ин бача дар кадом мактаб хонданашро нагӯяд, ман аз қафояш поида мераваму назди роҳбари синфаш даромада ин бурданони газидаро хор карда ба болои чанги харак партофта рафтани шогирдашро мегӯяму огоҳ мекунам, ки таърихи бист сол пешинаро аз хотир набароранд,-аз фикр гузаронд Сухсуройхола.- Ба ин бача на дар хона, на дар мактаб қадри нонро нафаҳмондаанд магар, ки бурданони ҳалолу поки газидаашро эҳтиёт карда ба сумкааш намонда ба ин ҷо партофта рафт.

- Фарқаш ҳаст. Ин нони газидаро чаро партофта меравӣ?

- Не, нон аз они ман не.

- Чӣ хел не, ман худам дидам-ку? Канӣ тезтар ин ҷо биё.

- Муаллим маро сарзаниш мекунад. Ман ба дарс дер монда истодаам.

- Ба муаллимат ман мефаҳмонам, дарҳол омада ин бурдаи нонатро гирифта ба ҷузвдон андоз,- хоҳиш кард аз ӯ Сухсурхола.

- Не, ман онро намегирам.

- Чаро? – ҳайрон шуд зан.

- Шикамам сер шуд.

Солҳои мудҳиши ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон буд. Сохти сотсиалистии тараққиёти давлат рӯ ба таназзул овард. Мардум барои як дона нони булкаи хлеб аз субҳи саҳари мунаввар ба мағоза рафта аз рӯйи рӯйхати навбати рӯзи пешин ба қатор меистоданд.То бегоҳ дар навбат истода баъзан бе нон ба хона бармегаштанду бо ҳамин рӯйхати ба навбатгирӣ тартибдодаи имрӯза пагоҳи дигар боз саҳарии солеҳон саҳни мағоза пайдо шуда меомаданду саф кашиданро дар қатор оғоз карда шӯру ғавғо мебардоштанд. Каси имрӯз якӯм омада дар навбати аввал не, мувофиқи рӯйхати дирӯза пас аз одамони дар навбат буда меистод. Ҳамин тавр, ҳар рӯз чунин ҳолат буд. Оҳ, чӣ хел хотираҳои дилгиркунандаи даҳшатнок. Рӯзҳое буданд, ки барои нарасидани нон мардум ба сари фурӯшанда шӯру мағалу мушт ҳам мебардоштанд. Рӯзе як навҷавони бузургҷусса ба рӯйи фурӯшанда, ки дар бузургию танумандӣ аз ӯ монданӣ надошт, як торсакии обдор фароварду тела дод ва даруни мағоза фавран зада даромад. Ба гапи фурӯшанда бовар накард. Хлеби бо машинаи нонкашон оварда аллакай тамом шуд. Ин ҷавонро хашмгин кард. Ба анбори мағоза даромада дид, ки дар рафи хлеб, дар як кунҷи чапи он тахмин 12 ё 15 булкаи хлеб қатор меистоданд. Рафта ду дона аз он гирифт.Дигарон низ телакунон вориди мағоза гаштанд. Сухсурой холаи нимҷон низ байни онҳо кашолашударавон ба дарун даромада монданашро надониста монд. Ҳамин, ки аз он тӯдаи бадҳайбати одамони рӯйдорашон беҷо халос шуд, қоматашро рост карда нигоҳ кард, ки рӯймолаш аз сар ғалтидаю мӯйи сараш пахмоқ шуда. Ҳаросон рӯймоли сарашро ҷустуҷӯкунон чашмаш ба тахи хлеб афтод. Дид, ки як дона хлеб мондааст, давон рафта онро гирифтанӣ шуд. Якбора ду даст аз миёни хлеб доштанд.

- Ин хлебро ман мегирам, ман аввал онро доштам,-гуфт Сухсурой хола.

- Не, ман онро аввал доштам, сар деҳ, сар деҳ, мегӯям,-бонг зад он зане, ки бо Сухсурой хола якҷоя хлебро медошт.

Сухсурой он вақт кӯдаки хурди 15 рӯза дар гаҳвора дошт. Кӯдак 5 килограмм таваллуд ёфта буд. Шири модар ба ӯ намерасид. Аз куҷо ба пистони модар шир шавад? Аҳволи нон ину. Нону хӯроки ба серӣ хӯрдан набошад. Агар ҳозир ин хлебро аз даст диҳад, дар хона ҳеч хӯрдание нест. Кӯдакони калониашро ором карданаш мумкин, аммо бачаи дар гаҳвора буда чӣ кор мекунад? Шабҳои дароз аз набудани шири пистон ба кӯдаки понздаҳ рӯза ба як пиёла мағзи хлебро бо каме шакар тар мекарду аз обаш бо қошуқча мехӯронд. Аммо кӯдак сер намешуд магар, ки то саҳар овози гиряи ӯ дар тамоми бинои чорошёнаи истиқоматӣ шунида мешуд. Ва ҳамсоягон аз ӯ шикоят мекарданд. Ва агар ҳозир ин хлебро аз они худ накунад, имшаб ҳоли писарчааш чӣ мешавад? Бо тамоми қувваи тан дандонашро ба якдигар соиш дода хлебро аз мобайни он бо дасти росту аз канораш бо дасти чап дошта бо китфи чап он занро тела дода чунон кашид, ки хлеб ду пора шуда ба даст Сухсуройхола монду зан қариб буд, ки пуштнокӣ ғалтад. Аммо нағалтид.

- Эҳ... Хайрият, занак нағалтид. Агар ғалтида ягон ҷояш майиб шавад боз шӯри ман буд. – гуфт дар дил Сухсурой хола. Ва чашмаш ба одамони дар мағоза буда афтод. Бинад, одамони дар даст хлеб дошта аксаран пулашро надода баромада мераванд. Ба фурӯшанда нигоҳ кунад, аз тарафи абрӯи рости ӯ хун мешорад. -Во, аҷабо, кӣ ва кай ин бечораро ба ин аҳвол овардааст

аллакай, - ҳайрон шуд Сухсурою «ӯ, одамо, пули нонро дода равед аққалан. Ин бечорароро қарздор накунед»,-гуфт.

- Мана, ба худам ҳам нон намонд, - дод зад фурӯшанда ба харидоре, ки аз пагоҳ ин ҷониб дар навбат буда, ба ӯ нон нарасиданашро гуфтаву арз мекард.

- Модарҷон ба мо нон расидмӣ? – гуфтани духтарчаи 5 солааш Маҳина Сухсуройро ба ҳуш овард.

- Ма инро гиру ба хона тохта рав. Укоятро хабар гир. Ба Хумору Гулрухсор гӯй, ки ман ҳозир меравам,- гуфт модару пули нонро аз ҷузвдонаш бароварда ба фурӯшанда дод ва ба ёдаш рӯймоли сараш омад. Рӯймоли дар тахтапушташ овезон бударо гирифту ба сараш баст. Ба атроф нигоҳ карда ба одамон назар андохт. Ҳама бо худ андармон. Касе ба касе кор надорад. Ҳама дар ғами нон. Ин дам дили Сухсуройро андӯҳ пахш карду аз чашмонаш ашки хунин рехт. Ба аҳволи фурӯшандаю зани бо худаш нонро талош карда ва худаш дилаш сӯхт. Фарзандони он зану фурӯшандаро пеши назар овард. Ногоҳ ба ёдаш писарчааш омаду тозон аз мағоза баромада роҳ сӯйи хонааш гирифт. Хонаи дуҳуҷрагии ӯ дар ошёнаи сеюми болои мағоза ҷойгир буд. То ба хона баромадан аз пеши назар талоши нон нарафт. Ба дари хона наздик шуда онро тӯқ-тӯқ кӯфт.Се духтарчаҳояш давида баромада дарро кушоданд.

- Амирбек чӣ тавр? Гиря накардааст? – пурсид бо овози ашколуд модар.

- Не, модарҷон, мо бо навбат гаҳвораи Амирбекро ҷунбонида нишастем. Аммо ба фикрам шиками ӯ гурусна аст, даҳонашро кушода шир мечӯяд, -гуфт дар ҷавоб духтарчаи калониаш Хумор. – Тезтар даромада ӯро маконед.

- Худи шумо чӣ? Гурусна намондед? – пурсид дарҳол модар.

- Гурусна мондем, модарҷон, гуфт духтари миёна Гулрухсор, - аммо омадани шуморо интизор шуда аз ин нон хӯрданро лозим надонистем.

- Дуруст кардед, азизонам. Ҳозир шиками Амирбекро сер мекунам, ту Хуморҷону Гулрухсоҷон картошка, пиёзу сабзиро тоза кунед. Ман хӯроки гарм мепазам, нонро як буридагӣ бо хӯрок мехурем, боқимондаашро то пагоҳ расондан лозим. Дар торикӣ Амирбек аз гуруснагӣ гиря мекунад, мағзи хлебро ба ӯ низ нигоҳ доштан лозим, вагарна ҳамсояҳо боз шикоят мекунанд. Овози Амирбек ба хоби онҳо халал мерасонад. Пас моро аз ин ҷо пеш карданашон мумкин. Хубмӣ, ҷигаронам, - пурсид модар.

- Хуб, модарҷон. – гуфтанд онҳо.

...

Писарбачаи олуфтаи тӯппидор сер шудани шикамашро гуфту қадамҳояшро тез-тез монда қариб, ки давида ба қафояш нигоҳ накарду рафт. Ногоҳ як ҷавоне аз пешаш баромаду пурсид:

- Ту вай занро чаро ҳақорат кардӣ?

- Ман ҳақорат накардам,- гуфту ба қафо нигоҳ кард. Дид, ки Сухсурой хола чашмонашро бо рӯймолчааш пок карда ҳунгос мезад. Ҳайратзада ба он ҷавон нигоҳ накарда ба сӯйи зан тохт. Ҷавон низ аз қафояш давид ва дере нагузашта расида омад.

- Ҳа, холаҷон, ба шумо чӣ шуд?-пурсид аз ӯ писарак.-Ман шуморо ҳақорат накардам, чаро гиря доред?

- Ҳақорат медодӣ беҳтар буд. Ту аз ҳақорат додан ҳам бадтар кардӣ.

- Ман чӣ гуноҳ кардам, холаҷон,-боз суол кард бача.

- Ин буридаи нонро партофта рафтӣ.

- Барои ҳамин мегирйед?

- Набошад-чӣ?
- Барои чӣ?
- Барои он, ки ин нон аст.
- Хайр, нон бошад, чӣ кор кардааст. Мо ин хел нонҳоро дар хона ба молу гӯсфанду саг медиҳем. Шикам, ки сер шуд, монда рафтам-дия.
- Нонро гирифта рафта ба ҳамон сагу мол ё гӯсфанд деҳ буд-дия.
- Э---э---э, ҷузвдонам нонмайда мешавад.
- Ин тавр бошад, ҳозир чӣ бисёр, салафанхалта бисёр. Минбаъд нонро ба салафанхалтаи аз ҳама хурдакакаш андохта ба ҷузвдон гир. Мана ман салафанча дорам, андохта диҳам, ба модарат бурда деҳу гапҳои маро ба ӯ расон. Вақтам нест, мегӯӣ. Ҳоло соат ёзхдаҳ. То саршавии дарс ду соати дагар ҳаст. Ин қадар барвақт ба мактаб рафта чӣ кор мекунӣ? Наздам нишин ман ба ту дар бораи нон як воқеаи аз сар гузарондаамро гуфта диҳам,- гуфт Сухсурой хола ва ҳамон хотираи дар боло аз назар гузаронидаашро як ба як нақл карда дод. – Ҳамон вақт ба ана ҳамин буридаи нони газида ҳам одамон зор буданд. Гуруснагию ба нон зор шуданро шумоён, хурдсолон намефаҳмед. Аммо падару модари шумоён инро бояд донанд, ба шумоён фаҳмонанд, кадру эҳтиёт кардани нонро ба шумоён омӯзанд. Агар ту барин бачаҳо ин тавр нонро газида сер шуда ба кӯчаҳо партофта гарданд, боз ҳамон ба нон зор шудан сар мешавад, аз ин ношукрию беэҳтиётии шумоён қаҳри Худо омада ҳосили гандумро кам мекунад ё умуман ҳосил намедиҳад. Нон набошад, ҳаёт нест, тинҷию осоиштагӣ ҳам намешавад. Нонро дар кӯча не, дар хона дар сари дастурхон нишаста хӯрдан лозим. Мана инро бин, чӣ қадар нонреза паҳну пароканда, ана дар таги по ҳам нонреза ғалтида будааст, - гуфт Сухсурой хола бо ангуштонаш эҳтиёткорона нонрезаҳоро чида. – Нонреза ҳам нон. Як ҳикоя дар бораи бурданони газида гуфта диҳам, гӯш кун. Баъди шунидани ҳикоя хулосаатро ба ман мегӯӣ. Хуб-мӣ?
- Хуб, - дили хоҳам нохоҳам сар ҷунбонд писарак, ки бо чашму рӯйи беҷо ба атроф назар мекард.
- Дар замонҳои на он қадар дури солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар як оила писарбачае ба дунё меояд. Модар 4 духтар дошту писар не. Дар мамлакат гуруснагӣ, якдигарбадбинӣ, ба навбати дуру дароз истода бе нон ба хона баргаштани одамон, хулласи калом, зиндагии мушкил ба сари мардум омада бошад ҳам, модари бечора ба ин шароит нигоҳ накарда писардор шудан хост, чунки писар номбардори оилаю авлод-дия. Духтарчаи хурдиаш се сола буд. Як шаб духтарча бемор шуда монд. Ҳеҷ чиз аз гулӯяш намегузашт. Ба замми ин писарчааш низ ноором. Ҳар ду фарзандаш ҳам гурусна. Модар аз ҷояш хесту ба ошхона рафта дастурхонро кушода бинад-як бурданони газида. Дарҳол онро гирифта ба даруни коса реза карду аз термос чои гарм ва як қошуқчаи майда шакар андохту то фалла шудани нон интизор шуд. Нонфалла, ки илиқ шуд, оварда як ба писарчааш, ки дар гаҳвора буд, як ба даҳони духтарчаи сесолааш, ки дар ҷойгаҳи худ назди модар мехобид, як қошуқчагӣ бо навбат андохт. Ҳамин тавр, як коса нонфалла ҳам тамом шуду бачаҳо ҳам ором. – Худоро шукр, - гуфт модар. – Хайрият, ҳамин як бурда нони газида ҳам монда будааст. Агар ҳозир ҳамин ҳам намебуд, бачаҳоро чӣ хел ором мекардам?

Дидӣ, нонбурдаи газида ҳам чӣ хел ба одам кор медодааст. Ягон хӯрока ҷойи нонро намегирад. Гарчанд шикамат сер шуда бошад ҳам, дигар нонро ба

кӯча партофта нарав. Дар хона ҳам нонро реза карда қоқ кунетону ба линга андохта болои шифт овехта монетон. Ба молу гӯсфанду саг надиҳед. Ба онҳо озуқаи худашонро диҳед. Набошад, боз гуруснагӣ сар мешавад ва ту ҳам ба ҳамин бурданони газидаат зор шуда мемонӣ. Фаҳмидӣ? –пурсид Сухсурхола аз писарак.- Канӣ, акнун чӣ хулоса аз ин ҳикоя бардоштӣ? Ба ман гӯй чӣ?

Писарак нонбурдаи газидаашро бо салафанчаи Сухсурхола гирифту ба ҷузвдонаш андохт.-Ман инро бурда ба гӯсолачаам фалла карда медиҳаму дигар ин корро такрор намекунам. Ба ҳамсинфонам ҳам ҳикояаатонро гуфта медиҳам. Маро мебахшед, ман хато кардам.

- Боракалло, бачам. Ту бачаи хеле хуби мефаҳмидагӣ будаӣ. Нонбурдаи газида ҳам нон – инро аз хотир набарор. Охир ин нонро худат газидаӣ-ку. Каси дигар не. Нони худат газида барои гашта онро хӯрдан ҳаром намешавад, бароят ҳеҷ гоҳ нонро калон шикаста нахӯр. Бурданони шикастагиат 3-4 луқмаро ташкил кунад бас. Фаҳмо?

- Фаҳмо, - гуфт писарча сар афшонда ва ҷузвдонашро ба тахтапушт овехту сӯйи мактаб равон шуд.

- Ҳайрон мешавӣ ба ҷавонзанҳои имрӯза,- гуфт ӯ худ бо худ аз қафои писарбача дуру дароз чашм дӯхта Сухсурхола, - то синни 8 солагӣ ба ин бача дар оилаю мактаб чиро омӯхта бошанд? Соат ҳоло 11, дар басти дуюм дарс соати як сар мешавад. Ин қадар барвақт мактаб рафтан аз чӣ боис? Модарони ҷавон ҳафсала ҳам надоранд. Албатта, модар ба ӯ хӯроки нисфирӯзиро хӯронда ба мактаб гусел кунад, бача аз нонхӯрӣ дар кӯча худро бозмедорад. Агар дарси иловагӣ дошта бошад, ин хуб. Аммо эҳтиёти нонро бачаҳо пеш аз ҳама бояд донанд. Нон азизу муқаддас. Онро беҳтар, ки танҳо дар сари дастурхон истеъмол кунанд.

## ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ – ЗАБОНИ ЯКДИЛИИ ТОҶИКИСТОНИЁН

Забони точҷкӣ мақоми забони давлатӣ , забони якдилии халқу миллати Тоҷикистонро соҳиб шуд. Ҳар як давлату миллати забонгумкарда надорад савлат. Ва нигаҳ дор моро, Худоё, аз ин иллат.

Ривоят мекунанд, ки одамизод дар ибтидои пайдоиши худ безабон буда, фикри якдигарро бо имою ишора мефаҳмидаасту оҳиста - оҳиста ба ашёҳои гирду атрофбуда номгузорӣ карда забонро пайдо карда будааст. Ҳамин тавр, дертар қабила ташкил шуда ҳама бо як забон бо ҳамдигар мулоқот мекардаанд. Рӯзе онҳо қарор кардаанд, ки як қасри баланди қуллааш осмонбӯс месозанду ба он ҷо баромада таркиби осмонро месанҷанду меомӯзанд. Вақте ки Худованд мебинад, ки то ба осмон расидани қуллаи қаср каме мондааст, эҳтимол аз ношукрии одамон бошад, ба каҳр меояду ба онҳо якчанд забон мефиристад ва ба ҳар гӯшаю канори замин онҳоро пароканда менамояд, то ки аз нофаҳмии якдигар дилгир шуда, одамон сохтмонро ба охир нарасонанду ба осмон бароада ба назди Худованд нараванд.

Чун дар рӯи замин бисёрзабонӣ хукмфармо мешавад, забони точикӣ низ арзи хастии худро аз қадим муаррифӣ намуда, соҳибони вокеан қадршиносу соҳибистеъдод ва бузурги худро интихоб менамояд. Ва, маҳз бо лаёқату маҳорат, малакаю истеъдоди баланд, меросҳои илмӣ, адабӣ-бадеӣ ва таърихии соҳибони ин забон забони тоҷикӣ ривоҷу равнақ ёфта, гарчанд

борҳо ба кӯчаҳои сарбастаи косташавӣ нобиноёна қадам ниҳода бошад хам, аз гумномӣ эмин монда, зери талошҳои фарзандони фарзонаю абарқудрати миллат ва халқи кабиру тавоно, мубориэу бошуҷоат, боору боломус ва қадршиноси забон лоиқу шоёни забони давлатӣ гашт, ки арзандаю зебандаест ба ин мақом.

Аз таърихи наздик мо воқиф ҳастем, ки дар давраи сохти сотсиалистӣ ва давлати абарқудрати Иттиходи Шуравӣ халқи 15 ҷумҳурӣ сарҷамъонаву якдилона дар баробари якҳизбӣ мекӯшиданд ба интихоби якзабонӣ. Шояд ин ҳол дар давраи на он кадар дури дирӯза қобили қабул бошад. Аммо ин боиси аз байнравии ҳамаи миллатҳо ва забони онҳо буд, ки ин ҳол ба ҳама халқҳои давлати Советӣ хуш наомад ва ба парчашавии он мусоидат кард, ки тақозои давру замон буд.

Чунин ҳолат ба табъи фарзандони фарзонаи баору номус, хирадмандони миллату халқи тоҷику тоҷикистониён писанд наомад магар, ки онҳо ба сари мизи мудаввар сарҷамъ омада муҳокимаи масоил ва қарор оид ба қабули қонуни забони давлатиро ба миён гузоштанд.

Ва, инак, бори аввал дар таърихи халки тоҷик 22 июни соли 1989 «Қонун дар бораи забон» қабул гардид ва забони тоҷикӣ мақоми давлатиро гирифт, ки ин боиси сарфарозист. Барои пойдории забону миллати тоҷик, давлати соҳибистиқлол дар Тоҷикистон пойдевори устувори оҳанину сангини оянда гузошта шуд.

Пароканда шудани миллат ва аз байн рафтани забони тоҷикӣ дар арафаи пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ на танҳо хирадмандон, олимон, шоиру нависандагон, мутафаккирон, тамоми аҳли илм, балки одамони оддии омиро низ ба ташвиш оварда буданд, зеро ворид шудани калимаҳои иқтибосии зиёд аз забони русӣ забони модарии моро коста гардонида барои аксарият мушкилиҳо садди роҳи фаҳмиши фикру андешаи гӯянда оварда табъи касро хира мегардонид. Масалан, астанофка кунед, як палка калбаса дихед, куртаи узкии атрездор, туфлии висакакаблукни харид, мам, пап, дедуля, бабуля, братан, вазичкахо со цвиточками барин калимаҳои ба мӯди забони тоҷикӣ воридшударо беандоза мисол овардан мумкин аст, ки аз ин гуна забон ихлоси кас мегардад:

*Аз тамоми ину он гумкардагон*
*Зиштрӯтар нест дар рӯи ҷаҳон*
*З-он, ки гум карда забони модарӣ,*
*Ҳарф гӯяд бо ту бо чандин забон.*

Ва ин гуна забон ҳам ба навҷавонону ҳам ба калонсолон мӯди охирини забон дар ҷумҳурӣ гашта истода буд, ки дар ин бора шоири бузург Лоиқ Шералӣ дар шеъри «Забонгумкарда» баён мекунад:

*Он забони ҳамдилӣ гум кардааст*
*Ин забони модарӣ гум кардааст.*
*Заҳр бодо шири модар бар касе,*
*К-ӯ забони модарӣ гум кардааст*
*Аз забонимодаригумкарда лек*
*Мерасад рӯзе ватангумкардае…*

Гар арафаи пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ таконе дод барои қабули «Қонуни Забон», давраи Истиқлолият шароит фароҳам овард баҳри рушду равнақи забони воқеан ҳам давлатию равону тоза, зебо ва фаҳмои оммавӣ.

Масъалаи дигари муаммо оид ба забони давлатӣ омӯзиши он дар ҳама гуна муассисаҳои таълимӣ ба фарзандони мардуми миллаташон гайриточикӣ буда, мушкилиҳои зиёдеро ба миён меоварад, ки банда дар таҷрибаи худ борҳо дар ҷустуҷӯи роҳи ҳалли он шуда, ба баъзе муваффақиятҳо ноил гаштаам.Ман собиқ омӯзгори МТМУ № 21 деҳаи Чорбоғи ноҳияи Истарвшан буда, ба толибилмони ӯзбекзабон аз забонҳои русӣ ва тоҷикӣ сабоқ омӯхтаам. Дар давоми 30 соли фаъолияти омӯзгорӣ аз маҳорату малакаи касбии худ истифода бурда хулосабардорӣ аз омӯзиши забони гайримодарӣ намудам, ки ба толибилмони забони модариро наомӯхтаю надониста, забонҳои дигар халқҳоро аз худ кунонидан борест сангин. Беҳуда бузургони рус нагуфтаанд:

«Забони модариро надониста, забони русиро донистан мумкин нест». (Не зная родного языка, нельзя знать русский язык).

Барои таҳсил ба мактабҳо хонандагони дар кӯдакистон аз мураббиён ва дар хона аз волидайн тарбия гирифта меоянд, алалхусус, дар дехот кӯдакон тарбияи дар хона гирифта доранд. Хайратовари кор он аст, ки волидайни ин насли наврас худ толибилм буда, таълиму тарбияро айнан аз ҳамон устодон мегиранд. Чӣ мешуд, ки илму одоби доштаю омӯхтаи худро ба фарзандону пайвандони хеш аз давраи кӯдакӣ омӯзонанд, алалхусус, забон ва алифбои онро.

Дар вокеъ, дар охири оқибат аз надонистани забони давлатӣ аз тарафи фарзандон на танҳо худи онҳо, балки бештар худи волидайн азияти руҳӣ мекашанд, зеро дохилшавӣ ба муассисаҳои олӣ мушкил мегардад, ки дар ин бора бузургон мефармоянд:

*Надонӣ гар забони давлати худ,*
*Пушаймонӣ надорад окибат суд.*

Хушбахтона, саривақтии қабули «Қонун дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзандон» имконияти бузург фароҳам оварД баҳри омӯзиши забони давлатӣ чӣ ба хонандагони тоҷикнажод ва чӣ кӯдакони миллаташон гайритоҷик.Танхо хоҳишу иҷрои ин қонун аз тарафи волидон ва омӯзгорон, назораи он низ бо воситаи худи онҳо шарту зарур аст.

Ҳар як фарди Тоҷикистон забони давлатиро ифтихормандона бояд аз худ намояд, шахсони мутасаддӣ оид ба вазъи омӯзиши ин забон масъулиятшиносонаю некбинона корбариро пеша намоянд, қадру қимати Тоҷикистону забони он волотар хоҳад гардид. Ҳар шахси муносибати хунукназарона ба забони давлатӣ дошта, ба хеш зарари моддию маънавиро бехабарона хоҳад расонд, ки бузургон дар ин бора гуфта гузаштаанд:

*Ҳар кӣ кунад бо худ кунад,*
*Хоҳ нек кунад, хоҳ бад кунад,*
*Бо дигарон чӣ суд кунад.*

Забони давлатӣ, забони якдилӣ, ҳамдигарфаҳмию бонуфузи давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлолро азизу пос дошта, онро софдилона омӯзеду омӯзонед, азизони дил!

**БУНАФША**



*Ғаниева Бунафша 14 сентябри соли 1962 дар деҳаи Майсазори ҷамоати деҳоти Гулистони ноҳияи Рӯдакӣ (собиқ Ленин) чашм ба олами ҳастӣ кушодааст.*

*Соли 1979 мактаби миёнаи №40 (собиқ №81 ба номи Камолиддин Беҳзод)-ро бо баҳои аъло хатм намуда, худи ҳамон сол ба факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (УДТ) дохил мешавад ва соли 1984 онро бомуваффақият хатм менамояд.*

*Фаъолияти меҳнатиашро ҳамчун омӯзгори фанни таърих ва ҷамъиятшиносӣ дар муассисаи №205-и ноҳияи Рӯдакӣ огоз намудааст.*

*Аз соли 1994 то 1-уми сентябри соли 2019 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №55 (собиқ литсейи №55)-и ноҳияи Шоҳмонсури шаҳри Душанбе ба ҳайси омӯзгори синфҳои ибтидоӣ фаъолият намуда, шогирдони зиёдеро тарбия намудааст. Омӯзгорест, ки тамоми муҳаббаташро нисори шогирдон кардааст. Омӯзгорӣ барояш ишқ аст, ишқе, ки инсонро тарбия мекунаду ба сӯйи садоқату саодат ҳидоят менамояд. Бузургтарин дастовардаш дар ин ҷода он аст, ки дар солҳои гуногун 4 нафар шогирдонаш мактабро бо медали тилло хатм намудаанд.*

*Тӯли 35-соли фаъолияти хеш Ғаниева Бунафша чун як омӯзгори фидоии касби хеш ба муваффақиятҳои зиёд соҳиб гаштааст ва фаъолияти босамари худро ба тарбияи насли наврас бахшидааст. Омӯзгорест эҷодгор ва эҷодкории омӯзгорро василаи хуби рушди қобилиятҳои шогирдон меҳисобад.*

*Ӯ муаллифи китобҳои дарсии "Забони модарӣ" барои синфи 2 (дар ҳаммуаллифӣ), "Методикаи таълими забони модарӣ дар синфи 2" (дар ҳаммуаллифӣ), дастурҳои методии "Раҳмат ба ту, Алифбо", "Кӣ тез меёбад?", "Намунаи гузаронидани дарсҳои тарбиявӣ дар мактаб", "Таълими ҳамгиро ва инкишофи қобилиятҳои шогирдони синфҳои ибтидоӣ", "Роҳнамои омӯзгор"ва муаллифи беш аз 50 мақолаи илмӣ, методӣ ва оммавӣ мебошад.*

*Ғаниева Бунафша дар беш аз 30 конференсияҳои илмию амалии шаҳрӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ доир ба масъалаҳои маориф ва гузоришҳои пурмуҳтаво баромад намудааст. Дар баробари ин солиёни зиёд ба пажӯҳиш низ машгул аст. Ин буд, ки соли 2018 рисолаи номзадиашро ҳимоя намуда, унвони номзади илмҳои педагогиро соҳиб гашт ва сар аз 1-уми сентябри соли 2019 дар Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият карда истодааст ва мехоҳад дар тайёр намудани кардҳои баландихтисоси омӯзгорӣ саҳмгузор бошад.*

*Мавсуф голиби озмуни ҷумҳуриявии "Муаллими сол-2010", дорандаи нишони "Аълочии маорифи Тоҷикистон" (1998), инчунин мукофотҳои*

*давлатӣ: “Ифтихорнома”-и Ҷумҳурии Тоҷикистон (2005) ва унвони фахрии “Корманди шоистаи Тоҷикистон” (2005) мебошад.*

*Бунафша ба адабиёт, хосса ба шеъру шоирӣ шавқи зиёд дорад. Машқи шеър ҳам мекунад. Шеърҳояш дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ ва маҷмӯаи дастаҷамъии “Садбарг” ба дасти чоп расидааст. Соли 2017 маҷмӯаи аввалинаш бо номи “Башорати шукуфоӣ” ба табъ расид, ки дар он нигоштаҳои солҳои гуногун гирд оварда шудааст. Мавзӯи асосии шеърҳои ӯро муҳаббату садоқат ба Ватан, муқаддасоти миллӣ, манзараҳои дилнишини кишвар, баҳору зебоӣ, меҳр ба падару модар, инчунин масоили иҷтимоию ахлоқӣ ва маънавӣ ташкил медиҳад. Шеъраш сода ва орӣ аз печидагиву такаллуф аст. Ва муҳимтар аз ҳама, самимияти шеър ва соҳиби он хонандаро ба адабиёт дилгарм менамояд.*

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистонам, баҳори гулфишон,
Тоҷикистонам, диёри дурфишон.
Эй Ватан, эй ишқ, эй дунёи ман,
Меҳри ту бошад анисам ҷовидон.

Нозамат, ки чашмаи шеъри манӣ,
Нури дида, нерӯи ҷону танӣ.
НОБ-и Роғун арсаи номусу нанг,
Нурафшонат кунад аз равшанӣ.

Мардумат инак, сари нанг омада,
Ҷилваи мардӣ ба сад ранг омада.
Нохудои киштии уммедро
Гавҳари мақсуд бар чанг омада.

Тоҷикистон, меҳани соҳибдилон,
Ман бароят менависам достон.
Модарона ман дуогӯи туам,
То амон бошӣ дар ин дунё, амон!

## САҶДАГОҲАМ

Рустам аз марзи гуҳарборат, Ватан,
Ман сазовору вафодорат, Ватан.
Аз ҳавои софи ту гирам нафас,
Булбули озодам аз банду қафас.
Мекунам шукри ту, эй зебо Ватан,
Баски ҳастӣ аз бароям ҷону тан.
Эй Ватан, эй ҷаннати рӯйи замин,

Эй маро якто дар ин чархи барин.
Аз Худо хоҳам сари болои ту,
Қудрати бемислу беҳамтои ту.
Эй замини Ковaву Зардушти ман,
Ёдгоре ҳастӣ аз сад пушти ман.
Саҷдагоҳам домани поки ту бод,
Беҳтарин сармоям хоки ту бод!

**ВАТАН**

Дар мағз-мағзи ҷони ман,
Дар рагу устухони ман,
Маъво гирифта як сухан,
Ҷон, Тоҷикистонам – Ватан.

Ман сар ба поят афканам,
Эй кишвари чун гулшанам,
Бодо фидо ҷону танам,
Ҷон, Тоҷикистонам – Ватан.

Меҳри ту дар ҷони ман аст,
Чун дарду дармони ман аст,
Бедории ҷони ман аст,
Ҷон, Тоҷикистонам – Ватан.

**ПАДАР**

Падарам, эй падари ҳақназарам,
Меҳри ту қуввати дил, болу парам.
Ҷодаи зиндагӣ пурпечу хам аст,
Падарам, роҳнамо, роҳбарам.
Раҳ наёбад ғаму ранҷе ба дилам,
Падарам, гар ту дароӣ зи дарам.
Покии қалби ман аз покии туст,
Падарам, эй падари муътабарам.
Махзани лутфию эҳсону карам,
Дилу ҷони ману нури басарам.
Бе ту як лаҳза натонам будан,
Зинда бошӣ, падари номварам!

**МОДАР**

Эй модари ман, ягонаи ман,
Байту ғазалу таронаи ман.

Бе чеҳраи мисли маҳ мунират
Нуре набувад ба хонаи ман.

Модар, ки туӣ азизи ҷонам,
Бо панди накӯи ту равонам.
Аз он ки дуои нек додӣ,
Ҳаргиз ба миёни раҳ намонам.

Эй модари ҷони ғамқаринам,
Бо ту ҳама хуррамӣ бубинам.
Ман садқа ба он дили бузургат,
Эй ҳодии ҷон, ту беҳтаринам!

## ҶОНУ ҶИГАР

Нури қамарӣ, модар,
Ширу шакарӣ, модар.
Дар баҳри дили фарзанд
Дурру гуҳарӣ, модар.

Бологузарӣ, модар,
Вологуҳарӣ, модар.
Дар боғи дили шоир
Садбарги тарӣ, модар.

Ҷону ҷигарӣ, модар,
Нури басарӣ, модар.
Дар дафтари ашъорам
Чун шеъри тарӣ, модар!

## ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛ

Ҷашни истиқлоли тоҷик фарруху фархунда бод,
Пояи иқболи тоҷик то абад поянда бод!
Якдилу якҷону яктан миллати озодаем,
Шамси ваҳдат дар само то ҷовидон тобанда бод!
Сабзрангию шукуфтанҳо зи истиқлоли мост,
Парчами миллат парафшон дар раҳи оянда бод!
Тоҷикистон кишвари озодаву озодагон,
То абад номи накӯро лоиқу арзанда бод!
Ҷашни истиқлоли тоҷик фарруху фархунда бод,
Пояи иқболи тоҷик то абад поянда бод!

## ПАРЧАМ

Раҳнамои қаҳрамонӣ парчам аст,
Пайки рӯзи шодмонӣ парчам аст.
Шодии дилҳо физояд ҷилвааш,
Чун ғурури Ковиёнӣ парчам аст.

Ёд аз рӯҳи шаҳидон парчам аст,
Ҷоннисории бузургон парчам аст.
Ёдгори рафтагони қаҳрамон,
Чун нишоне аз ниёгон парчам аст

Зеби боми мардуми мо парчам аст,
Қудрати дасти тавоно парчам аст.
Зери парчам якдилу якҷо шавем,
Ифтихори пиру барно парчам аст!

## ШАҲРИ ИШҚУ ОРЗУ

Душанбе, шаҳри ишқу орзуям,
Кадоме аз сифотатро бигӯям?
Сарат бар авҷи гардунҳо расида,
Бухорои шарифам аз ту ҷӯям.

Душанбе, шаҳри меҳру шаҳри армон,
Душанбе, шаҳри аҳду шаҳри паймон.
Зи ту бӯйи вафо ояд ҳамеша,
Ба ҳар гулгашту гулзору хиёбон.

Душанбе, ҳусни ту ҳар дам физояд,
Дилам аз равнақат бар ҷӯш ояд.
Манам шеъру ғазалхон аз шукуҳат,
Ҳамеша васфи ту аз дил барояд.

## УСТОД

***(Ба устоди нахустинам равоншод – Раҳмон Нуъмонов)***

Устоди азизу меҳрубонам,
Меҳрат шуда ҷо ба ҷисму ҷонам.
Ҳар авҷу барори зиндагиро
Аз ҳикмати дарси ту бидонам.

Омӯхтаӣ маро "Алифбо",
Бикшодӣ раҳам ба сӯйи дунё.
Ҳаргиз наравад маро зи хотир,

Овози хушу садои шево.

Инак, ба раҳат равонам, устод,
Пандат бувадам ҳамеша бар ёд.
Дар лаҳзаи мушкилоти умрам
Хоҳам зи ту ман ҳамеша имдод!

## МУАЛЛИМ

Шоистамақомӣ, эй муаллим,
Соҳибкиромӣ, эй муаллим.
Ҳамвора миёни толибилмон
Бо шеъру каломӣ, эй муаллим!

* * *

Гаҳе аз худ гузар кардӣ, муаллим,
Зи хокистар шарар кардӣ, муаллим.
Зи сӯзу созҳои синаи хеш
Ҷаҳонро гулбасар кардӣ, муаллим.

* * *

Муаллим, шамъи базми ақлу ирфон,
Ту дармонӣ ба ҷони дардмандон.
Ҳамеша дар дилу дар дида ҷоӣ,
Дабистон аз ҳузурат нурборон.

## НАСИҲАТ

Гӯш кун аз ман насиҳат, эй писар,
Ҷуз зи раҳи хубӣ марав роҳи дигар.
Илм омӯз, то накӯномат кунад,
Илму дониш шаҳд дар комат кунад.
Ҳурмати модар, падар овар ба ҷо,
То зи ту розӣ бигардад Кибриё.
Нек бошу кун накӯӣ бар касон,
Некӣ бошад хислати озодагон.
Бо бадон ҳаргиз сари ёрӣ макун,
Пеши сифла хорию зорӣ макун.
Бо бадон ҳаргиз машав ту ҳамнишин,
То тавонӣ, аз бадон дурӣ гузин.
Бар ту мегӯям, сабурӣ пеша кун,
Пеш аз он коре кунӣ, андеша кун!
Нафси саркашро мадеҳ роҳи гузар,
Роҳи расвоист дар ин даҳри дудар.
Пок бинмо аз бадӣ рӯҳу равон,
Умри ҷовид гар бихоҳӣ дар ҷаҳон!

## БИЁ, БАҲОР

Фасли баҳор асту дилам гул кунад,
Сози дилам нағмаи булбул кунад.
Ҷӯш занад чашмаи илҳоми ман,
Шеъри тарам накҳати сунбул кунад.

Хаста зи даймоҳ шуда ҷони ман,
Боз биё, фасли баҳорон, биё.
Аз қадами сабзи ту, эй сабзпӯш,
Сабз шавад мазраи армон, биё!

Сабзтано, кинаи дилҳо бубар,
Сулҳу сафо ҷилвагари баҳру бар.
Зиндагии сабзи баҳорона бод
Ҷумла насиби ҳама аҳли башар!

## МУЖДА

Мужда бидеҳ, азизи дил, фасли баҳор омада,
Боз ба гӯши ҷони мо савти ҳазор омада.
Абр гуҳар бирезадам, шед дурахшадам кунун,
Ваҳдати обу оташу шӯру шарор омада.
Қумрӣ бихонадам ғазал, бод биёрадам паём,
Савту паёми дилнишин, нағмаи тор омада.
Боз биё баҳори сабз, то биравем ба ёлаҳо,
Фасли накӯи зиндагӣ, мавсими кор омада.

## ХОҲИШ

Эй такягоҳам, пуштупаноҳам,
Андар ду олам, эй подшоҳам.
Рафтӣ зи ман дур, бе хайру маъзур,
Гӯшат набишнид фарёду оҳам.
Мову ту акнун аз ҳам ҷудоем,
Аммо чӣ бошад ҷурму гуноҳам?!
Дорам шигифте аз рафтани ту,
Аз чӣ накардӣ ниме нигоҳам?!
Ман сабз будам чун навбаҳорон,
Рафтию зардам, чун тирамоҳам.
Дорам таманно аз даргаҳи Ҳақ,
Бинам туро кош, дар рӯйи роҳам.

## НАВРӮЗ МУБОРАК!

Эй мардуми озода, Наврӯз муборак бод!
Эй ошиқи дилдода, Наврӯз муборак бод!
Ин дил ба хурӯш ояд, илҳом ба ҷӯш ояд,
Дубайтиву сарвода, Наврӯз муборак бод!
Раҳҷӯяму раҳпаймо, дорам сафари дилҳо,
Эй ҳамсафари ҷода, Наврӯз муборак бод!
Сармасти баҳорон аст, райҳону гули лола,
Эй соғари пурбода, Наврӯз муборак бод!
Пайғоми хуше омад, Наврӯз ҷаҳонӣ шуд,
Эй насли худодода, Наврӯз муборак бод!

## ЗОРУ ХАСТААМ

Эй ёри бепарвои ман, аз ман гузар кардӣ, чаро?
Хоки қадамҳои туам, хокам ба сар кардӣ, чаро?
Як лаҳзаи умри азиз бе ёди ту наспардаам,
Ҳар рӯзу ҳар солу маҳат бе ман ба сар кардӣ, чаро?
Имрӯз зору хастаам, танҳо ба ту дилбастаам,
Аз ҳоли зори чун мане сарфи назар кардӣ, чаро?
Беаҳду бепаймони ман, ҷоӣ миёни ҷони ман,
Ёди муҳаббатҳои ман аз сар бадар кардӣ, чаро?
Аз куштагони роҳи ишқ ниме нигаҳ дорӣ дареғ,
Аз роҳи пурсӯзи фироқ ҳар дам сафар кардӣ, чаро?!

## ЁДИ ТУ

Аз хандаи гул ба вақти борон,
Аз созу навои бас ҳазорон,
Аз ҳар нигаҳу вафои ёрон,
Дар ёди ту ман зинда шавам боз.

Аз покии оби чашмасорон,
Аз рӯҳи баланди кӯҳсорон,
Аз созу навои боду борон,
Дар ёди ту ман зинда шавам боз.

Аз сели сиришки чашми ошиқ,
Аз меҳру вафои ёри содиқ,
Аз бахти баланди ҷуфти лоиқ,
Дар ёди ту ман зинда шавам боз.

* * *

Умрам сипарӣ гашта ба сад ранҷу алам,
Як бурҷи дилам мудом буд манзили ғам.

Фарёду фиғони ман ба гӯшат нарасид,
Эй войи ману войи дилу дидаи нам!

## АМИНА ШАРОФИДДИНОВА



*Забоншиноси моҳир ва рӯзноманигору публисти моҳир, Аълочии маорифи халқи Ӯзбекистон Амина Шарофиддинова даҳуми сентябри соли 1963 дар шаҳри Самарқанд дида ба олам боз кардааст.*

*Солҳои 1980-1984 сабақомӯзи факултаи филологияи тоҷики Донишкададаи давлатии омӯзгории шаҳри Самарқанд буд. Аз соли 1984 то соли 1988 дар мактабҳои шаҳри Самарқанд муаллимаи забон ва адабиёти тоҷик буд.*

*Аз соли 1988 то соли 1998 мушовири шуъбаи маорифи ноҳияи Самарқанд буд.*

*Аз соли 1998 то алъон дар Донишкадаи бозомӯзии муаллимони вилояти Самарқанд ифои вазифа мекунад.*

*Амина дар мавзӯи «Хусусияттҳои лексикӣ-семантикӣ ва услубии воҳидҳои фразеологии романи «Ғуломон»-и Садриддин Айнӣ» рисолаи номзадиашро ҳимоя кардааст ва сазовори унвони номзади илмҳои филологӣ гаштааст. То имрӯз зиёда аз сад мақолааш дар матбуот дастраси хонандагон гаштааст.*

*Муаллифи китоби дарсии «Забони модарӣ» (барои хонандагони синфи 7) мебошад.*

*Китоби калонҳаҷми ӯ «Нишони некномӣ» ба хотраи адабиётшинос Ҳамроқул Шодиқулов бахшида шудааст, ки соли 2016 дар Тошканд ба нашр расидааст.*

*Ӯ инчунин тартибдиҳандаи даҳҳо китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ мебошад.*

*Китоби нави ӯ «Китобшиносии тоҷик дар солҳои истиқлолияти Ӯзбекистон» дар шаҳри Тошканд дар арафаи чоп аст.*

## «КУШО ДИДАИ ХОБУ БИНГАР...»

15 апрели соли равон Отаҷон Пайрав Сулаймонӣ 115-сола шуда буд, 9 июн бошад ба ин дунёи дунро падруд гуфтанаш 81 сол мешавад.

Вай зодаи Бухорои шариф аст. Падараш Абдукарим Сулаймонӣ-савдогари бонуфузи замона, равшанфикр, ғайримутаассиб буда, матбуоти давриро пайваста мутолиа мекард. Аз ин боис, аз тарафи ҳукумати Бухоро ба монанди писараш Пайрав ба таъқиб дучор мешуд.

Пайрав ибтидои таҳсилро дар оила, мактаби кӯҳнаи Бухоро ва баъд аз он дар мадрасаи форсии Марв (чунки он солҳо падараш дар байни Бухоро ва Марв пӯсти қарокӯлӣ хариду фурӯш мекард) гирифтааст. Сипас се сол дар назди муаллимони хусусӣ таҳсил карда забони русиро

омӯхтааст. Аз соли 1916 то соли 1917 дар мактаби русии Когон хондааст, ки ин як ҷасорат аст. Зеро дар он замони ҳукмронии амирӣ ва ҷаҳолати динӣ ҳар гуна амали нав, хусусан дар мактаби ғайримусулмонӣ хондан ин куфр ҳисобида мешуд. Вақти дар ин мактаб хонданаш либосҳои европоии расмии реалӣ аз болояш саллаю ҷома пӯшида ба Когон омада дар яке аз самоворхонаҳои он ҷо либосҳои болоиро кашида, шапкаи расмии мактабро пӯшида ба мактаб мерафтааст. Китобу рӯзнома ва маҷаллаҳои русиро бо шавқу ҳаваси баланд мутолиа мекардааст, ки ин бар болои "гуноҳҳояш" боз як "гуноҳ"-и дигар буда, боиси ӯро бадбинии одамони амирӣ ва кофтуков кардани онҳо гаштааст. Пайрав баъд аз воқеаҳои Колесов якуним сол ба таври махфӣ хонанишинӣ карда, бо либоси занона пинҳон шудааст. Вай ба ҳеч гуна созмонҳои расмиву ғайрирасмии зидди аморати Бухоро (ҷадидӣ, Шӯрои ислом ва ғ.), чунонки ӯро айбдор мекарданд, шомил набудааст.

Шоир дар боби инкишофи адабиёти шӯроии тоҷики ҳамон солҳо андешаҳои хос ва пешқадами худро дошта, ба он чунин баҳо додааст: "...ин шоиру нависандагон ба талаботи ҷаҳоншумули шӯроии сотсиолистӣ ҷавоб дода наметавонанд. Ин аст, ки ҳанӯз ба ғайр аз асарҳои муҳимми рафиқон Айнӣ ва Лоҳутӣ асарҳои шоёни дигар ба майдони имрӯза набаромадааст". Бешубҳа, ин гуфтаҳои Пайрав ба бисёр эҷодкорони ҳамзамонаш маъқул намеомад ва дар навбати худ онҳо бар гардани вай ҳар гуна айбро бор карданӣ мешуданд. Чӣ хеле, ки худи шоир мегӯяд, вайро монанди тӯби футбол дар майдони ҷидол андохта, баъзан ба осмон, баъзан бар замин лагадкӯб мекарданд, гоҳо ба "чап" мепартофтанд, гоҳо ба рост мегардонданд, баъзан бо зӯр ва кӯшиши зиёд ӯро ба тарафи дарвозаи ҷадидизм меронданд. Баъзан аз дарвозаи қадим берун мекарданд. Вақте ба бағал, ҳангоме ба сар мебардоштанд, мухтасар баъд аз бардору бизанҳои зиёд хаста шуда худашонро канор мегирифтанд. Бо вуҷуди он, ки иддае шеърҳои Пайравро, аз рӯи гуфти худи ӯ "...таҳлил ва тафсир намуда, рангу равнақ дода, ба лойқаи либерализми шовинистӣ ва зиддиинқилобӣ ғӯта доданӣ мешуданд" ва "тамғаҳои дабдабаноктар ёфта, ба вай часпонданӣ мешуданд",- мегӯяд академик Х.Отахонова. С.Айнӣ ба китоби худ "Намунаҳои адабиёти тоҷик" чанд шеъри ошиқонаи ӯро дохил карда, бар замми он дар ҳаққи мусанниф илова намудааст: "Пайрав ошиқ аст, шеърҳои ошиқонаро аз мағзи ҷон месарояд. Вай соҳиби истеъдоди комил аст, бӯстони нави адабиёти тоҷик аз оби равони табъи ин ҷавон бисёр сарсабзиҳо умед дорад".

Айнӣ аввалин тарғибгари Пайрав дар адабиёти муосир маҳсуб мешавад гӯем, саҳв намешавад.

Ин ҳама ва дигар маълумотро Пайрав дар мактуби кушодааш ба унвони идораи рӯзномаи "Тоҷикистони Сурх"овардааст.

“Мақсади сиёҳкорон он будааст, ки шоирро аз муҳити адабии пойтахти Тоҷикистон дур кунанд”,- мегӯяд адабиётшиноси маъруфи тоҷик Соҳиб Табаров дар китоби пурарзишаш “Пайрав Сулаймонӣ”, ки соли 2013 нашр шуда, ба ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино пешниҳод шудааст.

Охирон Пайрав маҷбур мешавад, ки пойтахтро тарк намуда, аввал назди хонаводааш Бухоро равад, сипас соли 1931 бо даъвати С.Айнӣ бо аҳли хонаводааш ба Самарқанд кӯчад.

Пайрав яке аз аввалин депутатҳои Ҷумҳурияти Халқии Шӯравии Бухоро аз байни савдогарони Бухоро буд. Дар вазифаи Котиби дуввуми Сафоратхонаи Ҷумҳурии Советии Халқии Бухоро дар Афғонистон фаъолият кардааст. Он вақтҳо ҳоло ӯро ҳеҷ кас бо тахаллуси “Пайрав” намешинохт. Соли 1922 баъди бозгашт ба ватан ҷиддитар бо корҳои эҷодӣ машғул шудааст. Ӯ фаъолияташро дар Нашриёти давлатии Тоҷикистон (солҳои 1930-1931) ва дертар дар шӯъбаи самарқандии он (то соли 1933) давом додааст.

Пайрав ***шоири лирик*** аст. Лирикаи вай – ишқӣ ва иҷтимоию гражданӣ.

Агар дар ибтидо шеърҳояш дар пайравии анъанаҳои шеъргӯии саромадони адабиёти форсу тоҷик суруда шуда, дар онҳо бештар сӯзу гудоз, яъсу ноумедӣ ба назар расида бошанд, аммо дертар, яъне гуфтан мумкин аст, ки аз соли 1926 Пайрав ба масъалаҳои муҳимми замона рӯй меоварад ва ҷои онҳоро изҳори муҳаббати самимона нисбат ба ватан, изҳори садоқати фарзандӣ, дар роҳи халосии ватан омодаи шуҷоату далерӣ будан ва боварӣ ба ояндаи он ишғол намуданд. Он замон як қатор воқеаю ҳодисаҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба эҷодиёти ӯ таъсири ҷиддие расониданд. Шеърҳояш ҳамнабзи замона гашта, дар онҳо фарозу нишеби ҳаёти рӯзмарра барҷаста таҷассум ёфтааст, мавзӯъ ва масъалагузорӣ дар онҳо васеъ шудааст, ки ҷолиби диққат аст. Баробари ин Пайрав дар чунин шеърҳояш аз шаклҳои шеърӣ, вазну қофия, санъатҳои бадеӣ ва хитобаҳо моҳирона истифода бурда, навовариҳо кардааст. Аз ин рӯ, ӯро ба сифати ислоҳгари арӯзи анъанавии тоҷик мешиносанд.

Пайрав истеъдоди баланд доштани худро дар иншо намудани ***шеърҳои ҳаҷвӣ*** низ нишон додааст. Дар ин шеърҳояш вай бою муштзӯрон, хоинон, душманонро ҳаҷву масхара кардааст. Аз ин қатор як зумра шоиру нависандагон ва мунаққидони ҳамзамонаш монанди Суҳайлӣ, Зеҳнӣ, Ғуломмирзо Ализода, Н.Бектош, Ҷаъфарзода, ҳатто худаш низ холӣ намондаанд, ки вай зери тозиёнаи танқид нагирифта бошад. Чунин шеърҳои Пайрав сабаб шудаанд, ки рӯзи вафоташ “ҷабрдидагон”-и нӯги тези хомаи ӯ кӯшишҳои зиёде ба харҷ диҳанд, то ки мардум ба ҷанозаи вай наёянд. Нокасӣ, пастии онон то ба ҳамон дараҷа, ки бо ин роҳ хостанд аз шоир қасди худро ситонанд.

Яке аз бахшҳои пурмаҳсули фаъолияти Пайрав, ки ба он мароқи зиёд дошт, ***тарҷумонӣ*** аст. Вай, ки забонҳои русӣ, ӯзбекиро мукаммал медонист (ногуфта намонад, ки забони франсавиро низ хуб медонист), асарҳои манзум, мансур, драмавии бадеӣ, илмии оммафаҳм ва сиёсии В.Маяковский, А.Жаров, Н.В.Гогол, Л.Хюз, С.Поливанов, А.С.Серафимович, Д.Фурманов, Рашид Абдулло ва баъзеи дигарро бо маҳорати баланд тарҷума кардааст. Ӯро чун асосгузори мактаби тарҷумонии тоҷик мешиносанд.

Намунаи беҳтарини ***насри*** ӯ бошад ҳикояҳои "Гуландом" ва "Ишқи духтари Чингиз" мебошанд. Духтари Чингиз- Нина ном тотордухтаре буд , ки дар ишқи вай Пайрав обу адо гашта, бо сабаби норозигии қатъии падару модари худ аз дидори ӯ солҳои дароз маҳрум гаштааст...

Қайд кардан лозим аст, ки хурдсолон низ аз эътибори Пайрав дур намондаанд. Вай барои онон ***шеърҳои бачагона*** ва ҳам чанд китоби дарсӣ таълиф кардааст. "Манзумаи бачагона", "Сабзаи навхез" ва китоби хониши "5 дар 4" мисоли ин даъвои мо шуда метавонанд.

Ҳангоми дар қайди ҳаёт будани Пайрав китоби асарҳояш чор маротиба (солҳои 1931-1932) дар Самарқанду Тошканд ба табъ расидаанд. Баъди вафоташ бошад ин нишондод ба ёздаҳ расидааст, ки солҳои 1934, 1936, 1941, 1949, 1959, 1959 (бо ҳуруфи арабӣ), 1971, 1984, 1989, 1999, 2006 дар Самарқанд, Ленинград ва Душанбе рӯи чопро дидаанд. Пас аз вафоти Пайрав, яъне соли 1934 нахустин маҷмӯаи шеърҳои ӯро дӯсти қадрдонтарини вай Раҳим Ҳошим бо роҳбарӣ ва маслиҳати Садриддин Айнӣ таҳия намудааст. Мураттиби бештари боқимондаи дигар духтари Пайрав-шодравон Лола Сулаймонӣ мебошад. "Куллиёт" (Душанбе, нашр."Адиб", с.2006, 276 саҳ.), ки охирин маҷмӯаи ашъори шоир буда, дар якҷоягӣ бо Хуршеда Отахонова таҳия шудааст, имрӯз нусхаи мукаммалтарин ба ҳисоб меравад. Мутолиаи он даст медиҳад, ки бо шахсияти Пайрав, имкониятҳои эҷодӣ, ҷабҳаҳои фаъолияти вай беш аз пеш огоҳ шавем.

Аз қисми "Номаҳо" соҳиби маданияти баланд, табъи нозук, услуби ба худ хоси баён, хушгуфтору моил ба ҳазлу мутоиба будани шоир эҳсос карда мешавад. Дар ҳамаи мактубҳояш, ки ба шахсони гуногун навиштааст, барои тақвияти фикрҳояш, албатта, ихтисораҳо ва ё шеърҳо аз худу аз дигарон меорад. Инро аз мактубҳои фавқ, ки ба дӯсти ҷониаш Раҳим Ҳошим ва ба Саъдулло ирсол кардааст, пай бурдан мумкин:

Аз Сталинобод ба Самарқанд,<br>1маи соли 1931

**Азизам Раҳим!**

Имрӯз баъди дуру дароз мактубат расид. Агарчи сар то по ҳақорат буд, бо вуҷуди он дар ҳаққат дуо кардам. Танбалӣ, ки одати ман аст, мункир шуда наметавонам, аммо гарданғафсиро ҳеҷ гоҳ қабул карда наметавонам, агар нею нестон кунӣ, "паҷолиста"... размери гардани

пири ғуломат 37 сантиметр. Канӣ марҳамат намуда, шумо ҳам гардани шарифро як ӯлчак кунед, аз 30 сантиметр-ку камтар набудагист!? Эй носкаду, гуноҳи гардани кулуфти худатро ба гардани ман бор карданӣ ҳастй-мӣ?- Чипқон-мӣ, шабушак-мӣ, бало-мӣ, батар-мӣ гардани маро бориктар карданд, на ғафс.

Тоҷигизро ҳақорат кардаӣ, маълум аст, ки бисёр асабӣ шудаӣ, бисёр алам кардааст. Ихтиёр дорӣ. Дар ҳаққи ин идора ҳарчӣ мегӯӣ боз ҳам кам аст. Бечора падарлаънати Чаббӯрӣ-ку бедарак шуда рафт. Дар идора нуру нуқат ҳам намонд. Маза рафт.

*Ба дида хор монд, ба лаб хумор монд,*
*Дигар сафо намонд, гуле ба ҷо намонд.*

Ҳақорате, ки ба авторҳо дода будӣ, начакконда ба Бектош расонидам, димоқаш чоқ шуд. Аз аҳволи Сталинобод ҳоҷат нест, чунки Заҳир рафт, муфассал ҳикоят хоҳад кард. Ҳо, Заҳир гуфтам, ба хотирам омад, аз вай узр мехоҳам, зеро провожат карда натавонистам. Аҳволам қадре бад буд, нохуш будам. Ту ин узри маро расон, аз ман саломи равғанӣ.

Биё, акнун аз дигар ҷой сӯҳбат кунем. Аҳволам беандоза бад. Нохуш ва хафа ҳастам, бачаҳоро пазмон шудаам, хусусан туро. Вақте ки шикоятномаи туро хондам, дар ҳамон соат орзу мекардам, ки сари туро гирифта ба синаи аламзадаи худам гузорам, шояд ки ба ин сурат ҳам туро ва ҳам синаи худамро таскин диҳам. Чӣ чора, ки дур ҳастам, дур! Амон аз дасти фироқу ҳиҷрон, фиғон аз бевафоии даврон!...

... Ҳо!...Дар ин ҷо ба хотирам боз дасти булӯрин расид. Оҳ!... Дар ин нисфи шаб боз алами ман тоза шуд...

... Як порчаи дигар, ки фароварди ҳамон “Дасти булӯрин” аст, дар ҷавф фиристодам, хонда маза кун... Мо бадбахтон аз ин дунё ба ғайр аз фироқ ва ҳиҷрон дигар баҳра набурдаем.

Як порчаи лирикии дигар, ки аз яке ранҷида будам, навиштам. Дуруст тааммул кун, оё ҳақ доштам ё не? Он гули бевафои дигар, ки бо ҷорӯбаш чанги ғамро ба дили пуралами ман зад ва номи онро сиёсат гузошт. Оё ба навиштани инчунин ҳақ доштам ё не? Як порчаи футуристии қутуристиро, ки ба муносибати Якуми Май навиштаам, фиристодам. Тааҷҷуб накун, мон Пайрав ҳам як футурист шуда гирад. Ин бемаза футуристҳои тозабаромад-ку оламба... ин ҳам як ҷавоб! То донанд, ки футуристӣ ин тавр мешавад, на ба он бемазагӣ.

*Хар он аст, то бору ҳезум кашад,*
*На ҳар хар, ки аз пордум дум кашад.*

... Ҷон ҷӯраҷон, як дона камарбанди нағз ба ҳар пуле, ки бошад, барои ман гир. Саломат бош! Туро мебӯсам/ Яҳёҷон салом мерасонад. Ба Фотима салом гӯй. Боз мебӯсам.

**Дӯсти ту Пайрав**
**1.05.1931**

**Ба Саъдулло!**
**Ба Бухоро**

**Бародари муҳтарам, мулло Саъдуллоҷон!**

Пас аз арзи эҳтиром ин ки хатҳои нек навишта будед, пайдарпай расид. Саломатиро дониста хурсанд шудам. Саломат бошед! Тариқи бародарӣ ана ҳамин хел мешавад. Салламно... ҳазор офарин. Дигарон аз шумо сабақ гиранд, котиб шаву рав (!).

Тақсирҷон, немедонам ин камбағалатон хари кия хих гуфта хӯсонда будиянд, ин қадар аз илтифоти муборакӣ саркор бефайз шуда мондаанд, ки ба ду-се калима хат ҳам намеарзидаанд. Агар аз шӯхӣ ва ҳазлҳои ҳақир қаҳратон омада бошад, тавба кардем, бад кардем, ҷигӣ-ҷигӣ, қурчуқ, ана боз чӣ мегӯянд?

Ин қадар ҳам не-дия. Ҳамун кӯҳнаакаатонро фаромӯш накунед, ақаллан 5 дақиқаатонро талаф карда, як чор шингил партоед, то боиси дилоромии камтарин дуогӯятон гардад.

Аз барои худо дар идораамон ҳар кас ду ё се хат аз ёру ошноҳояш мегирад, фақат мои бечора аз ин файзҳо маҳрум ҳастем.

Ҳатто хидматчиҳои идора аз ман мепурсанд, ки шумо магар хешу табор, ёру дӯст надоред, ки аз онҳо хат намегиред.

Ман ҷавоб медиҳам: “Дорам, ё фаромӯш кардаанд, ё баногоҳ аз қудрати илоҳӣ якбора ҳамаашон бесавод шуда мондаанд, ё дар Бухоро коғазу қалам, сиёҳӣ ёфт намешавад, ё пӯчтахонаи Бухоро ях карда мондааст (чунки шунидам Бухоро бисёр хунук шуда мондааст) ё хушашон намеояд, ё вақташон нест, ё ҳама маст шуда афтодаанд, ё ҳама ошиқи шайдои париваш, ё побанду гирифтори зулфи парешон шудаанд”.

*Ёр аз дили ман хабар надорад,*
*Ё сӯзи дилам шарар надорад.*
*Ё гӯши нигори мо гарон аст,*
*Ё нолаи ман асар надорад.*

Хайр азизам, ҳар чӣ бошад, бошед, зинда бошед, бародар. Боз аз ман ва гилагузориҳою шикоятҳо наранҷед. Ин байти Урфиро шоҳиди ҳоли худ мекунам:

*Аз ёр илтиҷо ба ҷафои дигар кунам,*

*Дастам ба доманаш на аз рӯи тазаллум аст.*

Мухтасар ҳар чӣ ҳаст, авф намоед, гуноҳи мо калон, авфи шумо аз он калонтар.

Сониян, бародар, Ҷалолиддин Икромӣ, ки ба Бухоро рафта буд, омад, гӯё шумо хаёли омадан доштаед, бисёр хуб, марҳабо.

Биёед, чунон ки навишта будам, дусад сӯм моҳона медиҳанд. Чун шуморо инҳо ҳанӯз намешиносанд, баъд аз он, ки тартиби коратонро диданд, маошро зиёд ҳам мекунанд, албатта ҷавоб нависед. Мунтазир ҳастам. Аз ман ба бародарҳо, волида, тағои Ҳоҷибой, ҳамшира ва дигарон салом.

**Бародари шумо- Пайрав.**
**Яҳёҷон салом мерасонад.**
**Ба мулло Иброҳимҷон салом расонед.**

Пайрав хеле умри кӯтоҳ дид. Вай аз худ осори на он қадар бисёр, аммо арзишманде мерос гузошт, ки метавонанд дар тарбияти эҳсоси ватандӯстӣ, омодаи хизмат будан дар ин роҳ, ҷоннисорӣ дар роҳи садоқат ва вафо, хислатҳои неки инсонии шахс саҳмгир шаванд. Хусусан, ин мисраъҳои ӯ дар тору пуди ҳар як ватандор, зеҳну замири вай мустаҳкам бояд ҷой гирифта бошад:

*Ватан, ноумедӣ нашояд кунунат,*
*Ки ман аз ҳаёти ту уммедворам.*
*Кушо дидаи хобу бингар, ки ҷонро*
*Барои вафои ту чун месупорам.*

Ва ё ин даъватҳояш то имрӯз қимати худро гум накардаву браъакс ҳамнабзи замонанд:

*Марш ба пеш , эй ҷавон, ки чашми саноат*
*Ҳар қадаму ҳар нафас ба роҳи ту чор аст...*
*Урро, эй бозувони панҷаи меҳнат!*
*Урро, эй навҷавон, ки фурсати кор аст!*

**P.S.** Ҳар сол боре дастпарварони мактабиамро бо навбат ба зиёрати хокҷои ноободи Пайрав Сулаймонӣ, ки дар қабристони Шоҳи Зинда ҷойгир аст, мебарам. Мутаассифона, сад дар сади онҳо аз шахсияти шоир бехабаранд (Дар ин донишомӯзонро наметавон айбдор шумурд, зеро аз барномаи таълимии адабиёти тоҷик барои синфҳои 5 – 9-и мактабҳои умумтаълимии Ҷумҳурии Ӯзбекистон пешбинӣ шудаанд, маълумотеро дар бораи Пайрав наметавонӣ дарёфт). Дар харобагӣ

қарор доштани қабрро дида аз сабаби он ва чизҳои дигар пурсон мешаванд.

Аввалҳои соли 2011 банда ҳамроҳи фарзандон ба зиёрати навбатии ҷойҳои таърихӣ, аз ҷумла, хокҷои Пайрав, рафта будем. Аз пешина ҳам ноободтар шудани қабрро дида мушаввашхотир гаштам ва дар ҳамон ҷо қатъиян қарор карда шуд, ки бо кадом роҳе, набошад, истихора накарда қабрро тармим бояд кард. Худи ҳамон лаҳза ба мутассадӣ ва сангтароши он қабристон Ӯктам-ака ном марди хайрандеш муроҷиат кардам, ки оё вай метавонад, лоиҳаи нави қабри Пайрав ва рӯихати сарфу хароҷоти бо он вобастаро тайёр кунад. Аз тарафи вай ин иқдом хуш пазируфта шуда, дар вақти ваъдагӣ, яъне баъд аз як ҳафта ду лоиҳа ва ҳисобу китоби хароҷоти он тайёр гардид. Ин коғазҳо дар даст ба идораҳо ва шахсони алоҳида рӯ оварда шуд. Оқибат бо роҳи маблағгузории хайриявӣ обод кардани қабр лозим дониста шуд. Ногуфта намонад, ки нахустин маблағи хайриявиро 21 марти ҳамон сол марди нексиришт ва ҳимматбаланд аз деҳаи Чоршанбеи ноҳияи Самарқанд Вафоқул Эшонқулов додааст.

Тобистони соли 2013 бо мақсади ҷамъоварии маводҳо барои китоби хотироти адабиётшинос, мунаққид, тарҷумон Шодиқулов Ҳамроқул ба Душанбешаҳр рафта аз паи ҷустуҷӯи авлоди Пайрав Сулаймонӣ низ шудам, ки маскуни он ҷоянд. Бе ягон душворӣ ёфтам ва бо фарзандони шодравонҳо Гулчеҳра ва Лола Сулаймонӣ - наберагони шоир – Сулаймон ва Камол вохӯрдем. Аз нақшаи ихлосмандони самарқандии Пайрав Сулаймонӣ онҳоро огоҳ кардам, ки бо мамнуният ва сиписгузорӣ қабул намуданд. Пайрав дар Ин дидорбинӣ ва сӯҳбати самимӣ бо он мардони ба нангу ори миллат, сазовори номбардории бобои худ.

Агар дар навбати худ имрӯз ҳар фарди ҷомеа, бахусус самарқандиён, дида аз хоб кушода, худогоҳию ҷавонмардӣ пеша намуда, қарзи виҷдонии худро шинохта ҳар чӣ зудтар дар обод шудани қабри Пайрав саҳмгузорӣ мекарданд, айни матлаб буда, аз зери бори нангу ор раста, забондарозу рӯсурх ва намунаи ибрати ояндагон мешуданд.

## АҶАЛ НОМАРДӢ КАРДУ БЕВАФОӢ…

Зиндагӣ бо вуҷуди ширину зебогияш якрангу якмаром нест. Рӯзе касро дар ҳалқаи ёру бародар шоду рӯзи дигар ҷудо аз эшон ғамгину мушавваш месозад.

Ҳамаро аён аст, ки баҳори рафта боз меояд. Боз аз бӯи баҳор замин бедор мегардад, табиат либоси нав бар тан мегирад, гулҳо зинда гашта, синаи хокро шикофта, сар мекашанду муаттар мегарданд. Паррандагон бо илҳоми тоза суруди зиндагӣ месароянд… Аммо афсӯс, сад афсӯс, ки рафтагонро баргаштан нест.

Рости гап, аз нобасомонии умри инсон, аз бераҳмии дасти аҷал дил фишурда гашта, ба фарёд меояд. Чӣ инсонҳои наҷиб, чӣ чеҳраҳои дилкашу сӯҳбаторо хоку туроб гаштаанду…

Ин дунёи бӯқаламун нахуст дилогоҳонро ба дори мусибат мекашидааст, ки бисёр озмудаем. Таърих огоҳ аст аз марги ягона писари Фирдавсӣ, дар сафар ба шаҳодат расидани ягона писари Ҳофиз, паи ҳам шаҳди аҷалро чашидани нури дидагони Ҷомӣ, бо дастони худ ду ғӯрамарги худро гӯронидани Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, бармаҳал рафтани яккаписари Мирзо Бедил, як писару як духтари ҷавонашро бохтани Шераки Ориён…

Тағоям Тоҳирро, ки худ марди тавоност, сар то по маърифат асту одамият, ҷони ҳар давраву сӯҳбат дар рӯзи мудҳиш ва фоҷиабор, ки духтар сӯи абадият ва ҷовидонагӣ рахти сафар баст, пеши аҷали беамон нотавон, бо қадди долу вуҷуди сӯхта, ки дудаш ноаён ва янгаи камтарину ҳалимро дилрешу ашкафшон, синабирёну "во, балам"-гӯён дидан манзарае буд ҳузнангез. Чӣ қадар мушкил аст навҳаи падару модар дар сӯгвории фарзанд! Худои меҳрубон, худат раҳм кун бар бандагонат ва ҳаргиз ягон падару модар "во балам!" нагӯяд.

Гӯиё ин мисраҳо аз забони волидайни шӯрбахт мерехтанд:

Ханҷари бераҳмӣ зад бар ҷигарам,
Сӯхтам, дуд кардаму хокистарам,
Эй фалак, ҷабру ҷафоят бар сарам,
Гавҳари ноёби дунё духтарам!
Духтарам, во духтарам, во духтарам!
Вақти парвоз ногаҳон болам шикаст,
Шаҳсутуни бахту иқболам шикаст,
Қомати болою аъмолам шикаст,
Булбули хушхони гӯё духтарам!
Духтарам, во духтарам, во духтарам!
Нури чашму қуввати ҷонам будӣ,
Марҳами дил, рӯҳу дармонам будӣ,
Тоҷу тахту давру давронам будӣ,
Ахтари рахшону зебо духтарам!
Духтарам, во духтарам, во духтарам!

Дар чунин ҳолатҳо аз нотавонии худ ҳаётро бешафқату аҷалро кӯр мехонем, ки на раҳмипир дораду на барно. Бовари кас намеояд, ки дар бистари бемории муддати зиёде хоб нарафта, риштаи умри Ситораи рахшони оила, малҳами ҷони падару модар канда шуда бошад. Чанде пеш ӯ гирифтори бемории зардпарвин шуда буд. Агарчи дар таҷрибаи тибби дирӯзу имрӯз ин дарди бедаво нест, аммо чӣ илоҷ, ки кор аз кор гузашта будааст. То рӯзҳои охирин ва лаҳзаҳои вопасини ҷигарбанди хеш падару модар, ёру бародар ҳар имкону қудрате, ки дар ихтиёр доштанд, дареғ надоштанд. Шубҳае нест, ки Ситора дар ду олам сипосгузори инҳо мондааст.

Дареғо, ки 28 сентябри ҳамин сол чароғи умраш дар тазодҳову таҳрикҳои тақдирҳо барвақт хомӯш гашт. Вай ҳамагӣ 32 сол дошт. Зиндагиро дар айни таровату камолоташ падруд гуфт. Зиндагиеро, ки бо ҳама талхиву ширинӣ

ошиқона дӯсташ медошт. Зиндагиеро, ки дар он орзуву ҳавас ва мақсаду мароми наҷибу нотакрор ва ниятҳои зиёде дошт. Зиндагиеро, ки мегузаронид ҳушмандона, босаброна, бо шукрона. Диле дошт хоҳишманди хушҳолона зистану ҳар лаҳза нумӯъ кардан. Инсоне буд ҳақиқӣ: фарзанди меҳрубон, хоҳари мушфиқ, модари ғамхор, ёри бо нангу ор ва дӯсти содиқу вафодор. Бо дидадароӣ, суханҳои меҳромез ва чеҳраи кушоди хеш дили ҳамагонро тасхир карда буд.

Рӯзи видоъ ҳамагон дар изтироб – яке бар сӯгвории ҷони ҷавони Ситора, дигаре бар ҳоли кӯдаки ҳаросон мондааш, боз кадоме бар ҳоли падару модари синабирён навҳа бардошта, доду фарёд зананд, гурӯҳе беихтиёр чун абрҳои баҳорӣ бесадову ниҳонӣ ашки ҳасрат мерехтанд. Садҳо ҳамдилон бо ҳазорон дарду алам ба роҳи охираташ гуселонданд ӯро. Он зани дардошно ва меҳрубон изтироб дар дили садҳо хешу ақрабо, ёру дӯстон гузошту рафт. Кунун ҷисмаш дар оғӯши хоки сард бар ҷамъияти арвоҳи беҳисоби аҳли қубур пайваст.

Рӯзи саввуми реҳлаташ як гурӯҳ роҳи қабристони ба ном Қумзорро, ки воқеи мавзеи Мотуруд аст, пеш гирифтем, то хонаи нав ва абадии Ситораи ҷонро муборак гӯем. Дар саргаҳи ин олами хомӯшон бо хандаи басо базеб бар лаб аз лавҳи гӯри худ собиқ ҳокимаи ноҳияиСамарқанд Раҳима Ҳакимова пешвозамон гирифта, гӯиё "хуш омадед, меҳмонон, бар хонаи мо!"мегуфт. Ин ҷо ба ёдам расид, ки дар ҷое хонда будам: "Дунё ба мисоли тӯйхонаест – мардум меоянду меравaнд. Ва ё он ба хонаи иҷора мемонад. Муддате дар он зистанамон мебояд. Мехоҳем ё намехоҳем, рӯзе калиди ин хонаро ба соҳибхона супоридан зарур. Бале, ҳақ асту рост. Ҳоло мо меҳмони ин дунёему онон дар хонаи худанд.

Паси оҳу шеван ва тиловати Қуръон оҳи сард кашида, ба Ситораҷон алвидоъ гуфта, хушии олами рӯҳонӣ ва ободии манзили охираташро барояш аз Худои меҳрубон хоста баргаштем.

Имрӯзҳо, ки барои изҳори ҳамдардӣ ба ҳавлияш меоям, аз даромади дарвоза нахуст худи Ситора бо нигоҳи пурмеҳру пурмаъно аз паси сурати оинабандшуда, ки онро ҳар кас ба таври хеш маънидод мекунад, пешвозам мегираду вақти баромадан бо ҳамон нигоҳҳо мегуселонадам. Ба гумонам мегуфта бошад, ки:

… Аҷал манро басо пурормон бурд,
Ба макру афсуну сад достон бурд.
Аҷал номардӣ карду бевафоӣ,
Ки манро бо дилу ҷони ҷавон бурд.
Баҳори рӯзгорам гулфишон буд,
Ба гардун ахтари ман нурфишон буд.
Замоне дил даруни синаи ман
Баротон қиссагӯву шеърхон буд.
Ало, ёрон, шумо ғамгин чароед?
Ба ранги заъфарону камнамоед?
Агар мурдам, ба дил сад орзуҳо
**Давоми умри кӯтоҳам шумоед!**
Маро аз фасли гулафшон биҷӯед,
Маро аз ахтари тобон биҷӯед.

Нарафтам ман зи дунё, бо шумоям,
Маро аз шеърҳо, ёрон, биҷӯед.

Алъон, ки ҷояш дар байни наздикон холиву захмҳо хунчакон, кӯдакаш то имрӯз аз набудани модари хеш ҳайрону бино бар бофтаи дигарон, рӯзе аз бемористон омадани ӯро пазмон, бар ҷамъи ҷигарпораҳояш ҳамдардӣ изҳор намуда, аз даргоҳи Худои азиму карим хоҳони онам, ки ба тағою янгаам қуввату сабр бахшояду ононро аз гирдоби ғаму ғусса берун бикашад ва эшон чун пешина ба зиндагии орому хушҳолона, бар хизмати халқу оила баргарданд, ки боиси ризомандии рӯҳи Ситораи барои ҳамагон азиз шуда тавонад.

## НУРИНИСОИ АКРАМ



*Акрамова Нуринисо Акрамовна 1-уми январи соли 1964 дар оилаи зиёӣ дар шаҳри Истаравшани вилояти Суғд ба дунё омадааст. Хоҳари шоир Валиҷон Акбарӣ ва яке аз наберагони Ноил Шерзода мебошад.*

*Ӯ соли 1980 муассисаи таълимоти миёнаи рақами 16-и деҳаи Қалъаи Баландро хатм намудааст.*

*Баъди хатми мактаби мутаввасита таҳсилро дар Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Ҷумҳурии Тоҷикистон идома додааст. Шавқи донишомӯзӣ ӯро соли 2005 дубора ба дари Донишгоҳи омӯзгории ба номи С. Айнӣ овардааст, ки онро соли 2010 бо муваффақият бо ихтисоси педагогика ва психология ба поён расондааст.*

*Соли 2016 бо нишони «Аълочии маориф ва илм» қадрдонӣ шудааст.*

*Алъон дар яке аз коллеҷҳои шаҳри Душанбе ифои вазифа мекунад.*

*Аз хурдӣ зери таъсири бародараш майл ба олами шеър дорад. Шеъраш бо воситаи матбуоти даврӣ ва китоби дастҷамъии «Аз ҳафт дафтар» дастраси хонанда гардидааст.*

*Китоби алоҳидааш бо номи «Ашъори боғ» омодаи чоп аст.*

## ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛ

Ҷашни Истиқлоли ту бошад муборак, кишварам,
Шаҳпару шаҳболи ту бошад муборак, кишварам.
Модари тоҷикаму меболам аз иқболи худ,
Чашмаи иқболи ту бошад муборак, кишварам.
Кӯҳҳоят сарбаланду рӯдҳоят зарнисор,
Ин хату ин холи ту бошад муборак, кишварам.
Нест чун ту мулки зебо дар ҳама рӯи ҷаҳон,
Хубиҳои фоли ту бошад муборак, кишварам.
Болам аз Суғду Бадахшону Зарафшонат басе,
Шодии атфоли ту бошад муборак, кишварам.
Дар Душанбе накҳатам аз мулки Хатлон мерасад,
Ҳозиру ҳар соли ту бошад муборак, кишварам.
Нуринисо месарояд то абад дар васфи ту,
Бахти моломоли ту бошад муборак, кишварам.

## БАРОДАР

*Эҳдо ба бародарам, шоири*
*хушбаён Валиҷон Акбарӣ*

Ба ман ҷону ҷигар ҳастӣ, бародар,
Азизу муътабар ҳастӣ, бародар.
Туро дорам, ба олам ғам надорам,
Маро доруи сар ҳастӣ, бародар.
Ту волотар зи ганҷи олам астӣ,
Ба ман чун кони зар ҳастӣ, бародар.
Зи ашъори тарат дил мезанад ҷӯш,
Аҷаб соҳибҳунар ҳастӣ, бародар.
Ту ғамхори манӣ дар зиндагонӣ,
Ба дил нуру шарар ҳастӣ, бародар.
Ба монанди китоби мондагорӣ,
Ки худ соҳибасар ҳастӣ, бародар.
Тасаллои дили хоҳар туӣ, ту,
Шаби дилро қамар ҳастӣ, бародар.
Ба боғи зиндагониям ҳамеша,
Дарахти босамар ҳастӣ, бародар.
Нуринисо, зи номи ту биболад,
Ки бар ман чун падар ҳастӣ, бародар.

## МАРО АЗ ШАРРИ МАРДУМ ДАР ПАНАҲ ДОР

Худовандо, ба роҳат садқа гардам,
Хати тақдири ман дигар накардӣ,
Замин ҷои таманноям набуда,
Маро бо мурғакон ҳампар накардӣ.

Ҳазорон шукр, ки додӣ аз бароям,
Чу ганҷи бекарон се духтари хуб.
Гузорам сар ба саҷда ҳар сари субҳ,
Ки бошӣ аз бароям ёри маҳбуб.

Ба ҷуз ту дӯсте дигар надорам,
Ки ёронанд нонию забонӣ.
Ба сад дилташнагӣ як умр ҷустам,
Вале пайдо нашуд як ёри ҷонӣ.

Зи зан будан надорам бок, лекин
Зи ман ҷуз ман чизи дигар нахоҳанд.
Гуноҳ аз ман, ки хандидам яке раҳ,
Ҳарифонам чу фарди бегуноҳанд.

Нахандидам зи бахти комили хеш,
Бихандидам ба рӯи зиндагонӣ.

Бихандидам ба нахсу саъди олам,
Ки ман ҳаргиз надидам навҷавонӣ.

Худовандо, Кариму корсозӣ,
Маро аз доми бадномӣ нигаҳ дор.
Паноҳи дигаре дар сар надорам,
Маро аз шарри мардум дар панаҳ дор.!

## ШУКР МЕГӮЯМ

Саҳаргоҳон ба уммеди баҳорон шукр мегӯям,
Ба рӯзи навбаҳору резаборон шукр мегӯям.
Зи сарсабзии олам ҳар нафас дар рақс меоям,
Ба ҳулбӯю ба райҳону ба торон шукр мегӯям.
Намехоҳам касе бинад азоби талхии ҳиҷрон,
Ба сарҷамъию хушбахтии ёрон шукр мегӯям.
Шаби васли азизон резад аз гардун гулу сунбул,
Ба садрангии базми дӯстдорон шукр мегӯям.
Зи фарзандони худ меболаму умре дуогӯям,
Ба боғи пургулу савти ҳазорон шукр мегӯям.
Нуринисо, дили пуршӯри ман андар наво ояд,
Ба ҳар пасту баланди рӯзгорон шукр мегӯям.

## ДАРДИ БЕДАВО

Дарди танҳоии ман беинтиҳост,
Эй табибо, дарди қалбам бедавост.
Хуб медонӣ шабу ранҷи маро,
Шоми танҳоӣ дарозу бесабост.
Дар суроғи рӯи чун гулбарги тар,
Мурғи ҷонам ҳар нафас андар навост.
Хуб медонӣ, ки дар даргоҳи ишқ,
Дӯстдориям на аз рӯи риёст.
Ғам махӯр, Нуринисо, осуда бош,
Ёри танҳо дар ду олам Кибриёст.

## МЕҲРУБОНАМ, ТУ МЕҲРУБОНАМ БОШ

Меҳрубонам, ту меҳрубонам бош,
Гӯй боре ки: «Дӯстат дорам!»
То зи алфози дилситони ту,
Тухми шодӣ ба қалби худ корам.

Меҳрубонам, ту меҳрубонам бош,

То дилам лаҳзае биосояд.
Хубии лутфи ту дар ин олам,
Хонаи ишқро биорояд.

Меҳрубонам, ту меҳрубонам бош,
Дидаи меҳри хеш бикшоям.
Хонаи беҷиҳози қалбамро,
Бо гули рӯи ту биороям.

Меҳрубонам, ту меҳрубонам бош,
Дасти меҳрат кушову бинвозам.
То дигар зиндагии ширинро,
Дар канорат зи нав биёғозам.

## ҚОМАТИ БОЛОИ ДӮСТ

Ошиқам бар қомати болои дӯст,
Мениҳам сарро ба пеши пои дӯст.
Рӯзу шаб истодаам бо чашми чор,
Дидаи муштоқи ман раҳпои дӯст.
Ҳар гаҳе бо дӯст оям рӯ ба рӯ,
Ҷони худро мекунам савғои дӯст.
Ранҷ бинад ҷонам аз сардӣ чӣ бок?
Ормонам гармии маъвои дӯст.
Киштии уммеди худ меафканам,
Дар ями андешаи дарёи дӯст.
Лозим ояд, беибо, Нуринисо,
Ҷони худро мекунам эҳдои дӯст.

## БА РӮИ МАН ТАБАССУМ КУН

Биё, эй нозанин, боре ба рӯи ман табассум кун,
Чу дидам захми озоре ба рӯи ман табассум кун.
Намедонам, табассум кай бари лабҳои ман ҷо дошт,
Мазан бар чашми ман хоре, ба рӯи ман табассум кун.
Ғами з-андоза беши ман надорад интиҳо, эй ғам,
Надорам ҷуз ту ғамхоре, ба рӯи ман табассум кун.
Зи дарди синаи худ ҳар нафас дар хеш мепечам,
Нахоҳам ҳеҷ тӯморе, ба рӯи ман табассум кун.
Табассум кун, азизи ман, табассум бар ту мезебад,
Набошад ҷуз туям ёре, ба рӯи ман табассум кун.
Дили Нуринисои хешро кардӣ ту садпора,
Агар ёрӣ вафодорӣ, ба рӯи ман табассум кун.

## ДУО КУН

Ту садои қалби покӣ,
Ту давои қалби чокӣ.
Ту ҳумои бахти моӣ,
Ту анору туту нокӣ.

Ту, биё, маро садо кун,
Нафасе зи ғам раҳо кун.
Ки дуот мустаҷоб аст,
Ту дуои ҷони мо кун.

Ту ситораи самоӣ,
Ту базебу дилрабоӣ.
Ту чароғи шабфурӯзӣ,
Ту ба дарди ҷон шифоӣ.

Ту, биё, маро садо кун,
Нафасе зи ғам раҳо кун.
Ки дуот мустаҷоб аст,
Ту дуои ҷони мо кун.

Ту маҳию дар заминӣ,
Ту ба ҷони ман қаринӣ.
Ту мадори дасту поӣ,
Ба Худо ту беҳтаринӣ.

Ту, биё, маро садо кун,
Нафасе зи ғам раҳо кун.
Ки дуот мустаҷоб аст,
Ту дуои ҷони мо кун.

Ту каломи аввалинам,
Ту сурури дилнишинам.
Туӣ ҳамраҳи ҳаётам
Ту суруди охаринам.

Ту, биё, маро садо кун,
Нафасе зи ғам раҳо кун.
Ки дуот мустаҷоб аст,
Ту дуои ҷони мо кун.

## БО МО БИКУН

Дардро дар синаҳо ҷо мекунӣ, бо мо бикун,
Чеҳраи ғамро ҳувайдо мекунӣ, бо мо бикун.
Ҳусни Юсуфии ту моро ба савдо мекашад,
Пушт бар ишқи Зулайхо мекунӣ, бо мо бикун.
Бодаи лаъли лаби мо ҳаст афзал аз шароб,
Майл гар бар ҷому саҳбо мекунӣ, бо мо бикун.
Мефиребӣ дӯстони хешро дар ҳар қадам,
Гар дари дил як нафас во мекунӣ, бо мо бикун.
Мо ба бадхӯии ту аз хурдӣ одат кардаем,
Ҳар куҷое шӯру ғавғо мекунӣ, бо мо бикун.
Ҳорисию духтари Каъбам, напурсӣ аз дилам,
Захми дил бар халқ савғо мекунӣ, бо мо бикун.
Нури худро, гар ҳамеронӣ зи пеши чашми худ,
Таънаҳо бар ҳусни Лайло мекунӣ, бо мо бикун.

## ҚАДР

Сӯи худ ҳар нафасе, ёр, туро мехонам,
Ту азизи манию қадри туро медонам.
Ман ба ҳар ҳарфи пур аз меҳри ту бовар дорам,
Чунки дил рафт бурун ҳар нафас аз фармонам.
Бо ҳама ҷавру ҷафое, ки ту бо ман кардӣ,
Ҳар нафас дар замини меҳри ту по мемонам.
То замоне, ки бувад ҷони азиз дар баданам,
Аз тую ишқи ту ман рӯй намегардонам.
Нури хуршедаму аз гармии рӯ меорам,
Тарабу шодию хурсадӣ бари меҳмонам.

## ТӮФОН

Сарам оҳанги тӯфон дорад имрӯз,
Ду чашми зору гирён дорад имрӯз.
Агарчанде зи исён мегурезам,
Танам оҳанги исён дорад имрӯз.
Зи баъзе мардҳо зан будан авлост,
Ки зан шукри лаби нон дорад имрӯз.
Зи номардии мардони замона,
Дилам ҳоли парешон дорад имрӯз.
Зи қалби дардманди ман мапурсед,
Ба сина кай ғами ҷон дорад имрӯз?
Табибо, ту маҷӯ дармони дардам,
Куҷо ин дард дармон дорад имрӯз?
Нуринисо, зи беқадрии одам,
Сиришки ҳамчу борон дорад имрӯз.

## ШАМЪИ ҲАСТӢ

Аз бахри саломи субҳгоҳӣ,
Оям саҳарӣ ба сӯи кӯят.
Бигзашт ҳаёти ман, сад афсӯс,
Рӯзону шабон ба ҷустуҷӯят.

Як бор ту ёди ман накардӣ,
Бемеҳрию аз ғурур мастӣ.
Ман як зани одию фақирам,
Мефахрӣ ту аз даroздастӣ.

Ин умр кирои он надорад,
То болӣ зи молу давлати хеш.
Хоҳӣ, ки расӣ ба кӯи мақсуд,
Мепурс зи сӯзи синаи реш.

Беҳуда маро дигар маёзор,
Аз ҳоли дили ҳазини ман пурс.
Аз ишқи дурӯғ рӯ бигардон,
Аз олами ростини ман пурс.

Арчанд надорӣ меҳру ихлос,
Бо номи ту шоду сарфарозам.
Чун шамъ ба ёди орази ту,
Месӯзаму хеш мегудозам.

## ЁДИ ДИЛДОРЕ КУНАМ

Орзу дорам, ки боре сайри гулзоре кунам,
Дар гулистон пой монам, ёди дидоре кунам.
Нағмаҳои булбулонро гуш созам ҳар саҳар,
Ҳамчу булбул дар гулистон майли гуфторе кунам.
Хонаи қалби худ ороям ба ашъори дарӣ,
Аз қафас озод ҳар мурғи гирифторе кунам.
Ошиқонро шодмон бинам ба рӯи ҷодаҳо,
Бар муроди қалби худ ҳар соате коре кунам.
Аз раҳи меҳру вафо берун намемонам қадам,
Мӯи худ ҷорӯб созам, хидмати ёре кунам.
Нуринисо, шеъри тар пайғоми қалби беғаш аст,
Шадда бандам шеъри худро, ҷилди ашъоре кунам.

## ХУДО ДОРАМ, ЧӢ ҒАМ ДОРАМ?

Дар ин дунёи пурғавғо Худо дорам, чӣ ғам дорам?
Дар ин як кулбаи танҳо, Худо дорам, чӣ ғам дорам?
Начӯям аз касе ёрӣ, ба сахтию ба беморӣ,
Насозам ашки худ ҷорӣ, Худо дорам, чӣ ғам дорам?
Зи бахти худ намеболам, зи иқболам наменолам,
Ба ҳар як дард хушҳолам, Худо дорам, чӣ ғам дорам?
На афғон аз касе дорам, на тарсе аз хасе дорам,
Ба дил армон басе дорам, Худо дорам, чӣ ғам дорам?
Нуринисо, дар ин олам, нагирам баҳри худ мотам,
Зи худ ронам ғубори ғам, Худо дорам, чӣ ғам дорам?

## ҲАВОИ ЗИНДАГОНӢ

Ҳавои зиндагониям гаҳе гарму гаҳе сард аст,
Чӣ созам ман ба ин сардию гармӣ, бахт номард аст?
Худамро бо хато дар панҷу шаш умре фиребидам,
Ҷаҳон дар пеши чашмонам ба мисли тахтаи нард аст.
Ба болои сарам то кай натобад ахтар иқбол.
Зи бухли ину он домони поки ман пур аз гард аст.
Ҳамебинам, ки меболанд ёронам ба дори ишқ,
Зи даргоҳи муҳаббат ҳосили ман кӯзаи дард аст.
Чӣ мепурсӣ аз он Нуре, ки нуре пеши роҳаш нест,
Зи мулки зиндагӣ ӯро ғаму ҳасрат раҳовард аст.

## МУАЛЛИМ

Чу дарёи гуҳарборӣ, муаллим!
Сафобахшанда анҳорӣ, муаллим!
Шаби дилро ту равшан менамоӣ,
Чароғи бахти бедорӣ, муаллим!
Ҳаёти хешро зоеъ насозӣ,
Надонӣ расми бекорӣ, муаллим!
Зи шогирдон намеҷӯӣ ҷудоӣ,
Ки ҳамчун кӯҳ подорӣ, муаллим!
Ба рӯи синаҳо аз киштаи меҳр,
Гули уммед мекорӣ, муаллим!
Надорӣ дар бисотат пайсаю мол,
Накӯю неккирдорӣ, муаллим!
Ба базми зиндагонӣ рангубӯӣ,
Чу алфози гуҳарборӣ, муаллим!
Нуринисо ба васфат хома ронад,
Ки бар васфаш сазоворӣ, муаллим!

## БАДАХШОНИ АБДУРАҲМОН



*Бадахшони Абдураҳмон 8-уми марти соли 1966 дар деҳаи Дараи Калоти ноҳияи Ҳамадонӣ дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Ӯ маълумоти миёнаро дар мактаби рақами 34-и ба номи Камолиддин Беҳзоди зодгоҳаш гирифтааст.*

*Соли 1994 ба факултаи филологияи тоҷики шуъбаи ғоибонаи Донишгоҳи давлатии ба номи Носири Хусрави шаҳри Бохтар дохил шуда, онро соли 1999 бо ихтисоси «Муаллими забон ва адабиёти тоҷик» хатм намудааст.*

*Ӯ бо рӯзномаҳои даврӣ ҳамкории зич дорад. Чакидаҳои қаламаш дар ҳафтаномаҳои «СССР», «Оила», «Набзи Бохтар», маҷалаллаи занонаи «Меҳровар» дарҷ гардида ба хонанда пешниҳод шудаанд. Оиладор ва соҳиби 4 фарзанд мебошад*

## ХОКИ ВАТАН

Модар бигуфт: Хори Ватанро азиз дор!
Номусу нангу ори Ватанро азиз дор!
Хоҳӣ агар ризоияти волидайни худ,
Ҳар санги дилшикори Ватанро азиз дор!

Ишқи Ватан зи қатраи шир мерасад ба дил,
Меҳри Ватан зи шавкати пир мерасад ба дил.
Теғи адӯи бешарафаш мерасад ба ҷон,
Ҷому сабӯш ҳамраҳи тир мерасад ба дил.

Коми маро ба хоки Ватан чира кардаанд,
Хуни маро ба оби Ватан шира кардаанд,
Номусу нангу ори маро волидайни ман,
Бо шеъри ноби тоҷикӣ ҳамшира кардаанд.

Эй ҳамватан, ту хоки Ватанро азиз дор!
Ангуру себу ноки Ватанро азиз дор!
Ғайр аз Ватан барои мо чизи азиз нест,
Рухсори хубу поки Ватанро азиз дор!

## ТАРКИ ВАТАН НАМЕКУНАМ

Гар дасти рӯзгор маро бенаво кунад,
Гар бори ҳаҷри қалби маро ғамсаро кунад,

Гар даҳри дун шикастаам созад, гадо кунад,
Ман тарк хоки кишвари зебо намекунам.

Аз гушнагӣ бимираму бехонумон шавам,
Аз ташнагӣ бимираму пурормон шавам,
Ҳамранги барг дар дили фасли хазон шавам,
Ман тарк хоки кишвари зебо намекунам.

Гар сад ҳазор махзани пул ҳамбарам шавад,
Моҳу ситора ҷилвагар андар сарам шавад,
Тахти Каёну чархи фалак бистарам шавад,
Ман тарк хоки кишвари зебо намекунам.

Ҳар порасанги ин Ватан бар ман бувад азиз,
Ҳар хору сабзаи чаман бар ман бувад азиз,
Райҳону шохи ёсуман бар ман бувад азиз,
Ман тарк хоки кишвари зебо намекунам.

## ЁДИ ПАДАР

Шаби ялдою зимистону дилам гирён аст,
Ки чаро нест падар ҳамроҳам?
Шудаам пир, вале то ба ҳанӯз
Сояаш бар сари худ мехоҳам.

Биравам сӯйи мазори падарам,
Гоҳ-гоҳе, ки хумораш ояд.
Ки зи маргаш бигузашт соле чил,
Ғами ӯ синаи ман биздояд.

Ӯ надида ҳаваси фарзандон,
Рахт аз дори ҷаҳон барбаста.
Хони ман пур шуда аз нозу наим,
Ӯ лаби нони маро нашкаста.

Ҷигарам аз ғами ӯ сӯрох аст,
Аламми ӯ нарасад бар поён.
Мӯйсафеде гузарад аз кӯча,
Тар шавад з-оби ду дида домон.

Зи пасаш монд басе тифли ятим,
Рафту моро ба дари ғамкада монд.
Дили бишкастаи мо соз нашуд,
Рафтани ӯ ҷигарамро сӯзонд.

Шаби ялдою ману дарди падар,
Ки ба чил сол нашуд ҳеч тамом.
Ғами ӯ ҳеч ба охир нарасид,
Ғами нав кӯфт дарам, гуфт: «Салом!»

## ШУКРОНА

Шукри Ваҳдат аз дилу ҷон мекунам,
Шукри доди хуби Яздон мекунам.
Шукри ободии ҳар як хонадон,
Шукри фардои дурахшон мекунам.

Ояти шукронаат хонам, Ватан,
Баҳри тавсифат қалам ронам, Ватан.
Эй умеди тоҷикони тоҷдор,
Қимату қадри туро донам, Ватан.

Шукри кӯҳу чашмаву рӯди диёр,
Шукри фарзандони хубу номдор.
Шукри сулҳи дилпазири беназир,
Шукри ҳар як қатра оби хушгувор.

Хизмати Меҳан ман аз ҷон мекунам,
Ҳар биёбонро гулистон мекунам.
Дар қатори ҷамъи соҳибдавлатон,
Шукрҳо аз Оли Раҳмон мекунам.

## ВИДОЪ БО ҶАВОНӢ

Хазон расид бар сарам,
Баҳор гашт пушти сар,
Гузашт умр ноаён,
Мисоли боди раҳгузар.

Дареғ, мурғи орзу,
Бирафт сӯйи кӯҳу дашт.
Ҷавониям ба ҳамраҳаш,
Бирафту ҳеч барнагашт.

Накард сӯйи ман нигоҳ,
Бирафт, мисли бод рафт.
Миёни корзори умр,

Ҷавониям зи ёд рафт.

Набуд фурсате, ки ман
Зи шаҳди зиндагӣ чашам.
Ба қасри орзу расам,
Фурӯзам аз нав оташам.

Ба тӯли умр бингарам,
Ҷавониям малол рафт.
Саманди бодпои умр,
Лаҷому зинкашол рафт.

Маранҷ аз ман эй азиз,
Умеди ҷовидониям,
Хазони умр мерасад,
Ту хуш бимон, ҷавониям.

## РУБОИЁТ

Баъди сари ту падар ба ғам дода шудам,
Бо ёди ту хаста гаштам, афтода шудам.
Ман чеҳраи ту надида бо серӣ ҳанӯз,
Бар дидани доғи талх омода шудам.

Гӯё, ки падар зи деҳа бар шаҳр бирафт,
Аз хонаи мо чу шер қаҳр бирафт.
Як хона ятим монд бо гардани каҷ,
Сад кӯҳи ғамаш гузошт, аз даҳр бирафт

Бар дарду ғамат, падар, гирифтор шудам,
Бар пушти гами ятимӣ солор шудам.
Чун доғи ятимӣ қоматамро бишкаст,
Афтодаму садпораю бемор шудам.

Дар тарбияи модару бо ёди падар,
Бигзашт ҷавониям ду дида бар дар.
Чун қиблагаҳам ҷавон бирафт аз олам,
Мондам зи ғами ҷудоӣ ду даст ба сар.

Санҷиди даруни ҳотамон қоқ шудаст,
Ҳайратзада з-ин тамоми қишлоқ шудаст.
Ҳар шохи ниҳоле, ки падар сабз намуд,
Гӯё, зи ғами падар аламнок шудаст.

Афсӯсу дареғ, модарам нест дигар,
Мушти пару ҷону ҷигарам нест дигар.
Рӯзу маҳи ман тираву тор аст кунун,
Бишкаста дилу болу парам нест дигар.

Сад ҳайф, садои модарам хомӯш аст,
Дегаш на дигар ҳамешагӣ дар ҷӯш аст.
Мурғе шуду дар фазо ба парвоз бирафт,
Дар фасли баҳор қабри ӯ гулпӯш аст.

Модар, чу бирафт ғам ба боғам омад,
Бадбахтӣ ба кулбаам суроғам омад.
Дар ҳар қадамам шикаст як бор дилам,
Сад кони намак ба рӯи доғам омад

Модар, модар, шому сабоҳат хоҳам,
Зонуи туву хоби бароҳат хоҳам.
Як косаи дӯғу пораи равғани зард,
Чун кулчафатир рӯйи моҳат хоҳам.

Як пораи санг аз Сари Хосорӣ,
Амрудаки пургули бари кӯҳсорӣ.
То соати марг ёди меҳан кардӣ,
Модар, чӣ кунам, ки бар ту созам ёрӣ?

Бо ёди ту рафтам ба сари гӯри падар,
Фарёд задам, куҷоӣ ту, эй модар?
Аз тути паси хона нидое омад,
Баргарду биё, ки модарат нест дигар.

Як шоха гули баҳориро мемонӣ,
Як шохаи сабзи буттаи райҳонӣ.
Эй хоҳари ғамсӯхтаи беморам,
Минбаъд ба ҷои модарӣ! Медонӣ?

Як шаддаи дард бахри модар гуфтам,
Марҷони ғамаш ба дидаи тар гуфтам.
Омад ғами нав, марги падар рафт зи ёд,
Сад мушт ба сар задам, бародар, гуфтам

Зардолуву себи боғамон пухта расид,
Ҳулбӯи лаби мазор аз хок дамид.

Шуд фасли баҳору рафт фарзанди падар,
Хуноба зи чашми ман ба хокаш бичакид.

Дар ҳар нафасам «Куҷоӣ, модар?» гӯям,
Рафтӣ ту куҷо? Падар, туро меҷӯям.
Доғе наве омаду диламро бишкофт,
Ҷонам ба лабу «вои бародар» гӯям.

Модар, зи барам рафт, ба дунёи дигар,
Бо кӯҳи ғамаш рафт зи думболи падар.
Сад ҳайфу дареғ, доғи дил кӯҳна нашуд,
Ӯ рафту бародар зи пасаш кард сафар.

Дар шаҳри дилам қомати ғам гашт баланд,
Бо ҳеч тариқае нагардам хурсанд.
Сармояи умри ман бародар буд, рафт,
Умрам паси сар шавад ба доғи даҳчанд.

## АНДУҲ

Ҷомаи арғувонии андуҳ,
Солиёнест ман бар дорам.
Гоҳ-гоҳе агарчи механдам,
Дарди ҷонсӯз дар ҷигар дорам.

Дар шигифт оям ар дар ин дунё,
Бе ғаму ғусса лаҳзае монам.
Сад суолам ба сар падид ояд,
Ин чӣ рӯзест? Худ намедонам.

Хурд будам, падар намуд таркам,
Баъди ӯ рафт модари ҷонам.
Сояи тираи сияҳбахтӣ,
Сахт бигрифт аз гиребонам.

Чор тифлам ба ғусса парвардам,
Ман ба оби ду дидаи гирён.
Дар сари гоҳвораи онҳо,
Ҷорӣ кардам сиришк бар домон.

Бо ҳама дарди сахт то имрӯз,
Мекунам шукр, шукри Яздонам.
Эй Худо, аз ту илтиҷо дорам,

Дар азои касе масӯзонам.

## МАРГИ ПАДАР

Шикастарӯҳ гаштаам,
Зи баъди марги ту, падар.
Мисоли кафтари асир,
Ба тан намонда болу пар.

Шикаст қалби модарам,
Чу ханда рафт аз лабаш.
Зи осмони умри ӯ,
Парид моҳу кавкабаш.

Бирафт болу парзанон
Уқоби рӯҳи модарам.
Зи баъди ӯ зи мо бирафт,
Бародарам, бародарам.

Куҷост ҷои ман, падар,
Бари ту ё ки модарам?
Нарастам аз ғаму алам,
Ба ғам сафед шуд сарам.

Чу ҳар баҳор бигзарам
Зи шаҳр сӯйи деҳи мо.
Ба дидаҳои ашкбор,
Зи мағзи ҷон кунам дуо.

## МУСОФИР

Мусофири хаёли ман,
Ба мулки ишқ кай расӣ?
Ба гулситони бахти ман,
Ту чун ниҳоли наврасӣ.

Мусофири хаёлиям,
Умед пора-пора рехт.
Хуш аст жолаҳои сард
Зи осмони ғам гурехт.

Нафас садот медиҳад,
Сукут дар хиҷолат аст.
Садои пои ту расид,

Саодат аст, роҳат аст.

Сафархаёли ишқи ман,
Биё, ки сабр хаста шуд.
Булӯри интизориҳо,
Хуш омадӣ, шикаста шуд.

## МОДАР

Нимишаб ёди ту ояд ба барам,
Модари хушназару мушти парам.
Сояи ғам сари роҳам гирад,
Дасти имдоди ту ояд ба сарам.

Сари ман силаи рӯҳонӣ кунӣ,
Ки махӯр ғам, ҳамааш мегузарад.
Ҳар чӣ ояд зи само то ба замин,
Ҳар яке ҷодаи худ месипарад.

Чу сабо чашм кушоям, модар,
Қатраи ашк ба рӯям бинам.
Ба хаёли ту лаби равон,
Соате дар ҳавасат биншинам.

## ХУШ ОМАДӢ

Сукути шаб шикаста шуд,
Нафас зи тирагӣ бираст.
Шукуфаи ғами дилам,
Зи дида рехт рӯи даст.

Садои ноумедиҳо,
Зи дури дуриҳо расид.
Ҳилоли абрувони дӯст
Ба бурҷи Каҳкашон дамид.

Ману хаёли ишқи ту,
Набарду изтиробҳо.
Садои ошнои по,
Маро кунад зи ман ҷудо.

Сиришки дона-донаам,
Ба зери пои ту бирехт.

Дилам садот медиҳад,
Хуш омадӣ, ки ғам гурехт.

## САДАФИ АШК

Садафи ашк сияҳ шуд,
Зи ғаму дарду алам.
Дили сарди ман нагардид,
Ба туву ишқи ту тавъам.

Дили обистани ишқам,
Шабаҳи ишқ бизод.
Шаби ялдои зимистон,
Яхи субҳона ниҳод.

Қалби абгору ҳазинам,
Ба рахат ашк бирехт.
Ту, биё, азизи қалбам,
Ки ғамат хокам бехт.

## ДИЛБАР РАҲМОНӢ



*Дилбар Раҳмонӣ 10 июни соли 1967 дар шаҳри Ҳисор дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Ӯ хатмкардаи Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор буда чандин сол аст дар мактаби миёнаи №60 ҳамчун омӯзгор ифои вазифа менамояд.*

*Дар овони мактабхонӣ каломи бадеъ ба ӯ писанд меояд. Баъдан ба навиштани шеъру таронаҳо шуғл меварзад. Китоби аввалини ӯ «Гули умед» унвон гирифтааст. Китоби «Гулшани меҳр» низ ба қалами ӯ тааллуқ дорад.*

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистони азизам, мулки беҳамтои ман,
Гулшани доимбаҳору кишвари зебои ман.

Шукр мегӯям Худоро бахри ман ҳастӣ Ватан,
Ҳаму модар дар ҷаҳон танҳо туӣ яктои ман.

Боғҳои мевадорат оварад шаҳду шакар,
Конҳои кӯҳсорат пур зи лаъли симу зар.

Мардуми меҳнатқарин обод месозад туро,
Аз маводи мармарин бунёд месозад туро.

Рӯдҳои нуқрагинат медавад мисли саманд
Аз нишебиҳои барфи кӯҳсори сарбаланд.

Он қадар сероб бошад чашмаҳои поки ту,
Медамад ҷони зироат аз ниҳоди хоки ту

Абрҳо дар қуллаҳоят лонаи Шамсу Қамар,
Ҳар кадом аз лонаи худ боз гарад ҷилвагар.

Кӯҳсорони ту чун «Боми ҷаҳон» машҳур гашт,
Бар тамоми мардуми рӯйи Замин манзур гашт.

Мардуми фарҳангҷӯят бар тамаддун даст ёфт,
Дар сухан печид чун мӯ, муйро бо мӯ шикофт.

Тоҷикистон, мулки озоди фараҳбунёди ман,
Модари ман, бахти ман, иршоди ман.

## РОҒУН МЕСОЗЕМ

Биё, созем Роғунро,
Ба рӯди мавҷхези Вахш.
Ки нури барқи он созад,
Шаби торики моро пахш.

Биё, созем Роғунро,
Ба зӯри дасти пурэҳсон.
Ки то хоки Ватан гардад,
Чаманзорону боғистон.

Биё, созем Роғунро,
Чароғон то шавад олам.
Зи нури файзбахши ӯ,
Шавад мардуми мо хуррам.

Биё, созем Роғунро,
Ки НОБ-и яккаи дунёст.
Чу шоҳи қуллаи барфин,
Дар ин куҳсори беҳамтост.

## ҲИСОРАМ

Ту ҳусни Тоҷикистонӣ, Ҳисорам,
Ту мулки беҳтар аз ҷонӣ, Ҳисорам.

Замини босахоятро бинозам,
Биҳишти манзари сонӣ, Ҳисорам.

Тамоми нозу неъмат дар кафи туст,
Пур аз обу пур аз нонӣ, Ҳисорам.

Маро ҳар кас ба танҳо монаду лек,
Туям танҳо намемонӣ, Ҳисорам.

Маро аз дуриҳои чашмнорас
Ба сӯи хеш мехонӣ, Ҳисорам.

Қасам бар ҷону бар ҷонофарин,
Бароям ҷону ҷононӣ, Ҳисорам.

## ДУБАЙТИҲО

Надорам як дами шод аз ҷудоӣ,
Шудам беёду барбод аз ҷудоӣ.
Азизи ман, ба пешам боз баргард,
Фиғону доду фарёд аз ҷудоӣ.

Маро афкандӣ ба хориву зорӣ,
Ба роҳи ту дилам дар интизорӣ.
Ба ин худхоҳиву беҳудакорӣ
Бигӯ, раҳма ба ман дорӣ, надорӣ?

Биё модар, ба он рӯйи намозӣ,
Ки бар дарду ғами ман чора созӣ.
Биё, аз шодии дил пеши роҳат
Бароям бо суруду рақсу бозӣ.

Аё модар, ту бахту обрӯям,
Туро гум кардаму дар ҷустуҷӯям.
Хаёлан дар ниҳону ошкоро
Ҳамеша бо ту ман дар гуфтугӯям.

Ба олам шоду хуррам бошӣ, эй дил,
Ба ҷони кас чу марҳам бошӣ, эй дил.
Ба ҳар дилсӯхта ҳамдарду ҳамроз,
Ҳамеша ҷони одам бошӣ, эй дил.

Саҳар барги сафедорон суруданд,
Ба дил озодиву шодӣ фузуданд.
Садову нағмаи мурғони хушхон
Гиреҳи ғам даруни дил кушуданд.

Ало, ёри азизи пургуноҳам,
Маё дигар ба зорӣ рӯйи роҳам,
Магӯ дигар, ки манро дӯст дорӣ,
Шавӣ ту садқаи зулфи сиёҳам.

Ало Дилбар, ҳамеша шод бошӣ,
Зи ғамҳои замон озод бошӣ.
Ба ҳамроҳии ёру дӯстонат.
Ба хону хонаи обод бошӣ.

## САБЗАИ ФАСЛИ БАҲОРОН

Сабзаи фасли баҳорон карда пойанози ту,
Марҳабо гуфтам ба кунҷи сина, меҳмон, марҳабо.

Аз чароғи ту вале рӯшан нагардид хонаам,
Ман намедонам чаро? Шояд, ки бӯӣ бевафо.

Мурғи дил бо ноилоҷӣ аз пару парвоз монд,
Хонаи нимрӯшанам якбора ториктар бишуд.
Оташи ишқат ба ҷонам сӯзи беҳамто ниҳод,
Ин дили нимсӯзи ман якбора хокистар бишуд.

Нимароҳи умр буду шӯъла мезад чашми ман,
Оташи чашмони ман аз дарду ғам хомӯш гашт.
Дилбари бечора шаб дар роҳи ту хун мегирист,
Оқибат пероҳани доғи сияҳбардӯш шуд.

## ҲАМИН КОФИСТ

Зи ишқи рӯи ёрон сер гаштам ман, ҳамин кофист,
Зи дарёи муҳаббат нӯш кардам ман, ҳамин кофист.

Агар хоҳам, ки резам ашки худ дар зиндагониям,
Ҷафо дидам даруни зиндагониям, ҳамин кофист

Дар ин дунё пур аз дарду пур аз ғам,
Ҷаҳони умри инсонӣ бидидам ман, ҳамин кофист.

Агарчи дар чаман аз бехудӣ ошуфтадил гаштам,
Садое чун ба бӯстоне шунидам ман, ҳамин кофист.

Дар ин давру замоне қадри инсонист болотар,
Баҳои умри инсонӣ надидам ман, ҳамин кофист.

Аҷаб давре, ки Дилбар дидаи саҳву хатои худ,
Хатои кардаамро ҳам набахшидам, ҳамин кофист.

## ШУКРОНА

Шукри беҳад аз дилу ҷонам кунам,
Бар ту доим, эй Худои нозанин.
Шукри ин умри фаровон додаат,
Шукри бахту шукри ин обу замин.

Офаридӣ ин замину осмон,
Бандаат то бод хушбахти ҷаҳон.
Офаридӣ нур аз хуршеду маҳ,
То бузургиат ба мо гардад аён.

То бувад зебо ҷаҳони одамин,
Шеду маҳро барқи тобон кардаӣ.
Рисқ пошида ба руи ин замин,
Хуш ҷаҳони аҳли инсон кардаӣ.

То ту худ мехостӣ дар ин ҷаҳон,
Шуд Муҳаммад баҳри инсон пешво.
Шукри он пайғамбаре, ки додаӣ,
То кунад рӯшан давоми роҳи мо.

Шукри номат, эй Худои дурбин,
Эй ки бо номи ту дорам эҳтиром.
Дилбари муштипари туам,
Ёди ту дар сина дорам рӯзу шом!

## ШЕЪРҲО БАРОИ КӮДАКОН

## ИМРӮЗ «ИДИ АЛИФБО»

Саҳар гуфт очаҷонам
Бихез фарзанди ҷонам.
Омадаанд бачаҳо
Рав бар «Иди Алифбо»
Рав ҷониби дабистон,
Ғун гашта ёру дӯстон
Иди Алифбо доранд,
Хурсанду беқароранд,
Дар хона Саидаброр
Ҳоло нагашта бедор
Бедораш чаққон кунед,
Ба мактаб равон кунед.

## ФАРИҲАҶОНИ МОМО

Фариҳаи фарзона,
Дар қобилӣ ягона
Рафторакаш аҷаб хуб
Гул дар миёни хона
Ҳай шуху беқарор аст
Мисли гули баҳор аст.
Азизу ҷони момо,
Ҷону ҷаҳони бобо
Ҷудо азиз ба модар

Бар падар ҷону ҷигар
Ба ҷону дидагон ҷо
Фариҳаҷони момо
Доим кунам дуоят,
Нигаҳбонат Худоят.

## АПАИ КОРГУРЕЗ

Апаҷонам Шоҳона
Намешинад дар хона
Нигоҳ кунад меҳмона
Дар гирди ӯ парвона
Равад пеши Рухшона
Кору бораш мемона.
Шавад кӯча равона
Наёбияш дар хона.
Карда ҳар хел баҳона
Накунад кори хона
Коргурез дар миёна
Апаҷонам Шоҳона.

## КИТОБҲОИ МАН

Ба мактаб мешитобам
Соҳиби шаш китобам
Яктояш буд «Алифбо»
Китоби бас бебаҳо
Тамом шуд яктои он
Сар шуд китоби «Забон»
Фурӯ рафтам ба дониш,
Хонда китоби Хониш
Меомӯзам забонро
Забони модаронро
Китобчаи «Ҳисоб» – ам,
Кай медиҳад азобам
Тарҳу ҷамъ менамоям
Муаммоҳо кушоям.
Мекунам зарбу тақсим,
Китоби беҳад муҳим.
Ҳисоб карда тавонам,
Рақамҳоро медонам
Яку дую сею чор,
Рақамҳо қатор – қатор.
Офтобакро мекашам,

Санҷобакро мекашам
Канӣ бигӯ бошитоб
Чӣ бошад номи китоб
Ин китоби «Расмкашӣ»
Расми чиро мекашӣ.
Дугонаҷон, дугона
Суруд мехонӣ, ё на.
Аз китоби мусиқӣ
Суруд хонем шодона.

## ЧЕҲРАИ ОЛАМОРО

Ҳусни олам астӣ, модар! Бе ту ин дунё на нур дорад, на зебоӣ! Олиҳаи хушрӯтарини олам мебошӣ, модар! Рӯзе бемор шудиву гуфтӣ:

- Духтаракам, агар ман рахти сафар бандам, ҳоли ту чӣ мешуда бошад?

Дар садои маҳину гӯшнавози ларзонат изтиробу ташвиш ҳувайдо буд. Ман як такон хӯрдаму дар ҷоям нишастам, гӯё ҷон аз танам баромад. Аз қаъри қалбам гӯё нидое вулкон берун фаввора зад:

- Модарҷон, ту чӣ гуфтӣ? Ман нафаҳмидам! Ба куҷо сафар мекунӣ?

- Ба он ҷое, ки дигар барнамегарданд...

- Не! Ин тавр нагӯ1, модари азизу меҳрубонам, ҷонам, нури чашму қуввату дармонам. Маро натарсон, очаҷон!

- Натарс, эй духтари азизам, нозпарварам. Ту калонак шудӣ, акнун сиёҳу сафедро фарқ карда метавонӣ. Ту давоми умри манӣ. Илоҳо, хушбахту осудаву комрон бошӣ! Ба пешам биё, туро бибӯсам.

Чун лабони гарму нарми туро дар пешонаам ҳис кардам, худро бохтам, беҳолу бемадор шудам, зери ин бӯса мисли навозишҳои гузашта набуданд. Гиря гулӯгирам кард, баданамро ларза гирифт. Беихтиёр дод задам: «Не! Не! Ҳаргиз! Ин гапро магӯй, модар! Охир, ин олам бе ту чӣ қурбе дорад? Саропоятро мебӯсам, модари ҷон! Сафои умрам, гули беғазонам, оромиши ҷонам, қуввату дармонам, осоиши ҳаётам, нури зиндагиам, боғу бӯстонам, баҳори бехазонам, сарчашмаи ҳастиям! Бо ту ин ҳаёт рангину ширину хулди барин менамояд. Бо ту хушбахтарин инсони рӯйи Заминам. Ту ҳаргиз марав, олиҳаи ҳусн! Вуҷуди ту чароғи қалби маро фурӯзонтар мегардонад...

- Духтарам, аз амри тақдир ҷойи гурез нест. Тақдир тадбир надорад...

- Не, Боз не! Дигар ин гапро нагӯ, маро озурда макун, мродар!

- Осуда шав, нури чашмам, ҷигарбандам. Дар як дам ранги рӯят канд. Худро ба даст гир. Андаке нотоб шудам. Ман аз қисмат наметарсам, аз ояндаи ту дар ташвишам...

- Модар, ояндаи ман бе ту маънӣ надорад! Мефаҳмӣ?!

- Хуб, хуб. Фаҳмидам. Ту маро боз ба зиндагӣ баргардондӣ. Бигзор гуфти ту шавад.

Дигар мо дар ин бора сухан намегуфтем. Ҳаёти ширин дар паҳлуи ту идома меёфт. Ниҳоли умр аз ҳастии ту шодоб буд, нашъунамо мекард ва гулҳояш рӯз аз рӯз дар шукуфтан буд. Ман духтари ноздона будам. Ҳамеша дар байни туву падарам менишастам, дар ҷойи дигар ҳатто об ҳам аз гулғям намегузашт, барои шумо «Эркаҷон» ном доштам. Чӣ будани ғамро намедонистам. Маро доим навозиш мекардед, дастамро ба оби хунук задан намегузоштед, вале ман бекор нишаста наметавонистам, беихтиёр ҳама гуна корро мекардам, ҳунар меомӯхтам. Хостам, пас аз хатми мактаби миёна ба факултаи ҳуқуқшиносии донишгоҳ дохил шавам. Аз баски хоҳаронам шавҳар карда буданд, туро танҳо гузоштан нахостам. Ба кор даромадам, умуман, бекор истода наметавонистам ва аз кор баргаштан замоно туро меҷустаму аз вуҷудат хумор мешикастам. Ҳангоми фароғат шеърнависиро машқ мекардам ва туро васф менамудам, модари азиз:

Чун қуввати дил туӣ бароям, модар,
Равшангари чашми раҳнамоям, модар.
То бахту саодате бароям бирасад,
Пайваста кунӣ ба дил дуоям, модар.

Сарнавишт кори худро кард, аз ману ту напурсиду туро ба роҳи охират бурд. Ман зорону гирёну бирёну нолон мондам. Аз шевану навҳаам гӯши фалак кар шуд, аммо ту барнагаштӣ. Дарду ғусаамро қалам рӯйи қоғаз паҳн мекард:

Маро қисмат чу аз модар ҷудо кард,
Кафам аз домани модар раҳо кард.
Бигирям дар фироқи модари ҷон,
Фалак бар ҷони ман ҷабру ҷафо кард.

Туро меҷӯям, модар.

Туро интизорам ҳам дар хона ва ҳам дар кӯча
Ҳар саҳар аз хоб мехезам ба ёдат, модарам,
Мекушоям дафтару бар даст мегирам қалам.
Ҷустуҷӯят мекунам аз бурҷ-бурҷи хонаҳо,
Ман намеёбам турову сахт меояд алам...
Як саҳар гуфтӣ, ки аз ту меравам, эй Дилбарам,
Дар гумонам шӯхӣ мекардӣ ба сӯям, модарам...

Нишонаатро меҷӯяму дар ҳар ҷойи хона симоятро пеши назар меораму ҷаҳонамро равшан мегардонам эй чеҳраи оламоро!

## САФАРГУЛ ҲАЛИМИЁН



*Сафаргул Ҳалимиён чоруми майи соли 1968 дар деҳаи Муъминободи поёни ноҳияи Ваҳдат дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Падараш Шарифи Ҳалимиён бародари хурдии олими нуктадон, донишманди асил, забоншиноси шаҳир Саиди Ҳалимиён, буда, солҳои шастуми асри гузашта аз деҳаи Чепи Солеҳ ба деҳаи Муминобод кӯч бастааст. Модараш Адолати Ашӯр низ аз хонаводаи илмдӯст буда, гузаштагонаш (Мулло Бурҳон, Мулло Ориф, Мулло Шариф) то ибтидои асри XX дар мадрасаҳои Бухоро таҳсили илм карда, шахсиятҳои муътабар ва маъруфи диёр буданд.*

*Сафаргул Ҳалимиён таҳсилоти миёнаро дар мактаби миёнаи рақами нуҳи деҳа гирифт (солҳои 1975-1985). Деҳаи хушбоду ҳаво, табиати зебо, замони амн ва муҳити солиму созгор барои таҳсили илм мусоидат мекард. Меҳри илму адабро дар дили ӯ хонадон ва устодонаш Салим Ҳалим, Қосим Эргаш, Мастураи Ҳалим, Мирзои Абдуҷаббор, Эмомалӣ Тоҳир (барандаи маъруфи телевизион) бедор карданд.*

*Ӯ солҳои 1985-1990 таҳсили илмро дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (алҳол Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дар риштаи забон ва адабиёти тоҷик идома дод. Дар ин боргоҳи илм аз донишмандони мумтоз ва олимони машҳур чун Шарифҷон Ҳусейнзода, Додоҷон Тоҷиев, Мукаррама Қосимова, Саид Ҳалимиён, Раҳими Мусулмониён, Худоӣ Шариф ва дигар устодон дарси илму адаб омӯхт. Бо нозукиҳои мероси назму насри бузургони тоҷику форс Абӯабдулло Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдиву Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Саййидои Насафӣ, Донишу Шоҳин, Айниву Улугзода, Лоиқу Бозор ошноии бештар пайдо намуд.*

*Баъди хатми донишгоҳ дар аспирантура таҳсил карда, зери роҳбарии профессор Мукаррама Қосимова рисолаи номзадиашро дар мавзӯи "Вожаю истилоҳоти пешаварӣ дар осори Сайидои Насафӣ" дифоъ намуд (соли 2002). Муаллифи як монография, китоби "Забони давлатӣ" (синфи 8, соли 2018) ва мақолаҳои илмӣ мебошад. Алҳол дар Донишгоҳи милии Тоҷикистон дарс мегӯяд.*

*Сафаргул Ҳалимиён дар даврони дабистонӣ ва донишҷӯйӣ ба каломи ҳунарӣ рӯ овардааст. Дар тарбияи Сафаргул саҳми амакаш – донишманди беҳамто, забоншиноси шаҳир, шоир ва нависанда Саиди Ҳалимиён бузург аст. Ӯ дар назди ин бузургвор сабзидаву камол ёфта, аз осори пажӯҳишии устод огоҳии хуб дорад. Бинобар ин шеъри огозинаш ба амаки бузургвораш бахшида шудааст.*

## ДОСТОНИ "ПОРСО ВА ХУБОН"

Биёмад аз само бар сар маро нур,
Ғами дилро, ғами дилро кунам дур.

Худо раҳмат намо Нӯшофаринро,
Зани шоистаи сад офаринро.

Ҳаме Нӯшофарин нӯш офарида,
Чӣ дилҷӯю чӣ боҳуш офарида!

Ало, эй Порсо, фарзонаи ту,
Миёни сад ҷавон мардонаи ту.

Забони чарбгуфторат чи зебо!
Ҷаҳони меҳрборат кам ба дунё!

Ҳама дунёи ту меҳр асту роз аст,
Ҳама ҳарфу каломат рӯҳнавоз аст.

Басе хуш оядам фаҳму ҳуши ту,
Ҳама фазлу ҳама диди хуши ту.

Ба дил будӣ умеду такягоҳам,
Кунун бе ту яке гумкардароҳам.

Наёзорам туро, эй меҳрубонам,
Занӣ ханҷар агар бар ҷисму ҷонам.

Агар бе ман, агар бе ман туӣ шод,
Туро ин шодмонӣ муғтанам бод!

Бишав осуда, эй ҷону ҷаҳонам,
Биёсояд ҳаме рӯҳу равонам.

Бароям арҷмандӣ ҷовидона,
Бигӯям баҳри ту шеъру тарона.

Бару бозуву болоят маро кушт,
Калому ҳарфи волоят маро кушт.

Зи аввал карда будӣ меҳрубонӣ,
Чӣ ширин буд баҳрам зиндагонӣ.

Ҳамегуфтӣ: Гулам, ороми ҷонам,

Зи ту осуд ҳам рӯҳу равонам.

Тапишҳои дилам баҳри ту бошад,
Тамоми ҳастиям баҳри ту бошад.

Чи ширин буд лабханди ту, эй ёр
Зи лутфу меҳри беандоза саршор.

Худовандо, нигаҳ кун Порсоро,
Яке дардошнову босафоро.

Ало, эй Порсо, арзандаӣ ту,
Шудам аз як навоят бандаи ту.

Заковаткешу ҳушёрат бидидам,
Зи кони лутфи ту шаҳде чашидам.

Ки лутфат ончунонам карда буд ноз,
Ба манзил омадам дартоз-дартоз.

Зи ҳарфи чун майи ту кардаам нӯш,
Маро бошад ҳаме ҳар лаҳза дар гӯш.

Фидои ҳар каломи пур зи нозат,
Фидои он садои дилнавозат.

Садоят чун расад аз дурии дур,
Шабамро мекунад саршор аз нур:

Туро ман дӯст дорам аз дилу ҷон,
Ки ёри ҷовидониям ту, Хубон.

Чунон аз шарру шӯрат ҳастиям пур,
Ки ишқи ту нагунҷад дар тасаввур.

Зи ҳарфи ту маро шӯре ба сар шуд,
Зи шодӣ рӯйи хубам хубтар шуд.

Ба дил гуфтам, ки акнун ҷовидонӣ
Ҳамехандад ба рӯям зиндагонӣ.

Вале рафтию ёди ман накардӣ,
Дилатро баҳри ман маъман накардӣ.

Пас аз ин ин саройи меҳробод,
Бишуд аз баҳри ман як ғуссаобод.

Басе хондӣ ба гӯши ман тарона,
Зи розу сози ишқи бекарона.

Ту рафтӣ ин чаман бе рангу бӯ шуд,
Зи оби дида атри гул ба ҷӯ шуд.

Зи садбарги таре кардӣ фаромӯш,
Киро гирӣ, киро дорӣ ба оғӯш?

Яке дилбар, ки бар аҳдаш вафо кард,
Наистодӣ чаро бар аҳдат, эй мард?

Маро кардӣ асири худ ту, эй ёр,
Ба қавли худ наистодӣ вафодор.

Бигӯ, эй ҷону дил, ҷону дилат кист?
Ҳама теғи ҷафо баҳри ман аз чист?

Ҳама хоку гилам Яздони Кайҳон,
Сиришта з-оини яктопарастон.

Агар оини ман сидқу вафо аст,
Ҳама оини ту ҷабру ҷафо аст.

Ба гӯшам то саҳар хондӣ тарона,
Бирафтӣ бехабар, ту бе баҳона.

Бигӯ бар ман, гуноҳам чист охир?
Агарчанде маро кардӣ ту тасхир.

Бадал гардид рӯзи меҳрубонӣ,
Ба шоми сарду тори безабонӣ.

Буридӣ аз ману кардӣ фаромӯш,
Набишнидӣ садои қалби хомӯш.

Куҷо шуд меҳрубони ман, куҷо шуд?
Ба ман номеҳрубон охир чаро шуд?

Бигардидам ҳама рӯйи ҷаҳонро,
Бипурсидам ҳама пиру ҷавонро.

Бикардам аз ҳама ҷо пурсуҷӯят,
Равонам хаста шуд аз ҷустуҷӯят.

Фидои қомати чун сарват, эй ёр,
Маро кардӣ ба ҳаҷри худ гирифтор.

Хату занге, ки буд фарёди дил буд!
Расида то само, он доди дил буд!

Гирифтам ёр ман аз ҳамгинонам,
Надонистам кунад озурда ҷонам.

Бирафтию ҳама дарҳо бубастӣ,
Магар бе ман зи ғамҳоят бирастӣ?

Кашидам сад ҷафо аз дастат, эй ҷон,
Наёзорам туро, эй беҳтар аз ҷон.

Ҳамегуфтӣ ба роҳат интизорам,
Ба ёдат то абад ман беқарорам.

Ба ман гуфтӣ, нагирам то ба маҳшар
Ба ғайри ту, гулам, ман ёри дигар.

Шудам мафтуни ҳар рози ниҳонат,
Ҳамон лабхандаи даври лабонат.

Ба ҷоми ҳастиям будӣ майи ноб,
Зи ёдат ман кунун ҳар лаҳза бетоб.

Фидои диди нозукбинат, эй ёр,
Маро кардӣ ба доми худ гирифтор.

Ҳамехондӣ маро ту ҷони ширин,
Ҳамедонам туро ман ёри дерин.

Зи баҳри васлат, эй ҷону дилам, гул,
Ҳама хори ҷаҳон созам таҳаммул.

Ки ишқат ваҳ чӣ хуш, оваҳ чӣ зебо!
Яке хушбахт ман будам ба дунё!

Ҳамегуфтӣ ҳама дам бо навозиш,

Ки байни мо бувад як умр созиш.

Ҳамегуфтӣ, азизӣ ту зи ҷонам,
Гули боғи баҳори ҷовидонам.

Туро хоҳам ман аз дил ҳам зи ҷонам,
Бидон: Ҳастӣ азизи дил, ҷаҳонам.

Умеди зиндагониям ту ҳастӣ.
Ки ёри ҷовидониям ту ҳастӣ.

Агар донӣ чи қадрат дӯст дорам,
Ғаме дар дил ту раҳ надҳӣ ба олам.

Бигуфтам, ёфтам ҳамсони худро.
Бубинам дар ҷаҳон армони худро.

Вале рафтӣ, зи ман кардӣ фаромӯш,
Накардӣ ҳарфи ман охир дигар гӯш.

Чаро охир, чаро эй ёри ҷонам,
Задӣ оташ ба мағзу устухонам?

Зи ишқи бебаҳо, эй ёри хомӯш,
Чӣ сон кардӣ, чӣ сон кардӣ фаромӯш?

Хамӯшият басе дарду басе дард,
Чу шоми торики зулмонии сард.

Шаби тори шимол охир сар ояд,
Ғами ту аз дили ман кай барояд?

Дуо созам зи ту Парвардигоро,
Паноҳи худ нигаҳ дор Порсоро.

Даме гӯёи олам безабон шуд,
Сиришки ман чу дарёе равон шуд.

Расида то фалак фарёду оҳам,
Набинам ман кунун фарҷоми роҳам.

Макони ту шуда дар ҷойи ҷонам,
Ба ғайрат нест ҳарфе бар забонам.

Зи тири ҳаҷри ту бас хастаҷонам,
Гудозад ҷисму ҷон, рӯҳу равонам.

Зи роҳи дида бар дил гаштиям ҷо,
Кунун рафтӣ, манам бе дасту бе по.

Магар ишқи ту бошад як фасона?
Манам лайливаше дар ин замона?

Маро кардӣ, маро кардӣ дилафгор,
Ҳаме шодӣ магар бе ман ту, эй ёр?

Фиғону нолаам то Каҳкашон аст,
Намефаҳмӣ ту зеро он ниҳон аст.

Худоё, ҳамнишини Порсо кун,
Дилашро бо дили ман ҳамнаво кун.

Ало, эй Порсо Асрори хомӯш,
Зи кӣ дорӣ ҳаме ин панд дар гӯш?!

Зи хомӯшӣ ба фарёд оядам дил!
Чӣ расм аст ин, аё эй ёри хушгил?!

Зи хомӯшӣ дилам ояд ба фарёд,
Чӣ созам ман, ба кӣ гӯям ман ин дод?!

Зи дасти ту, аё, эй ёри ҳамдил,
Ҳаме пойи ман ин ҷо монда дар гил.

Туйӣ дар қалби ман, дар ҷойи ҷонам,
Чӣ созам ман, ки бе ту нотавонам.

Чӣ сон охир, чӣ сон, эй ҷони ширин,
Буридӣ аз чунин дунёи рангин?

Чӣ созам ман, агар ҳамдам нагаштӣ?
Ба захми дил, агар марҳам нагаштӣ.

Наӣ аз баҳри ман ту ёри дилсӯз,
Биёбам ёри худ ман ҳам яке рӯз.

Набудӣ баҳри ман ёри вафодор,
Магар ту ёфтӣ ёри «сазовор»?!

Намедонам фалак бар мо чиҳо кард,
Ки мавҳи ишқи ин сон бебаҳо кард.

Худоё, ин муаммо карда пайгир,
Раҳоям кун аз ин зиндони тақдир.

Худовандо, шифо деҳ, Порсоро,
Яке қалби пур аз нуру сафоро.

Дуо созам зи ту Парвардгоро,
Нигаҳ дорӣ паноҳат ёри моро!

*Феврали 2014*

## БА АМАКИ БУЗУРГВОРАМ САИД ҲАЛИМИЁН

Буд Чепи Солеҳат макон,
Рафтӣ зи деҳ шаҳри калон.
То илм омӯзӣ в-аз он
Машҳур гардӣ дар ҷаҳон.

Дар илм кӯшидӣ ба ҷон,
Аз ҷаҳл то ёбӣ амон.
Гаштӣ ба андак фурсате
Аз зумраи фарзонагон.

То ки забони модарӣ,
Пайдо кунад аз нав сарӣ.
Додӣ варо ҷо дар фалак,
Паҳлуи Моҳу Муштарӣ.

Фирдавсиву шеъри дарӣ,
Саъдию Айнӣ, Анварӣ,
Бо саъйи ту дар қалби мо
Доранд ҳукми сарварӣ.

Эй ҳомии мо, дар забон,
Эй ровии мо, дар баён,
Эй ҳокии мо, аз Каён,
Эй ҳодии мо, сӯи ҷон.

Касро ба чархи чанбарӣ
Бо ту набошад ҳамсарӣ.
Худро агар ҷамъ оварӣ,

Бешубҳа, даҳри дигарӣ!

Эй каҳкашони илму фан,
Эй офтоби ҷону тан,
Имрӯз дар ҳар анҷуман,
Фахр аз ту дорад ин Ватан.

***Марти соли 2003***

## ШОИРАБОНУИ ЗАРАФШОНӢ

*Шоирабонуи Раҳимзоди Зарафшонӣ 25 - июни соли 1974 дар шаҳри Панҷакент ба дунё омадааст. Айёми кӯдакиаш низ дар ин шаҳр сипарӣ шудааст.*

*Соли 1991 мактаби миёнаи рақами 3-ро хатм кардааст. Хатмкардаи Донишгоҳи омӯзгорӣи шаҳри Душанбе мебошад.*

*Соли1996- 2000 ҳамчун омӯзгор дар Омӯзишгоҳи омӯзгорӣи шаҳри Панҷакент(ҳоло коллеҷи омӯзгорӣ) ифои вазифа намудааст. Аз соли 2000 дар мактаби миёнаи рақами 15 корро идома додааст. Чанд соли охир дар муҳоҷират буд. Айни замон ба тарбияи фарзандонаш машғул аст.*

*Аз хурдӣ гоҳ-гоҳ машқи шеър мекунад. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ фаъол аст. Ашъораш бори аввал тавассути китоби «Чил духтарон» дастраси умум мегардад.*

## ЗИНДАГӢ ЗЕБОСТ

Зиндагӣ зебост,
Вақте ҳамнишини модарам.
Зиндагӣ зебост,
Ҳар гоҳе ки хандад хоҳарам.

Зиндагӣ зебост,
Гар панди падар дорам ба гӯш.
Зиндагӣ зебост,
Гар ишқам занад дар сина ҷӯш.

Зиндагӣ зебост,
Бо ҳар ҳарфи ёри ҳамбарам.
Зиндагӣ зебост,
То рӯзе азизи ҳамсарам.

Зиндагӣ зебост,
Бо лабханди тифли орзу.
Зиндагӣ зебост,
Гар созам ба қалбам гуфтугӯ.

Зиндагӣ зебост,
Бо ҳарфи муҳаббатбори ман,
Зиндагӣ зебост,
Бо зебоиҳои ёри ман.

Зиндагӣ зебост,
То он лаҳзае раҳ биспарам.

Зиндагӣ зебост,
То он лаҳзае, ки дилбарам.

Зиндагӣ зебост...

## МОДАРИ ҶОН

Модари ҷон,
Ғам маро афсурда карда,
Зиндагӣ дилмурда карда,
Ин ғарибӣ бо ғарибиҳои хеш,
Бурда, бурда, бурда карда.

Модари ҷон,
Пеш о, то сар ба зонуи ту монам,
Дар барат ду рӯзи худро бигзаронам,
Бо дили озурдаву ранҷури худ,
Қиссаҳои дурият пешат бихонам.

Модари ҷон,
Ман ба ёдат мекунам ҳар дам ибодат,
Бишнавам боре садоят мекунам бо он қаноат,
Аз садои дилнавозат мебарам, модар, ҳаловат,
Бошӣ, эй модар, саломат.

Модари ҷон,
Аз Худо хоҳам зиҳӣ ту ҷовидона,
Шод бошӣ дар ҷаҳони бекарона,
Қалби ту бошад ҳаме пур аз тарона,
Дур бошӣ ту зи ғамҳои замона.

## ЧӢ ҲОСИЛ

Гузашт имрӯзу аз умрам чӣ ҳосил?
Гузашт имрӯзу мондам аз ту ғофил.
На дасти бекасеро баргирифтам,
Набикшодам гиреҳи кори мушкил.
Зи ғам месӯзам ин дам зери девор,
Ки бигзашт умру мондам пой дар гил.
Шаберо рӯз кардам бо дили хун,
Расид хуршед ҳам охир ба манзил.
Аё дарёдилони зиндагонӣ,
Манам лабташна ҳамчун санги соҳил.
Мани девонаро гоҳе навозед,

Дилам сӯи вафо ҳар лаҳза моил.
Гузашт имрӯз ҳам, суде надидам,
Бигаштам баҳри қалби хеш қотил.

## КӮДАКИЯМ

Эй Худоё,
Кӯдакиямро бидеҳ боз,
Кӯдакиям будааст чун хоби ноз.
То ба гӯши лӯхтаки чӯбии худ,
Қиссаҳо гӯям ба ноз.

Эй Худоё,
Кӯдакиямро бидеҳ боз,
Боз як бори дигар бо духтарон,
Рӯи ҷода афтаму гирям зи ноз.
Ҳар чизе пеш оядам, пурсам ба шавқ,
Аз бибиям, чист ин, эй донои роз?

Эй Худоё,
Кӯдакиямро бидеҳ боз,
Мешудам бедор ҳар субҳе зи хоб,
Бо муҳаббатҳои поки дилнавози модарам.
Боз биншинам сари хон,
Мову ман созам даме бо хоҳарам.

Эй Худоё,
Кӯдакиямро бидеҳ боз,
Дил ҳамехоҳад, ки гоҳе бо писарҳои гузар,
Баҳс карда рӯи раҳ бозӣ кунам,
Шишаи тирезаеро бишканад гар тӯби ман,
Ин гунаҳро бори онҳо карда худ розӣ кунам.

Эй Худоё,
Кӯдакиямро бидеҳ боз,
Боз деҳ, то даст ба даст бо духтарон
То намоям ҳулбуи тар ҷустуҷӯ,
Тоқӣ бофам аз гули худрӯи кӯҳ,
Чун гули худрӯй ёбам рангубӯ.

Эй Худоё,
Кӯдакиямро бидеҳ боз,
Ҳар гаҳе аз кор ояд модарам,
Сӯи ӯ чун шаҳпарак парпар занам

Чун ниҳам сар рӯйи зонуяш ба ноз,
Гул зи домонаш канам бар сар занам.

Эй Худоё,
Кӯдакиямро бидеҳ боз,
Боз деҳ то нимшаб бо қиссаи модаркалон,
Роҳ ёбам то ба наҷми осмон.
Доманамро пур кунам аз нурҳо,
Хешро бинам чу моҳи нурфишон.

Эй Худоё,
Кӯдакиямро бидеҳ боз,
Лек афсӯс,
Ҳеҷ кас ин даврро серӣ надид,
Рафту андар сина армонаш бимонд.
Кӯдакиям рафт н-ояд бозпас,
Умр моро бар дари пирӣ кашонд.

## ГУМ ГАШТААМ

Ман, ки дар оғӯши гарми лаҳзаҳо гум гаштаам,
Қисса-қисса бар лаби зебои мардум гаштаам.
Зери бори ору нанги зиндагӣ ҷон додаам,
Наҷми тобон дар миёни хайли анҷум гаштаам.
Қомати хамгаштаамро рост кардам чун алиф,
Вақти пирӣ ҳамчу ҳарфи дол маҳкум гаштаам.
Хостам , ки мӯмиёи захмҳои дил шавам,
Бехабар бар зери пои нокасон мум гаштаам.
Орзу кардам ,ки бошам ҳамчу бонуи сухан,
Аз сухан гуфтан , валекин боз маҳрум гаштаам.

## КАБК

Эй кабк, кабки роми ман,
Ҷои ту бошад доми ман.
Ҳаргиз намехоҳам равӣ
Ҷои дигар аз боми ман.

Эй кабк, кабки роми ман,
Ҳамхонаю ҳамбоми ман,
Дар зиндагии кӯтаҳам,
Ҳамсоғару ҳамҷоми ман.

Эй кабк, кабки роми ман,

Эй ахтаре бар шоми ман.
Аз талхиҳои зиндагӣ
Шириние бар коми ман.

Эй кабк, кабки роми ман,
Номат қарини номи ман.
Бар рӯи дасти ман нишин,
Эй шодии айёми ман.

## ШИКВА

Ханда бар лаб субҳгоҳ аз хона берун мешавам,
Шаб , ки ояд борам аз ду дидаам борони сел.
То набинад душманам ҳоли парешони маро,
Нақш мебозам ба саҳни зиндагонӣ хел-хел.
Чашм мепӯшам набинам то ҷаҳонро сип-сиёҳ,
Қатраҳои ашки ман гарданд ба домонам ҳамел.
Хома бишкаст вақти иншои ҳаёти нохушам,
Ку ҳамон румоннавис, бинвисад аз ҳолам новел?
Дар ғарибӣ нест ҳар касро зи аҳволам хабар,
Дӯсте ку? То бипурсад, зиндагоният чӣ хел?

## ҚАҲВА

Қаҳваи сӯзони финҷон рӯйи даст,
Бар димоғам бӯи хуш меоварад.
Дил яке ларзид ногаҳ бо алам,
Гуфт: Даврон пардаи ҷон медарад.

Ҳарфҳо дар рақс рӯи дафтарам,
Медиҳанд ҳушдор: Хушрангӣ намонд.
Фасли поизи ҳаётат даррасид,
Сабзаи навмедӣ дар кӯят дамонд.

Дасти ман ларзиду финҷонам фитод,
Пора-пора гашт пеши пои ман.
Қаҳваи сӯзон фурӯ шуд бар замин,
Рехт қаҳва, гуфтам: Эй воҳ, вои ман!

Дар чунин соат ҳақиру нотавон,
Мешумурдам рӯзҳои рафтаро.
Як нигоҳ кардам сӯи ойина,
То бубинам қасди солу ҳафтаро.

Хостам як шеъри тар иншо кунам,
Хома ҳам мисли мани яхбаста буд.
Як каломе хуш намеомад ба лаб,
Дар набарди умр гӯё хаста буд.

## ЭЙ ДИЛ

Чаро оқил нагаштӣ, эй дил, эй дил?
Даме комил нагаштӣ, эй дил, эй дил.
Зи сарҳо рафт айёми баҳорон,
Паи ҳосил нагаштӣ, эй дил, эй дил?
Аз ин мушкилписандӣ гаштӣ бемор,
Ба кас муқбил нагаштӣ, эй дил, эй дил.
Ҳама рӯзу шабат бо ғам сипардӣ,
Хушо, ки сил нагаштӣ, эй дил, эй дил?
Чу рӯди маст меҷангӣ ба соҳил,
Вале ноил нагаштӣ, эй дил, эй дил?
Басе афсонаҳоят пушти сар шуд,
Ба худ қоил нагаштӣ, эй дил , эй дил.
Аз ин ғамҳои бепоён чӣ дидӣ,
Ба мо моил нагаштӣ, эй дил, эй дил.
Зи шодии ҷаҳон ғофил нишастӣ,
Чу мо фозил нагаштӣ, эй дил, эй дил.

## ПАЙКИ УММЕД

Эй пайки умеди дӯстдорон,
Хуш омадаӣ, ба қалби ёрон.
Ин дидаву дил нисор бодат,
Бо муждаи фасли навбаҳорон.
Ошиқ, ки наӣ ғамам чӣ донӣ?
Ояд зи ду дида селу борон.
Эй раҳмати Ҳақ, бибор имшаб,
Бар дашту даман, ба кӯҳсорон.
Аз гард ту пок кун ҷаҳонро,
Бахшо ту сафо ба обшорон.
Чун лола, ки сина пур зи доғ аст,
Шояд, ки расад ба ғамгусорон.
Шоира, ба қалби ташна гӯяд:
Хуш бош канори чашмасорон.

## ЭЙ ДАРД

Эй дард, зи хунсардӣ,

Дил бар ту намебандам.
Бо ин ҳама дарду сӯз,
Бар рӯи ту механдам.

Хоҳӣ, ки зи по афтам,
Рав, рав, ки намеафтам.
Бигрез ту аз роҳам,
Рафтам зи ту, ман рафтам.

Баъд аз сари ман дунё,
Тағйир намеёбад.
Ғам баъди сарам ҳаргиз,
Ғамхона намекобад.

Тифлони банозамро,
Лолой кӣ мегӯяд?
Гулҳои муҳаббатро,
Дар ҷода кӣ мебӯяд?

Эй дард, зи ман бигзар,
Бигзор ба худ монам.
Бар гӯшаки тифлонам
Афсонаи шаб хонам.

Эй дард, зи ман бигзар,
То сер даме хандам.
Аз баҳри азизонам
Гулдастаи нав бандам.

## БА МАН МАСТЕЗ

Мастез, ба ман мастез,
Оташ ба дилам ангез.
Сӯи ману дил бингар,
Бо дидаи меҳромез.

Мастез, ба ман мастез,
Аз ман манамо парҳез,
Чун умр барои ман,
Бошӣ ту тарабангез.

Мастез, ба ман мастез,
Қалбам шудааст хунрез,
Дар соғари ҷони ман,

То ғам нашавад лабрез.

Мастез, ба ман мастез,
Аз кӯи ҷафо бигрез.
Айёми ҳаётамро,
Бо шаҳду шакар омез.

## ДИЛИ МАН

Дили ман ойинаи булурӣ нест,
Дили ман шишаяке софу шафоф.
Ту намон пой ба рӯи дили ман,
Ки гуноҳ аст, ниҳӣ пой ту бар чашмаи соф.

Эй азизи дили ман,
Ту зи дунёи дигар омадаӣ,
Чу намедонӣ азоби ғами ишқ,
Мезанӣ беҳуда лоф.

Ба ҳама нозукиҳош,
Дили ман ҳаст бузург чун кӯҳи Қоф.
Ба ҳама зӯру тавон,
Ту наметонӣ бисозеш шикоф.

Зару сим аз дили ман меҷӯӣ,
Дили ман соз тавоф.
Баҳри ту умри дигар мебояд,
То бигардӣ кашшоф.

## **ГУМОНИ МАН**

Туро парвардаам чун ҷон, ки ҳастӣ чун равони ман,
Ба кӯи ростӣ меоварад дилро гумони ман.
Надонистам, ки рӯзе хомаи ман лол хоҳад монд,
З -ин ишқи беамони ман, зи фарёди ниҳони ман .
Ба умеде намурда зинда гаштам ман ба ёди ту,
Ки месӯзад ба ёди оразат ҳар лаҳза ҷони ман.
Ман оғози баҳор овардаам дар фасли дай бар ту,
Бишуд пайдо зи баъди ашки ман тиру камони ман.
Надидӣ ту дили зорам, ғамин дар ниммараҳ мондам,
Дареғо,ки фитодӣ ин замон аз имтиҳони ман.

# ҚУТБИ ЁНУР



*Қутбиябонуи Саиднуриддин ибни Муҳаммадсаиди Муҳаммадшариф ибни Муҳаммадноиби Муҳаммадии Ёнурӣ 12 декабри соли 1975 дар деҳаи Иттифоқи ноҳияи Ҳисор дар оилаи ҳисобчӣ ба дунё омадааст.*

*Баъди хатми мактаби асосӣ ба омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳияи Ҳисор дохил шуда, онро бомуваффақият хатм кардааст. Баъди хатми омӯзишгоҳ таҳсилро дар бахши ғоибонаи ДДЗТ идома додааст.*

*Аз синни 15 солагӣ шеър мегӯяд. Шеърҳояш дар матбуоти даврӣ чоп шудаанд. Шеъри аввалинаш дар рӯзномаи «Ҳисори Шодмон» чоп шуда дастраси хонандагон гардидааст.*

*Инчунин шеърҳояш дар маҷмӯаҳои дастаҷамъии маҳфили «Истеъдод», «Ҳисори сухан», «Армугони ғазал» (Ирфон, 2012) ва «Наврӯзи Зарафшон» (Ирфон, 2017) манзури хонандагон гардидаанд.*

*Маҷмӯаи аввалини шоира бо номи «Оҳатро кунам шеър» (Душанбе, «Аржанг»-2010) дастраси ҳаводорон шудааст.*

## ҒАЗАЛҲО

Пур бишуд паймонаи ман, тарк мегӯям туро,
Мурд шамъи хонаи ман, тарк мегӯям туро.
Қиблаам бошӣ агар ту, бенамозӣ мекунам,
Хайр, эй ҷононаи ман, тарк мегӯям туро.
Умр гарчи рафт дар роҳи вафодории ту,
Бевафо, бехонаи ман, тарк мегӯям туро.
Лоиқи ман нестӣ, чун нестӣ бар ман ҳабиб,
Нестӣ ҳамхонаи ман, тарк мегӯям туро.
Ман намебахшам туро бо амри фардои замин,
Хуш бимон, қудсонаи ман, тарк мегӯям туро.
Тӯтисон бишкастаӣ ойини дерини маро,
Сар манеҳ бар шонаи ман, тарк мегӯям туро.
Қутби Ёнур бо майи рӯйи ту мастӣ мекунад,
Соқии майхонаи ман, тарк мегӯям туро.

* * *

Чаро он ёри ман, ғамхори ман нест?
Чаро он ёри ёрон ёри ман нест?
Ба дил мавҷи ғаму навмеди роҳам,
Дарахти орзу дар кори ман нест.
Бихобам, дар ду чашмам оби дида,
Чаро зулфи камандаш дори ман нест?

Сияҳрӯзам чу зулфи анбаринаш,
Чаро дар бӯсааш пиндори ман нест?
Намедонам чаро он ҷону дилро
Гулаш дар гӯшаи гулзори ман нест?
Диле дорам, ки месӯзад ба ишқаш,
Нишони ваъда аз дилдори ман нест.
Биё, васфаш сароям, Қутби Ёнур,
Ба ҷуз ишқаш ғами бисёри ман нест!

* * *

Ишқро, ҷоно, магӯ бегона аст,
Ишқ дар дил балки соҳибхона аст.
Ҳар диле, ки ишқ дорад дар вуҷуд,
Дар назар чун кӯдаки девона аст.
Аз ниёгон сӯхтан омӯхтем,
Бачаи парвона ҳам парвона аст.
Гарчи месӯзад дил аз савдои ишқ,
Ҳар дили беишқ чун вайрона аст.
Ишқ дорад дил в-агарна пеши мо
Мисли китфу бозувону шона аст.
Ишқ фикратро ба парвоз оварад,
В-арна ӯ ҳам мисли мурғи хона аст.
Қутби Ёнур, ишқро обод кун,
Умр дар андози як паймона аст.

* * *

Аз ин дунёи пурозор хоҳам рафт,
Чу дарвеше аз ин осор хоҳам рафт.
Зулайхои дили моро кӣ медонад?
Ба шавқи Юсуфи худ зор хоҳам рафт.
Бичинам аз чаманзори нигоҳаш гул,
Ба фасли дидаи гулбор хоҳам рафт.
Бубинам то баҳори орзӯямро,
Гули нозам, ки бар гулзор хоҳам рафт.
Туро ман интизорӣ мекашам, эй гул,
Ба сӯят бо дили иқрор хоҳам рафт.
Ба ишқи безаволат Қутби Ёнурам,
Сари боло ба пойи дор хоҳам рафт.

* * *

Сари роҳи маро девор карданд,
Сари деворро аз хор карданд.
Ду поям баста бо занҷири ҳиҷрон,
Маро мӯҳтоҷи рӯйи ёр карданд.
Ба қалбам оташи ҳиҷрон ниҳода,
Танамро дахмаи озор карданд.
Ба роҳам кӯҳи ғам барҷо ниҳоданд,

Маро дар пушти ин кӯҳ хор карданд.
Ба рӯйи ёр чашмам норасида,
Маро бадноми кӯйи ёр карданд.
Ғами дунё магар кам буд бар ман?
Ба ишқи ёр ғамбемор карданд.
Маро дар зиндагӣ, эй Қутби Ёнур,
Гуле будам, дар охир хор карданд.
* * *

Макаш оҳе, ки оҳатро кунам шеър,
Ба ойина нигоҳатро кунам шеър.
Лаби барги гулатро бӯса гирам,
Лабони бӯсаҳоҳатро кунам шеър.
Нигоҳатро ба танҳоӣ ситонам,
Ду чашмони сиёҳатро кунам шеър.
Буто, дар ишқ бинам устуворат,
Дарахти рӯйи роҳатро кунам шеър.
Ба шири гарданат созам замоне,
Баёзи рӯйи моҳатро кунам шеър.
Чаро ту аз нигоҳам мегурезӣ?
Биё, ки сарпаноҳатро кунам шеър.
Магар аз Қутби Ёнур ранҷ дорӣ?
Биё, рӯйи сабоҳатро кунам шеър.
* * *

Биё, шоми маро равшан зи нури кибриёӣ кун,
Дили бишкаста пайваста ба муми мумиёӣ кун.
Макун бегонагӣ бо ман, ҳамеша ошноям бош,
Дилатро пеши ман мону дили манро гадоӣ кун.
Ту ҳамдасти мададгорӣ, заковатмади ҳушёрӣ,
Биё, моро ба даргоҳи саодат раҳнамоӣ кун.
Туӣ кишваркушои дил, туӣ ободии манзил,
Биё, бар киштии бахтам нишину нохудоӣ кун.
Диламро оҳане гӯӣ, нигоҳам раҳзане гӯӣ,
Хати чашмони мастамро раҳи оҳанрабоӣ кун.
Насибат гар лаби мо нест, шабат гар бо шаби мо нест,
Нишин дар гӯшае танҳо, фиғон аз бенавоӣ кун.
Ба умри сарду берангат ба ёди ман бизан ранге,
Умед андар дили тангат ба иньоми Худоӣ кун.
* * *

Дил даруни сина равшан, дида пурнур омадам,
Бар кафат андар қадаҳ чун чун оби ангур омадам.
Омадам, то боз бинам чеҳраи покизаат,
Бо таманнои висолат шоду масрур омадам.
Меҳрубонӣ кун маро, аз сидқ истиқбол гир,
Эй азизи дил, ба наздат аз раҳи дур омадам.

Гавҳари ноёби ман бар ҷустуҷӯят пайзанон,
Бо сари оворагум, бо ҷони пуршӯр омадам.
Қутби Ёнур аз бароят ҷонфидо хоҳад шудан,
Дил ба рӯйи каф, суроғат чун алонур омадам.

* * *

Омадӣ, боз биё, хонаам обод шавад,
Ин дили ғамзадаи ман нафасе шод шавад.
Ту набудӣ, ба хаёли ту шудам зору ҳазин,
Кош ойӣ ба барам, дил зи ғам озод шавад.
Зи фироқи ту ба даргоҳи Худо зора кунам,
Умри ман дар ҳавасу ёди ту барбод шавад.
Дили ман шишта ба шамшоди қади ҷилвагарат,
Ҳамчу мурғони гирифтор ба фарёд шавад.
Омадӣ, боз биё, боз биё, баҳри вафо,
Қасри меҳрам ба назаргоҳи ту бунёд шавад.
Қутби Ёнур фидои ҳаваси омаданат,
Дар қадамҳои ту гул резаду беёд шавад.

* * *

Вақте, ки ошиқ мешавӣ сӯзад дили нобоварат,
Чун абрҳо боло равад бар бодҳо хокистарат.
Вақте, ки ошиқ мешавӣ афсонаро гӯӣ, ки рост,
Хобу хаёлат мешавад ашке ба рухсори тарат.
Вақте, ки ошиқ мешавӣ ғайбат биборад бар сарат,
Хору хаси тӯҳматгарон резад дар он пушти дарат.
Вақте, ки ошиқ мешавӣ олам шавад рангобаранг,
Хезад зи поят мавҷи гул, истора резад бар сарат.

* * *

Даст бар шохаи бебор нахоҳам бизанам,
Таъна бар душмани беор нахоҳам бизанам.
Бисупорам ба Худо он ки бадӣ мекунадам,
Сухане бо каси ғаддор нахоҳам бизанам.
Моли дунё биравад гар зи кафам, боке не,
Дӯстон бар сари бозор нахоҳам бизанам.
Ҳар гаҳе саҳву хатое бикунам, механдам,
Айби худ бар сари ҳар кор нахоҳам бизанам.
Зиндагӣ оби равон, умри азизам гузарон,
Ба дилам неши гули хор нахоҳам бизанам.
Қутби Ёнур, вубол аст дилозор шавӣ,
Дасти озор ба зинҳор нахоҳам бизанам.

* * *

Наравад зи лавҳи ёдам дигар он шаби ҷудоӣ,
Ба фано барад маро он ғаму дарди бенавоӣ.
Дили носабури моро шуда зиндагӣ чӣ мушкил,
Ки равад ба даргаҳи ту ба баҳонаи гадоӣ.

Ба дили харобу зорам ғами интизор дорам,
Ки ба як даме зи шавқат ба аёдатам биёӣ.
Бишавӣ чу абр ҳамдам ба мани чу моҳи олам,
Зи мағори сарди пурнам ту ба равшанӣ бароӣ.
Ту шавӣ мисоли Маҷнун бари Лайлии ҷигархун,
Ба хумори ошиқӣ гар зи дарам дарун дароӣ.
Манам он гирифтарӯзе, ба ниҳон ҳазор сӯзе,
Ба ду чашми интизоре, ки ту кай ба хона оӣ?
Ту, ки ишқи аввалинам, ту умеди охиринам,
Ту барои ман азизӣ, ту фақат аз они моӣ.
Дили танги Қутби Ёнур ба мисоли дони ангур,
Ба ҳазор нақши маъмур бикунад шараффизоӣ.

* * *

Сад тир зи аду хӯрда, шикоят накардаем,
Аз дӯст ҷафо дида, маломат накардаем.
Афсӯс, сад афсӯс аз ин умри бебақо,
Боре ба Худои худ ибодат накардаем.
Мо ошқии худ ба ду дунё намедиҳем,
Худро ба ҷазо маҳви қиёмат накардаем.
Хомем, агар умр ба ҷое расидааст,
Роҳат нанамудаю фароғат накардаем.
Аз ишқ гирифтори балою батар шудем,
Лекин ба касе арзу шикоят накардаем.
Қутбия ба мижгон бикашад ахтари тобон,
Эй шоми ҷудоӣ, ба ту одат накардаем.

* * *

Ҷони манӣ, марав, марав, ҷон диҳам аз барои ту,
Дур зи пеши ман машав, хок шавам ба пойи ту.
Ғайб мазан ту аз барам, ҳаҷри ту бишканад парам,
К-аз алами ҷудоият мемирам аз барои ту.
Сояи камнамоӣ ту, шикваву гуфтугӯй ман,
Умри дароз ҳамнавост, сабри ману ҷафои ту.
Бо чӣ баҳона меравӣ аз бари ман ту, носазо,
Бар сари ман чӣ оварад ин дили бевафои ту?
Кай бирасад ба бахти ман найшакарии қоматат,
Кай бикунад ҷилавгарӣ чеҳраи ошнои ту?
Хотираҳои дилнишин, ойинаҳои заррабин,
Қутбияи шикастадил мешунавад садои ту!

## БИЁ, ДИГАР!

Биё, эй марҳами дилҳо,
Бубин ин куштаигамро,
Ба ҳар мижжа бубин қалбам чӣ гуна зор мегиряд...

Гулам, аммо,
Ғамам аз соктаи гул, хор мерӯяд.
Маро афгор месозад,
Маро бемор месозад.
Даруни ашкҳоям сурати он ёр мерӯяд.

Вале ту,
Ғамгусори дигарӣ,
Бегона бо моӣ.
Ба ман қаҳрӣ...
Намеоӣ.

Дилам аз ғусса мемирад,
Хуморат дам ба дам гирад,
Дилам гум зад!
Дилам гум зад!

Биё, эй марҳами дилҳо,
Ба мисли боду боронҳо,
Мисоли он парасту дар лаби бомам,
Раҳон аз ин ғамам дигар.
Биё, дигар!
Биё, дигар!

## НИЁИШ

Бубахшоям, Худовандо!
Гунаҳкорам ба даргоҳат.
Накардам зикри номат, ҳурмати ҷоҳат.
Накардам саҷда дар хуфтан, саҳар, шомат.
Бубахшоям!
Зи хоби ғафлату савдои ин дунё,
Фуру рафтам, накардам фурсате пайдо...
Ғалаткорам...
Фақирам, бенавоям ман,
Табоҳкорам.
Зи оби раҳматат нӯшон,
Қабои ҳимматат пӯшон.
Ба имонам муяссар кун,
Шафоат ҳам маро дар рӯзи маҳшар кун.
Пушаймонам...
Бубахшоям!
Ба лутфи хеш покам кун,

Ба нури саҷда хокам кун.
Ба қалбам меҳри худ ҷо деҳ,
Бароям ҷой дар Фирдавси аъло деҳ...
Бубахшоям!
Бубахшоям!

## МОДАР

Надида роҳати дунё,
Надодам косае обат.
Ба ороми барои худ,
Надодам як шабе хобат.

Нафас дар сина мепечад,
Ки мебинам нафасгират.
Гирифта войи беморӣ,
Худовандо ба занҷират.

Баҳори ту, баҳори ман,
Чӣ гуна бе ту гулбуйям?
Кашида хати ожангат,
Зимистон дар дилу рӯям.

Туро ғам додаам беҳад,
Туро модар, маро бахшо.
Шавам қурбони дидорат,
Ба қурбони ту ин дунйё

Нафас каш, то нафас гирам,
Нафас аз мӯйи ту, модар.
Бимон ҷои ту ман мирам,
Ки бе ту мурданам беҳтар

## БОЗГАШТ

Туро қисмат бидод озор,
Дилатро кард бас шудгор.
Ту баргаштӣ ба сад ормон,
Ба мисли най ба найзорон.

Биафтода бибӯсидӣ ба зорӣ хоки меҳанро,
Ба ёдат мерасад акнун мазори модари дилхун,
Ки ӯ нодида рӯйи ту
Аз ин дунё ба уқбо рафт.

Намебинӣ сиёҳие ба мӯйи ҳамсинусолон,
Набинӣ рӯйи беожанги маҳбубон,
Ҳама пиранд ёрону бародарҳо,
Ту ҳам монанд гашта бо ҳама онон.

Чу қадри ишқи аввалро надонистӣ,
Нишони ишқи ту аз ёдҳо рафта,
Кунун дар ёди ишқи бенишони хеш гирёнӣ,
Ва дар хоки ватан мисли ғарибонӣ.

Аё, овораи дунё,
Гузашт умрат зи ёрон дур,
Расидӣ бар диёри хеш,
Малуле, пираке, дилреш,
Кунун дар хонаи вайроне танҳои танҳоӣ,
Гиребонгири тақдирӣ
Ва домангири дунёӣ,
Ва рӯзи охирини умр мепоӣ…

## МАРО ДИГАР НАМЕЁБӢ

Ба сӯзан кобӣ саҳроро,
Ба чангул ҷӯӣ дарёро,
Бигардӣ рӯйи дунёро,
«Маро дигар намеёбӣ».

Агар абри гуҳарбезам,
Агар моҳи шабовезам,
Агар мурғи саҳархезам,
«Маро дигар намеёбӣ».

Чу хокистар шавад гулхан,
Наёбӣ гӯлахи равшан,
Миёни хор дар гулшан,
«Маро дигар намеёбӣ».

Агар чун боди саҳроям,
Агар боли сурайёям,
Агар имрӯзу фардоям,
«Маро дигар намеёбӣ».

## ШИКВА

Ту, ки сархуш дар оғӯши касе,
Ману танҳогию хунам ба ҷигар.
Шуда ман зору ғарибу дару кӯ,
Ту ватандор ба ҳар кӯю гузар.

Ту намедонӣ зи ҳоли мани зор,
Ту намедонӣ, ки умрам шуда кам.
Марг ҳар лаҳза ба гӯшам хонад:
«Мекунам сарви баландатро хам!»

Ту надонӣ, ки ба ёди ту фақат
Ашки ман рӯйи маро мешӯяд,
Пеши парвонаи шамъи дили зор
Қиссаи ишқи туро мегӯяд.

Ба ҷафо мекушӣ ту ишқи маро,
Мекашам ҷабру ситамҳои ту беш,
Шудаам ошиқи ангуштнамо,
Пеши чашми ҳама бегонаву хеш…

Ончунон беғаму бепарвоӣ,
Ки вафо аз дилу ҷонат шуда гум.
Меҳри ту шуд зи қиёсам ба масал,
Шавқи гунҷишк ба дони гандум.

Кабки илҳоми ман андар қафасат,
Зи ҳавою ҳаваси замзама монд.
Зоғи қаҳри ту ба бомам бинишаст,
Сури исрофили худро бидамонд.

Бикашам ранҷу ситамҳои туро,
Қулфи қалби ту ба занг олуда.
Бикунӣ бо дили ноуҳдабаро
Ба сарам хоки сияҳро тӯда.

* * *

Зи дарди ишқ нокомам,
Сияҳбахту сияҳрӯзам.
Ту хушбахту сарафрозӣ,
Мани н-осуда месӯзам.

Азизам,
Оҳ, дилтангам,
Бигаштам зори дидорат.

Дилам аз ҷабри ту пурдард,
Гули худрӯйи ишқам зард.

Ту, эй бедард,
Номат мард,
Хатокору гунаҳгорӣ.
Ба ту мегӯям, эй беғам,
Маро ту дӯст медорӣ?!

Агар ёрӣ намехоҳӣ,
Худо бодо нигаҳбонат.
Агар сӯям ту баргардӣ,
Манам Қутбии пазмонат.
Худо ҳофиз!
Худо ҳофиз!

## ХОМӮШ БОШ!

Синаатро ишқборон кардаам,
Дидаатро боз пазмон кардаам,
Хотиратро ҳам парешон кардаам,
Дод аз дастат магӯ ҳаргиз.

Чун ба табъи худ вазирам ман,
Ё азизу беназирам ман,
Дилситону дилпазирам ман,
Дод аз дастат магӯ ҳаргиз.

Гар насозам эҳтироми ту,
Гар нагардам гирди номи ту,
Гар намоям талх коми ту,
Дод аз дастат магӯ ҳаргиз.

Гар дили маро талабгорӣ,
Гар барои ишқи ман зорӣ,
Ҳар замон бинӣ зи ман хорӣ,
Дод аз дастат магӯ ҳаргиз.

## ДИЛДОРАИ НУРУЛЛОҲ



*Дилдораи Нуруллоҳ, ки дар шеър Дилдора тахаллус мекунад, 9-уми апрели соли 1977 дар шаҳри Панҷакент таваллуд шудааст.*

*Хатмкардаи муассисаи таълимоти миёнаи умумии рақами 29-и шаҳри Панҷакент мебошад.*

*Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Панҷакентро бо ихтисоси ҳамшираи шафқат ба поён расондааст. Сипас дар омӯзишгоҳи касбӣ – техникӣ як сол соҳаи баҳисобгириро омӯхт.*

*Соли 2015 Донишкадаи омӯзгории шаҳри Панҷакентро бо ихтисоси муаллимаи забони русӣ хатм намуд.*

*Чанд сол дар омӯзишгоҳи касбӣ – техникӣ муаллима шуда кор кардааст.*

*Моҳи октябри соли 2018 духтари ягонаи донишҷӯяш Гулҷамол, ки дугонаҳояш ӯро Гулчитай ном мебурданд, ногаҳонӣ вафот кард. Андуҳи марги фарзанд алҳол ӯро хонанишин кардааст.*

*Соли 2019 китобаш ба ёди фарзанди ягонааш бо номи «Ёде аз Гулчитай» дар Душанбе ба табъ расид. Мо дар ин китоб чанд дубайтии Дилдораро пешкаши хонанда мегардонем.*

### ДУБАЙТИҲО

Ҳамехоҳам, ки бошӣ ҳамраҳи ман,
Бубахшӣ зебу фар бар хиргаҳи ман.
Ба ҳангоми парешонии хотир
Бипурсӣ аз дили ноогаҳи ман.

Напурсидӣ маро, додам саломат,
Нигаҳ дорам ҳамеша эҳтиромат.
Агарчанде ту танҳоям гузорӣ,
Ба дил меҳри ту дорам то қиёмат.

Тани танҳо сафар кардӣ, азизам,
Ба дигар сӯ назар кардӣ, азизам.
Гирифтӣ домани дилдори дигар,
Магар аз ман ҳазар кардӣ, азизам.

Дилам бурдию н-овардӣ ба пешам,
Напурсидӣ дигар аз қалби решам.
Тую ҳарфи вафо бо ёри дигар,
Мани афтода банди дарди хешам.

Ба пешам омадию зора кардӣ,

Зи гиря қалби решам пора кардӣ.
Балои ишқи худ, эй бемурувват,
Балои хотири Дилдора кардӣ.

Гаҳе аз бому гаҳ аз дом гӯям,
Гаҳе аз сахтии айём гӯям.
Гаҳе гӯям ҷафои чархи гардун,
Гаҳе аз қалби noором гӯям.

Ба номат дафтари дил мекушоям,
Туро дар мағзи ҷон ҷо менамоям.
Нишаста рӯи санги сарди соҳил,
Суруди ишқи покат месароям.

Дилам тангу дилам тангу дилам танг,
Ғами ишқат занад бар доманам чанг.
Зи таъни мардумон парво надорам,
Агар боранд ба таъна бар сарам санг.

Бигӯям сӯзи ишқатро ба лабчанг,
Надорад қалби ман ҷуз ғусса оҳанг.
Ба сар дорӣ ҳавои ёри дигар,
Гирифторӣ ба доми макру найранг.

Агар соҳибдилию меҳрубонӣ,
Бигир дасти маро, эй ёри ҷонӣ.
Бубар манро ба сӯи дурии дур,
Зи чашми мардуми олам ниҳонӣ.

Ту кӯрӣ, ки занеро кам шуморӣ,
Ба рӯи роҳи зан доме гузорӣ.
Занӣ наштар ба ҷони хастаи зан,
Магар ту хоҳару модар надорӣ?

Худоро, шукр мегӯям, занам ман,
Чароғи базму нури масканам ман.
Зари иқболро пешат гузорам,
Зи ман магзар, ки кону махзанам ман.

Махӯр ғам, моҳи баҳман мерасад боз,
Гули тоза ба гулшан мерасад боз.
Надорад бим айёми хазонрез,
Ки айёми шукуфтан мерасад боз.

Дилам рахҷӯи фасли навбаҳор аст,
Вуҷудам бе ту доим беқарор аст.
Ту бошӣ ҳамраҳам дар зиндагонӣ,
Гули хушбахтӣ бо ман ҳамканор аст.

Биё, дилдодаи Дилдора мебош,
Ду-се рӯзе ба ман ғамхора мебош.
Дили бемори ман танг аст, танг аст,
Тасаллои дили бечора мебош.

Наандозӣ нигоҳе гарчи сӯям,
Туро бемеҳру бепарво нагӯям.
Дар ин даҳри мусофиркуш, азизам,
Ба ҷуз хубии ту чизе наҷӯям.

Макони ман бувад дар Обшорон,
Бичинам аз замин ҳулбӯю торон.
Ба уммеде, ки рӯзе ту биёӣ,
Бирезам бар сарат монанди борон.

Ало, ёри дилорои суманбӯ,
Биёю рози худ дар гӯши ман гӯ.
Агар хоҳӣ ту дунёи муҳаббат,
Варо андар дили ғамгини ман ҷӯ.

Ту то кай дар ғами Гулнора бошӣ,
Асири ғамзаи Рухсора бошӣ?
Дилам садпора шуд дар ёди рӯят,
Бигӯ, кай ошиқи Дилдора бошӣ?

Бисӯзад дар хуморат пайкари ман,
Бичархад дар ҳавои ту сари ман.
Намедонӣ, намедонӣ, азизам,
Ки з-ашки дида пур шуд соғари ман.

Ба лавҳи сина номатро нависам,
Ҳама ҳарфу каломатро нависам.
Маро сӯзондию рафтӣ зи пешам,
Суруди нотамоматро нависам.

Куҷо рафтӣ, ягона духтари ман?
Ба хун олуда кардӣ бистари ман.
Диҳам дилро ба ҳарфи ғам тасалло,
Маҳи ман, шуълаи ман, ахтари ман.

Тасаллои дили зорам ту будӣ,
Чароғи раҳрави торам ту будӣ.
Ба ганҷу сими дигар рӯ наорам,
Калиди ганҷи шаҳворам ту будӣ.

Дилам решу дилам решу дилам реш,
Занад каждуми танҳоӣ маро неш.
Намепурсӣ ту аз аҳволи модар,
Ки ин бечора дорад ҳоли дарвеш.

Қарини ҷони пазмонам куҷоӣ?
Чароғу шамъи айвонам куҷоӣ?
Намепурсӣ ту аз аҳволи модар,
Хушии давру давронам куҷоӣ.

Ҷаҳонам аз ту ранги тозае дошт,
Сиришки талхи ман дарвозае дошт.
Дили мискину бемору парешон,
Ба рӯи навхати ту козае дошт.

Дили тангам барои ту бигиряд,
Зи дарди бедавои ту бигиряд.
Ту хуфтӣ дар миёни хоку хора,
Танам дар ёди овои ту гиряд.

Ба хоби ман даро, эй ҷони модар,
Дари қалбам кушо, эй ҷони модар.
Бибурдӣ аз лабам нақши табассум,
Ба дардам кун даво, эй ҷони модар.

Ба ҳар дарде давои ман ту будӣ,
Ба ҳар ранҷе шифои ман ту будӣ.
Дар ин дунё, ки мушкил рӯ ба рӯ ҳаст,
Фақат мушкилкушои ман ту будӣ.

Куҷо рафтӣ, куҷо рафтӣ, гули ман?
Чаро рафтӣ, чаро рафтӣ, гули ман?
Диламро карда аз ғам пора-пора,
Ба даргоҳи Худо рафтӣ, гули ман.

Худоё, рӯзи дигар пушти сар шуд,
Ба ёди духтарам имшаб саҳар шуд,
Ҷавон рафту нагуфт ҳарфе ба модар,

Саропоям зи ашки дида тар шуд.

Ту рафтӣ ногаҳонӣ аз бари ман,
Ду чашм аз ғусса тар шуд, духтари ман.
Ба уммеде, ки дар хобам дароӣ,
Бубинад ҷисми манро бистари ман.

Биёмад тирамаҳ, фасли хазон шуд,
Ниҳоли умрам аз дида ниҳон шуд.
Ба ёди орази дилбандам имрӯз,
Зи чашмам сели ашки ман равон шуд.

Азизи ман, фаромӯшам ту кардӣ,
Ба доғи худ сияҳпӯшам ту кардӣ.
Ҳавасҳои хушам дар синаам мурд,
Ба кунҷи хона хомӯшам ту кардӣ.

Гули нашкуфта ногаҳ аз барам рафт,
Даме биншасту меҳмон аз дарам рафт.
Зи баъди рафтани моҳи базебам,
Хаёли зинда мондан аз сарам рафт.

Ту будӣ равшании хонаи ман,
Ту будӣ қиссаву афсонаи ман.
Надорад бе ту маънӣ зиндагонӣ,
Наборад нур бар кошонаи ман.

Гузар созӣ ҳамеша аз хаёлам,
Куҷоӣ духтари сохибҷамолам?
Аҷал омад, туро бирбуд аз ман,
Ба ёдат хаставу афсурдаҳолам.

Худоё, ҳамраҳам дарду бало шуд,
Гули соҳибҷамоли ман куҷо шуд?
Фирорӣ гашту сӯи осмон рафт.
Гули нашкуфтаам банди фано шуд.

Дилам дунёи ғам бошад, Худоё,
Намеояд зи фарзандам садоё.
Ҳама ҳастии ман якҷо фано шуд,
Намеҷӯям ба дарди худ давоё.

Дилам гаҳ шоду гоҳе ҳаст пурғам,
Ду чашмонам шуда аз гиря пурнам.

Ба кунҷи хона танҳою ҳақирам,
Зи дарди бекасӣ шуд қоматам хам.

Маҳи ман, гаштӣ ту дур аз канорам,
Дигар ман тоби танҳоӣ надорам.
Ҳама хастии дунё бе ту ҳеч аст,
Диламро рӯи хокат мегузорам.

Дилам аз ғусса пур аст, гар ту донӣ,
Нахохам бе ту ҳаргиз зиндагонӣ.
Бихуфтӣ дар даруни қабри торик,
Надида наварӯсию ҷавонӣ.

Шабу рӯзам ба мисли шоми тор аст,
Сарои танги ман ранги мазор аст.
Аз он тире, ки хӯрдам дар ҳаётам,
Тамоми умр қалбам доғдор аст.

Дили ман дафтари ғам шуд, Худоё,
Намеояд зи сӯи ӯ садоё.
Ягона ҳастии ман тарки ман гуфт,
Намеёбам зи банди ғам раҳоё.

Туро бо бӯсаборон мекушам боз,
Туро бо лутфи арзон мекушам боз.
Ман аз абрӯю мижонам нагӯям,
Туро бо кокулафшон мекушам боз.

Ба лабханде шавӣ девонаи ман,
Зи ҳар ҷо ҷӯӣ роҳи хонаи ман.
Ба ҳар кӣ рӯ ба рӯ ой бигӯӣ,
Ба ҳасрат қиссаву афсонаи ман.

Замоне офтобам хонда рафтӣ,
Гуҳар дар қаъри обам хонда рафтӣ.
Ки то як лаҳза ёди дил намоям,
Ба лолоӣ ба хобам хонда рафтӣ.

Дили манро бигир андар паноҳат,
Ду чашмони сарам бошад ба роҳат.
Ба ман бо чашми бози худ нигаҳ кун,
Ки то андешам аз чашми сиёҳат.

Маро берун зи дар кардӣ, чӣ кардӣ?

Ғарибу дарбадар кардӣ, чӣ кардӣ?
Дили бечораам рӯи раҳат буд,
Ба дигар сӯ назар кардӣ, чӣ кардӣ?

Дилам бурдӣ, асири хеш кардӣ,
Задӣ заҳрам, қарини неш кардӣ.
Надидӣ оби чашми беҳисобам,
Маро гирён зи хона пеш кардӣ.

Дилам гарми вафо кардам, хато буд,
Зи ҳасрат гиряҳо кардам хато буд.
Надонистӣ ту қадри заҳмати ман,
Ба дил меҳри ту ҷо кардам, хато буд.

Биё, аз ҳоли зорам бохабар шав,
Бигир дастам, бароям роҳбар шав.
Ба роҳат дидаам испед гашта,
Чу пироҳан ба ман нури басар шав.

Бадамро дар ба дар сад раҳ бигӯӣ,
Ба ҳар гоме гуноҳи ман биҷӯӣ.
Биборам бар сарат борони роҳат,
Гули рӯи маро ҳаргиз набӯӣ.

Ба хона дар ғамат танҳо нишастам,
Дари дилро ба рӯи худ бибастам.
Вале дар гӯшаи танҳоӣ ҳаргиз,
Зи тӯфони хаёли ту нарастам.

Парешонрӯзгорам, ёди ман кун,
Ҳақиру хору зорам, ёди ман кун.
Ба ҷуз ёди ту андар синаи хеш,
Каси дигар надорам, ёди ман кун.

Қарини ламъаи маҳтоб бошам,
Зи дурии рухат бетоб бошам.
Набошӣ дар барам, эй бемурувват,
Ғариқи ҳалқаи гирдоб бошам.

Дилам бо хеш дар ҷанг аст бе ту,
Само дар коми найранг аст бе ту.
Тамоми аҳли олам бо дили реш,
Ғуломи бодаву банг аст бе ту.

Дили сахти ту бошад санги хора,
Намесозӣ ба сӯи ман ишора.
Ба ёди қомати болоят, эй дӯст,
Занад оби ду чашми ман фавора.

Барои ман бақо овардаӣ ту,
Ба бунёдам сафо овардаӣ ту.
Зи дунёи муҳаббат аз бароям,
Азизи ман, вафо овардаӣ ту.

Шукуҳи хотири шодам ту бошӣ,
Ҳамеша дасти имдодам ту бошӣ.
Аз он рӯзе, ки хома баргирифтам,
Чароғу шамъи эҷодам ту бошӣ.

Зи по афтам, агар қадрат надонам,
Суруди иштиёқатро нахонам.
Ниҳодам по ба рӯи ҷодаи меҳр,
Зи ин ҷода қадам берун намонам.

Ту медонӣ, ки ман шоир набошам,
Дар ин ҷода каси моҳир набошам.
Худо ишқи туро дар сина ҷо кард,
Чаро бар лутфи ӯ шокир набошам?

Ҳавои ту бувад андар сари ман,
Ту машкан аз хато болу пари ман.
Насозӣ то хароб ин хонаи тан,
Биё, хушкон ду чашмони тари ман.

Бароям аз ҳама афзал ту бошӣ,
Қаринам аз ҳама аввал ту бошӣ.
Дилам хоҳад, равам аз хона берун,
Ба рӯи роҳи ман маътал ту бошӣ.

## ДИЛАФРӮЗ ҚУРБОНӢ



*Қурбонова Дилафрӯз Авазовна 2 июли соли 1981 дар деҳаи Душанбеи ноҳияи Фархор дида ба олами ҳастӣ кушодааст. Айёми тифлию наврасияшро дар ҳамон ҷо паси сар кардааст. Пас аз хатми мактаби миёнаи рақами №52 ба омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб ҳуҷҷат супорида, пас аз таҳсил соҳибихтисос мегардад. Барои идомаи таҳсил ба пойтахти кишвар- Душанбе раҳсипор мешавад. Дар Донишгоҳи давлатии ҳунарҳои зебои ба номи М. Турсунзода дохил шуда, ҳамзамон дар ансамбли эстрадии "Гулшан" ба фаъолияти сарояндагӣ шурӯъ мекунад. Дар ҷамъомадҳову чорабиниҳои сатҳи давлатӣ ширкати фаъолона менамояд. Новобаста ба душвориҳои донишҷӯӣ чанд суруду оҳанг сабт кардаву ба навор мегирад. Дар намоишномаҳои театрӣ, аз ҷумла, "Ишқи духтари ҳамсоя"... низ худашро санҷида, нақшофарӣ намудааст.*

*Баъди издивоҷ худашро ба оила мебахшад ва саҳнаи ҳунарро ба тамом тарк менамояд. Бо амри тақдир чандин сол дар Федератсияи Россия кору зиндагӣ кардааст. Соҳиби 3 фарзанд.*

*Дилафрӯз Қурбонӣ аз хурдӣ ба шеъру достон, назму наср, хулоса ба адабиёти клоссику муосир шавқу рағбати беандоза дошт. Орзуи аҳли фарҳангу соҳибқалам шуданро дар дил мепарварид, зеро волидайни фарҳангдӯстдораш ӯро дар як муҳите ба воя мерасонданд, ки саршор аз илму адаб, накҳати хирад ва атри нафиси камолот буд. Ҳангоми таҳсил дар синфи панҷум шеъргунаҳоеро аз эҷоди хеш ба як дафтар ҷамъ меоварад, вале онро аз даст медиҳад. Бад- ин сабаб дигар аз навиштани назм даст мекашад, вале ҳеҷ гоҳ аз олами зебои адабиёту фарҳанг дур набуда. Чанд муддат аст, бо пеш омадани шароити мусоид қаламро дӯсту ҳамнафаси хеш қарор дода аст. Муаллифи китобҳои "Розҳои оиладорӣ", "Китоби орзуҳо" ва "Се нуқта" ва мураттиб ва таҳиякунандаи китоби хотироти шифоҳии академик Муҳаммадҷони Шакурӣ "Ҳикоятҳои оканда аз ҳаёт" буда, ҳамзамон чанд китоби дигараш омодаи чопанд. Ҳамчунин, ҳикояву қиссаҳояш дар чандин маҷмӯаҳои назмию насрӣ нашр шудаанд.*

*Забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва хатти форсиро мусаллат буда, ба тарҷумаю баргардони матну китобҳо низ машғул аст. Аз ҷумла: баргардони "Қуръоннома" аз хатти форсӣ ба сириллик, баргардони гузидаи ашъор аз "Ҳафт авранг"- и Абдураҳмони Ҷомӣ бо унвони "Ҷуръае аз ҷом" аз хатти форсӣ ба сириллик, китоби "200 байти дарсомӯз аз Парвини Эътисомӣ" баргардон аз хатти форсӣ, китоби "Мӯйсафед"- и Аминии Деҳақӣ (Эрон)- баргардон ва бознависӣ аз форсӣ ба сириллик,*

*китоби “Шоҳмот бо мошини қиёмат”- и Ҳабиб Аҳмадзода (Эрон)- баргардон ва бознависӣ аз форсӣ ба сириллик, китоби “Оча”- и Аминии Деҳақӣ (Эрон)- баргардон ва бознависӣ аз форсӣ ба сириллик ва “Ашки аҷал”- и Гули Зард баргардон ва бознависӣ аз сириллик ба хатти форсӣ, китоби “Шаҳболи хаёл”- и Марямбонуи Фаргонӣ ва чанд китоби дигар, ки рӯзҳои наздик рӯйи чоп меоянд.*

*Барои такмили илму дониш дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ, факултаи филологияи тоҷик таҳсилро давом дода, бомуваффақият онро хатм кард.*

*Аз соли 2013 узви Иттифоқи журналистони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.*

*Айни замон дар нашрияи “Омӯзгор”- и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси муҳаррири шуъбаи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва мактабҳои миёна фаъолият мекунад. Инчунин, мусоҳибаву мақолаҳо, достонҳову ҳикояҳояш дар матбуоти даврӣ, аз ҷумла, "Фирӯза", "Адабиёт ва Санъат", "Ҷумҳурият", "Ҷавонони Тоҷикистон", "Чархи гардун", "Оила" ва ғайра пайваста рӯйи чоп меоянд. Дар баҳри беканору мавваҷи “Адабиёт” бо завраќи сухан ба шиноварӣ машғул мебошад. Умед бар он мебандад, ки дар ҷодаи фарҳангу адабиёти кишвар заҳмат кашида, ба халқи азизу сарбаландаш хидмати шоёнеро ба анҷом бирасонад.*

## ОШТӢ

Бо азизи дил гапамон гурехту якчанд муддат ногап шудем. Ба қавли русҳо "аз байнамон гурбаи сиёҳ гузашт". Аз он ишқи пуршӯри безабон асаре намонда буд. Паси мизи кориаш менишаст. Худашро машғули кори компютерӣ гардонда, ба ман заррае таваҷҷуҳ намекард. Ман ҳам саргарми кору бори манзил карда, худамро бепарво нишон медодам. Гоҳе сари ноутбукам менишастам. Каме "Чехов"- хонӣ мекардам. Чизе мехостам бинависам, аммо афкори парокандаамро ҷамъу ҷур карда наметавонистам. Рости гап, дастам ба ягон кор пеш намерафт. Зоҳиран худамро ором у ботамкин вонамуд мекардам. Аммо рӯҳан..... Тӯфоне буд дар вуҷуди дилбаронаам. Дилам дар қафаси сина бозӣ мекарду роҳи нафасам тангӣ менамуд. Барои ҳавои тозахӯрӣ ба айвони хона гузаштам. Чуқур-чуқур нафас кашидам. Айвонро ба ошхона табдил дода будем ва айни ҳол дар ин ҷо оши угро мепухтам. Хӯрок қариб, ки тайёр мешуд. Хостам ба коре андармон шуда, ҳаяҷону ташвишамро фурӯ нишонам. Табақу косаҳоро ҳам шӯста мондам. Хонаро ба тартиб даровароа, каме дар наздикиаш нишастам. Ӯ ҳамоно чин бар ҷабин менишасту бетафовут буд. Боз дилам ба танг омад. Дар канораш натавонистам зиёд бимонам. Ба айвон баромадам. Нафас, боз нафас, каме сабукӣ. Хӯроки омодаро ба ҳам задаму ба ҳуҷраи кориамон баргаштам. Мехостам бигӯямаш: Хӯрок омода аст азизам, агар дӯст

дориву хостӣ, бароят бикашам, вале ҳарфам дар даҳонам ях баст. Дасту поям ларзид. Азиз либос мепӯшид, азми ба куҷое рафтан дошт. Пӯшид.

- Худо ҳофиз, - гуфту ба роҳрави хона баромад. Аз қафояш ман ҳам баромадам ба роҳрав. Бисёр мехостам чизе бипурсам, аммо забонам намегашт, барои гуфтанаш. Зеро медонистам, дӯст намедорад, агар вақти рафтанаш бипурсӣ: Куҷо меравӣ, азизам? Оташин мешавад, мисли корд суолат ба ҷигараш мехалад. Лекин ман бояд бидонам, ки алъон куҷо мехоҳад биравад. Ҳар чӣ бодо бод! Билохира, ҳама қувватамро ҷамъ карда, бо овози ларзону гирифтае саволи ҷонсӯзро додамаш.

Ӯ ҳамоно ба ман нигоҳ накарда, посух дод:

- Мехоҳам берун рафта, каме қадам бизанам.

Вақте Азиз ҳарф мезад, суханаш ба поён нарасида, ин фикр дар сарам чарх зад:

- Охир дар ин хунукӣ саг аз хонааш намебарояд, ту чӣ дарди зарур дорӣ, ки берун равӣ? Кори муҳиме- ку пеш наомадааст. Хунук мехӯрӣ, Азизҷон, нарав. Шамолат мезанаду чанд рӯзи дигар маҷбур мешавӣ, ки дар бистари беморӣ бихобӣ. Корҳои муҳиммат нотамом мемонад...

Пойафзоли чармии хокирангашро ба по карду бандҳояшро маҳкам баст. Аз ҷояш баланд шуд. Мисли ҳамеша мӯйҳои зебои ғӯллияшро шона назад, атр ҳам напошид. Хомӯшона кулоҳашро ба сараш гузошту қуфли дарро кушода, берун баромадан хост.

Ман охирин фурсатро аз даст додан нахоста, бо ҳазор умед пурсидам:

- Азизҷон, мумкин ман ҳамроҳият кунам?

- На, лозим нест, Худо ҳофиз.

- Азииз, биист, маро танҳо нагзор, ман аз танҳоӣ метарсам, маро ҳам бибар, - фиғон аз қаъри дили афгору хастаам бархост, аммо дар гулӯ печиду дармонд. Ҳар чӣ хостам, садои диламро ба Азиз бирасонам, лекин муяссарам нашуд. Ӯ ҳамон тавр бепарво дарро ба рӯям басту рафт.

- Оҳ, беинсоф!!!

Ман танҳо мондам. Дунё дар назарам торик шуд, сарам чарх заду гӯшҳоям як садои зангӯламонанд бароварда, қулф бастанд. Карахт шудам. Фикр мекардам дасту поям пахтагӣ шуданду ҷону мадоре надоранд. Тамоми баданам дир- дир меларзид. Беҳолона ба танаи девори сарду яхини бетонӣ такя задам. Хунукии девор ба пуштам расид. Оҳиста- оҳиста сардиаш ба тамоми ба ҷисмам рафту аз таъсираш дар баданам мурғак дамид. Як андеша сарамро машғӯл карда буд:

- Куҷо рафт? Ҳаво хеле сард аст. Касал мешавад. Роҳҳо харобанд, Худое накарда, ба ронандаи навкоре бархӯрд накунанду ба садамае наафтад?! Ё налағжад. Баъди аёси шабона заминҳо мисли майдончаи яхмолакбозӣ шудаанд. Афтиданаш аниқ аст, Худоё ҳифзаш кун, аз чашми бад нигаҳаш дор.

Бӯи сӯхтагие ба машомам расид. Ғизои наҳорам сӯхт ба фикрам. Бо дили нохоҳам аз ҷоям хеста, зуд ҷониби ошхона- айвон равон шудам. Туф-туф, хайрият ба хайр будааст, аммо ман сахт тарсидам. Дар моҳитобаи алоҳида, каме пиёзро таф медодам, барои рӯйи хӯрок. Азиз дӯст медошт. Ба худам ҳам баъдан хеле маъқул шуда буду ҳар вақте оши угро мепӯхтам, аз он омода мекардам. Пиёзҳои сӯхтаро ба партовҳо андохтаму аз нав бирён кардам.

Ба утоқам гузашта, ба телевизор дида дӯхтам.

5 дақиқа, 10 дақиқа, 20 дақиқа....

Чашмам ба телевизор буду ҳушу ёдам ба Азиз. Боз ҳамон андешаи мағзи сархӯр:

- Куҷо шуд, куҷо рафт?

Дилам орому қарорашро аз даст дода, гуп-гуп мезад. Дар ҷоям нишаста натавонистаму ба утоқи гулдухтарам гузаштам. Ӯ беғамона дар олами кӯдакии худаш машғули зочабозӣ буд. Дар паҳлуяш нишаста, ба бозиаш зеҳн мондам, хостам худамро аз банди ғаму андӯҳ берун оварда, саргарми ягон коре бикунам.

- Оча, имрӯз ягон чиз наменависӣ?

- ....

- Оча, биё луфтаки маро ҳаминро бидор, рӯймолашро бибандам.

Ночор лӯхтакро доштаму духтарҷон корашро анҷом дод. Баъд зуд аз он ҷо берун шудам. Дигар кам- кам қаҳрам мекард, қаҳр ба ғазаб омехта гашта, шиддати асабониятамро баланд месохт. Худ ба худ ғӯр-ғӯр мекардам:

- Наход аз ман қаҳр карда рафта бошад? Барои кадом гуноҳам? Ман, ки гуноҳе накардам? Агар биёяд ман ҳам дигар қаҳрӣ мешавам, як калима гап намезанам!

Пардаи ҳарири тирезаро каме яктарафа карда, ба берун нигаристам. Замин тамоман барфпӯш буд. Ягон доғи хокӣ надошт, куллан сап- сафед. Мисли куртаи арӯсон. Ба шохаҳои дарахтон барф борида, монда буд, аз ин рӯ шакли зебое доштанд, вале ин ҳама зебоиву латофат дар чашмам наметофту дар дили танги ман ҷо намеёфт. Ногоҳ телефони мобилиам занге зад. То ин лаҳза садҳо бор бо чашми интизорӣ ба сафҳааш менигаристам, аммо ӯ бераҳмӣ нишон дода хомӯшиву сукутро ихтиёр карда буд. Зарабони қалбам ба тапиш омаду чобукона телефонро ба даст гирифтам. Паёмаке будааст, аз номи Азиз. Ҳайрон будам, ки онро бихонам ё не? Азизе, ки дар хона бо ман қаҳрӣ буд, дар гумон аст, ки аз берун ҳарфи хубе навишта бошад?! Ақлу дилам мехост онро бихонам: Ку зудтар бихонаш шояд гапи хубе фиристодааст, аммо ғурӯрам намегузошт: Мехонӣ, фақат баъд аз узрхоҳиаш.

Дар охир бар ғурӯрам ғолиб омадам. Саҳифаи паёмакро кушода, босуръат хостам бихонам, вале аз шиддати ҳаяҷону сӯзиши чашмони аз ғам хастаам танҳо ҳамин қадар гирам омад: .....рин ва лаҳза.

Дилам аз кор монд, пас аз он дарди талху тоқатфарсоеро дар атрофи қалбам эҳсос кардам. Даст ба қафаси сина бурда, онҷоро сахт-сахт молиш додан гирифтам. Боварам намеомад, ба хондаҳоям, ба чашмҳое, ки ин сатрро хонданд. Дар охир ба худам боварам наомад: Наход ман ӯро аз даст медиҳам? Дигар чӣ маънӣ дошта метавонистанд, ин калимаҳо: ....рин ва лаҳза, яъне ин охирин лаҳзаи дидори мо буд ё шояд ҳаст?

Ӯ аз ман рафт? Бадбахт шудам?

Ба замин ба рӯйи зонуҳоям афтидаму бо тамоми қуввату мадорам дод зада, ба гиря даромадам. Ба ин ҳама дилам тоқат накарду утоқи гулдухтар рафтам. Рӯйи рахти хоби дунафара худамро ҳаво додаму аз таҳи дил мегиристам. Гулдухтар тарсид. Аввал дар кунҷе рост истода, бо чашмони гирди шаҳлояш як лаҳза ташвишомез сӯям нигарист ва сипас ором- ором ба наздам омада, нишаст.

- Ягон кас ҷангат кард, очаҷон?- оҳиставу боэҳтиёт пурсид духтарам.

- .....

- Оча, зиқ нашав, худат мегуфтӣ, ки Худо худаш мушкиливу ғами одамҳоро ҳал мекунад.

- ....

- Оча, очаҷон, бихез. Гулдухтар бо дастони кӯчакаш маҳкам ба оғӯшам гирифту талоши маро аз ҷоям бардоштан кард, лекин зӯраш нарасид.

Ба пушт хобида, ба нуқтаи номаълуме беҳис менигаристам. Ногоҳ нигоҳеро ба сӯям эҳсос кардам. Чанд лаҳзае тоқат кардам, ба ин "нигоҳ", аммо дигар натавонистам тоб биёрам.

- Кист Ӯ?- мепурсам аз худ. - Оре,- мегӯям дар таҳи дил кӯдакввор шодӣ карда,- Ӯ Худои ман аст, ки ба кӯмакам омадасту мехоҳад аз ин вартаи яъсу ноумедӣ раҳоям кунад. Чашмонамро пӯшидам, "нигоҳ ва чашмон" дар тасаввури зеҳниам равшантар шуданд. Дастонамро ба умеди имдод сӯяш дароз кардам:

- Худои ман, Азизи яктои ман, кӯмакам кун, маро танҳо нагзор, аз танҳоӣ метарсам!!!

"Нигоҳ" қиёфаи меҳрубонатар гирифту гуфт:

- Ман ба андозаи чашм задан ҳам туро танҳо нагузоштааму аз шоҳраги гарданат ба ту наздиктарам. Ман ҳамеша бо ту ҳастам, ҳама вақт, дар ҳама ҷо. Танҳо мушкили ту ин аст, ки ҳама вақт бо ёди ман нестӣ. Кофист бо ишораи дилат даъватам кунӣ, бандаи гиромии ман.

- Маро шармандаи ин дунёву охират накун, Парвардигорам. Авфам кун, кӯтоҳиҳои маро бибахш.

- Магар намедонӣ, ки ман Раҳмону Раҳимам? Аз раҳматам ноумед набош! Ноумед шайтон аст. Ғами ин дунёи фониро бисёр нахӯр. Қуввату ғайрати ҷавониатро сарфи корҳои беҳуда накун. Ту метавонӣ ба корҳои хубу арзишманде машғул бошӣ, ту лаёқаташро дорӣ.

- Мадори пеш рафтан надорам, Худоҷон. Мушкилиҳоямро ҳал кун, Азизро ба ман баргардон, ман ба ин бандаат зиёд дилбастагӣ дорам. Бисёр дӯсташ медорам. Ман бе ӯ мемирам. Агар ӯ барнагардад, ман чӣ гуна метавонам бе ӯ зиндагӣ кунам?

- Ту лаҳзае бе ман наметавонӣ зиндагӣ кунӣ! Агар ман ба андозаи чашм задан ҳамроҳат набошам, ту нобуд мешавӣ! Лекин бе дигарон, бе бандаҳоям метавонӣ зинда бимонӣ! Агар дигарон вафот кунанд ё ба сабаби дигаре таркат кунанд, намемирӣ, чунки дар мушкилоту бадбахтиат ман сабрат медиҳам, то онҳоро таҳаммул кунӣ ва аз ғаму ғусса ҳалок нашавӣ. Туро ман дӯст медорам, чунки халифаи ман дар рӯйи заминӣ! Ту офаридаи манӣ ва дар ҳама ҳолати зиндагиат бо ту ҳастам: дар шодиву ғам, дар фақру дорой, дар саломативу беморӣ, дар ҳоли оромиву асабониятат ман туро таҳаммул мекунам. Агар гуноҳ кардӣ, мебахшамат. Афтодӣ ба замин, мебардорамат. Дармонда бошӣ кӯмаку дастгириат мекунам. Дар нодорӣ сарватат медиҳам. Мехоҳам зиндагии шоистае дошта бошӣ. Мехоҳам имтиҳони ин дунёро сарбаландона супорида, ба ҷои азалии қаблиат баргардӣ ва то абад дар роҳату осоиш бошӣ. Ҷабри маро ҷабр напиндор, балки чун имтиҳоне қабул кун. Акнун аз пайи зиндагиат шав, бихез, аз ту ҳаракат, аз ман баракат!

- Роҳнамоиям кун, Парвардигорам.

- Таваккал бар ман кун, корсози ту манам...

- Очаҷон мултфилми "Панда" сар шуд, биё тамошо кунем.

Бо дили нохоҳам чашмонамро оҳиста- оҳиста кушодам. Намехостам аз он олами рӯъёии фусункор ва оромишбахш бадар шавам. Ба атрофам нигаристам. Гулдухтар нишаста, бо завқи беандоза машғули тамошо буд. Ҳолатам муътадил шуда, аз қаҳру ғазаб, ларзишу ҳаяҷон ва беҳоливу бемадорӣ осоре наёфтам. Сабук баланд шуда, болои рахти хоб нишастам. Ба соати телефонам нигариста, дидам, ки аз рафтани Азиз ду соат гузаштааст. Аз уток берун шуда, пас аз таҳорати тоза кардан, рӯйи ҷойнамоз нишастам. Дубора ба мулоқоти Ӯ шитофтам, аз дилу ҷон шитофтам. Ҳангоми ниёишу ибодат нолае боз аз қаъри дилам берун шуд:

- Маро танҳо нагзор, Оллоҳи меҳрубон, мехоҳам ба оғӯшам бигирию дигар раҳоям насозӣ. Хаста шудаам аз ҳама гиру дори зиндагӣ. Қодирам, ман ба ту хеле ниёз дорам, ниёзманди ёриат, ниёзманди даргоҳи покат ҳастам...

Ин лаҳзаҳо ҳисиёти ширину тасвирнопазире вуҷудамро фаро гирифт. Воқеан буданашро дар паҳлуям эҳсос кардам. Эҳсос кардам, ки ман танҳо нестам ва ҳеҷ гоҳ танҳо набудаам, фақат ба ин зиёд таваҷҷуҳ намекардаам. Аз ин кашфиёти гаронбаҳоям, аз ин ҳушиҳо рӯҳам ба парвоз омаду қуввату мадори фавқулоддае дар ҷисмам пайдо шуд. Аниқтараш Ӯ падид овард.

- Ман метавонам зиндагиамро ба роҳ монам, - гуфтам худ ба худ.

Бо зикри "Ҳасбуналлоҳу ва ниъмал вакил" ибодатамро анҷом додам. Ҷойнамозро ғундошта, болои мизи ошхӯрӣ гузоштам. Ба мизи холии Азиз нигаристам. Дилам таҳ кашид, дилам гум зад барои Азизам. Хаёлан бо ӯ суҳбат мекардам.

- Оҳ, чӣ қадар ёдат кардаам. Чаро байни мо ҷанҷолу сардӣ пеш омад? Ҳанӯз ҳам аниқ намедонам, ки ту аз ман ранҷидӣ ё ман аз ту? Ҳатто аз барои чӣ баҳсамон шурӯъ шуд намедонам? Ҳа ёдам омад, ту як шӯхие кардӣ. Ба ман, ки ҳолам хӯш набуду сардард нороҳатам мекард, писанд наомад, бисёр сахтам расид. Фикр кардам маро таҳқир мекунӣ ва бо садои баланд посухат додам. Ана буду шуди гап ҳамин, пас аз он дигар бо ман ҳарф назадӣ, ту аз ман ранҷидию ман аз ту. Ранҷиши ту аз он ҷиҳат буд, ки бо лаҳни сахт ҷавобат додам. Ранҷиши ман аз он сабаб буд, ки маро ҷисму ҷонам дар дарди шадид месӯхт ва ба лутфу меҳрубонии ту ниёз доштам, лекин ту нисбатам бетаваҷҷуҳӣ намудӣ. Аммо ҳозир ин ҳама як пули сиёҳ ҳам бароям дигар арзиш надоштанд, чунки тоза мутаваҷҷеҳ шудам, ки дӯстат медорам, бо тамоми вуҷудам, бо тамоми бадиҳоят, бо тамоми хубиҳоят дӯстат медорам. Ту аз манӣ ва аз ман мемонӣ. Хуб ҳам бошӣ аз манӣ ва бад ҳам бошӣ аз манӣ, чунки ту ними манӣ, ними ҷисму ҷони манӣ. Маро бибахш, Азизам. Ғоибона бо ту Азизи дилам, Султони қалбам дар гуфтугӯ будам...

Либосатро аз ҷевон бардоштаму ба машомам расондаву бӯй кашидам. Накҳати атри нотакроратро бӯидаму бӯидам. Аслан худатро ҳамеша мебӯидам. Мепурсидӣ:

- Чаро ин корро мекунӣ? Мегуфтам:

- Бӯи хӯше дорӣ, ки бе бода масту махмурам мекунад. Бӯятро хеле дӯст дорам. Хандида посух медодӣ:

- Ин бӯйи атрам аст, ки хӯшат омадааст. Гуфтам:

- На иштибоҳ мекунӣ, ман атри худатро дӯст дорам, накҳати бадани нозатро. Табассуми малеҳе дар гирди лабонат давр зада, боз ба ханда моил мешудӣ.

Дигар дилам аз ёдат ба фарёд омаду гӯшиямро бардоштам. Хостам зангат бизанам. Ногоҳ паёми соате пеш фиристодаат ёдам омад. Хостам онро такроран бихонам. Нафаси амиқу дурударозе кашида, ба сатрҳои паём чашм давондам.

Худои ман, ин чист, ки ман мехонам?

- "Салом ҷони ширин. Имрӯз 12- 12- 2012 сол соати 12- 12 дақиқа хостарин лаҳзаи дунёст. Беҳтаринҳоро бароят орзу мекунам. Азиз"

Мани нодон аз қаҳру ғазаб ва беаҳамиятӣ онро нодуруст хонда, қариб худамро аз ғусса куштанӣ шудам. Аз тарси мурдан, худкӯшӣ карданӣ будам. Худоё шукр, садҳазор бор шукрона ба даргоҳи покат, ки аз гумроҳӣ наҷотам додӣ. Зуд зангат задам, аммо гуфтӣ наметавонӣ суҳбат кунӣ. Дубора диламро гургон тала мекарданд:

- Чаро ҳарф назад? Шояд ҳолаш хуб набуд? Ба ӯ чӣ шуда бошад?

Ночор боз дида ба телевизор духтам. Олиме аз ҳадисҳои Пайғомбар (саллаллоҳу алайҳи васалам) нақл мекард: "Ҳар гоҳ ду нафари мусалмон бо ҳам қаҳр кунанд ва то се рӯз сулҳ накунанд, аз Ислом хориҷ хоҳанд шуд ва дар байнашон вилояте боқӣ нахоҳад монд. Пас ҳар кадоме аз онҳо, ки дар сулҳ пешқадам шавад, дар қиёмат зудтар ба биҳишт хоҳанд рафт".

Аз ин шунидаҳо дар вуҷудам оташ афтод. Аз Худо мехостам, ки Азизамро баргардонад. Ногоҳ садои кушода шудани дари берунро шунидам. Тез аз ҷоям хеста, парвозкунон ба пешвозаш шитофтам. Аз диданаш хеле шоду мамнун шуда будам, вале ӯ ҳамоно қиёфааш сарду беҳис буд ва ягон аломати хушҳолӣ дар чеҳрааш дида намешуд. Ноҷунбон дар роҳрав меистод. Гуфтам:

- Биё, чаро дами дар истодаӣ? Хуш омадӣ, аз омаданат бисёр хурсанд шудам. Хомӯшона дасташро сӯям дароз карду ман акнун фаҳмидам, ки интизори чист. Пакетҳои пурбори вазнинро аз дасташ гирифтаму ӯ ба баровардани пойафзолаш машғул шуд. Дар яхдон маводҳои овардаашро зуд ҷой кардаму баргаштам наздаш, дигар намехостам лаҳзае аз бараш дур бошам. Дар паҳлуяш нишаста, бо меҳри бепоён ба сӯяш нигаристам. Аз рӯяш нур меборид, чашмони зебову зирак ва абрӯвони ғафси пайвандиаш ба ҳусни худододи мардонааш ҳусни дигаре зам мекарданд. Маро боз ҳам ба ӯ ошиқтар мегардониданд. Ҳама чиз дар ӯ ҳаст, ҳама бо ҳам: Ақлу заковат, ғурӯру хоксорӣ, ҳусну зебоӣ. Оҳ, чӣ қадар ба ин марди зебо ман ошиқам, на барои зоҳири дилписадаш, балки ба хотири ботини нозанину зебояш.

- Азизҷон, туро вуҷудат зебост. Хабар дорӣ? Оё касе то ба ҳол ба ту инро гуфта буд? Медонӣ, чӣ қадар дӯстат медорам? “Чени ду ҳаво!”- мепурсидам аз ӯ, вале маро намешунид, чунки бо нигоҳ мегуфтамаш. Чанд лаҳзаи дигар ба хомӯшӣ гузашт. Дигар наметавонистам, хомӯш биистаму туғёни диламро фурӯ бинишонам. Бинобар ин, ҷилави суханро ба даст гирифтам. Лекин аз ҳаяҷон чӣ гуфтанамро намедонистам. Забон мехоидам. Дар охир бо ҳазор машаққат ба сухан даромадам:

- Азизҷон, одамӣ бехатову иштибоҳ намешавад. Кӯтоҳии маро бо бузургиат бибахш, камбудиҳои маро ба дил нагир, шавҳари меҳрубонам. Аз он лаҳзае, ки ранҷондамат хун мехӯрам, ҳамин қадар дар назди Худованд гунаҳгорам бас аст, боз ту афзунаш накун.

- Ту ҳам маро бибахш, ҷони ширин!

- Азизҷон, ту чиҳо мегӯӣ, айбу кӯтоҳӣ аз ман буд.

- Айб аз ман ҳам буд, камлутфии маро бибахш,- гуфта, Азиз маро ба оғӯши паҳновару гармаш кашида, аз рӯхсораам бӯсид.

## МЕҲРИ МОДАРӢ

Дер боз аз ӯ хабаре надоштам. Дар яке аз рӯзҳои баҳорӣ занг зад.

- Салом, апаҷон!

- Салом, додари апаш! Нағзӣ? Созӣ?

- Шукри Худо, апаҷон! Худатон чӣ хел?

- Раҳмат, мо ҳам хубем, аммо туро хеле ёд кардем. Кай омаданӣ ҳастӣ, додарҷон?

- Эҳ, апаҷон, ман дар ин як-думоҳаи охир омаданӣ нестам. Ҳоло аниқ нест...
Садои тақ-тақи дар маҷбурам сохт, ки бигӯям:

-Дароед, дар кушода!

Дари дафтари корамро кушода, бародарам ворид гашт ва маро сахт ҳайратзада кард:

- Ту гуфтӣ ман дури дурам, дар ин рӯзҳои наздик омаданӣ нестам.

- Хостам, сюрприз кунам, апаҷон!

Аз ҳавои мусоиду гуворои фасли арӯси сол ҳаловат бурданӣ шудем. Пои пиёда қадамзанон ба ҷои таксиҳои ноҳия мерафтем, ки ҳодисаи шавқоваре диққати моро ҷалб кард ва лаҳзае аз рафтан боздошт. Ду майнаи зебо бо ҳам гӯё суҳбат мекарданд, агар аниқтар бигӯям, сари кадом масъалаи муҳимме “маслиҳат доштанд.” Вале ҳеҷ не, ки ба як қароре расида тавонанд. Ногаҳон яке аз майнаҳо, ки ҷисман бузургтар ва бокитфу бозу буд, қоматашро рост карда, сарашро бардошт ва болҳояшро кушода, хамёза кашид. Аз рафтораш маълум мешуд, ӯ марди хонадон, яъне шавҳари ин Майна-хонуми серҳарат аст. Майна-ака болҳояшашро ба пушташ гузошта, каме андешакунон ин тарафу он тараф қадам зад. Ангор, ба фикри амиқе саргарм асту сари мушкилоти муҳимме майна об мекунад. Айнан монанди баъзе раисҳои мо, ки бо симои мутафаккирона дар байни мардум гаштанро дӯст медоранд. Чанд сония ин тавр сипарӣ гашт, чанд сонияе, ки дар назари Майна-хонум ба андозаи сол давом дошт. Дар охир ӯ дигар сабру тоқатро аз даст дода, боз ба сӯхангӯӣ пардохт. Ҷив-ҷивкунон дар атрофи шавҳараш мисли мурғи посӯхта мечархид. Мегуфту мегуфту мегуфт. Росташ аз ин баҳси оилавии онҳо мо як калимаашро ҳам намефаҳмидем. Кош аз илми ҳазрати Сулаймони пайғомбар заррае ба мо ҳам насиб мешуд, то аз омилҳои мунозираи онҳо бохабар мешудем. Майна-хонум дақиқан мисли баъзе аз занҳои муҳтарами мо ҳам, ки мехоҳанд, ҳарфашонро ба ҳамсар таҳмил кунанд, рафтор мекард. Ҳарчанд мардҳои азизамон таҳаммули ин қадар гапро надоранд, вале Майна-акаи мо сабурона ба гуфтаҳои ҳамсараш гӯш мекард ва ҳарфе ба забон намеовард. Қандаша занад. Барои мо ҷои суол буд, чаро ин ҷуфт баҳс доранд ва мушкилашон чист? Гӯё аз нигоҳҳои саволомезу ҳайрони мо рамуз гирифта, Майна-ака аз фикру андеша ба амал гузашт. Ба тарафи дарвозаи қисми ҳарбӣ рафт ва касеро ном гирифта чеғ зад, вале ҳеҷ кас ба ҳарфаш гӯш намедод. Майна-хонум низ давида рафта, паҳлуи шавҳараш истода, нигоҳи ду чашмашро ба дарвоза дӯхт. Боз чанд лаҳзаи хомӯшию сукут сипарӣ шуд. Майна-хонум ғамгинона ба

гӯши Майна-ака чизе мегуфт ва зуд-зуд сӯи дарвозаи қисми ҳарбӣ назар мекард. Ин дам Майна-ака бо овози баланд боз садо зад. Дар ин ҳангом дарвоза кушода шуда, сарбозе аз он сар бароварда, ба берун нигоҳ кард. Хаёлам, касеро интизор буд. Майна-ака аз ин лаҳзаи муносиб истифода бурдан хоста, боз як ду қадам ба пеш гузошт ва ба ҷавон чизе гуфтанӣ шуд, вале, ҳайҳот, бахт ба рӯяш нахандид. Сарбоз ҳаросон ба атроф назар давонда, зуд дарвозаро баст ва аз чашм нопадид шуд. Пас аз ин амали ӯ қаҳрамонони мо ҳоли зоре ба худ гирифтанд. Мисле, ки латтаҳояшон дар об заду тарбузашон аз бағал афтод. Андӯҳгинона ба гӯшаяке рафта, бо сари хам паст-паст гуфтугӯ мекарданд. Дар ин ҷо мо ба худ хулоса баровардем ва ба якдигар гуфтем: Шояд писари бечораашонро маҷбуран ба хидмати ҳарбӣ овардаанд ва онҳо ба хабаргирияш омаданд. Вале дидори писар муяссарашон нагашта истодааст.

Ногаҳон Майна-хонум парида ба болои дарвоза нишаста, нигоҳи озмоишкоронаашро ба шавҳараш андохт. Шавҳар низ ӯро зиёд муаттал накарда, аз паяш ба парвоз даромад ва рафта дар паҳлӯяш нишаст. Пас аз чанд сонияи дигар ҳарду парида, ба тарафи ҳавлии қисми ҳарбӣ рафтанду аз назари мо нопадид гаштанд. Аслан, ҳеҷ боварамон намеомад, ки модар ин ҳама роҳро тай карда биёяду аз пушти даре, ки ҷигарбандаш он ҷост, ақиб гашта равад. Чунон ки модари худам ҳангоми хидмати ҳарбӣ рафтани бародарам бо ҳазорон заҳмат ба дидору мулоқоташ мерафт.

- Ёдат ҳаст, додари апаш, модарам барои хабаргирии ту чӣ қадар азоб мекашид? Баъзан вақт барои дидорбинӣ иҷозаташ намедоданд, вале ӯ истодагарӣ мекард.

- Рост, очаам то бо ду чашми сараш маро намедид, дилаш ором намегирифт.

Мо ҳам дар ин ҷо ин интизорро доштем, ки модар бо ҳар роҳу воситае ба дидори пораи қалбаш муваффақ мегардад, зеро беҳуда намегӯянд: “Модар аз барои фарзанд бо думи шеру бо дами шамшер бозӣ мекунад.” Ин аст меҳри модарӣ.

## ТУРО ИНТИЗОР БУД

Гулдастаи зебо дар дасташ медавид. Чунон медавид, ки гӯё агар ҳозир нарасад тамом, қиёмат қоим мешавад. Ба кӯи мурод расид. Дар авҷи тасфидану мазза пайдо намудани суҳбати ду дилдода телефон садо баровард. Гӯширо ба даст гирифт. Як ба рӯи саҳифааш нигаристу овозашро хомӯш карда, ба ҷайбаш гузошт ва ба рӯи нози ҳамсуҳбаташ нигарист. Нав ду калима радду бадал карда буданд, ки боз садои гӯшхароши телефон баланд шуд. Асабиёна бардошт.

- Чӣ мегӯӣ? Ман дар маҷлисам, як бор набардоштам худат бифаҳм, беақл нестӣ-ку...

- Кӣ буд?-бо ишва пурсид нозанин.

- Яке аз ҳамкорон,-кӯтоҳ посухаш дод ва ба тамом гӯшу ҳуши сухани нозанини ҳамсуҳбаташ гашт.

Пас аз чанд соат телефони пуррӯй боз овоз баровард.

Бо ситеза:

- Эй, ту гӯш кун, ба хубӣ гуфтам, ки халал мерасонӣ...Ҳа, ман Носиров Хайриддин... Ба кучо?.. Хуб шудааст..

Хайрухушро бо ҳамсуҳбати олуфтааш нася гузошта, дар як лаҳза ба ҷои таъиншуда ҳозир шуд. Момодоя тифлаки парпечшуда дар бағал наздаш омад.

- Мутаасифона, модарашро наҷот дода натавонистем. Ҳамсаратон бисёр мехост он лаҳзаҳои душвор садоятонро бишнавад, вале шумо дар маҷлис будед. Мебахшед, мо ҳар чӣ аз дастамон омад кардем, вале хости Худо ҳамин будааст.

Пораи ҷигарро рӯи даст бардошту ба оғӯш кашид ва бо қадамҳои сангин оҳиста-оҳиста назди курсии долон рафта нишаст. Сӯзише аз қаъри дилаш баланд шуд. Гӯё равон таркаш менамуд. Гулдастаи харидааш ҳам, ки замоне хандону шукуфон буд, дар сатили партов ҳоли ҳузноваре дошт.

## МАНИЖАИ ҲАФТКӮЛӢ

*Манижаи Ҳафткӯлӣ (Шаҳмаева) 15 августи соли 1981 дар деҳаи Рази мавзеи хушманзари Ҳафткӯли ноҳияи Панҷакент чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Дар мактаби деҳаи Падрӯд ҳамагӣ панҷ сол таҳсил намудааст ва баъдан машғули худомӯзӣ шудааст. Ӯ ҳоло бо аҳли оилаи худ дар деҳаи Пании мавзеи Ҳафткӯл истиқомат дорад. Дар ин дараи танги кӯҳистон низ пайваста меомӯзад, истеъдоди худододашро сайқал медиҳад, дарду эҳсосот ва фикру андешаҳои худро рӯи қоғаз меорад.*

*Дафтари нахустини ашъораш соли 2014 таҳти унвони «Эҳсоси дил» ба нашр расида буд. «Сӯзи ниҳон» дафтари дуюми ашъори Манижа аст, ки шомили шеърҳои дар панҷ соли охир эҷоднамудаи ӯро фарогир буда, соли 2019 чоп шудааст.*

### МОДАР

Сутуни ин дили афгор, модар,
Нагардӣ ҳеҷ гаҳ бемор, модар!
Умеду орзуи зиндагонӣ -
Ту ҳастӣ зеби ин гуфтор, модар!
Равонӣ аз пайи мақсуди фарзанд,
Дар ин раҳ мекашӣ озор, модар!
Бирезӣ болу пар бо ёди фарзанд,
Мисоли кабки хушрафтор, модар!
Зи танҳоӣ кашидӣ интизорӣ,
Дар ин пайроҳаи душвор, модар!
Дуоям мекунӣ аз субҳ то шом,
Нигаҳбони ту ҳам Ҷаббор, модар!

### ҲИММАТИ ПАДАР

Падар, парвардиям бо ранҷу заҳмат,
Накардам ман бароят ҳеҷ хизмат.
Ниҳодӣ бар сарам дасти навозиш,
Бароям меҳри ту бисёр қиммат.
Дар ин дунё надидӣ шодкомӣ,
Зи хидматҳо накардӣ ҳеҷ миннат.
Ту мекардӣ фидо ҷонат бароям,
Надидам дар ҷаҳон ин гуна ҳиммат.
Камар мебастӣ баҳри зиндагонӣ,
Ба роҳи зиндагӣ кардӣ ҳидоят.

### ДАР ИН ВАТАН

Агар хоҳӣ ту пайвандон,
Анису ҳамдаме бар ҷон,
Ба дарди хештан дармон,
Ҳама дар ин Ватан ёбӣ.

Ниҳоли пурсамар хоҳӣ,
Агар шаҳду шакар хоҳӣ,
Шаби ялдо қамар хоҳӣ,
Ҳама дар ин Ватан ёбӣ.

Ба худ ҷӯӣ ту коми дил,
Нишоту шодии маҳфил,
Ва осонӣ ба ҳар мушкил,
Ҳама дар ин Ватан ёбӣ.

Ту гул мехоҳӣ ё гулзор,
Бихоҳӣ ёр ё дилдор,
Ниҳон хоҳӣ ва ё ошкор,
Ҳама дар ин Ватан ёбӣ.

Дабистони ҳунар дорад,
Ҳазорон шоху бар дорад,
Ба худ рози дигар дорад,
Ҳама дар ин Ватан ёбӣ.

Насимаш фораму тоза,
Ба дунё обаш овоза,
Надорад ҳуснаш андоза,
Ҳама дар ин Ватан ёбӣ.

Зи файзи сулҳу истиқлол,
Насиб ин бахту ин иқбол,
Расидан бар фалак бебол,
Ҳама дар ин Ватан ёбӣ.

Ту оромию ваҳдатро,
Шукӯҳи тоҷу давлатро,
Саодат, ҳам садоқатро
Ҳама дар ин Ватан ёбӣ.

Биҷӯӣ Сарвари ғамхор,
Адолатпешаву пуркор,
Самимиқалбу хушрафтор
Ҳама дар ин Ватан ёбӣ.

Навозишҳои модарро,
Муҳаббатҳои хоҳарро,
Таманноҳои додарро
Ҳама дар ин Ватан ёбӣ.

## ИМРӮЗИ ТОҶИКОН

Фархунда аст толеи имрӯзи тоҷикон,
Сарҷамъ гашта мардуми пирӯзи тоҷикон.
Дар осмони сулҳу амонӣ равон шудаст
Маҳтоби фикри хуби шабафрӯзи тоҷикон.
Пироҳани Ватан зи гули хуррамӣ шукуфт,
Зебо ба мисли куртаи гулдӯзи тоҷикон.
Гӯям ба ифтихор аз ин ҳосили бузург,
Мақбули ин ҷаҳон шуда наврӯзи тоҷикон.
Имрӯз мешавад ҳама гулзор ин Ватан,
Хорӣ кашед, адувони худсӯзи тоҷикон!
Моем насли миллати Сомону Рӯдакӣ,
Имрӯз ҳам давоми ҳамон рӯзи тоҷикон.
Дорӣ, Манижа, орзу дар шеъру умри худ:
Наврӯз бод ҳар даму ҳар рӯзи тоҷикон!

## МУРДАМ ЗОРУ ТАНҲО

Биё, як лаҳзае меҳмони ман бош,
Ба дарди бедаво дармони ман бош.
Надида оразат, дилро супурдам,
Биё, пайванди ҷон бар ҷони ман бош.
Ба ту гӯям ҳама рози диламро,
Муроди қалби пурармони ман бош.
Куҷо будӣ, ки мурдам зору танҳо,
Марав дигар, ту ҳампаймони ман бош.
Шавад равшан шаби тори Манижа,
Ту хуршеду маҳи тобони ман бош.

## МАН ҲАМОНАМ

Гаҳе бар ҳоли худ бас нотавонам,
Гаҳе ранҷуру дур аз ёри ҷонам.
Маранҷ аз ман, агар ҳарфе нагуфтам,
Ки ман бисёр дар банди ниҳонам.
Мапурсам чунию ҳоли ту чун аст?
Ҳамонам ман, ҳамонам ман, ҳамонам!

Маҳу солу шабу рӯзам ҳамеша
Гирифтору ба чашми хунфишонам.
Агарчанде нагуфтам рози худро,
Ба ранги зарди худ ҳар ҷо аёнам.
Манижа бо туву бо ту бимонад,
Ту ҳам бо ман бимон, то бо ту монам.

## МИСЛИ ТУ БЕМОР НАБОШАД

Манро ғаме ҷуз ҳасрати дидор набошад,
Ҷуз ман каси савдоӣ ба ин кор набошад.
Шаб аз ғами ман гашт сияҳ, рӯз бишуд зард,
Аммо хабар аз он гули бехор набошад.
Гаҳ домани саҳрову гаҳе дашту биёбон,
Мегардаму манро лек аз ин ор набошад.
Дар чеҳраи гул шабнаме гар дидӣ саҳаргоҳ,
Он қатра ба ҷуз ашки шарарбор набошад.
Ангушти фироқат бихарошид диламро,
Бар захми дилам марҳаму ғамхор набошад.
Вақте ки табиби ту ҳамон аст, Манижа,
Дар рӯи ҷаҳон мисли ту бемор набошад.

## МАНАМ МЕГӮЙ

Себ гӯям, ту ҳамон дам зақанам мегӯӣ,
Ғунча гӯям, ту чӣ ширин даҳанам мегӯӣ.
Барги гул гӯяму аз нозукиаш васф кунам,
Ту ба сад нозу адо пираҳанам мегӯӣ.
Васфи фирдавс бикардам, ки ҳама ошиқи он,
Манзили хосу ҳамон ҷо ватанам мегӯӣ.
Гӯям аз саҳни чаман хониши булбул омад,
Ғунча во гашта зи шеъру суханам мегӯӣ.
Гар Манижа ба ҷаҳон чораи дардаш ҷӯяд,
Чораи дарду давои ту манам, мегӯӣ.

## БИШНАВ, ЭЙ БЕРАҲМ!

Хайрбодам ҳам накардӣ, ёр, дар вақти сафар,
Дар сари роҳат будам, боре накардӣ як назар.
Интизорӣ мекашидам бо ду чашми ашкбор,
То равон гаштам ба сӯи хона, шуд вақти саҳар.
Баста будам аҳд бо ту, нашканам паймони хеш,
Худ набошӣ дар барам, ишқи ту дорам дар ҷигар.
Бишнав, эй бераҳму сангиндил, ту ин афсонаро,

Ғуссаву андуҳу ҳиҷрони туро дорам ба сар.
Мекашад килки Манижа бо ҳавас бори ғамат,
Эй чӣ хуш, номи ту бошад дар забон шаҳду шакар.

## АШЪОР ДИГАР ИМРӮЗ

Дидор дигар имрӯз, рафтор дигар имрӯз,
Аз дарду фироқи мо озор дигар имрӯз.
Санҷида сухан гуфтам ҳамроҳи қалам ин ҷо,
Эй чорагари дилҳо, ғамхор дигар имрӯз.
Булбул, ту чаро дар дил дорӣ ғами беҳосил,
Деҳ муждаи наврӯзи гулзор дигар имрӯз.
Бар санг задам имрӯз ман соғари ҳасратро,
Бар соқӣ назар бинмо, дидор дигар имрӯз.
Бигзор, Манижа, ту афсонаи деринро,
Девони дигар бикшо, ашъор дигар имрӯз.

## ХОНАВАЙРОНАМ ҲАНӮЗ

Эй сабо, бар ёри ман гӯ чашми гирёнам ҳанӯз,
Боз гӯ дар ҷустуҷӯяш хонавайронам ҳанӯз.
Рӯ ба рӯяш шину овози дилашро гӯш кун,
Аз дили сангаш нагардад мушкил осонам ҳанӯз.
Боз гӯ, роҳе надорам, то расам бар васли ӯ,
Ман гирифтори балои доми ҳиҷронам ҳанӯз.
Як назар созад ба рӯям, бинад аҳволи маро,
Дар ғами рӯзи қиёмат сахт ҳайронам ҳанӯз.
Эй Манижа, бо табассум, ё ба як ними нигоҳ
Метавонад бурд аз тан ҷони арзонам ҳанӯз.

## НИГАҲБОНИ ЗАБОНАТ БОШ!

Ҳаётам чанд бигзашту намебинам муроди хеш,
Намеояд ба сӯи ман зи ғамҳо ҳеҷ шодӣ пеш.
Магар олам ҳама ҷабру ҷафо асту парешонӣ,
Ки дар олам намебинам ба ҷуз ранҷу балои хеш.
Гиреҳи бахти моро то набикшояд Худои пок,
Нагардад ҳеҷ бикшода, кунем ин синаҳоро реш.
Ҳазорон тахту тоҷу иззату ҷоҳе, ки дар дунёст,
Ба хорӣ мебарад дар оқибат, хуш бош чун дарвеш.
Нигаҳбони забони худ, Манижа, бош дар дунё,
Забон бисёр тез асту занад бар ҳар куҷое неш.

## КОРИ НОБАСОМОН

Азизон, чашми гирёнам бипурсед,
Ва ё аз ҳоли ҳайронам бипурсед.
Аҷаб ҳоле, ки дорам, нотавонист,
Табибон, дарду дармонам бипурсед.
Дар ин кунҷи қафас бишкаста болам,
Зи хешони гурезонам бипурсед.
Вафоямро ҷафо меояд аз пай,
Ҷафои ҷумла ёронам бипурсед.
Саропои ҷаҳон фанду фиреб аст,
Нагардад мушкил осонам, бипурсед.
Манижа, кай шавад оғоз анҷом,
Зи кори нобасомонам бипурсед.

## БА ДИДОР РАСИДЕМ

Сад шукр Худоро, ки ба дидор расидем,
Бар суҳбати ёрони вафодор расидем.
Ғамҳои фузун гашт пароканда ба ҳар сӯ,
Бо ҳам бинишастему ба гуфтор расидем.
Аз фурқати дидори шумо ҷон ба лаб омад,
Имрӯз ба коми дилу ҳам кор расидем.
Маҳҷурӣ расонид ҳаётам ба зимистон,
Шуд фасли баҳорону ба гулзор расидем.
Як умр, Манижа, будӣ ту дар талаби дӯст,
Дар роҳи талаб боз ба он ёр расидем.

## САВДОИ ОШИҚ

Рухат оинаи дилҳои ошиқ,
Лабат май дар дили минои ошиқ.
Нигоҳат мебарад дилро ба яғмо,
Ду чашмат масту бепарвои ошиқ.
Насиме мекунад ҳар сӯ парешон
Ду зулфи анбару сорои ошиқ.
Ба ҳар сӯ меравӣ бо нозу ҷавлон,
Дучандон мекунӣ савдои ошиқ.
Бихандӣ ҷонибам ҳар бор чун гул,
Ниҳон чун андалеб ғавғои ошиқ.
Надорад ҳеҷ суде ин, Манижа,
Ҳама фарёду вовайлои ошиқ.

## ДАВЛАТИ ДИДОР

Ин ҷаҳонро чӣ кунам, вақте ки анвори ту нест,
Хомӯшӣ пеша кунам, вақте ки гуфтори ту нест.
Қуввати ҷону мадори ҳама олам, ки туӣ,
Бешифо бод дар олам, ҳар кӣ бемори ту нест!
Ошиқон кай талаби давлати дунё доранд,
Ганҷи шоҳона беҳ аз давлати дидори ту нест.
Гуфтӣ ҳастанд ҳама волаю шайдои рухам,
Мисли ман лек касе банду гирифтори ту нест.
Кай хабар дорӣ, Манижа, ту зи асрори ҷаҳон,
Дил бидеҳ то дами ҳашр, он ки хабардори ту нест.

## ДОМИ БАЛО

Ишқат ба дили шоҳу гадо афтодаст,
Аз ҳаҷри ту ин ҳама зи по афтодаст.
Як бор надида рухи гулбарги тарат,
Булбул ба хаёли ғунчаҳо афтодаст.
Осуда куҷо тавон зист ба даҳр,
Ҳар кас, ки ба ин доми бало афтодаст.
Бемори ғами ту ҳаст дар бистари ҳаҷр,
Бе дорую дармону даво афтодаст.
Ман кистаму ҷумла ҳама олам чист,
Бар арзиши мӯи ту куҷо афтодаст.
Бигзошт Манижа сар ба хоки дари ту,
Бемору ҳазину мубтало афтодаст.

## ТАМАННО

Зи ҳоли ман надорӣ ҳеҷ парво,
Намедонӣ куҷоям бесару по.
Надорам тоби озорат кашидан,
Макун ҳар дам ту ин ҷабру ситамро.
Нишаста бо рақибон меҳрубонӣ,
Ба ман мегӯӣ ҳар гуна суханҳо.
Шавад рӯзе нишинад ҳар кӣ бо ёр,
Ту танҳо монӣ ин ҷо, ман дар он ҷо.
Биё, як дам ту биншин бо Манижа,
Ки бо ҳасрат барам ман ин таманно.

## ҲУШАМ ДУЗДИДА МЕРАФТӢ

Ҳамон вақте ки дар пеши назар хандида мерафтӣ,
Ту аз боғи умеди ман гуле ночида мерафтӣ.
Тамоми умри ман бигзашт бо ин нолаву афғон,

Вале ту нолаву афғони ман нашнида мерафтӣ.
Туро медидаму аммо намедидам дигар худро,
Ту бо ними нигаҳ ақлу ҳушам дуздида мерафтӣ.
Ман аз рӯи вафо сарро ба поят мениҳодам ҳам,
Маро дар роҳи худ медидию ранҷида мерафтӣ.
Ба худ андеша мекардам, ки ин аст имтиҳони ишқ,
Маро беҳуда мегирёндию санҷида мерафтӣ.
Манижа аз фироқат гашта худ девонаю маҳзун,
Ту ин аҳволро медидию болида мерафтӣ.

## УМЕДИ РАҲМАТ

Аз тани озурдаам рӯзе ҷудо ҷонам кунӣ,
Худ халос аз чангали ифриту шайтонам кунӣ.
Дар лаҳад рӯзе гузорандам ҳабибу ақрабо,
Ту, ки соҳибхонаӣ, он лаҳза меҳмонам кунӣ.
Вақте ояд ду малак бар қабри ман баҳри савол,
Худ ҷавоби он саволи мушкил осонам кунӣ.
Манзили торику танге то абад дорам ба худ,
Кирдгоро, равзане аз сӯи ризвонам кунӣ.
Мекунам ман орзуи Сарвари ҳар ду ҷаҳон,
Бо ҷамоли Мустафо он лаҳза хандонам кунӣ.
Аз гуноҳи худ Манижа номае дорад сиёҳ,
Боз умед аз раҳматат дорам, ки шодонам кунӣ.

## ТО ҲАСТАМУ ТО ҲАСТӢ

Ман ташнаи дидорам, то ҳастаму то ҳастӣ,
Бе рӯи ту беморам, , то ҳастаму то ҳастӣ.
Бисёр мадеҳ ранҷам, биншину бигӯ ҳарфе,
Бингар ба дили зорам, то ҳастаму то ҳастӣ.
Ту меравию аммо ман бе ту чӣ хоҳам кард,
Бе ман ту марав ёрам, то ҳастаму то ҳастӣ.
Ман даст диҳам бар ту, то дасти туро гирам,
Андешаи ин дорам, то ҳастаму то ҳастӣ.
Ашъори Манижаро хонӣ ҳамагӣ дард аст,
Ғам манбаи гуфторам, то ҳастаму то ҳастӣ.

## ГУФТАМ: БА ЧАШМ

Ёр гуфт: истода шав дар пушти дар, гуфтам: ба чашм,
Ҳеҷ гаҳ бе ман марав сӯи дигар, гуфтам: ба чашм.
Гуфт: мехоҳам бирезад аз ду чашмат ҷӯи хун,
Мешавӣ тири маломатро сипар, гуфтам: ба чашм.

Гуфт: ман султони ишқам, васл мехоҳӣ зи ман?
Мешавӣ мисли гадои дар ба дар! Гуфтам: ба чашм.
Гуфт: мехоҳӣ агар бовар кунам ишқи туро,
Аз фироқи ман бихӯр хуни ҷигар! Гуфтам: ба чашм.
Гуфт: мехоҳӣ , Манижа, аз фироқам чорае,
Хоки поямро бикаш бар чашми сар! Гуфтам: ба чашм.

## ҚУНДУЗОЙ



*Қундузой Имомова 2-юми майи соли 1982 дар деҳаи Оқбулоқи ноҳияи Рӯдакӣ ба дунё омадааст.*

*Бо амри тақдир дар синни 4-солагӣ аз модар ва дар 14-солагӣ аз сояи падар маҳрум гаштааст. Бо ин сабабҳои вазъяти хонаводагӣ ӯ натавонистаст, ки баъд аз синфи 8-ум хонданро давом диҳад.*

*Қундузой ҳанӯз аз синфи 6-умиаш ба шеъргӯӣ пардохта, бо забони ӯзбекӣ дарди ятимии худро ба рӯйи когаз меовард. Ӯ бо забони ӯзбекӣ ду маҷмӯаи ашъорашро таҳти унвонҳои "Бегубор орзуларим" (2017) ва "Қалбимдаги муҳаббат" (2019) нашр кардааст.*

*Аммо чун ӯ ватани худ Тоҷикистонро дӯст медораду бар вай эҳтиром беандоза дорад, мехоҳад, ки бо забони шевои тоҷикӣ шеър гӯяд. Дар ин амри хайр ӯро шоири шинохтаи тоҷик устод Хайрандеш дастгирӣ карда, раҳнамоӣ менамояд. Агарчи дар ашъори Қундузой норасоиҳое мушоҳида шаванд ҳам, боиси бахшишу дастгирии мо ҳамватанони тоҷикзабони ӯст. Дар ин ҷодаи мушкилу дилписанд ӯро пирӯзиҳову дастовардҳои назаррасро орзумандем.*

## ДӮСТӢ

Моем, дӯстон,
Аз дилу аз ҷон.
Тоҷику ӯзбек
Бо ҳам меҳрубон.
    *Ояндаи мо*
    *Бошад мусаффо.*

Мо сарфарозем,
Ҳамдами розем.
Гардида як ҷо
Ояндасозем.
    *Ояндаи мо*
    *Бошад мусаффо.*

Аҳли замонем,
Нури ҷаҳонем.
Аз дидани ҳам
Мо шодмонем.
    *Ояндаи мо*
    *Бошад мусаффо.*

## ШУКРИ ВАТАНРО КУНЕМ

Ватани мо шукуфон,
Номи он Тоҷикистон.
Шукри Ватанро кунем,
Созем онро гулистон.

Модари бахтовар аст,
Зебову рӯҳпарвар аст.
Шукри Ватанро кунем
Баҳри мо болу пар аст.

Надорем асло армон,
Аз ин мулки ҷовидон.
Шукри Ватанро кунем,
Намоемаш ободон!

## ТОҶИКИСТОН

Меҳрам мешавад зиёд,
Бар кишвари хушбунёд,
Баҳраш мекунам эҷод,
Тоҷикистон, Тоҷикистон!

Дар олам кишвар бисёр,
Беҳисобу бемиқдор,
Бароям ту нотакрор,
Тоҷикистон, Тоҷикистон!

Ту зебою ҷовидон,
Номӣ ба рӯйи ҷаҳон,
Парчамат бод парафшон,
Тоҷикистон, Тоҷикистон!

## СУРУДИ ҶАВОНОН

Мо насли ҷавон ҳастем,
Ба сӯйи фардо равон.
Бошем аз дилу ҷон,
Ватанро мо нигаҳбон.

Хизмати Ватан кунем,
Хизмати меҳан кунем.
Шеди сулҳу ваҳдатро

Ҳамеша равшан кунем.

## ТИРАМОҲ

Омад фасли тирамоҳ,
Бо ҳосилоти дилхоҳ.
Фасли зебои заррин,
Ҳам хурраму дилнишин.
Файзи фаровон дорад,
Неъмати алвон дорад.
Неъматҳояш бешумор,
Тирамоҳи зарнисор.
Хуш омадӣ, тирамоҳ,
Меҳмони мои се моҳ.
Эй фаслаки зарнигор,
Шодӣ ба дилҳо биёр!

## АЪЛО МЕХОНАМ

Анис дар мактаби мо
Аълочӣ асту доно.
Одоби накӯ дорад,
Дарсҳоро ба ҷо орад.
Анис бошад хушрафтор,
Устод аз ӯ миннатдор.
Ҳар рӯз мехонад китоб,
З-ин рӯ бувад боодоб.
З-ин пас ман ҳам мехонам,
Ҳама чизро медонам.
Чун ҷӯраи ман Анис,
Бошад ҳамдаму мӯнис.
Аз ӯ нафрат надорам,
Ҳақиқат менигорам.

## ТОҶИКИСТОНАМ

Парчамат бодо парафшон, эй Ватан,
Ахтарат бодо дурахшон, эй Ватан.
Бошӣ доим навҷавону навбаҳор,
Пургулу хушбоду бӯстон, эй Ватан!

Чашмасору кӯҳсорат зеби ту,
Боғҳои беканорат зеби ту.
Душманат ҳаргиз набинам дар барат,

Дӯстони ҷонсупорат зеби ту.

Шуҳрату ҳам шони ман бошад зи ту,
Ин лаби хандони ман бошад зи ту.
Тоҷикистонам, диёри нурпош,
Номи ҷовидони ман бошад зи ту.

Парчамат бодо парафшон, эй Ватан,
Ахтарат бодо дурахшон, эй Ватан.
Бошӣ доим навҷавону навбаҳор,
Пургулу хушбоду бӯстон, эй Ватан!

## МАН ДУХТАРИ ДЕҲОТӢ

Деҳотидухтар астам,
Поку некахтар астам.
Ватанро дӯст медорам,
Ҳурматаш ба ҷо орам.
Дар ҳар мушкилу коре
Ба дӯстон диҳам ёрӣ.
Сиву нуҳсолаам ман,
Ҷавонам бо дилу тан.
Устоди накӯ дорам,
Донову дилҷӯ дорам.
Гарчи ӯзбекзабонам,
Тоҷикистон маконам.
Ватанам Тоҷикистон,
Дӯсташ медорам аз ҷон.
Номам бувад Қундузой,
Ба Ватан бошам хушрой.
Қадам мемонам ба пеш,
Бо устодам Хайрандеш!

## ХУШ ОМАДӢ, РАМАЗОН!

Туӣ моҳи саховат,
Пурхайру ҷуду тоат,
Имконияти уммат,
Хуш омадӣ, рамазон!

Дӯстон туро интизор,
Бо ту карда ифтихор,
Шайтон аз ту дар фирор,
Хуш омадӣ, рамазон!

Осон намоӣ мушкил,
Хуррам шавад аз ту дил,
Муродам шавад ҳосил,
Хуш омадӣ, рамазон!

Дилҳоро намоӣ пок,
Бо тоату бо идрок,
Шайтонҳо шавад ҳалок,
Хуш омадӣ, рамазон!

Ба дил фараҳфизоӣ,
Ба дарди ман давоӣ,
Ба ҷаннат раҳнамоӣ,
Хуш омадӣ, рамазон!

## МАХАНД БАР ҲОЛИ КАСОН

Рӯзе падару писар
Нишаста буданд як ҷо.
Гуфто падар ба писар:
“Бишнав ту ин суханҳо.

Маханд бар ҳоли касе,
Ба худат бармегардад.
Макун фиреб касеро,
Ҳоли ту мешавад бад.

Дурӯғгӯӣ дар дунё
Ҳама азобу ранҷ аст.
Аз пирони хушзабон
Дуо бигирӣ, ганҷ аст.

Гузаштагони моён
Ҳама рафтанд аз ҷаҳон.
Хушбаён буданду нек,
Инсонҳои поквиҷдон.

Дунёро хуб нигаҳ кун,
Писари бодонишам.
Покиза кун дилатро,
Ин аст аз ту хоҳишам”.

Шунида панди падар,

Дигар намуд роҳи худ.
Аз ахлоқи хуши ӯ,
Падару модар хушнуд.

Ин суханҳои зебо
Ки насиҳату панд аст.
Барои ҳамаи мо
Шоиставу писанд аст.

## ДОРЕМ ВАТАНИ ОБОД

Дорем Ватани обод,
Сулҳу салоҳу озод.
Мисли модарон бошад
Ҳар касе аз ӯ дилшод.
*Бо ин Ватану диёр*
*Бояд кунем ифтихор.*

Дорем халқи диловар,
Дуогӯ модар падар.
Аскарони диловар
Нигаҳбони ин кишавар.
*Бо ин Ватану диёр*
*Бояд кунем ифтихор.*

Дар болои сари он
Парчамаш партавафшон.
Душанбе шаҳри азиз,
Пойтахти Тоҷикистон.
*Бо ин Ватану диёр*
*Бояд кунем ифтихор.*

Имомалии Раҳмон,
Пайрави Оли Сомон.
Бо файзи дастони ӯ
Ватан шуда гулистон.
*Бо ин Ватану диёр*
*Бояд кунем ифтихор.*

## ТАМАННОИ НАВРАС

Орзу дорам бешумор,
Дунёи ман беғубор.
Шавам калону чолок,

Зеро дорам дили пок.
Шавам ба Ватан ёвар,
Як сарбози диловар.
Чун Рустами дастон ман
Кӯшам дар ҳифзи Ватан.
Аҳсан гӯянд волидон,
Баҳри мо – насли ҷавон.

## НАСИҲАТИ БИБӢ

Бибии ман меҳрубон,
Зебову ширизабон.
Бар мо китоб мехонад,
Хеле чизро медонад.
Бигуфто рӯзе ба ман:
"Бадониш бош, Ёсуман!
Бо дониш ёбӣ эъзоз,
Бо доно шавӣ ҳамроз.
Бекина бошу дилсоф,
Ба мардумон баинсоф.
Барпо кун боғу чаман,
Хизмат кун баҳри Ватан!"

## НАСИҲАТИ БОБО

Китоби зиёд хондам,
Меҳрам ба китоб мондам.
То ки бошам хушрафтор,
Шахси хубу хушгуфтор.
Бобоям дида, шуд шод,
Чанде насиҳатам дод.
Ӯ гуфто: "Пандам бидон,
Доно бишав, на нодон.
Хоҳӣ, ки бошӣ фирӯз,
Илму доноӣ омӯз.
Мардумро кун эҳтиром,
Ватандӯсту хушкалом.
Ба дониш раҳат равшан
Мешавад, эй ҷони ман.
Ба устодат гӯ салом,
Боодобу эҳтиром.
Оқил шаву китоб хон,
Худоят бод нигаҳбон!"

## БА УСТОДИ МЕҲРУБОНАМ

Дорам устоди доно,
Як инсони тавоно.
Ҳар забонро медонад,
Дилаш ба дониш ошно.

Устоди ман тарона,
Бинвишт тоҷикона.
Ҳар бобу мисраи он
Боби давру замона.

Бихонам шеъраш агар,
Дилам шавад мунаввар.
Чун меҳри устоди ман
Бувад волотар аз зар.

## БИЁ БА КИШВАРИ МАН

Биё, ба кишвари ман,
Эй ёру ҳамбари ман.
Бингар ба халқи доно,
Бар кишвари барҳаво.

Модар – Ватанам обод,
Мардумонаш ҳам шод.
Меҳрубон Пешво дорем,
Шоҳи бовафо дорем.

Биё, ба кишвари ман,
Эй ёру ҳамбари ман.
Бингар ба халқи доно,
Бар кишвари барҳаво.

Дар забон шуда достон,
Душанбеи чароғон.
Мо якдилу бофарҳанг,
Сулҳофарину беҷанг.

Биё, ба кишвари ман,
Эй ёру ҳамбари ман.
Бингар ба халқи доно,
Бар кишвари барҳаво.

## ЭЪТИБОР ЮСУФӢ



*Эътибор Юсуфӣ, шоираи ғӯрамарги тоҷик 25-уми январи соли 1987 дар деҳаи шоирпарвари Дарги ноҳияи Айнӣ ба дунё омадааст. Падари Эътибор Юсуфи Султон шахси шоирпеша ва донишманд буд, аз ин рӯ аз хурдӣ фарзандонаш ба адабиёт меҳр меварзиданд, ки Эътибор ҳам истисно набуд. Аз курсии мактабӣ шеър мегуфт.*

*Ҳамин шеъргӯияш буд, ки бо ташвиқи ҳамдеҳагонаш шомили мактаби олӣ шуд. Дар муддати кӯтоҳ соҳиби се маҷмӯаи шеърӣ: «Фариштаи умед», «Атри борон» ва «Хуршеди шаб» гашт.*

*Аммо тақдир имкон надод, ки ин фариштаи сухан ба пирӣ расад.*

*Ӯ 27-уми июли соли 2016 бо ҳамроҳии тифлакашу шавҳараш ва додару зани додару хоҳару фарзанди хоҳараш дар як садамаи пурқурбонӣ дар зодгоҳаш ҷон бохт. Дар мотами ӯ шоири тоҷик Исфандиёри Назар марсияи ҷонсӯзе гуфтааст:*

### ЭЙ НАВҶАВОН, КИ МАРГ ТУРО...

***(Гиряе дар ғурбат ба марги муфоҷои шогирдам – ҳамдиёру ҳамтаборам – шоира Эътибор Юсуфӣ, шавҳараш Дӯстиёр ва пайвандонаш, ки бар асари садама аз ҷаҳон рафтанд...)***

Аз рафтанат шикаст дил, дил чунон шикаст,
Гӯйӣ, к-аз он ба фарқи сарам осмон шикаст.
Захмам задӣ ба рафтанат аз ин ҷаҳони пир,
Эй навҷавон, ки марг туро худ ҷавон шикаст.

* * *

Қандили меҳрро, Худо, дасти чи кас фиканд?
Бо дасти кӣ чароғи дили меҳрубон шикаст?
Оё хабар диҳад касе гулчини маргро,
К-ӯ гул шикасту ҳам камари боғбон шикаст?
Хуршед рафту чашми ман маҳви ғуруб гашт,
Хуршед рафту сояву ҳам соябон шикаст.

* * *

Дар ман, ба марги ту, замон аз нафас фитод,
Дар ман, ба марги ту, замин бо замон шикаст.
Ин ҷо, кӣ ҷаҳр меравад бо ман ба марги ту?
Хокам ба сар, ки ғусса чунинам тавон шикаст.

***28.07.2016***

## ҶОНФИШОНӢ

Он ки аз роҳи дили мо хост осон бигзарад,
Сар-сарӣ, чун боди сар-сар аз биёбон бигзарад.
Ақл дар бандаш кашиду ишқ бар ҷонаш фитод,
То барои васли ҷонон аз раҳи ҷон бигзарад.
Аҳду паймон бастани аҳли муҳаббат бозӣ нест,
Пур шавад паймонааш ҳар, к-ӯ зи паймон бигзарад.
Ёр аз мо бехабар инро надонад, к-аз ғамаш,
Ҳар замон аз қалби мо селе хурушон бигзарад.
Ҷонфишонӣ мекунад дар роҳи ҷонон, Эътибор,
Ҳар шабу ҳар рӯз то айёми ҳиҷрон бигзарад.

## ПАЙҒОМ

Эй дили ман, баҳор боз омад,
Нағмахонон ҳазор боз омад.
Май бикаш, соқиё, зимистон рафт,
Кокулафшон нигор боз омад.
Доманаш сабзу абрувонаш сабз,
Ёри пуррангу бор боз омад.
Бо саманди сапеди худ найсон,
Б-озарахшу шарор боз омад.
Доманаш пуру остинаш пур,
Абри гавҳарнисор боз омад.
Ёри рафта, умеди нопайдо,
Ҷониби Эътибор боз омад.

## НИШОНИ МЕҲР

Ман зодаи Зарфишони меҳрам,
Лабханди маҳам, нишони меҳрам.
Пайғоми дилангези баҳорам,
Наҷвои парандагони меҳрам.
Аз Дарғи шарифи бостонӣ,
Аз деҳаву дудмони меҳрам.
Бо ишқ парам ба осмонҳо,
Бо ишқи ту, эй ҷаҳони меҳрам.
Номи ту тарона офаринад,
Номи ту бувад баёни меҳрам.
Чун кӯҳ матину сар ба муҳрам,
Дар хилвати кӯҳу кони меҳрам.
Ҳамболи уқоби дурпарвоз,
Ҳам обири Каҳкашони меҳрам.

Як мӯ нашавад кам Эътиборам,
Дар қулла ҳамошёни меҳрам.

## МАЪНИИ ЗИНДАГӢ

Зиндагӣ мафҳуми мушкил будааст,
Ин заминро марг ҳосил будааст.
Сар дарорад пушти шодӣ дарду ғам,
Дарду ғам сарчашмаи дил будааст.
Мешавем тахмир бо хоки аҷал,
Баски асли мову ту гил будааст.
Мондаем байни ҷидоли ақлу дил,
Кӯшиши мову ту ботил будааст.
Мардумонро мурдареги мурдагон,
Моҷароафрӯзу қотил будааст.
Умр кутоҳ, қасрсозӣ мекунанд,
Зиндагонӣ баҳри манзил будааст.
Корвони умри моро, Эътибор,
Оқибат тобут маҳмил будааст.

## СОҒАР ШИКАСТУ...

Ин охирин нигоҳи ман бар сӯйи ёр буд,
Ин охирин суруди мани интизор буд.
Дил баргирифт аз ману вопас ниҳод рӯй,
Чашми ман аз қафои ӯ чун обшор буд.
Дар баҳри оби чашм фитодам, маро надид,
Киштӣ шикасту нохудо дар канор буд.
Яъси ҳазор фасли зимистон маро гирифт,
Зеро ки дар нигоҳи ӯ моро баҳор буд.
«Соғар шикасту бодаи моро ба хок рехт,
Гуфтам: Худойро, магар соқӣ хумор буд?[10]»
Бигзашт то ба ёри дигар муътабар шавад,
Бигзашт он, ки пеши манаш Эътибор буд.

## БАҲОРИ ОРЗУ

***«Ало ё айюҳа-с-соқӣ», биёвар***
***Майу ҷому сабуи ман, куҷоӣ?***
***Исфандиёр***

Баҳори орзуи ман, куҷоӣ?
Ало, ёри накӯи ман, куҷоӣ?

---

[10] Ин байти устод Исфандиёр аст.

Зи танҳоӣ ба ҷон омад дили ман,
Аниси қиссагӯи ман, куҷоӣ?
Ҷаҳоне пур шуд аз афсонаи ман,
Ҷаҳони гуфтугӯи ман куҷоӣ?
Нишони таънаи ақли фузулам,
Дили девонахӯи ман куҷоӣ?
Марезон обрӯву Эътиборам,
Биё, эй обрӯи ман, куҷоӣ?

## НОМИ ХУШИ Ӯ...

Аз ишқи ҷавоне ба фиғонам, чӣ кунам?
Роҳе ба висоли ӯ надонам, чӣ кунам?
Ҷойи ҳама авроду дуо шому саҳар,
Номи хуши ӯ вирди забонам, чӣ кунам?

## ХАЗОНУ БАҲОР

Шаби маҳтобу ман дар интизорам,
Ба роҳи рафтаат бо чашми чорам.
Гаҳе шоду гаҳе ғамгинам аз ишқ,
Гаҳе бе ту хазону гаҳ баҳорам.

## ХАЗИНАИ ҒАМ

Эй ёр, дилам хазинаи ғам кардӣ,
Чашмони маро ту абри пурнам кардӣ.
Худро ту барои мо мукаррам кардӣ,
Моро ту барои худ муҳаррам кардӣ.

## ДИДОРИ ЁР

Зи сӯзи ишқ беморам, Худоё,
Ба доми худ гирифторам, Худоё.
Ба ҷони хастаам дармон набошад,
Ба ғайри дидани ёрам, Худоё.

## ҲАЙФИ ҚАДИ САРВ

Фарёд, ки умри ман ба ғам мегузарад,
Ҳар лаҳза маро ба чашми нам мегузарад.
Чашме нарасад ба қомати нозуки ёр,
Ҳайфи қади сарви ман, ки хам мегузарад.

## ПАЙМОНШИКАН

Шикастӣ шишаву паймонаҳоро,
Ба худ бегона кардӣ ошноро.
Ба бадаҳдӣ далелат ин қадар ҳаст,
Ки муҷрим мекунӣ ҳар дам қазоро.

## ЧУН ПАНДИ САЪДӢ

Агар бо дигаре бошӣ ҳамоғӯш,
Бибӯсад дигар он субҳи баногӯш.
Туро чун панди Саъдӣ, шеъри Ҳофиз,
Намесозам, намесозам фаромӯш.

## ДУО

Задӣ бар сар маро санги маломат,
Шикастӣ шишаамро бо надомат.
Худо чун ман туро танҳо мамонод,
Шароби шодиҳо бодо ба ҷомат.

## СОҲИЛ

Умеде бар дилам будию рафтӣ,
Чароғи манзилам будию рафтӣ.
Дар ин гирдоби ғамҳо бепаноҳам,
Канору соҳилам будию рафтӣ.

## СУБҲИ УМЕД

Ту будӣ кавкаби субҳи умедам,
Сипеҳри зиндагиро моҳу шедам.
Сияҳкорам махон, эй ёр, эй ёр,
Ки дар дайри муҳаббат рӯсапедам.

## ТИҲИДИЛ

Дар ин дунё мурode ман надорам,
Надорам рӯзи шоде ман, надорам.
Тиҳидасту тиҳиҷону тиҳидил,
Ба роҳи ишқ зоде ман надорам.

## УҚОБИ АБРУВОНАТ

Нигоҳи ту, нигоҳи ту баҳор аст,
Ҳавасҳои нигоҳат ошкор аст.
Ба тоқи чашмҳоят абрувонат,
Уқоби худпарасту бовиқор аст.

## УЗР

Набудам ман ба кас ошиқ, набудам,
Бале, Узрои ҳар Вомиқ набудам.
Ҳавасбозон, маро маъзур доред,
Агар ман бо шумо мушфиқ набудам.

## НОЛАИ ОБШОР

Азизон, рӯзгорам тангу тор аст,
Шабу рӯзам ҳама рӯзи шумор аст.
Фиғону нолаҳои обшорон,
Барои нолаҳои Эътибор аст.

## БА ТЕҒИ ҒАМ

Чу ҷоми дасти худ моро шикастӣ,
Ба теғи ғам дили моро ту хастӣ.
Дари оғӯш бикшодам ба рӯят,
Дари меҳрат ба рӯйи мо бибастӣ.

## ТАРС

Чаро рафтӣ зи ман, эй нури дида?
Чи дидӣ аз ман, эй мижгонхамида?
Ҳаметарсам, ки баргардиву бинӣ,
Маро дар гӯри торик орамида.

## ХУЛОСА

Шаби маҳтобу гардун беситора,
Гирифта ёри мо аз мо канора.
Басо маҳ инчунин бо ӯ битобад,
Вале моро намеёбад дубора.

## ҒАЙРИ ХУД

Зи ғам мастам, ба каф соғар надорам,
Касеро ғайри худ дар бар надорам.

Худовандо, ту медонӣ, ки ҷуз ту,
Дар ин ҷо муниси дигар надорам.

## САРАФРОЗӢ

Ризоем, гарчи нанвозӣ ту моро,
Ба ҳар шакле, ки месозӣ ту моро.
Худовандо, ба ҳар шодию ҳар ғам,
Сарафрозем, ки ҳамрозӣ ту моро.

## ДИЛАМ БИГЗОР

Дилам бигзор зери пойи ғам бод,
Ду чашмам чашмаи шӯри алам бод.
Ғами ишқат муқаддар гашта моро,
Ғами ишқат маро болои ҳам бод.

## БА ДУНЁВУ ҒАМАШ

Зи кас ғайри худ озоре надорам,
Ба ҷуз Аллоҳ ман ёре надорам.
Сурудам ман, суруди хилвати хеш,
Ба дунёву ғамаш коре надорам.

## СОЯДАСТ

Туро бодо муборак рӯзи милод,
Агар мелоди мо бурдӣ ту аз ёд.
Ту аз ҷоми лабе мастиву бе ту,
Худо донад зи ғам бар мо чи афтод.

## РАНҶИ НИҲОН

Рӯзе, ки аз ин ҷаҳони фонӣ гузарам,
Як сина пур аз ранҷи ниҳонӣ гузарам.
Дастам нарасид ба домани Хизри умед,
Дастам нарасиду ормонӣ гузарам.

## ТОРИКӢ

Шаби шуру шаби шодӣ муборак,
Шуморо бахт шуд ҳодӣ, муборак.
Ало домоду сенҳори накӯном,
Шуморо хонаободӣ муборак!

## АЗ ШАҲРИ АДАМ

Суруди яъсу ғам будему рафтем,
Гирифтори алам будему рафтем.
Касе аз мо напурсиду напурсад,
Ки аз шаҳри адам будему рафтем.

## ДИЛ

Диле девонахӯ дорам, Худоё,
Диле бад аз аду дорам, Худоё.
Саропо ошиқу савдои ҷонон,
Диле пурорзу дорам, Худоё.

## БАРОИ ЗОДГОҲАМ

Сафобахшандаи ҷонам ту ҳастӣ,
Чароғи дину имонам ту ҳастӣ.
Ало Дарғи бузургам, зодгоҳам,
Фурӯғи Тоҷикистонам ту ҳастӣ.

## БОЛИ ПАРВОЗ

Ҳамехоҳам, ки ҳамрозам ту бошӣ,
Чароғи дидаи бозам ту бошӣ.
Нигоҳам бигзарад аз осмонҳо,
«Агар худ боли парвозам ту бошӣ».

## ШАБНАМИ ГУЛМАҲТОБ



*Шабнами Гулмаҳтоб (Ҳасанова Гулмаҳтоб Ҷумаевна) 10-уми марти. соли 1989 дар деҳаи хушманзараи Намозгаҳи ноҳияи Варзоб дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Таҳсили ибтидоиро дар зодгоҳаш гирифта, идомаи таҳсилро дар МТМУ №59-и ноҳияи Синои пойтахт идома додааст. Пас аз хатми муассиса ба Колеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумова дохил шуд ва алҳол донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси омӯзгори забони русӣ мебошад.*

*Гулмаҳтоб аз овони кӯдакӣ ба навиштани шеър завқи беандоза дошт. Шеърҳои ӯ дар рӯзномаҳои "Пайрав", "Омӯзгор", "Оила" рӯйи чопро дид. Инчунин узви ҳамешагии маҳфили "Ҳамешабаҳор" аст. Дар тӯли эҷодиёт хеш як маҷмӯи китоб бо ном "Дар орзуи падар" (Душанбе, 2015)-ро аз нашр баровард.*

*Шеърҳои ин адибаи ҷавон дорои мазмуну мундариҷаи меҳру вафо, муҳаббат ба наздикон, меҳри модар, овони кӯдакиро дар бар мегирад. Чакидаҳои қалами гулмаҳтоб чӣ дар шеър бгошапд ва чӣ дар қисса обутоб ёфта, инъикосгарӣ меҳру вафо, дидор ва таппиши қалбҳо беғубор аст.*

*Ҳоло Гулмаҳтоб дар ҷодаи эҷод қарор дорад ва шеърҳои навини хешро барои нашр омода карда, пешниҳоди мухлисонаш менамояд.*

### НЕ ҶУЗ ОН

Модарӣ модар намояд, не ҷуз он,
Ғамбарӣ ғамбар намояд, не ҷуз он.
Гумраҳе ҳодӣ шавад айб аст айб,
Роҳбарӣ роҳбар намояд, не ҷуз он.
Қадри шеъри дил бидонад аҳли дил,
Ҷавҳарӣ ҷавҳар намояд не ҷуз он.
Дил, ки дилбархонаи дилбар бувад,
Дилбарӣ дилбар намояд, не ҷуз он.
Бо зани бегона айшат офат аст,
Ҳасарӣ ҳамсар намояд, не ҷуз он.
Қадри худ бишносу баднафсӣ макун,
Сарварӣ сарвар намояд, не ҷуз он,
Ҷуз Худо Акбар набошад дар ҷаҳон,
Акбарӣ Акбар намояд, не ҷуз он.
Ҷони модарро нагирад дигаре,
Модарӣ модар намояд, не ҷуз он.

Ҳар маҳу ҳар Шабнаму ҳар меҳрро,
Ҳақ хушуанвар намояд, не ҷуз он.

## ШАБИ АНДӮҲ

Нолаи абри боронӣ ҳама ҷоро бигрифт,
Он сукути шаби андӯҳ ҳама дунё гирифт.
Як шабе шишаи андӯҳ биафтиду шикаст,
Моҳ омад ба суроғат, ки шаб онро гирифт.
Акси он моҳи ту дар мардумаки чашми ман аст,
Чашми ҷодуи ту аз ман ҳама дунё гирифт.
З-ин сабаб хонаи танги дили ман дунё шуд,
Чунки андӯҳи замон дар дили ман ҷо бигрифт.

## БИҲИШТИ КӮДАКӢ

Дар он боғи муҳаббат кӯдакиям пушти сар кардам,
Ба ромишхонаи лахти ҷигар ман як назар кардам.
Ба акси сояи худ сояи рангинкамон дидам,
Гузашт он кӯдакиям, аҳд бо чашмони тар кардам.
Танам бо панҷаи шахшӯли мавҷи ғусса одат кард,
Чаро охир нигоҳамро маҳи шаб дар ба дар кардам.
Хиёбони дилам фарсуда аз борони даҳшат буд,
Чаро таъмири ӯро ман ба оҳу ғусса сар кардам?
Чаро бо ин ҳама ҷуръат надорам, ҷуръати гуфтор,
Ба ҳар ҷое, ки афтодам, ба ҳоли худ назар кардам.
Хато дунболи ман метохт, гӯё ман гунаҳкорам,
Қалам бо дафтари ҳастрат ҳама шаб сар ба сар кардам.

## ИНТИЗОРӢ

Ин шом пеш аз рафтанат гуфтӣ чаро бо ман чунин,
Фардо зи пешат меравам бо дарду оҳанги ҳазин.
Фардо сафар дорам бидон, бар дури дури дури дур,
Эй маҳҷабини нозанин, як дам ба паҳлӯям нишин.

Ҳарчанд аз ин хоҳишат болу парам бикшода шуд,
Мурғи дилам пар мекушод дар олами бахту мурод.
Ногаҳ азизи ин дилам оҳ, ваҳ бар рӯям баст дар,
Аммо чаро бар рӯйи ман дасти дари дигар кушод?

Донӣ, чаро он шаб дигар наздат нарафтам, ҷони ман,
Он шаб ҳамон дасти ҳаёт бигрифта буд аз дасти ман.

Андар замири қалби ман фармонраво шарму ҳаё,
З-ин рӯ нарафтам пеши ту, з-ин рӯ нагуфтам алвидо.

## ҒАМ

Мерасад рӯзе, ки аз дунё барояд ҳар ғаме,
Аз ҷиболи зиндагонияш фарояд ҳар ғаме.
Баъди шабҳо рӯзҳову баъди ҳар ғам шодӣ аст,
Мерасад рӯзе, ки дар ҷаннат дарояд ҳар ғаме.
Дар ҷаҳон дурӯза меҳмонему боқӣ дар биҳишт,
Мерасад рӯзе, ки дар ҷаннат сар ояд ҳар ғаме.
Ҳар дареро мекушоӣ, ҳаст ишорат гӯядат,
Мерасад рӯзе, ки дар ҷаннат хуш ояд ҳар ғаме.
Лутфи беҳадди Худо, Шабнам, бигирад дасти мо,
Мерасад рӯзе ба ҷаннатҳо хуш ояд ҳар ғаме.

## ГИЛА

Аё модар, чаро зодӣ, маро ту,
Миёни дарду ғам мондӣ маро ту.
Намедонад касе аҳволи ин дил,
Нахандондиву гирёндӣ маро ту.

Бирезам оби чашмамро, падарҷон,
Надорам тоқате аз дарди ҳиҷрон,
Бисӯзад устухонам сӯзи ин дил,
Аз он рӯзе, ки таркам гуфтӣ, ай ҷон.

"Ҷаҳону зиндагоним бо ту зебо,
Хушиҳои ҷавоним бо ту зебо".
Падар, дунёи армонам ту ҳастӣ,
Ҳама ширинзабоним бо ту зебо.

Ба зери хок хобӣ, эй падарҷон,
Маро охир чаро ҳамраҳ набурдӣ.
Надонистӣ, ки бе ту мешавам хор,
Маро ту дар паноҳи кӣ супурдӣ?

## ХУШГАВҲАР

Ман зи дасти ҳама навмедии хеш
Сар бимондам сари зонут, модар.
Қатра-қатра ашки чашмонам рехт,

Аз барои ту, аё, хушгавҳар.
Мо ҳамонем, ҳамин бош, эй ҷон,
Мо амонем, амин бош, эй ҷон.
Бинамат, рӯйи падар ояд ёд,
Бинамат, рӯҳи падар гардад шод.

**ДОРО**

Шоме, ки падар набошадат андар бар,
Торик шавад шоми ту то субҳи саҳар.
Рӯзе, ки падар набошад андар бари ту,
Бошад бари ту ҳамеша холӣ бе ӯ.
Эй рӯшании хонаву даргоҳу дарам,
Дунё холист бе ҷамолат, падарам.
Дунё гузарон асту гузар мо дорем,
Ҳам минбару тахту симу зар мо дорем.
Дороии ин ҷаҳон ба мо ҳеҷ бувад,
Бе файзи падар арзу само ҳеҷ бувад.
Дороии зиндагонии мо ӯ буд,
Бо мо ба ҷаҳон аз ҳама доро ӯ буд.

**МОҲИ МАЙ**

Рӯзи нуҳум гуфтӣ моро алвидоъ,
Хайр гуфтӣ ту ману ин сарзамин.
Бо нигоҳу бо табасумҳои худ
Пора кардӣ қалби ман, ҷони ширин.
Пора-пора санги хоро гаштаам,
Бе мадору бе мадоро гаштаам.
Бе ту мисли булбули бедонаам
Бе ту мисли кафтари бехонаам.

**ТААҶҶУБ**

Эй ахтарони осмон,
Эй қалби пур аз ормон.
Эй кӯҳҳои соқиту орому сарбаланд,
Эй чашмасорҳои пурасрору дилписанд.
Як умр бо манед!
Як умр рушанед!
Аммо чаро наояд азизам ба даргаҳам?
Оё падар бувад зи ҳама ҳол огаҳам?!

**БЕ ТУ**

Мекунам суроғат ҳар дам,
Ба кӣ гӯям ҳама дардам?
Оҳ, аз ин қалби пур аз сӯз
Ки кунад ёди ту ҳар рӯз.
Мекунам ёди ту ҳар дам,
Ин дилам хуншор бе ту,
Дар ҳаёт кардӣ таркам,
Зиндагим душвор бе ту.

## ДАР МАЗОРИ ПАДАР

Нишастам рӯ ба рӯят, эй падарҷон,
Бимон, дарди диламро қисса созам.
Вале хомӯшиат девонаам кард,
Аз ин рӯ, бо алам ман гиря созам.

Ҳаме хоҳам фақат хоки мазорат
Ба чашмон моламу болин бисозам.
Агарчи зиндагонӣ ҳаст беранг,
Ба ёди ту варо рангин бисозам.

Зи ҳар як хонаву ҳам боғу бӯстон,
Машомам ҳар замон бӯйи ту ҷӯяд.
Кашад сар аз замин гар ҳар гиёҳе,
Кашам бӯяш, ки он бо ту бирӯяд.

Агар рӯзе сабо бӯят наорад,
Ба мисли гул басе пажмурда гардам.
Тамоми умр андар зндагонӣ
Ба ёдат, эй падар, бо ранги зардам!

## МУШКИЛ

Субҳе, ки ту рафтӣ, рафтам аз ҳуш,
Субҳи дигарам чу шаб сияҳ шуд.
Ҳар лаҳзаи зиндагонии ман
Бе ту тира мисли тирамаҳ шуд.

Мушкил будаст, агар ба дунё
Ҳар шом агар падар набошад.
Мушкил будааст зиндагонӣ,
Дидори падар агар набошад.

## ЗИНДАГӢ

Обутобам додаст ин гирудори зиндагӣ,
Мекунам шукри Худоро бо баҳори зиндагӣ.
Дар лаби хони умеду орзу созам дуо,
Чашмҳоям гашта тоза аз ғубори зиндагӣ.
Масту махмур интизори ту будам ҳар рӯзу шаб,
Дастҳоям чанг гашту дил дутори зиндагӣ.
Ростроҳиро намесозам иваз бар роҳи каҷ,
Гарчи гаштам, эй азизон, хору зори зиндагӣ.
Дар фироқат, эй падар, ман гиряҳо кардам хамӯш,
Таънаи ҳар нокасам шуд нангу ори зиндагӣ.
Дар биёбони фироқат хушк гаштам чун дарахт,
Монеи сабзидани ман буд баҳори зиндагӣ.
Борҳо пурсидам аз шодиву дарди худ зи худ
Аз ту омӯхтам, падарҷон, ифтихори зиндагӣ.
Шабнамат бори дигар гӯяд ҷавоби ин суол,
Шаб чу Гулмаҳтоб шуд шабзиндадори зиндагӣ.

## ВАҚТ

Ин вақти саросема зи ман дер сафар кард,
Ин шоми пур аз ғуссаи ман дер саҳар кард.
Ин шоми пур аз шӯру шарар бар дили ман зад,
Ӯ субҳи пур аз шодии ман ҷойи дигар кард.
Дар хоб чаро мондаӣ, эй мурғи саҳархез?
Ё соати ман з-ақрабаки хеш ҳазар кард?
Не, айби ману айби туву соати ман не,
Ин вақт маро то саҳарӣ хуни ҷигар кард.
Аз хӯрдани ғам косаи сабрам шуда лабрез,
Шаб Шабнами дилреш фақат ёди падар кард.

## НИШОНАИ ТИР

Фарёд, фалак нишонаи тирум кард,
Пайваста ба дарду ғусса занҷирум кард.
Пайваста ба дарду ғусса занҷир нашудум,
Ғамҳои падар ба сад алам пирум кард.

Номакша гирум, ин ҷигарум месӯза,
Дар тан рагу пай, мағзи сарум месӯза.
Дӯсто, чӣ кунум, дарди мара нест даво,
Дар ҳар нафасум раг ба рагум месӯза.

Эй қисмати талху сарнавшти сардум,
Ай аввали зиндагӣ ба ғам пайвандум.
Ман рӯзи хуша дар ин ҷаҳон кам дидум,
Ҳар шому саҳар дидама пурнам дидум.

**ПАДАР**

Дар чор бурҷи хона нақши туро кашидам,
Аз чор сӯи хона бӯйи туро шамидам.
Дар остони хона хуш омадед гуфтам,
Аммо, падар, дареғо, рӯйи туро надидам.

Ин қалби ман зи ҳаҷрат, оромише надорад,
Охир, чӣ чора созам, қисмат туро биёрад?
Омад баҳор, аммо боғи дилам хазонрез,
Борони бахт бе ту кай бар сарам биборад?

**ҚАЛАМ**

Қалам ҳамрози ман бошад, азизон,
Вале аз ғусса яксар менависам.
Агарчӣ дардҳоям бешумор аст,
Ҳазорон дарди дигар менависам.
Ба тасвири ҳазорон ғуссаву ғам,
Бимонда пеши ман оҷиз қалам ҳам.
Худоё, рангдони ман адо шуд,
- Ба хуни дил навис!
- Амр аз Худо шуд.

**УМР**

Умрам гузашт кам-кам, бигзашт навҷавонӣ,
Ҳам зору ҳам ҳақирам аз дасти нотавонӣ.
Дунёи бенишонро аз ман фақат нишон буд,
Сад ҳайф, баъди рафтан боқист бенишонӣ.
Рахти сафар бубандем, ар пир ё ҷавонем,
Рафтан, ки қарз бар мост аз ин ҷаҳони фонӣ.

**МУАММО**

Зиндагӣ бо пастиҳояш,
Зиндагӣ бо сахтиҳояш,
Зиндагӣ бо сардиҳояш
Он азизамро зи дидори падар маҳрум гардонд.

Номаи номардиро бар дасти ӯ рӯзе расонд.
Номае, ки дошт дарду дошт ранҷу сӯзу ғам,
Бо хуни дил номаро бинвишта будам бо алам.
Эй бародар, қиблагоҳам рафту ранҷурем мо,
Ту набудӣ, то варо дар хок биспорӣ, чаро?
Ин суолу он суолу боз ҳам чанде суол
Бе ҷавобанд !
Ин муаммо мекушад охир маро!

## ИЛТИҶО

Худоё, ин чӣ рӯзе бар сари ман,
Падар бемор, сард ин бистари ман.
Хушиҳои ҷаҳони навҷавонӣ,
Шикаст амсоли кӯза дар бари ман.

Падар мебинаму месӯзам аз нав,
Бараш мешинаму месӯзам аз нав.
Бараш мешинаму бо ҳарфи таскин
Ғамаш мечинаму месӯзам аз нав.

Нигар бар чеҳраи зардам, Худоё,
Нахоҳам бе падар гардам, Худоё.
Намехоҳам дигар бо оби дида
Бишӯям рӯи худ ҳар дам, Худоё.

## ТАРС

Чашми сиёҳи пурнамам
Ҷӯяд варо, ҷӯяд варо.
Дар зиндагонӣ ҳар нафас
Сӯзад маро, сӯзад маро.

Як каф дуои неки ӯ,
Буд гар нигаҳбонам Худо,
Акнун чӣ созам зиндагӣ,
Бе он дуо, бе он садо.

Роҳи дарози зиндагӣ
Пурпечу реб аст, эй Худо.
Гулдаста бехор аст агар,
Ҳуснаш базеб аст, эй Худо.

Чун гул будам, гаштам чу хор,
Чунки надорам боғбон.
Ҳар лаҳза хоре мехалад,
Ҷӯям туро, ай беҳ зи ҷон.

Эй қиблагоҳам, баъди ту
Ду дидаам хуншор шуд,
Ин қалби ман аз дасти ғам
Афгор шуд, афгор шуд.

Ҳаргиз надорам қудрате,
Монам қадам бе ту, падар.
Метарсам аз он қисмате,
Месӯзадам бори дигар.

## МАЛИКАИ БАХТИЁР



*Маликаи Бахтиёр 19-уми феврали соли 1994 дар ноҳияи Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Аз хурдсолӣ ба адабиёт завқи баланд дошт. Ҳикояҳо, хабару мақолаҳои ӯ дар саҳифаҳои воситаҳои ахбори оммавӣ чоп шудаанд.*

*Соли ҷорӣ бахши магистратураи факултети филологияи донишгоҳи давлатии Самарқандро хатм карда, дар мавзӯи «Жанри маснавӣ ва гуногунрангии он дар асрҳои X-XII» кори диссертатсионӣ навишта, онро бомуваффақият ҳимоя кард.*

*Баъзе намунаҳои асарҳояш дар маҷмӯаҳои дастаҷамъӣ ва китобҳои алоҳидааш бо номи «Бонувони хонадони Гулханӣ» ва «Зевари дунёст набера» аз нашр баромадаанд.*

*Ҳоло дар факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ҳамчун муаллимаи фанни педагогика фаъолият дорад.*

*Оиладор, модари як нафар фарзанд.*

## ШИКОЯТ

– Ман яктоякак хоҳарарӯс бошам ҳам, шумо маро «укамуллоҷон» намегӯед. Имрӯз келини ҳамсоя бо коре ба хона омада, аз шумо беҳтар маро «укамуллоҷон» гуфт, – ба янгаҳояш шикоят кард хоҳарарӯс.

– Он ҳамсоякелин бо шумо якҷоя зиндагонӣ намекунад-дия. –ҷавоб дод янга.

## БАҲОНА

– Ҳамроҳат канӣ? –пурсид муаллим аз магистранте, ки онҳо худ ду нафар таҳсил мегирифтанд.

– Намедонам, муаллимҷон, ҳозир меомадагист.

– Ӯ ба дарс намеояд. Дарси гузашта ҳам, наомада буд. Одати ӯро ман медонам. Беҳтараш имрӯз ҳам, дарс намегузарем, равед ба шумо низ ҷавоб.

– Не, муаллимҷон, дарси гузашта ҳам, кор дорам гӯён моро ҷавоб дода будед. Майлаш, танҳо бо ман дарсро гузаштан гиред, баъд он ҳамкурсам аз ман мекӯчонад.

– Дарси оянда ба дуятон якбора дарс мегузарам.

Ҳамин вақт он донишҷӯ омада, хурсандона гуфт:

– Муаллим, ба ҷойи фиристодаатон рафта, коратонро буд карда омадам.

## ЭҲТИЁТКОРӢ

– Ту барои чӣ якбора бо се ҷавон гап мезанӣ. Охир, дӯстдоштаат ҳаст-ку? – пурсид духтаре аз дугонааш.

– Ҳа, дӯстдоштаам якто. Лекин бо ду нафари дигараш аз рӯйи эҳтиёт гап мезанам. Мабодо дӯстдоштаам маро нагирад, онҳо ҳастанд.

## МАҲОРАТИ ОШПАЗЗАН

– Ман шуморо пазандаи бомаҳорат гумон карда саҳв кардаам, – баъд аз кор омадан ба модараш шикоятомез гуфт Собир.

– Барои чӣ ин хел мегӯйӣ, писарам? Кадом хӯроки пухтаам ба ту маъқул нашуд, – ин суханони писарашро ҷиддӣ қабул карда, ғамгинона гуфт модар.

– Шумо аз макарон фақат ду-се хел хӯрок пухта метавонед. Мана ошпаззани ҷойи кори моро бинед, қариб 25 намуди хӯроки макарондор мепазад. Ҳар рӯз хӯроки мо аз макарон. Ба пазандагии вай қоил шавед, меарзад, модарҷон!

## КЕЛИНИ ЗӮР

Ҳамсоязанҳо дар кӯча нишаста, ғайбати келинҳояшонро мекарданд. Яке ноуҳдабароиву маҳмаддоноии келинашро бад кунад, дигаре қобиливу гапдароии келинашро таърифу тавсиф мекард. Бо вуҷуди он, ҳар кадом боз аз ягон ҷиҳати келинҳои худ норозӣ буданд.

Яке аз занҳо гуфт:

– Келини ман аз уҳдаи ягон кор намебарояд, ба болои ин боз забонаш се ваҷаб асту доим гапгардонӣ мекунад. Бо вуҷуди ҳамаи ин, келини ман аз ҳамаи келинҳо беҳтар мебошад. Зеро, падару модари ӯ дар зодрӯзҳои ману писарам, келину набераҳоям ва дар иду ҷашнҳо чунон тӯҳфаҳои қиматбаҳоеро меоранд, ки аз дидани онҳо ҳамаи кирдору рафторҳои бади келин аз хотирам мебарояд.

## МАЗМУНИ ЗИНДАГӢ

Ӯ ҳамеша бекор буд. Гоҳ – гоҳ коре пайдо шавад, ба мардикорӣ мерафту дигар вақтҳо ҳамроҳи занаш ба хонаи хешу табору ҳамсояҳо меҳмонигардӣ мекард. Мехӯрду менӯшиду аз болои одамҳо механдид. Ҳамин тавр зиндагониашро мегузаронид. На парвои хонаву дар дошту на парвои зану фарзандон. Аз ин рафтори падар фарзандонаш шармида, ҳатто ба назди ҷӯраҳояш намебаромаданд. Ҳарчанд инро ба падарашон гӯянд, ки нафъе намебахшид. Фарзандҳо калон шуда, барои ба даст овардан маблағи калон азоби мусофирӣ кашиданд. Маблағи фиристодаи фарзандонро падару модар нӯши ҷон менамуданд. Мехӯрдаңду хоб мекарданд, вақте, ки зиқ мешуданд ба дари хешу табор

ва ҳаққу ҳамсояҳо рафта, гапфурӯшӣ мекарданд. Барои онҳо гӯё мазмуни ҳаёт гузаронидани рӯз буд…

## ЗАБОНДАРОЗӢ

– Ҳамсоя, оё дуруст аст, ки ба духтаратон ва хешу ақрабои шавҳаршавандааш бисёр чизу чораҳо карда истодаед?

– Барои чӣ дуруст набудааст? Падару бародаронаш барои духтари яккаву ягонаамон аз хориҷа чӣ қадаре, ки гӯям, пул мефиристанд. Ҳоло на худамро фикр мекунаму на оилаи писаронамро. Ҳамаи маблағро барои ояндаи духтарам харҷ карда истодаам. Агар ба падару модар ва дигар аъзоёни оилаи домод чизҳои қиматбаҳо кунам, духтарам дар назди онҳо бо рӯйи сурху забони дароз мегардад.

– «Э Худоё, тавба, рӯйсурхиву забондарозӣ ҳам аз пайи чизу чора шуда будааст-е!» – зери лаб гуфт ӯ.

## АЗ МО ЯК ИШОРА

– Холамулло, ба шумо қоил. Дар сӯҳбат ба ягон хел курта ё пойафзол ҳавасатон рафтанашро ба мо мегӯеду зуд он чизу чораҳоро қудоҳоятон дар рӯзҳои иду айём бароятон муҳайё мекунанд. Онҳо ҳамин қадар доно ё шумо рӯйирост фармон медиҳед, ки чунин сарупо кунанд?

– Наход, ҳаминро ҳам надонед, ҳамсояҷон! Ба қудоҳоямон дигарҳоро мисол меорем, ки ба модарарӯсу падарарӯси духтарашон чиҳо кардаанд, олам гулистон. Барои хушбахтии духтарашон ба дили моро ёфтан маҷбур мешаванд. Ҳамин тавр, ҳамсояҷон, аз мо як ишора аз онҳо ба сар давидан.

## СУПЕР ПАДАРШӮ

Се дугонаҳо вохӯрдanду сӯҳбати онҳо қӯр гирифт. Яке шавҳарашро таърифу тасниф кунад, дигаре хислатҳои ношоями модаршӯяшро ба забон меовард. Сеюмӣ суханҳои онҳоро шунида, хап менишаст.

Пас аз гуфтугӯйи тӯлонӣ ҷавонзанҳо ҳайрон шуда, аз дугонаашон пурсиданд:

– Барои чӣ шумо гап намезанед? Ё бо мо гуфтугӯ кардан намехоҳед? Метарсед, ки асрори оилавиатонро ошкор кунед, чашм мерасад?

Ҷавонзан нимшӯхиву нимҷиддӣ гуфт:

– Ман гӯяму шумо шунавед, дугонаҳо. Дар оила шавҳар ва ё модаршӯ хӯҷаин бошад, хуб будааст. Аммо дар оилаи мо супер падаршӯ ҳукмрон аст. Падаршӯям ҳам кирои -дия. Баробари корҳои рӯзгор аз дигар кирдору рафтори келинҳо доимо бохабар. Мо чӣ гуна курта

мепӯшем, барои чӣ либоси нав мехарем, аз кадом ҳисоб харид мекунем, рӯямонро чӣ гуна оро медиҳем ва ба ҳамин монанд корҳоямонро низ санҷида, бо саволҳояш моро лол мекунад.

– Наход мард ҳам ба ҳама кор ҳамроҳ шавад? – ҳайратомез пурсиданд дугонаҳо.

– Ҳа, падаршӯйи мо чунин хислатҳои наҷиби инсони доранд, -гуфт ҷавонзан хандида.

– Ба ту сабри ҷамил мехоҳем, дугонаҷон.

## ОБРӮ

– Барои чӣ рӯзи тӯйи хоҳарат аз болояш пул напошидӣ? – пурсид модар аз писараш.

– Аз ҳамин кор чӣ фоида, модарҷон? Баъди муддате ӯ ба кор мебарояд. Ҳамон пулро ба дасташ диҳам, барои равуо ба кор ё дигар эҳтиёҷҳояш харҷ кунад, беҳтар нест? -гуфт писар.

Модар норозиёна гуфт:

– Баъди тӯй аз ягон ҷой пул ёфта, рӯзашро гузаронидан мегирад. Лекин, агар рӯзи тӯй дар назди мардум пул чош мекардӣ, ин обрӯйи оиламон, алалхусус обрӯйи бародарии ту мешуд-дия, бачем.

## КИНОЯ

– Ба келини ҳамсояамон Суманхола ҳавасам омад, -ба келинҳояш шунавонида гуфт модаршӯ.

– Барои чӣ? – пурсид духтараш.

– Чизу чораро хеле дӯст медорад. Алоҳида кӯчида баромаданашро фаҳмида, дар рӯзғораш чӣ лозим бошад, ҳамаашро ба модараш таъин мекардааст. Модараш ҳам барои духтараш ҳеҷ чизро дареғ надошта, ҳамаи гуфтаҳояшро дар рӯзҳои зодрӯзи наберагону духтару домодаш иҷро менамудааст. Ҳамин тавр, келинчак чиздор мешавад – дия. – гуфт модаршӯ ба келинҳояш нигоҳ карда.

## ОБУ АРАҚИ ХИҶОЛАТ

- Мебахшетон, мо каме дер мондем, – мард як ба даъватнома ва як ба навиштаҷоти рақами рӯйи миз нигариста гуфт. Вале гирди миз фақат як курсии холи буд. Дигар курсиҳо банд. Вай ба курсӣ нишаст ва зуд аз ҷой хест.

– Бачаҳоро пеши модарашон монда наомадед – дия? — гуфт яке, ки аз ин суханони маслиҳатомез оҳанги пичингаш бараъло ҳувайдо буд.

– Ҳоло барвақт… Монед, инҳо зиндагонӣ кунанд, — ҷавоб дод. Вай чӣ кор карданашро надониста, араќи сару рӯяшро пок кард. Ӯ ба куҷо ҷойгир кардани фарзандонашро намедонист.

Дар саҳни боғи калоне зиёфати расмии идона давом меёфт. Рӯйи мизҳо бо гули меваю хӯрокиву нӯшокиҳо оро ёфта буд.

Дар паси мизҳои пурнозу неъмат роҳбарон, шахсони маъруфу машҳур, пешқадамони соҳаҳои гуногун менишастанд. Ҳама бо галстук ва шиму костуми зебо, ришу мӯйлабҳои тарошида занҳо аз ҳаррӯза ҳам зебову дилбар ба назар мерасиданд. Ҳамин вақт боз се нафар бача омаданд. Як духтарчаву ду писарак. Сару либоси ӯ нисбати дигарон оддитару хоксорона менамуд.

– Сахл дер мондед, хайр ҳеҷ гап не, — гуфт ҳампаҳлӯи дасти росташ. – Бачаҳоро ҳам овардед, нағз – ва кинояомез илова кард. – Ишкамашонро сер карда мераванд.

– Ҳамин хел шуд, — сурх шудаву забон хоид мард. Вале барои бачаҳо ҷой набуд. Байни обу оташ монд.

– Ин одам ба куҷо омаданашро намедонад? – марди ишкамкалони рӯ ба рӯ ба гӯши ҳампаҳлӯяш пичиррос зад. — Худаш ҳам латтамард барин. О бачаву оча мегӯянд.

Ҳампаҳлӯяш ҷавобе надод.

Онҳо боз хӯрдану нӯшидани худро давом доданд.

Дар як гӯша санъаткорон хизмат мекарданд. Бачаҳо дар атрофи падарашон рост истода, чашми худро аз рӯйи миз намеканданд.

– Гиред! – ҳампаҳлӯи дигараш ба хӯрдану нӯшидан мурoот кард.

– Албатта, албатта! – гуфт мард ва аз шарм бо дастрӯймол араќи сару гарданашро пок кард. Гапҳои бачаҳоеро, ки ба гӯшаш мегуфтанд, бо ишораи сар инкор мекард. Баъд шармидаву кебида аз пешонии духтарчаву писарча, ки ҳамсин менамуданд бӯсид ва сари писараки калониро сила карда, ба як гӯшаи боғ бурд, ки ҳунарнамоии ҳофизонро тамошо кунанд. Мард пас аз лаҳзае хиҷолатзада ба ҷояш баргашт.

– Ба шумо чӣ резам? — пешхизмат пурсид. – Араќ, фанта, об?

– Об, — овозаш ларзид.

Мардуми гирди миз ва атроф ба назараш гӯё ба вай бадбинона менигаристанд. Онҳо чиҳо мегуфтанд, ӯ намедонист, вале ҳис мекард, ки ӯро наҳ мезананд. Вай оҳиста хеста, назди бачаҳо, ки дар як гӯшаи боғ ҳунарнамоии раққосаҳоро тамошо мекарданд, рафт.

Ӯ рафту бадгӯии нишастагони атрофи миз ҷӯшид.

– Занҳо бачаҳоро ба маърака бурданашон табиӣ. Худоё, ба ин мард чӣ бало задааст, ки бачаҳоро кашола карда омадааст? Ё занаш дар хориҷа…

– Кӣ медонад, ҳар касу ҳар чӣ? Шояд тамошо гумон кардагист.

– Э, ин хел одам мард нашуда мурад – нағз.

– Ин хел одамҳоро даъват накардан даркор…

Хӯрок оварданд.

Мард омада нишаст. Вале аз нигоҳи ҳамроҳон худро канор мегирифт. Ба хӯрок ҳам даст набурд. Фақат гоҳ-гоҳ аз фужери булӯрӣ як-ду қулт об менӯшиду араќи сару гарданашро пок мекард. Дигарон гӯё барои хӯрдану нӯшидан омада бошанд, бетанаффус ба рӯйи миз «ҳуҷум» мекарданд, мехӯрданду менӯшиданд ва бо даҳони пур хӯрокҳоро ба чор тараф пош дода, гапфурӯшӣ мекарданд. Вай бошад, гӯё барои обхӯриву арақпоккунӣ омада буд.

Ниҳоят, садои суруду мусиқӣ хомӯш гардида микрофонро садри базм гирифт.

Баъди чанде табрик ба тақдимот гузошт.

– Ҳоло мо ба тақдимоти шахсоне, ки дар пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ комёбиҳои калон ба даст овардаанд, мегузарем. Пеш аз ҳама ба саҳна Шермуҳаммад Идибековро даъват мекунем.

Дар ин ҷои сухан мард хамтар шуда, гӯё хаси болои оташ бошад, ба худ печид.

Вале ба ин ҳолати ӯ касе эътибор надод.

– Ҳамсари ин бародари мо баъди таваллуди фарзандони дугоник вафот кард. Дугоникҳои навзодро танҳо парваришу тарбия карда, ба воя расониданд, ки номбардори на танҳо Самарқанд, балки тамоми кишварамон гаштанд. Писари калонӣ Бежан дар олимпиадаи химикони навраси байналхалқӣ ҷойи якумро гирифт. Дугоникҳо – Ромиз дар чемпионати шоҳмоти Осиё ғолиб омад. Хоҳаракаш Рамзия ғолиби мусобиқаи гимнастикачиёни бадеии кишварамон шуд. Барои тарбияи чунин фарзандон бо қарори сарвари давлатамон Шермуҳаммад Идибеков бо ордени “Барои хизматҳои бузург” сарфароз гардонида мешаванд. Марҳамат, Шермуҳаммад Идибеков ба саҳна бароед.

Мард аз ҷой хеста, ба сӯйи саҳна рафт.

Ҳама шарикони паси миз нишаста карахт шуданд. Дигар дасту дилашон ба хӯроккхӯриву нӯшокӣ намерафт. Шояд аз гумону бадгӯйиҳои худ ботинан шарм медоштанд?

Пеши мизи мард чӣ тавре, ки ҳангоми ородиҳии дастархон буд, ҳамон тавр ба назар мерасид. Фақат дар таги фужери ӯ каме об боқӣ монда буд.

Вай ба сари миз дигар барнагашт…

## ДАНДОНИ ДАБДАЛА

Аз ҳалвову конфетхӯрии бисёр дандонҳои Анушервони чаҳорсола кирмхӯрда шудааст. Дандончаҳои хоҳараки дусолааш Шукрона тезу биринҷ барин як радда аст. Баъзан бо ягон сабаб ҷанҷол кунанд, Шукрона рӯю дастони Анушервонро мегазид. Анушервон бошад, бо дандонҳои кирмхӯрдааш ҳатто гӯштро дуруст хоида наметавонист.

Рӯзе онҳо боз ҷанҷол карданду Шукрона дастони Анушервонро газид. Ин кори ӯ ба Анушервон сахт алам карду ба назди бибиаш рафта, гирякунон гуфт:

– Бибиҷон, дандонҳоямро тилло кунем, ё мисли бобоям дандонҳои дигар монем.

Бибиаш тасаллоомез гуфт:

– Дадаҷон, ин корҳоро одамон баъди пир шудан мекунанд.

Анушервон аз ин гапҳои бибиаш сахттар гиря карда, гуфт:

– О, ин дандонҳои ман дабдала. Ин Шукрона пир шудан мемонад?

– Сабаби ин хел шудани дандонҳоят чӣ?

Анушервон лаҳзае ба фикр фурӯ рафт ва оҳиста шоколадеро аз кисааш бароварда, ба дасти модаркалонаш дод.

## ВЕЛОСИПЕДЧА

Се–чор рӯз боз дандони Нозия дард мекард. Ӯ танҳо ба назди духтури дандон рафтан намехост. Аз ҳамин сабаб ҳар рӯз ба модараш таваллою зорӣ мекард, ки ҳамроҳ ба духтурхона раванд. Зеро дандонҳои модараш ҳам дардманду табобат карданашон лозим. Якҷоя раванд, нағз, ҳар ду баробар табобат мегирифтанд. Вале модараш рафтан нахоста, доимо мегуфт:

–Ҳоло дандонам дард намекунад. Агар дард кунад, аввал намакобро ба даҳонам медорам, агар намакоб таъсир накунад, пахтаи кӯҳнаеро аз мағзи ягон кӯрпа ва ё кӯрпача гирифта, ба зери дандонам гузошта, онро газида мешинам, вай ҳам фоида нарасонад, пахтаеро ба спирт тар карда, ба зери дандони дардкарда мегузорам, агар ҳамаи ин таъсир накунад, доруи «синепар» ва ё «корфлам»–ро мехӯрам. Агар ҳаминҳо ҳам таъсир накунаду боз шаби дароз дандонам дард карда барояд, ана баъд пагоҳӣ аз хобам мехезаму маҷбур ба пеши духтури дандон меравем.

Вале Нозия ба дарди дандон тоқат карда натавонист, ба духтурхона омад. Дар паси дари духтури дандон одамони зиёд навбатпоӣ мекарданд. «Пешонаи шӯри ман дар гӯр, акнун аз дарс дер мемонаму аз муаллимони коллеҷ ишкамсерӣ гап мешунавем, – аз дил гузаронд ӯ. –Хайр, чӣ илоҷ? Бояд навбатамро интизор шавем». Ӯ ба хараке, ки барои навбатпоён гузошта шуда буд, рафта нишаст. Пеш аз ӯ боз ду–се нафари дигар дар навбат истода буданд. Онҳо барои воҳимаро дур кардан байни худ сӯҳбат мекарданд. Нозия ҳам ба сӯҳбати онҳо, аз дарди дандону дандонканӣ буд, ҳамроҳ шуд.

Дар байни навбатдорон зане писарчаи шашсолаашро оварда буд. Писарчааш Анис аз духтури дандон тарсида, беист гиря мекард. Нозия ба модари Анис ҳарчанд дандонҳои модарашро табобат кардан лозим

бошад, ки аз якравиву гаҷирӣ ба духтурхона омадан нахостанашро гуфт. Бефоида гаштани таваллою зории акаву апаҳояшро ҳам ба забон овард. Ҳамин вақт Анис аз гиря кардан бозистода ба Нозия маслиҳат дод:

–Шумоён ба модаратон беҳуда ин қадар таваллою зорӣ мекунед. Ба он кас як куртаи зебоеро ваъда мекардед, давида меомаданд.

Аз ин маслиҳати Аниси хурдсол хандаи Нозия омад ва аз ӯ пурсид:

– Анисҷон, ту инро аз куҷо медонӣ?

– Медонам–дия, – чашмонаш барқ заданд. –Очаам ҳам маро велосипедча мехарем гуфта, ба ин ҷо оварданд.

## БАХИЛ КИСТ?

Дилшод ва Шодиёр аз синфи якум бо ҳам дӯсти қарибанд. Ҳарду бо баҳои аъло мехонданд. Онҳо чунон ба якдигар одат кардаанд, ки бо ягон сабаб яке ба мактаб наомада монад, дигаре як чизи муҳими худро гум кардагӣ барин мешуд. Вазифаи хонагиро ҳам якҷоя тайёр намуда, ба якдигар нишон медоданд ва хатоҳояшро ислоҳ менамуданд. Ба дӯстии онҳо ҳамсинфон ҳавас мекарданд.

Рӯзе Дилшод машғули футболбозӣ гашта, иҷрои вазифаи хонагиро аз ёд баровард. Аз Шодиёр илтимос намуд, ки вазифаи хонагиро аз дафтари ӯ кӯчонад. Шодиёр розӣ шуд. Дилшод хеле хурсанд гардид. Шодиёр гумон дошт, ки ин кори ӯ як – ду дафъа аст. Вале вазифакӯчонии дӯсташ қариб ҳар рӯз такрор мешуд. Дилшод баъзан барои худсафедкунӣ мегуфт:

– Илтимос, ҷӯраҷон, бори охир вазифаи хонагиро барои кӯчонидан деҳ. Худам иҷро карда натавонистам. Бар замми ин, дар хона чунон кор бисёр шудааст, ки барои дарстайёркунӣ вақт намеёбам.

Шодиёр ба суханҳои дӯсташ бовар мекард. Вале худ ба худ меандешид, ки бо ин гуна рафтораш ба дӯсташ бадӣ мекунад. Ӯро танбалу сустхон мегардонад. Аз ин рӯ, боре ӯ ба Дилшод гуфт:

–Дилшод, ман дӯсти ту, ҳамеша ба ту ёрӣ мерасонам, фақат вазифаро худат иҷро намо. Ҳоло то саршавии дарс вақт ҳаст…

–Ту чӣ гуна дӯстӣ, ки вазифаи хонагиатро аз ман дареғ медорӣ? – шӯрид Дилшод. –Ту бахил ҳастӣ! Агар хоҳӣ, бар ивази вазифаи хонагиат пулашро медиҳам?!

–Ба ман пул лозим не, – ранҷид Шодиёр. –Ман ба фоидаи ту гап мезанам. Намехоҳам, ки ту танбалу сустхон шавӣ, тамо хонандагони синфро ба қафо кашӣ...

–Ман мӯҳтоҷи панду насиҳат ту нестам! Дӯстии мо тамом! – гӯён Дилшод аз назди Шодиёр дур шуд.

Шерзод, ки баҳси онҳоро мешунид, аз Дилшод пурсид:

–Бар ивази вазифаи хонагӣ чанд пул медиҳӣ?

–Пули дуто дафтар! Агар розӣ бошӣ, вазифаи хонагиатро деҳ, ки зудтар рӯйбардор кунам.

Ҳамин тавр, Дилшод аз Шодиёр рӯй тофта, бо Шерзод ҷӯра шуд. Аз падару модар бо ҳар гуна баҳона пул гирифта, ба Шерзод медод.

Рӯзе ҳангоми бозгашт аз мактаб Дилшодро саге сур кард. Пойи Дилшод лағжиду болои лой парӯ афтид. Саг гирд – гирди ӯ чарх зада, беист аккос мезад. Ҳамсинфонаш ба ин ҳоли ӯ хандиданд. Дар байни онҳо Шерзод низ буд, ки баланд – баланд механдид. Шодиёр бошад, ба ёрии Дилшод шитофт. Ӯ сагро пеш карда, дӯсташро хезонд ва сару рӯяшро бо рӯймолча тоза кард.

## МАКТАБРАВ ШАВАД…

Анушервон тамоми рӯз ҳамроҳи бибиҷонаш буд. Шабона бибиаш ба ӯ афсонаҳои шавқовар мегуфт. Барои набераааш суруди алларо мехонд, навозиш мекард.

– Дадаҷонам калон шавад, мисли апаҳояш мактабрав шавад. Бобоҷонаш костум буруки нав хариа диҳанд. Вай костум буруки зеборо пӯшида, ба мактаб равад…

– Бибиҷон, – ба модаркалонаш рӯ овард Анушервон. –Ба умеди бобом нашуда, пагоҳ худатон костум бурук харида диҳед.

## АРӮСРО КАЙ МЕОРЕД?

Пас аз хӯрокхӯрӣ бобоҷони Анушервон даст ба дуо мебардошт. Ӯ шукронаи таомро гуфта, фарзанду наберагонашро дуо мекард ва дар охир илова менамуд:

– Ҳамин Анушервон ҳам калон шавад, мактабхон шавад, донишманд шавад. Дар корҳои калон кор кунаду барои манну бибиаш ҳам як кило гӯшту дуто нон орад. Барои Анушервор як келини зебо биёрему бибиҷонаш ба таги чимилиқ дарорад.

Рӯзе ҳангоми дуогӯӣ досташро поин карда аз бобояш пурсид:

– Бобоҷон, оминатон пури ваъда. Арӯса кай меоред?

## БАР ПАДАРАТ РАҲМАТ, ПИСАРАМ!

Озод ба хоб монда, дертар бедор шуд. Саросемавор дасту рӯ шуста, либосҳои мактабиашро пӯшид ва ба сӯйи мактаб метохт, ки модараш ба досташ пул дод. Яъне, нонушта накардаасту аз дӯкони мактаб ягон чиз харида хӯрад.

Озод саросема ба мактаб мерафт, ки дар роҳ чашмаш ба қаландари пире афтод. Ӯ дар даст асо дошт. Ҳаво хунук бошад, ки либосҳои танаш тунук буд. Вай, бо ҷӯши ғаму алам бо асо ба сӯйи ҳавлии Муродино

нигариста, дуои бад мекард. Ин аҳволи қаландарро дида, Озод зуд аз таги гап воқиф шуд: қаландар ба садақапурсӣ дарро кӯбад, Мурод сагашро сард ода, мӯйсафедро ранҷондааст.

– Бобо, хафа нашавед, ба ҷойи инҳо ман хайр мекунам, - гуфта Озод тамоми пулҳои кисаашро ба қаландар дароз кард. Пирамард розӣ нашуд. Озод илтимос кард, ки пулро гирад. Пирамард ноилоҷ пулро гирифта, дуо кард:

–Бар падарат раҳмат, писарам! Илоҳо рӯйи камиро надида, ба сад дарой…

Озод бо ишками гурусна панҷ соат дарс хонд. Аммо рӯҳаш болида буд: ба яке некӣ кард, ғаму андӯҳашро рафъ намуд, ба шаъни маҳалаашон доғ наовард.

Баъди дарс ба хонаашон омада, либосҳояшро иваз мекард, ки модараш ранги рӯйи кандаи ӯро дида пурсид:

– Чаро рангат кандагӣ, бачем? Ба пули додаам ягон чиз харида хӯрдӣ?

– Не, - Озод ба модараш рости гапро гуфт. Гумон дошт, ки барои ин кор модараш ӯро сарзаниш мекунад. Вале модараш аз ин рафтори Озод хурсанд шуда, зуд дастархон кушод.

## АҚЛ

Аҳмад хурд бошад, ки бачаи шӯху беқарор аст. Гоҳо барои ягон чиз бо хоҳараш ҷангу ҷанҷол бардошта, ҳамаро нороҳат мекунад. Дар вақти хӯрокпазии модараш ёрӣ доданӣ шуда, халал мерасонад.

Рӯзе падари Аҳмад барои буридани навдаҳои хушки ток қайчии токбуриро ёфта, назди тиреза монд ва худаш барои либосивазкунӣ ба хона даромад. Пас аз чанде аз хона барояд, ки қайчии токбурӣ нест. Аҳмади чаққон дар даст қайчӣ аллакай ба буридани шоху баргҳои гулу ниҳолҳо машғул аст. Падараш рафта, қайчиро аз дасти ӯ гирифт ва сарзаниш кард.

– Ман хостам ба шумо ёрӣ расонам, – худро сафед кардани шуда ғурунгос зад. –Худатон доим мегӯед - ку: «ту акнун писари калон шудӣ, ба корҳои бобову бибиат ва ману модарат ёрдам деҳ».

– Ӯҳ маҳмадоно, ёрирасонӣ ин хел намешавад. Гулу ниҳолҳоро дар як лаҳза ҷувонимарг кардӣ.

Ту акнун бачаи хурд не, пагоҳ – фардо мактабрав мешавӣ.

Аҳмад аз ин гуна сарзанишҳои падар гиряро бардошт, ки бибиаш овози ӯро шунида, ба тарафгирӣ ояд. Вале, муттаасифона, ҳеҷ кас ба тарафгирии ӯ наомад.

– Ҳоло назада гиряро мебардорӣ? – гуфта падараш. – Бас кун. Пурсем, ақлам даромадагӣ мегӯйӣ. Намедонам, кай ақли ту медарояд?

Аҳмад лаҳзае аз гиря бозистода, чунин гуфт:

– Ба болои ҳамон як баррачаам боз 5-то чӯҷа, – панҷ ангушташро ба падараш нишон дод, – харида диҳед, ҳамон вақт аҷлам даромада, дигар баромада намеравад.

Аз ин ҳозирҷавобии Аҳмад дар лабони падар табассум гул кард.

## НАБЕРАИ ДАСТЁР

Модар ҳар рӯз Бобурро ба назди модаркалонаш оварда, худаш ба кор мерафт.

Бобур модаркалонашро бисёр дӯст медошт. Хурд бошад, ки ба корҳои модаркалонаш ёрӣ мерасонд.

Ҷой рӯбад, хокрӯбаашро мегирифт. Чизе дӯхтани шавад, ресмонро аз сӯрохи сӯзан гузаронда медод. Ба гулҳои рӯйи ҳавлӣ об задан хоҳад, Бобур ҳам бо сатилчааш об мекашонд.

– Набераи дастёри ман! – аз ин гуна корҳои ӯ шод гардида, мегуфт модаркалон.

Рӯзе Бобур ба назди модаркалонаш бо абрӯвони пурчин омад. Бибиаш сабаб пурсид. Дар аввал вай ҷавоб надод. Баъде, ки модаркалонаш ба ҷону ҳолаш намонд, ӯ гуфт:

– Модарам ба ман пайпоқи даридаро пӯшонданд. «Пайпоқи даридаро намепӯшам» гӯям, маро ҷанг карданд, ки «худат даррондӣ, худат дӯз».

– Ҳеҷ гап не, ҷони бибӣ! – Аз дасти мардҳо ҳама кор меояд, - гӯён сӯзанро ба дасти набера дода, чӣ тавр дӯхтанро фаҳмонд. Дастонаш начаспад, ки бо душворӣ ва нишондоди бибиаш ҷӯробашро дӯхт. Бибиаш айнакро ба чашм монда, баъзе ҷойҳои дӯхтаи ӯро ислоҳ кард.

Бобур аз дӯхта тавонистанаш хурсанд шуда, онро ба пояш пӯшид. Ҷӯроби пояш ба назараш наппа - нав намуд.

## НИҲОЛАК ГИРЯ МЕКУНАД

Рамиз ба корҳои деҳқонии бобояш ёрӣ расонданро дӯст медорад. Ба бобояш тақлидомез кор кунад, ки аз уҳдааш намебаромад.

– Ту ҳоло хурд ҳастӣ, сабр кун, калон шавӣ, албатта ҳамаи корҳоро худат иҷро мекунӣ, – мегуфт бобояш.

Вале шавқи коркуниаш ҷӯшида, далел пеш меовард:

– Ман калон шудагӣ, фақат зӯрам камтарак намерасад.

Бобояш меҳнатдӯстии набераашро дида, хурсанд мешуд. Барои наранҷонидани наберааш ба ӯ чидани сангу шохчаҳои даруни заминро фармуд.

Рамиз бо ҷону дил гуфтаи бобояшро иҷро кард. Боз мехост мисли бобояш картошкаҳоро теша кунад.

– Бобоҷон, монда шудед, шумо дам гиред, ман ба ҷойи шумо теша кунам? – гарданашро каҷ карда, аз дасти бобо тешаро гирифтанӣ шуд.

– Ҷони бобо, ту ҳоло аз уҳдаи ин кор намебароӣ. Беҳтараш, ба пеши модарат раву ягон кори дигарро кун, − бобо Рамизро ба назди модараш фиристод.

Вай ба назди модараш рафт. Модараш дигар кор фармуд магар, ки доду ғирев бардошта, баргу пояҳои картошкаро ба кандан даромад.

Бобояш ин аҳволро дида, ба наздаш омад:

− Бобоҷон, ту ҳоло намедонӣ ки картошкаро чӣ гуна теша мекунанд? Агар теша нохост ба ягон ҷойи картошка расад, ниҳолакҳои картошка ба гиря медарояду баъд хушк шуда, ҳосил намедиҳанд. Мегӯяд, ки бо теша бадани маро захмдор кардед, барои чӣ ман ба шумо ҳосил диҳам? Не, ман ҳам қасди худро гирифта, ҳосил намебандам, ана баъд мебинем, ки аҳволи шумо чӣ хел мешавад?

Рамиз картошкабирёнро дӯст медошт. Ҳар рӯз аз модараш хоҳиш мекард, ки картошкаро дар равған бирён кунад. Зери дандонҳо қатар – қатар кунад боз беҳтар. Агар ниҳолакҳои картошка ҳосил надиҳанд, ӯ ҳам аз картошкабирёнхӯрӣ маҳрум мешавад. Вай инҳоро фикр карду аз кори кардааш пушаймон шуд ва ниҳолакҳои картошкаи кандаашро аз сари нав шинонданӣ шуд.

## ФАРИДАИ ДАВЛАТ



*Фаридаи Давлат (Давлатова Фарида) 5-уми октябри соли 1994 дар рустои зебоманзари Очилдии ноҳияи файзбори Файзобод чашм ба олами ҳастӣ кушодааст.*

*Пас аз хатми мактаби зодгоҳаш ба факултаи математика – информатикаи Донишгоҳи омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2018 ин даргоҳи маърифатро бомуваффақият хамт кардааст.*

*Ҳоло ба ҳайси омӯзгор фаъолият намуда истодааст.*

*Аз хурдӣ ба навиштани шеъру мақола майл дошта, дар рӯзномаву маҷаллаҳои кишвар пайваста навиштаҳои хешро мунташир месозад.*

*Иштирокчии семенармашварати адибони ҷавон дар соли 2016 ва узви маҳфили “Шеър”-и бахши дар шаҳри Ваҳдат будаи Иттифоқи нависандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.*

### ВАТАН

Ватан, пайванду эъҷозам ту ҳастӣ,
Дар ин ойина пардозам ту ҳастӣ.
Ватан, дирӯзу имрӯзу пагоҳам,
Ватан, ояндаи бозам ту ҳастӣ.
Ватан, ишқу умеду ифтихорам,
Ватан, як олами розам ту ҳастӣ.
Тамоми ҳастии ман аз ту бошад,
Ватан, анҷому оғозам ту ҳастӣ.
Дар ин дахре, ки садҳо ранг дорад,
Ватан, шаҳболи парвозам ту ҳастӣ.
Зи ту фархундабахтам то ҳамеша,
Ватан, маънии ин нозам ту ҳастӣ.
Хулоса, дӯст медорам туро ман,
Ватан, яъне, ки эъҷозам ту ҳастӣ.

### ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон, модари яктои ман,
Ифтихори ҳолию фардои ман.
Бо ту дар олам ҳаме эҳё шудам,
Эй Ватан,эй муҷиби маъвои ман.
Гулшани сарсабзу атромез ту.
Сарзамини мехр дар дунёи ман.
Номи некат тоҷ бар сар мекунам.

Шуҳрату шонат сари болои ман.
Хоҳамат ობод монӣ ҷовидон.
Кишвари озодаю раънои ман.
Ту азизию муқаддас дар дилам,
Тоҷикистон, модари яктои ман.

## ИСТИҚЛОЛИ МО

Офтобе бар сари мо ҳаст Истиқлоли мо,
Чеҳраи нурофари мо ҳаст Истиқлоли мо.
Лутфи Раҳмонӣ насиби мо намуда сулҳро,
Ҳамнавои раҳбари мо ҳаст Истиқлоли мо.
Тоҷикистон гулшанат пургул ҳамеша чун баҳор,
Шохаи бороварӣ мо ҳаст Истиқлоли мо.
Давлати пояндаи моро саодат ёр кард,
Рӯзгори бофари мо ҳаст Истиқлоли мо.
Шаъну шону нусрату армони дилҳои ҳама,
Тахту тоҷу минбари мо ҳаст Истиқлоли мо.
Мекунем парвоз бар авҷи самояш бе ҳарос,
Бофарин болу пари мо ҳаст Истиқлоли мо.

## ВОЖАИ ШЕВО

Вожаи шевост Истиқлолият,
Марҳами дилҳост Истиқлолият.
Мекунад имрӯзро ғарқи самар,
Нусхаи фардост Истиқлолият.
Мулки моро мекунад ободтар,
Нуктаи барҷост Истиқлолият.
Офтоби нурбахши рӯзгор,
Дидаи биност Истиқлолият.
Миллати моро саробонӣ кунад,
Посбони мост Истиқлолият.
Аз Худовандам барои халқи ман,
Ҳадяи яктост Истиқлолият.
Шомҳои торро равшан кунад,
Субҳи армонҳост Истиқлолият.
Вожае шевотар аз ин вожа нест,
Вожаи шевост Истиқлолият.

## ТАСАННО

Ваҳдатат то ҷовидон бод, Меҳанам,
Мардумонат дар амон бод, Меҳанам.

Сабзу хуррам чун биҳишти оламӣ,
Навбаҳорат бехазон бод, Меҳанам.
Дар фазои ту дирафши Ковиён,
То ҳамеша парфишон бод, Меҳнам.
Сулҳу истиқлоли ту поянда бод,
Душманат бе хону мон бод, Меҳанам.
Меҳри беандозаат то Каҳкашон,
Аз замин то осмон бод, Меҳанам.
Модари фарзон фарзандони даҳр,
Номи некат дар ҷаҳон бод, Меҳанам.
Офарин бар Пешвои миллатам, -
Ин шиори тоҷикон бод, Меҳанам.

## ДУШАНБЕ

Душанбе як баҳори бехазон аст,
Баҳори бехазони Тоҷикистон аст.
Тамоми чорсӯяш чун гулистон аст,
Ҳавои беғубораш анбарфшон аст.
Ба бурҷи қасри миллат андар оғӯшаш
Ливои Тоҷикистонам парафшон аст.
Дар инҷо кохи Наврӯз қоматаш боло,
Дар инҷо тахти Сомонӣ пойбарҷо.
Дар инҷо сулҳи Сомонӣ зи нав пайдо,
Сари хамгаштаи тоҷик зи нав боло...

## ШАҲРИ ИҚБОЛ

Ту қалби Тоҷикистонӣ, Душанбе,
Ба ҷисми Тоҷикон ҷонӣ, Душанбе.
Бинозам дари канорат ошиқона,
Тамоми сол баҳоронӣ, Душанбе.
Ту шаҳри бахту иқболи баландӣ,
Ту шаҳри ишқу армонӣ, Душанбе.
Ту чун хуршеди Ховар медурахшӣ,
Ту шаҳри нурборонӣ, Душанбе.
Туро чун шаҳри дилҳо мешиносам,
Бимонӣ, ҷовидон монӣ, Душанбе.
Туро ободу зебо менамоем.
Нумуи бахти хандонӣ, Душанбе.
Ба ҳеҷ гавҳар ту медонӣ, Душанбе.
Агарчи шаҳрҳои бешуморанд,
Беҳиншаҳри ҷавононӣ, Душанбе.
Басо ширин бувад ин ҳарф гуфтан,

Ту қалби Тоҷикистонӣ, Душанбе!

## ТАНИНИ СУЛҲ

Дили ман аз вафои сулҳ мерақсад,
Дили ман бо садои сулҳ мерақсад.
Дилам чун мутриби мумтоз аз ҳиссаш,
Ба оҳанги навои сулҳ мерақсад.
Дилам чун ғунчаи гулбоғи наврӯзӣ,
Зи пайки ошнои сулҳ мерақсад.
Чу мурғи ваҳдатовар андар ин дунё,
Дили ман дар фазои сулҳ мерақсад.
Вуҷуди ман саропо хонаи сулҳ аст,
Дили ман дар бинои сулҳ мерақсад.
Кунам шукронаи сулҳ аз Худовандам,
Дили ман бо дуои сулҳ мерақсад.

## МЕҲРНОМА

Тоҷикистон, доимо ёдат кунам,
Дар замири хеш бунёдат кунам.
Мақсадат сулҳу сафою дӯстӣ,
Бас раҳи меҳру вафоро ҷустӣ.
Нури Истиқлол дорад шамси ту,
Файзи Истиқлол борад шамси ту.
Дил ба васфи ваҳдатат шоир шавад,
Дар ғазалгӯӣ басо моҳир шавад.
Ғунчаи бахтат дубора лаб кушод,
Ин дубора бахти ту поянда бод.
Дар баҳорат хуррамӣ дорӣ Ватан,
Хуррамии сабзу хуррам чун чаман.
Эй биҳишти тоҷдорони ҷаҳон,
Сарзамини сулҳу шодиро макон.
Волаи ҳусни ту мардуми ҷаҳон,
Бо чунин зебои монӣ ҷовидон.

## ИФТИХОР

Ту марзи беназирам, Тоҷикистон,
Азизу дилпазирам, Тоҷикистон.
Нишони миллати овозадорам,
Дар олам ифтихорам, Тоҷикистон.
Ҷаҳони меҳр мебахшам бароят,
Ба номат арҷ гузорам, Тоҷикистон.

Ҳамеша якдилу якпора монӣ,
Ба хокат саҷда орам, Тоҷикистон.
Дар олам парчами паҳновари ту,
Шукӯҳу эътиборам, Тоҷикистон.
Бинозам дар канори бекаронат,
Ту дунёи қарорам, Тоҷикистон.

## ДИЁРИ ФАЙЗБОРАМ

Диёрам, ифтихорам шаъну шонам,
Зи ту фархундаи давру замонам.
Ту ҳастӣ ворисп тахти Каёнам,
Нишони тоҷу тахти хусравонам.
Диёрам, маҳзари меҳру вафоӣ,
Саропо гулшани сулҳу сафоӣ.
Шукуфон бош ҳамчун навбаҳорон,
Зи файзи туст хуррам рӯзгорон.
Диёрам, дилрабою беназирӣ,
Биҳиштосо дили кас мепазирӣ.
Зи ҳар як қатраи оби зулолат,
Бубинам пешрафти безаволат.
Зи файзи ваҳдатат дар рӯзгорон,
Фузуда орифону дӯстдорон.
Диёрам зодаи даврони озод,
Зи озодӣ заминат гашта обод.
Шукуфон бош доим, Тоҷикистон,
Ба монанди баҳори боғу бӯстон.

## ОШИҚОНА

Тоҷикистон, кишвари сулҳофарам,
Ошиқам бар ҳусни ту меҳроварам.
Бӯса бар хоку заминат мезанам,
Бе ту дилро ман зи дунё меканам.
Тору пуди ин вуҷуди ман туӣ,
Ояти ишқу суҷуди ман туӣ.
Сабз аз ишқӣ ту бошад ҷисми ман,
Чун ту ҳастӣ мояи ишқам, Ватан.
Хоки ту зархез бошад ҷовидон,
Парчамат тобанда бошад дар ҷаҳон.
Ҷовидонӣ бод Истиқлоли ту,
Ҷон ба каф дорам ба истиқболи ту.
Сӯйи фардои дурахшон меравӣ,
Раҳнамоят – нури Раҳмон меравӣ.

Ҷонамози ман замини поки ту,
Меҳр месабзад зи мағзи хоки ту.
Обрӯи ман равон дар ҷӯи ту,
То ки ҳастам ошиқам бар рӯйи ту.

## ҶАВОНӢ

Чу дарёи хурушонӣ, ҷавонӣ,
Зи шавқу шӯр ҷӯшонӣ, ҷавонӣ.
Бихоҳам ҳамчу ишқи ҷовидона,
Ту дар дилҳо бимониву бимонӣ.
Ҷавонӣ чеҳраи бишкуфтаи мо,
Марав аз мо, марав дар зиндагонӣ.
Туӣ ганҷинаи умеди фардо,
Ватан дорад зи номат гулфишонӣ.
Саропо зиндагӣ бо туст зебо,
Ҷавонию ҷавонию ҷавонӣ.
Дар ин шаҳри пур аз ишқу садоқат,
Чу меҳри шаҳриёрони ҷаҳонӣ.
Ҷавонӣ, эй ҷавонӣ, эй ҷавонӣ,
Ту дар андешаи ман ҷовидонӣ.

## ОБИ ҶОНБАХШ

Об омад, хокро гулзор кард,
Шохаҳои хушкро гулбор кард.
Об омад, оламе обод шуд,
Лолаву себаргаро бедор кард.
Зиндагони ҳаст шуд аз оби ҷон,
Обро бо рӯшаниҳо ёр кард.
Об омад – неъмати Яздони пок,
Кинаро кам меҳрро бисёр кард.
Чун суруди об пок асту зулол,
Шеъри ноби обро такрор кард.

## ЭЙ ДӮСТ

Ман бе ту чӣ гуна монам, эй дӯст?
Бе ту ба Худо натонам, эй дӯст.
Ҳар соати зиндагӣ бисӯзам,
Дуди сияҳе фишонам, эй дӯст.
Аз рафтани ту ба шонаи дил,
Ғамҳои туро кашонам, эй дӯст.
Дил дар тани ман чу барги хушк аст,

Як шохагули хазонам, эй дӯст.
Аҳволи маро бипурс боре,
Ноланда аз ину онам, эй дӯст.
Эй кош, ки дӯстам набудӣ,
Аз дасти ту саргаронам, эй дӯст.

## ИШҚ

Ахтари тобандаӣ, эй ишқ, ишқ,
Оташи сӯзандаӣ, эй ишқ, ишқ.
Ғунчаи ҳасрат ба лабҳоям шукуфт,
Доимо пурхандаӣ, эй ишқ, ишқ.
Пеш ой, аз ҳам дар чашми ман,
Партави рахшандаӣ, эй ишқ, ишқ.
Маънии ҳастии ман тафсири туст,
Дар дилам пояндаӣ,эй ишқ, ишқ.
Хайр бошад оқибат дар кори ту,
Бар ҷаҳон арзандаӣ, эй ишқ, ишқ.
Шукрҳо созам барои буданат,
Зиндагисозандаӣ, эй ишқ, ишқ.

## СУХАН

Чун касеро нест аз суҳбат хабар,
Аҳли дил созанд аз эшон ҳазар.
Гуфтугӯ чун мол дар бозор нест,
Суҳбати моро нашояд симу зар.
Гар суханро тоза гӯям ҳар замон,
Меравад аз ман шаби торам саҳар.
Чун сухан кӯҳест побарҷо бувад,
Бегазанду безаволу безарар.
Аз Фарида ин сухан дар гӯш дор,
Гар сухан гӯӣ, бигӯ шаҳду шакар.

## ВАТАНХОҲӢ

Ман ватанро посбонӣ мекунам,
Дар заминаш гулфишонӣ мекунам.
Баҳри ҳифзи меҳанам ҷон медиҳам,
Душманонашро ба зиндон мениҳам.
Аз ниёгонам чу ибрат мегирам,
Чун бузургонам ба қимат мегирам!
Ман ҳамин савгандро дар кӯдакӣ,
Ёд мекардам ба фаҳмиши закӣ.
Гӯш андоз аз Камол орам сухан,

Ки сухан гуфта зи қалби хештан.
“ Душман орад бар сарат дарду бало,
Содалавҳон душманонро мубтало.
Ҳар куҷо бошам зи душман дар ҳарос,
Ҳеҷ нагзорам-ш зи чанголам халос”.
Аз каломаш Шамс аз тоқат гузашт,
Лаҳзае аз тоқати рицъат гузашт:
“ Марги душман хоҳишам буд аз Худо,
Дарси таърихро намехондам чаро.
Ман намехоҳам бигӯям душманон,
Марг мехостанд баҳри тоҷикон.
Афсуни онҳо зи қалби тоҷикон,
Дур мегардонд меҳри волидон.
Ман намехоҳам бигӯям во дареғ,
Қатли модар кард фарзандаш бо теғ.
Ман намехоҳам бигӯям комрон,
Дар замини Тоҷикистон душманон.
Тоҷикон бо қавли онҳо бенишон,
Тоҷикистон нест давлат дар ҷаҳон.
Ман намехоҳам бигӯям бемақом,
Оли Сомоне , ки тоҷикро мақом.
Ман намехоҳам бигӯям сарнавишт,
Бо хати қисмат маро қисмат навишт.
Аз чунин гуфтор гирён мешавам,
Абри борону парешон мешавам.
Чун ки дар боғи ҷавон сабзидаам,
Ман барои Тоҷикистон зиндаам.
Тоҷикистон кишвари доимбаҳор,
Шамси ваҳдат дар самояш шуълабор.
Тоҷикистон қуллаи кӯҳи ҷаҳон,
Лоиқи сад қиссаву сад достон.
Тоҷикистон модари фарзонагон,
Мулки мардони шарифу шодмон.
Тоҷикистон мазҳари аҳли ҳунар,
Хоки ӯ пур аз зару пур аз гуҳар.
Тоҷикистон шаҳди лафзи модарӣ,
Номи покаш лаҳни кабкони дарӣ”.
Ин суханҳои Камолу Шамсро,
Дӯстон гуфтанд бо ҳарфи садо.
Маҷлисе аз баҳри ин оростанд,
Ҳифзи хоки Тоҷикистон хостанд.
То ки озодӣ насиби тоҷикон,
То ҷаҳон бошад, бимонад ҷовидон.
Аз ҳамин меҳру вафои дӯстон,

Тоҷикистон ҳаст ҳоло бӯстон.
Ҳар ки васфи Тоҷикистон мекунад,
Аҳли оламро ғазалхон мекунад.
Ин Ватан зебову соҳибэътибор,
Тоҷикон озоду соҳибихтиёр.
Беҳтарин неъмат ба дил аҳду вафо.
З-ин сабаб олист чун субҳи сафо.
Ваҳдат асту якдилию дӯстӣ,
Дар Ватан соҳибватан хуш зистӣ.
Ибтидои рӯзгорон ваҳдат аст,
Шоҳроҳи мулкдорон ваҳдат аст.
Шуҳрати миллат бақои ваҳдат аст,
Бахти беиллат бақои ваҳдат аст.
Тоҷикистон некном аз ваҳдат аст,
Офтобаш нурфишони аз ваҳдат аст.

## САРАЗМ

Ту нишоне аз ниёгонӣ, Саразм
Ту нишони оли Сомонӣ, Саразм
Ифтихори тоҷикони оламӣ
Ту қадамҷои бузургонӣ, Саразм
Бо ту эҳё мешавад таърихи мо,
Зодгоҳи илму ирфонӣ, Саразм
Дар тамаддуни башар ганҷинаӣ,
Беҳтарин сарват ба моёнӣ, Саразм
Панҷҳазору панҷсади умрат гузашт
То кунун мисли ҷавононӣ, Саразм.
Шаҳри сарсабзу қадимии ҷаҳон,
То абад ингуна мемонӣ, Саразм.

## ЭЙ КИТОБ

Тозагуфторам, туро ёбам агар,
Даст мегирам, намехобам дигар.
Ман туро ҳамчун фуруғи умри худ,
Мекушоям, баҳри дарёби гуҳар.
Эй китоб, эй махзани фазлу камол,
Мебарӣ хонандаро то баҳру бар.
Дар вароқҳои ту сад ҳикмат ниҳон,
Кас туро хонад, ёбад сад ҷаҳон.

## ИМРӮЗ

*“Осмон осмонтар аст имрӯз”*

***М. Аҷамӣ***

Ишқ аз ишқ фаротар аст имрӯз,
Офтоб меҳрубонтар аст имрӯз.
Дидаю дил ҷуфти зебоянд,
Ин баҳор гулфишонтар аст имрӯз.
Чашмҳоят сабақ зи ишқ диҳанд,
Хома бар рӯи дафтар аст имрӯз.
Номаҳо беҳисобу бисёранд,
Осмон пур зи кафтар аст имрӯз.
Ишқ бигрифта рӯи оламро,
Ин ҷаҳон бекаронтар аст имрӯз.
Бо ман эй ошнои дерина,
Ёди ту ошнотар аст имрӯз.
Аз ҳама рӯзҳои бигзашта,
Боз ҳам тозаю тар аст имрӯз.

## АЁ МОДАР

Аё модар, аё эй меҳрубон дилбар,
Манам фарзанди дилбандат,
Ва ҳар лаҳза зи дил овоз андозам,
Ки ман як решапайвандат.
Ба рӯят нури хуршед чун ҳамеборад,
Маро хушҳол месозад,
Дилам аз шодӣ меболад...
Аё модар, аё олиҳаи ҳастӣ,
Надорӣ тоқати дурии фарзандон,
Балогардони пайвандон...
Аё модар,
Аё,эй Ҳури ризвонии ин олам,
Мудом мепурсӣ аҳволам,
Туӣ бахшандаи ҳолам,
Зи ҳастии ту меболам.

## РУЪЁ



*Қосимзода Сумани Усмон (Руъё) 7-уми декабри соли 1994 дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон дар оилаи омӯзгор ба дунё омадааст.*

*Ӯ соли 2012 мактаби миёнаро бо баҳои хубу аъло хатм намуда, тариқи Квотаи Президентӣ ба факултаи химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дохил шуд. Баъди хатми донишгоҳ дар массисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12-и зодгоҳаш ба ҳайси омӯзгори фанни химия ва биология фаъолият намуда истодааст.*

*Бояд гуфт, ки Қосимзода Сумани Усмон аз овони наврасӣ бо тахаллуси Руъё шеър менависад. Меҳри беандозааш нисбат ба Ватан ва Модар ӯро ба ин ҷода овардааст. Ин аст, ки дар эҷодиёти ӯ васфи Ватану Модар ва таҷассуми ишқ мақоми хосса доранд.*

*Шеърҳояш тавассути китоби дастаҷамъии "Ҳамсолони Истиқлол" (2017) ва нашрияҳои "Фурӯғ" ва "Замон" ба дасти хонандагон расидаанд.*

### МАН ҶАВОНАМ

Ҷавонам ҳамчу гулҳои баҳорон,
Шукуфам аз нигоҳи лолазорон.
Парастуям ба миоди диёрам,
Ҳамеша роз хонам бо ҳазорон.

Ҷавонам ифтихори Тоҷикистон,
Шукуҳу эътибори Тоҷикистон.
Бинозам бо ватанҷойи биҳиштам,
Бисабзам дар баҳори Тоҷикистон.

Ҷавонам, аз табори ориёнам,
Суруди сулҳ дорам бар забонам.
Чу Пешвои накӯи миллати хеш
Ба меҳан пайки шодӣ мерасонам.

Ҷавонам ман, ҷавонам ман, ҷавонам,
Зи дил шукрона орам бар забонам.
Ба ойини Ватан поянда монам,
Чу узви номдори тоҷиконам!

### АЗ ИЛҲОМИ ВАҲДАТ

Бирезад шеъри дил аз боми Ваҳдат,

Навиштам шеър аз илҳоми Ваҳдат.
Ҳама ҷо атрбезон чун баҳорон,
Дуруди ханда аз иқдоми Ваҳдат.
Парафшон Парчами қоматбаландам,
Ба субҳи гулфишону шоми Ваҳдат.
Кабӯтарвор рақсам шеър бар лаб,
Биболам дар ҳавои номи Ваҳдат.
Сарам бар саҷда бурда бо таманно,
Бибӯсам номаву пайғоми Ваҳдат.
Ба фахру сарфарозӣ гуфт Руъё:
Бинӯшам шарбате аз ҷоми Ваҳдат.

## МОДАР

Фасли гулбези пур аз ёсам туӣ,
Ишқи зебо рӯйи эҳсосам туӣ.
Модари зебову дурандеши ман,
Ганҷи хона, дурру алмосам туӣ.
Қимати меҳрат ба ҷон хоҳам харид,
Аз Худованд ҳадяи хосам туӣ.
Кардӣ бо меҳр бӯса аз пешониам,
Ояти Қуръону ихлосам туӣ.
Эй фаришта, эй саропо лутфи пок,
Моҳтоби бе каму косам туӣ.
Равзаи Ризвон – домони хушат,
Эй шамими тиби анфосам туӣ.

## БА ДАФТАРАМ РАҚАМ БИЗАН

Ба эҳтироми лаҳзаҳо чудоиро баҳам бизан,
Биё, дубора бесадо ба боғи дил қадам бизан.
Биё, ба ҳурмати ғазал, ки мечакад зи чашми дил,
Бағал-бағал таронаро ба дафтарам рақам бизан.
Биё, ки умр бигзарад ба пушти ҳар диқиқаҳо,
Биё, ба нақши он лабон ба рӯйи лаб қалам бизан.
Барои туст ин ҳама чакидаву таронаам,
Биё, ба сози муждаат навои муҳтарам бизан.
Ба боми Руъёи ту борон чакида то саҳар,
Биё, ба ёди ман шабе хандаи беалам бизан.

## ХАЗОНИ ДАРД

Ҳар ҷо, ки меравам, зери маломатам,
Бе ту дар ин макон андар хиҷолатам.

Дасти ниёзи хеш бурдам ба сӯйи ту,
Аммо надидӣ ту дасти ишоратам.
Шӯри ҷавониям таслими ғусса шуд,
Ҷӯёи қисмату роҳи адолатам.
Дар боғи сабзи дил борид барфи ҳузн,
Акнун ба мотамам, даргири офатам.
Чашмони сабзи ман ҳамранги абру бод,
Дилпораам дигар, чун шоха қоматам.
Дар соҳили ҳавас моҳии дил тапад,
Шеър аст баъд аз ин роҳи табобатам.
Лабханда мезанӣ, Руъё, ба қасди дард,
Пеши рақиби хеш гӯё саломатам.

## РАМЗИ БАҲОР

Ман зи деҳи кӯчакам, рамзи баҳор овардаам,
Як сабад гулдаста аз баҳри нисор овардаам.
Ҳарфи дилро ҷамъ кардам, то бисозам ҷумлае,
Пайки шодие зи қалби беқарор овардаам.
Ҳалқаи зулфи сиёҳамро кушодам бо тулуъ,
Субҳи чашмамро ба шоми тиразор овардаам.
Мавҷи дарёи диёрам месарояд рози дил,
Ман аз ин амвоҷ рози бешумор овардаам.
Хӯшаҳои пистаи пурмағз дар дашту даман,
Мағзи эҳсосе зи дашти пистазор овардаам.
Аз навои шодии ашъори Руъё, эй азиз,
Меваи сабре ба қалби интизор овардаам.

## ҲУСНБОРОН

Чун дарахти навниҳоле дар баҳорон гул кунам,
Аз нигоҳи ҳуснборе чун гулистон гул кунам.
Ташнаи дидори мавзеи туям бо як нигоҳ,
Ё лаби сарчашмае монанди борон гул кунам.
Рӯйи сабза ҷилва созам бо садои кабки маст,
Месарояд розҳояш бо ҳазорон гул кунам.
Ғунчаи армонҳо дорам даруни синаам,
Рӯйи марзи гулшабеҳаш то ба гулдон гул кунам.
Аҳднома дар ҳузури ёсамини хандарӯ,
Аз нигоҳи хандаҳояш баҳри паймон гул кунам.
Фасли сабзи орамидан мерасад, Руъё, биё,
Бо таманно дар канори Тоҷикистон гул кунам.

## ШАБЕҲИ ГИРЯ

Шабеҳи гиряҳоям ҳастӣ, борон!
Чу ашки дидаҳоям ҳастӣ, борон!
Садояи дилнишину поку зебо
Суруде дар навоям ҳастӣ, борон!
Чако-чак месарой пушти девор,
Ҳамовози садоям ҳастӣ, борон!
Зи пайкат кӯҳсорон шод гашта,
Ту файзе аз ҳавоям ҳастӣ, борон!
Гули қоқу бирӯяд дар ҳузурат,
Ту чун оби сафоям ҳастӣ, борон!
Шабонгаҳ мезанӣ ором форам,
Рафиқи нолаҳоям ҳастӣ, борон!
Зи обат менависам рӯйи шиша,
Ки нури дидаҳоям ҳастӣ, борон!
Бизан, хомӯш бинмо сӯзи қалбам,
Шабеҳи гиряҳоям ҳастӣ, борон!

## СУБҲАТ БА ХАЙР

Эй азизу нозанин, субҳат ба хайр!
Эй нигоҳи дилнишин, субҳат ба хайр!
Ҳамраҳи хуршед оям ҳар саҳар,
Бо саломи оташин, субҳат ба хайр!
Ҳар нафас дар махзани ёдам туӣ,
Эй саропо беҳтарин, субҳат ба хайр!
Ҳамчу мурғони саҳар гӯям бихез,
Бо забони шаккарин, субҳат ба хайр!
Чашм бикшову бубин, ки омадам,
Эй саропо офарин, субҳат ба хайр!
Рӯйи бистар омадам бӯсаталаб,
Бо забони шаккарин, субҳат ба хайр!

## ШИКВА

Ҳар кӣ бо мо дӯст шуд, аз мо бирафт,
Ё ба қасди қисмати фардо бирафт.
Ё зи ҳарфу шикваҳои кардаам,
Ё зи ҷабри ин дили шайдо бирафт.
Ман намдонам, кист дар ман, ки чаро
Бесадо андар лаби дарё бирафт?
Рози моро гуфт назди душманон,
Шаъни мо дар пеши ӯ кайҳо бирафт.
Дӯст ҷустем, лек душман ёфтем,

Ё ки нархи дӯстӣ боло бирафт?!
Ман надидам як рафиқе дар барам,
Умри мо дар зиндагӣ бе по бирафт!
Лаҳзае аз шеъри ман ёд оваред,
Чун ғазал андар лаби Руъё бирафт.

## АШКИ ПОЙИ БОРОН

Ба сабо шикоятам рафт, ки маро надида бигзашт?
Чу насими шодиҳоям зи танам вазида бигзашт.
Аламам ба пеши олам бинамуд, вале чӣ чора,
Ҳаваси муҳаббати мо зи ҷафо рамида бигзашт.
Ба сари фазои ҳастӣ ҳама абри тира печад,
Зарабони қалби манро ба сараш кашида бигзашт.
Ҳама ашки пойи борон бидамид рӯйи доман,
Зи фиғони дидагонам ба алам зи дида бигзашт.
Ҳама дам ҷафо шукуфо, ҳама дам вафо шикаста,
Нафасам чу боди оҳе ба раҳаш вазида бигзашт.
Зи паёму номаҳоям нарасад ҷудоӣ ҳаргиз,
Саҳар аз хаёли форам ба ҳаво парида бигзашт.
Шабу шаб ба гӯши қалбам чӣ садо гузашта омад,
Ки либоси бовафоӣ ба фиғон дарида бигзашт.
Нарасад ҳавои хотир ба тамоми захмҳоям,
Хуни дил зи дасти нокас ба замин чакида бигзашт.
Шафақо, гузар намудӣ ба самои шоми тира,
Маҳи тираро хабар кун, ки ҳамон падида бигзашт.
Нигаҳе ба дарди ҳиҷрон, гузаре ба шеъри Руъё,
Ғазале ба сафҳаи дил зи қалам тапида бигзашт.

## ТУ ҲАМ БИШКАСТӢ

Вой аз ин кӯчаи тангу торик,
Такя бар гӯшаи девори сияҳ.
Ашк дар чашми муҳаббатрезам,
Нест кас, то ки кунад ними нигаҳ.

Бо ғаму ғуссаи худ даргирам,
Ҳама рӯзам ба хаёлат бигзашт.
Қисса дар мавҷи фироқу ҳиҷрон,
Муждаи ишқу висолат бигзашт.

Абр дар тори сарам чун соя,
Нест хуршед, ки нуронӣ кунад.
Қаҳр карда зи сарам хоби гарон,

Шаби раҳпои̣ чи̣ зулмони̣ кунад.

Ту, ки сарсони ҷаҳонам карди̣,
Худ бирафти̣ ба ҳавои масти̣.
Ба хаёлат, ки муваффақ гашти̣,
Лек дар асл ту ҳам бишкасти̣.

## СУБҲ ДАМИД

Во шав, эй дидаи ман, субҳ дамид,
Булбуло, нағма бизан, субҳ дамид.
Майли лабханд ба лаб шеди саҳар,
Лолаву сарву суман, субҳ дамид.
Дасти афсонаи шабро бираҳон,
Чун ҳақиқат ба сухан, субҳ дамид.
Сӯйи деҳ атри насим мерақсад,
Мурғаки боғу чаман, субҳ дамид.
Шабнами муждарасон гул бӯсид,
Шаҳди он зери даҳан, субҳ дамид.
Пайки Руъё саҳар омад зи фалак,
Эй азизони Ватан, субҳ дамид.

## ИТОАТ

Дил ба фармонат итоат мекунад,
Ҳарфи ту дилро табобат мекунад.
Ҳар замоне нури рухсорат ба мо
Ранҷҳоятро ҳикоят мекунад.
Ҷойи амну бехатар оғӯши ту,
Дар канорат ҳар ки̣ роҳат мекунад.
Модаро, ҳаргиз набинам ашки ту,
Дарди ту қалбам ҷароҳат мекунад.
Бо қадамҳоят ҳама ҷо нурбез,
Нури чашмонат шафоат мекунад.
Дасти хайрат доимо сӯйи Худо,
Он дуо моро ҳидоят мекунад.
Оҳ модар, ту давои ҷисму ҷон,
Аллаат Қуръон тиловат мекунад.
Манбаи илҳоми Руъё меҳри туст,
Шеър ҳам баҳрат ибодат мекунад.

## ПАДАР

Нақши пири̣ рӯйи рухсорат, падар,

Пурбарор аст меҳнату корат, падар.
Марди доною тавоною ҳалим,
Ибрати мо хулқу атворат, падар.
Аз нигоҳи дидагонат мечакад
Нурҳо бар рӯйи гулзорат, падар.
Ҳарфҳоят бо ғурур олудаанд,
Бас хуш алфози гуҳарборат, падар.
Шаҳсутуни хонадони мо туӣ,
Рӯйи мижгон хоки дарборат, падар.
Ҳар замон гӯям, Худоё, илтиҷо,
Ман набинам ҷисми бемотрат, падар.
Кард Руъё васфи хубатро ба шеър,
То писандад он дили зорат, падар!

## АШКИ ҒАЗАЛ

Хоҳам, ки биёӣ ба барам, қисса бихонӣ,
Бо меҳр саломам бидиҳӣ, даст фишонӣ.
Зангӯлаи армони дилам пайк расонад,
Эй дил, ба забон васл намо зиндабаёнӣ.
Шабнам зи лаби гул бичакид аз нигаҳи шед,
Эй кош ту ҳам аз лаби худ бӯса чаконӣ.
Бобунасифат омадаам баҳри мудово,
К-аз номи ту бахшам ба замин фасли ҷавонӣ.
Пайғоми кабӯтар агар аз сулҳ нишон аст,
Эй ғунча, ту ҳам лаб бикушо аз нигаронӣ.
Руъё, ки шабонгаҳ ба само хонд каломаш,
Аз чашми фалак ашки ғазал рехт ниҳонӣ.

## ТУРО ПАЗМОНАМ

Ҳамин лаҳза, ҳамин соат, туро ман сахт пазмонам,
Зи шавқи дил чу як одат туро ман сахт пазмонам.
Туро ман дӯст медорам, ба ҷони худ қасам, ёрам,
Надорам баъд аз ин тоқат, туро ман сахт пазмонам.
Фидои як нигоҳат ман, марав аз ман, азизи дил,
Ба ёдат карда ман тоат, туро ман сахт пазмонам.
Туро ҷӯям, биё пешам, ки поёнбахши дардам бош,
Канори ту манам роҳат, туро ман сахт пазмонам.
Гаҳе аз ғусса мегуфтам, ки рафтӣ, бе ту ман шодам,
Ғалат кардам дар ин бобат, туро ман сахт пазмонам.
Биё андар бари Руъё, ту мардона қадам бигзор,
Манам қурбони он қомат, туро ман сахт пазмонам.

## ДАЙИ ДАРД

Чаро имшаб ҳавои дил басе олудаи дард аст?
Дилам побанди андуҳу шабеҳи хонаи сард аст.
Навои боди сарсоне ба гӯшам мерасад ҳар дам,
Нафас побанди ҳасратҳо мисоли рӯҳи шабгард аст.
Канори ғуссаҳо хобам, ба дастам дафтари ёдат,
Ду рухсорам чу пойизе хазонбезу хазонзард аст.
Канори ман набуд ёре, сабабгору гумонбар кӣ?
Намедонам, ки қисмат буд ва ё он ёр номард аст?!
Зи андуҳам ҳаво гирён, нигар Руъёи шабгардон,
Бибoрам мисли бороне, ки фориғ аз ҳама гард аст.

## АЙЁМИ ҲИҶРОН

Дар шумори лаҳзаҳои бе туӣ
Мекашам дарди гарони ишқро.
Бе ту андар боғи сарди зиндагӣ
Мешамам атри хазони ишқро.

Боз аз субҳи нигоҳам мечакад
Қатраҳои шабнами пероҳанам.
Дар дилам ёди ту, дар лаб номи ту,
Кош чун хуршед ой диданам.

Бо умеди ёдҳоят зиндаам,
Чун набудат боиси марги ман аст.
Ин баҳори омада бо бӯйи кист?
Ё фараҳ аз пайки гулбарги ман аст?

Баъди ту ҳар шаб хаёлан меравам,
Бар биҳишти лаҳзаҳои вопасин.
Чун фаришта меравам бар осмон,
Зистан бе ту нахоҳам дар замин.

## ШЕЪРИ РУЪЁ БОШ

Сипоси дил, дили манро пазиро бош!
Рафиқи умри дил, дар дидаи мо бош!
Навис бо хатти меҳрат рӯйи барги гул,
Ба боғи дил баҳори хатту маъно бош!
Зи атри зулфи ман боди саборо гӯй,
Чу шабнам сӯзи ҷонамро тасалло бош!
Садо шав дар дили хомӯшии шабҳо,

Ва дар ин робита бо ман ҳамово бош!
Ба шеърам ҷорӣ шав чун обшори бахт,
Ҳамеша пок бошу шеъри Руъё бош!

## ГУЛВАШИ ИБРОҲИМ



*Гулваши Иброҳим 30 октябри соли 1997 дар шаҳри Панҷакент ба дунё омадааст. Соли 2015 мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №6-и шаҳри Хуҷандро хатм кардааст. Соли 2015 ба Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2019 бо ихтисоси Таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ. Тарҷумон референт (арабӣ ва англисӣ) бо муваффақият хатм намудааст. Дар ҳоли ҳозир дар вазифаи мутахассиси пешбари шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бӯстон фаъолият бурда истодааст.*

### ПАДАРҶОН

Падарҷони ман,
Туӣ тавоно,
Аз ҳастии ту
Дорам таманно.

Ҳар китобатро
Бо завқ мехонам.
Дар роҳи падар
Қадам мемонам.

Номи хуши ту,
Вирди забонам.
Ҳодии роҳам,
Зӯру тавонам.

Дил мерабоӣ,
Бо хоксорӣ.
Аммо ба қиммат
Гардунсаворӣ.

Дилам мехоҳад
Ҳамеша бошӣ
Дар сарам доим
Ту шуълапошӣ

### ЧАРОҒИ УМЕД

Ҷонам фидоят

Эй модари ман!
Идат муборак,
Тоҷи сари ман!

Бароям бошӣ
Чароғи умед.
Мехоҳӣ ба ман
Ту роҳи сафед.

Гар шавам касал
Дармони манӣ,
Нахли ташнаам,
Борони манӣ.

Эй модар, ҳастӣ
Болу пари ман.
Ганҷу давлатам,
Кони зари ман.

Хоҳам, ки бинӣ
Умри бас дароз.
Аз ҳастии ту
Ҳастам сарфароз.

## ФАРЗАНДИ ИН САЙЁРААМ

Ман яке фарзанди ин сайёраам,
Фарди нерӯманди ин сайёраам.
Ҳар куҷояш дилкаш асту дилрабо,
Дилбару дилбанди ин сайёраам.
Зиндагонӣ бахшадам нуру зиё,
Гӯш бар ҳар панди ин сайёраам.
Аз замин моро расад файзу футуҳ,
Чун ки ҷонпайванди ин сайёраам.
Дӯст медорам ҳама хоку хасаш,
Кӯдаки хурсанди ин сайёраам.
Гар сари ман мерасад бар осмон,
Боз ҳам побанди ин сайёраам!

## ПАРЧАМ

Парчами тоҷик,
Хеле баландӣ.
Ба миллати мо

Ҳай дилписандӣ.

Бо рангҳоят
Нишони бахтӣ.
Бо ҷилваҳоят
Нишони тахтӣ.

Аз ту меболам
Дар рӯйи олам.
Бо ту надорам
Дар зиндагӣ ғам.

Дар чашмам доим
Партавфишонӣ.
Мо ҷовидонем,
Ту ҷовидонӣ!

Ҳастӣ ҳамеша
Шаҳболи тоҷик.
Чашмаи меҳру
Иқболи тоҷик.

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон – меҳани мо,
Гавҳари ҷон, гулшани мо.
Боиси шодии қалбӣ,
Эй чароғи равшани мо!

Чашмаҳоят дилпазиранд,
Кӯҳҳоят беназиранд.
Мардумонат шоду хандон,
Хушдилу равшанзамиранд.

Сархати фарҳанги моӣ,
Дилкушоию дилрабоӣ!
Он қадар дорам туро дӯст,
Дар дилу дар дида ҷоӣ.

Он қадар ту бовиқорӣ,
Сарбаланду номдорӣ.
Бо каломи пешвоят
Дар ҷаҳон овозадорӣ

## СУЛҲРО НИГОҲБОНАМ

Доимо дар фарқи сар
Партавфишон ливо дорам.
Ғам намехӯрам ҳаргиз,
Пиру пешво дорам.

Беғамона мехобам,
Беғамона механдам.
Дар забон каломи сулҳ
Баҳри Ватан фарзандам.

Бар дифои кишварам
Мардона қадам ниҳам.
Бо ин Ватан пурзӯрам,
Онро ман нигаҳбонам.

Духтари ҳунармандам,
Боғи пурсамар ҳастам.
Гавҳарам чӣ кор ояд?
Худ кони зар ҳастам.

Дар кишвари озодӣ
Сарбаланди давронам,
Рӯ ба сӯйи бахти худ
Доим қадаммениҳам.

## МОДАР

Ахтари бахтам,
Тобанда бошӣ!
Чун ғунчаи гул
Дар ханда бошӣ!

Рӯят бубинам
Дилам шавад шод,
Аз бӯи хушат
Ғам равад аз ёд.

Ба ман омӯзӣ
Ту дарси адаб,
Хушбахтиамро
Мекунӣ талаб.

Аз дарси адаб
Шудам баҳравар,
Бошӣ дар барам
Сад соли дигар!

Нахуфтӣ ором
Шабе дар барам,
То кӣ набинӣ
Ду чашми тарам.

Ҳастият ба ман
Беҳ аз кони зар,
Ту чун офтоб
Ягона модар!

## ХАЙРХОҲИ ХАЛҚ БОШ

То тавонӣ хайрхоҳӣ халқ бош,
Зарраӣ, андар паноҳи халқ бош!
Қадри худ бишносу қадри дигарон,
Кач, марав доим ба роҳи ҳақ бош!
Бо накӯӣ умри худро пеш бар,
Чун ситора дар нигоҳи халқ бош!
Ҷамъият касро барад бар сӯи нур,
Посдори ному ҷоҳи халқ бош!
То, ки пургул гардад ин дашту даман,
То ба фардо зинароҳи халқ бош!

## БОШӢ ДАР АМОН

Ҳамчу Зарафшон
Ҳастӣ пурэҳсон,
Осон бигзарам
Ман аз Шаҳристон.

Бикшоӣ ҳар боб
Бе ягон азоб,
Садди роҳам нест
Ағбаи Анзоб.

Бе тарсу ҳарос
Равам ба Помир,
Мо аз ту розӣ

Бошӣ ботадбир.

Натарсам дигар
Аз роҳи Шаршар,
Аз Чормағзак ҳам
Мекунам гузар.

Фардои Роғун
Фардои тоҷик,
Гул кунад аз ту
Саҳрои тоҷик!

## ДӮСТӢ

Дӣстӣ – ифтихори мост,
Доимо шиори мост.
Бо ҳама мо қаринем,
Фасли навбаҳори мост.

Халқи тоҷик аз азал
Бо касе душман набуд,
Надӯзад ба моли кас
Ҳаргиз ду чашми ҳасуд.

Кораш набуд аз аввал
Тороҷи моли мардум,
Бо меҳнати ҳалолаш
Мехӯрад нони гандум.

Бо сидқи софу беғаш
Мебошад меҳмоннавоз,
Дар эҳтироми меҳмон
Ҳаргиз надорад анбоз.

Намеварзем душманӣ
Бо халқи рӯи олам,
Қавли мо устувор аст
Дӣстии мо мустаҳкам!

## ИФТИХОР

Кони зари мо –
Зарафшони мо,
Парчами доим

Парфишони мо!

Бо Боми Ҷаҳон
Мо сарбаландем,
Бо Рашту Ҳисор
Беғам механдем.

Бо Суғду Хатлон
Дорем таманно,
Ҳар деҳаи мо
Боби тамошо.

Меваҳои мо
Серобу ширин,
Доруи дарданд
Ҳамчун ангубин.

Бошад равона
Дарёи шӯхоб,
Ташнагишикан
Ҳар кӯли сероб.

Аз Тоҷикистон
Дорем ифтихор,
Сабзу хуррам аст
Ҳамчу навбаҳор!

## ФИЗИКА

Физика фанни мушкил,
Лекин хеле шавқовар.
Аз магниту аз ядро
Моро созад бохабар.

Моро мекашад ба худ
Бо қонуни Нютон,
Аз зарра кунад оғоз
Бо ранги рангинкамон.

Ҳодисаи физикӣ
Бошад аҷаб нотакрор,
Агар онро омӯзӣ
Шавӣ доною хушкор.

Олимони физика
Бошанд ҳама тавоно,
Дар маҳфили андеша
Файласуфанду доно.

## ПАНҶАКЕНТ

Панҷакенти шоирхез,
Як фарзанди ту манам.
Бо ту дорам ифтихор,
Ту ҷонию ман танам!

Таърихи ту мебошад
Таърихи миллати ман,
Мебошам аз номи ту
Дар маҳфилу анҷуман.

Рӯдакӣ номи туро
Расонид бар Каҳкашон,
Лоиқи сарбаландат
Моро намуд ғазалхон.

Ҳафткӯли зебои ту
Бошад ҷойи дилпазир,
Арчамайдон мебошад
Дар ин ҷаҳон беназир.

Аз хоки Саразми ту
Бӯйи ниёгон ояд,
Оби ҷонбахши Қайнар
Баҳри дилро кушояд.

Аз ҳастият доимо
Менамоям ифтихор,
Панҷакенти азизам,
Бинӣ умри бешумор!

## РӮДАКӢ

Ҳарф гӯям бо забони Рӯдакӣ,
Ахтарам дар осмони Рӯдакӣ.
Умри худро биспарам, эй дӯстон,
Бо ғазал, бо достони Рӯдакӣ.
То абад бас ком ширин мекунад

Нахли сабзи бехазони Рӯдакӣ.
Оташи шеъраш намегардад хамӯш,
Ҳамчу назми нурфишони Рӯдакӣ.
Гарчи ҳамчу сабзаи наврустаам,
Меравам бо корвони Рӯдакӣ.
Халқи тоҷик гаштааст овозадор,
Бо каломи ҷовидони Рӯдакӣ.

## ГУЛБАДАСТ МАЙНО



***Гулбадаст Майно (Муродова Гулбадаст Давлатхӯҷаева) 2-юми октябри соли 1998 дар деҳаи Янгишаҳри ноҳияи Лахш дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Мактаби таҳсилоти ҳамагонаи № 1-и ноҳияро соли 2016 хатм намуда, алъон донишҷӯи курси 4-уми факултети химияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон, ба номи Садриддин Айнӣ мебошад.***

***Дар тарбияи завқи эҷодии Гулбадаст модараш – Гулсимо Муродова, ки муддате директори китобхонаи маркази ноҳия будааст, саҳми босазо гузоштааст.***

***Гулбадаст дар озмунҳои зиёди адабию фарҳангӣ иштирок карда, сазовори ифтихорномаҳову ҷоизаҳои зиёде гаштааст.***

***«Сайри Лахш» маҷмӯаи нахустини ашъори Гулбадаст буда, он соли 2019 бо тариқи нашриёти «Истеъдод» чоп шудааст.***

### БАЛАНДИҚБОЛ

Ватан,обу гилам обу гили туст,
Ба ҳар ҷо меравам, дил моили туст.
Зи авҷи ту ба дунё сарбаландам,
Ҳама ганҷе, ки дорам, ҳосили туст.
Ба мисли гавҳару луълӯву марҷон
Шавӣ аз Нораку Роғун дурахшон.
Дар ин дунё ватанҳо бешуморанд,
Ту аммо дигарӣ, эй Тоҷикистон!
Зи Истиқлолу Сулҳу Амну Ваҳдат
Шудӣ сарзабзу зебо мисли ҷаннат.
Манам дар домани сабзат фаришта,
Баландиқбол ман чун Қасри Миллат.
Суруди миллӣ аст авҷу барорам,
Нишону Парчаму Тоҷ ифтихорам.
Ба он шаш Қаҳрамони номдорат
Баланд андар ҷаҳон аст эътиборам.
Ту дорӣ ҳар нафас сад қаҳрамонӣ,
Ки дар банду балоҳо дарнамонӣ.
Ватан, бо Пешвои миллату халқ
Ҳамеша ҷовидонӣ! Дар амонӣ!

### ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистони азизам, эй макони тоҷикон,
Шукр дорам он, ки ман зодам дар ин давру замон.
Меваҳои хушки ту роҳат ба ҷони мо шавад,
Себу ангуру анорат зеб андар руйи хон,

Сарвари бонангу оре Пешвои миллат аст,
Фахр бо ӯ дораму ин хоку марзу шаъну шон.
Кӯҳсору чашмасорат зери гардун то ба арш,
Ҳамчу номи точикон овозадор андар ҷаҳон.
Савсану себаргаҳову ҳар гиёҳу малҳамат
Чун шавад дармони мову малҳаме бар ҷисму ҷон.
Гулбадаст ашъори нав бинвист бар номи ту боз,
Номи ту бошад мудом, эй Тоҷикистон, бар забон.

## МУЛКИ ВАҲДАТОФАРИН

Тоҷикистони азизам, мулки ваҳдатофарин,
Ҳастӣ олиқадру зебо дар дар ҳама рӯйи замин.
Чун кунам васфат, ки набвад ҳеҷ ҳамтоят дигар,
Олам ар ангуштарӣ бошад, туӣ дар ӯ нигин.
Ҷаннату фирдавс дар дунё набошад, филмасал,
Гар биҳиште ҳаст дар дунё, туро донам, яқин.
То бувад ҷон дар бадан, ҷаҳду талоше мекунам
Баҳри ободии ту ба саъю бо азми матин.
Душманатро ҳар куҷо ёбам, бирезам хуни ӯ,
То ба қасди ҷони ту дигар нашинад дар камин.
То ҷаҳон бошад, ту бошӣ сарбаланду сарфароз,
То ҷаҳон бошад, ту бошӣ номдору нозанин!

## ИФТИХОР

Эй сутуни давлати олимақоми тоҷикон,
Шод гашта аз ҳузурат мардуми Лахши баор.
Ҳайкали Исмоили Сомонӣ боло шуд ба арш,
Мо ба номи тоҷдоронат намоем ифтихор.
Савари олимақому Пешвои тоҷикон,
Меҳрпарвар ғамгусори сарзамини ин диёр.

## ШУКРОНА

Ҳазорон шукри Истиқлолу шукри ин Ватан дорам,
Зи тоҷик будани худ фахр дар ҳар анҷуман дорам.
Намоям ҳифз ҳар як пораи хокаш ба ҷону тан,
Ки меҳри меҳанам дар ҷону дар руҳу бадан дорам.

## АЗ МАҒЗИ ҶОН

Рангин шавад дунёи мо,
Олам ҳама шайдои мо.
Бо Пешвои миллатем,
Бар дидаҳо шуд ҷои мо.
Мо насли фардои замон,

Тоҷикнасаб, тоҷикзабон.
Сулҳу амонӣ оварем
Бо сидқи дил, аз мағзи ҷон.

## ПАНОҲАТ БАР ХУДО БОДО!

Зи пешам рафтӣ, эй ёрам, паноҳат бар Худо бодо!
Зи баъди ту алам дорам, паноҳат бар Худо бодо!
Дар ин дунёи ишқу ғам куҷо рафтӣ? Чаро рафтӣ?
Ки ман ғамдидаю зорам, паноҳат бар Худо бодо!
Чи хуш буд, бевафои ман, ба ҳарфи ту адо гаштам,
Ғамамро бар кӣ биспорам, паноҳат бар Худо бодо!
Зи баъди ин куҷо ҷӯйӣ ту Майнои азизи худ,
Дигар бо дидаи чорам, паноҳат бар Худо бодо!

## БОЗ МЕОЯД

Гузашт акнун замистону баҳорон боз меояд,
Шукуфон дар чаман чун меҳри ёрон боз меояд.
Кушода болу пар мурғи дилам аз гулшани ишқат,
Суруди форами савти ҳазорон боз меояд.
Ба домони ғаму ғурбат супурда хандаҳоямро,
Азизи меҳрубони ҷону ҷонон боз меояд.
Замин сабзу само гирён ба руи ғунчаҳои тар,
Лаби ғунча чу во гардад, азизон, боз меояд,

## ЁДАТ БА ХАЙР, АЙ БЕВАФО!

Ин омаданҳо аз чи буд, баргаштаву пас меравӣ,
Дунболи кӣ, ай бевафо, бар ман бигӯ, ту медавӣ?
Ман дар лаби дарёи ишқ бо ёди ту кардам алам,
Аз сӯзу дарди ин дилам бишкастааст акнун қалам.
Гуфтӣ чаро ту омадӣ, хомӯш гаштам дар ҷавоб,
Аз бахри ту гуфтам ба дил, чашмам биафтода ба об.
Ҳоло зи пешам меравӣ, ман интизор истодаам,
Он ҷо, ки аз ман рафтаӣ, бо чашми чор истодаам.
Ёдат ба хайр, ай бевафо!

## БЕВАФО

Агар рафтӣ, намегирям барои рафтанат, ай ёр,
Даруни сина гарчи доғу сад ранҷи дигар дорам.
Ба ёди марди номарде, ки қадри гул намедонад,
Бидон, эй бевафои ман, зи бедардон ҳазар дорам.
Хаёлам ёди ту дорад, вале хомӯшу оромам,
Зи сайри ин гулистону зи боғи ту ҳазар дорам.

Зи меҳри ишқ дилтанг аст ин Майнои зори ту,
Зи кизбу аз хиёнатҳову найрангат хабар дорам.

## ЁДИ ШИРИН

Лаҳзае, ёрам, нишастӣ ту канори оби дарё,
Ваҳ чи ширин буд ҷонам, ваҳ чи рангин рӯйи дунё.
Сад ҳавас дорам, намедонам чи бошад мақсади ман,
Лек донам, ман ҷудо аз ту нахоҳам гашт асло.
Гуфтаӣ бар ман, дигар пайвандие дар мо намонда,
Гиря дорам аз ғамат, инро бидон, эй ёри якто.
Дасти ту то буд ба дасти Гулбадаст, эй бевафо ёр,
Меравам бо ин ҳавасҳо парзанон сӯи самоҳо.

## РОҲИ ХАЁЛ

Шамоле омаду бӯйи ту овард,
Чи хуш буд он, ки аз кӯйи ту овард.
Нишастам ман канори оби дарё,
Замоне оби ӯ ҷӯйи ту овард.
Дар ин роҳи хаёлам мунтазирам,
Ки ишқи поки ман сӯйи ту овард.
Чи менолӣ, ту Майно, аз дили худ,
Ки чашму дидаам рӯйи ту овард.

## ҒАМҒАЗАЛ

Саҳар чашмони зебои туро бар ёд овардам,
Ба кунҷи ғафлате биншаставу фарёд овардам.
Ба ёд овардаам ин дам ҳама он лаҳзаҳои ту,
Ба қаҳри абри гирёнат бубин ман бод овардам.
Дарахте аз нахи умрат чу сабзид, об деҳ онро,
Барои сабзиши боғат яке шамшод овардам.
Зи дасти зиндагии талх нолон гаштаам, афсӯс,
Ба рағми бевафоғиат чӣ хуш имдод овардам.
Зи Майнои ғариби ишқ бас менолӣ, ай фориғ,
Зи шоми тори қалбат ғамғазал эҷод овардам.

## ДӮСТДОРӢ

Ҳамон ёре, ки бо ёри дигар рафт,
Магар арзандаи ишқаш набудам?
Шабу рӯзам ба сар буд ёди рӯяш,
Умедам бурд, карда ноумедам.
Маро ӯ лаҳзае бар ёд н-овард,
Чаро дар ишқашам ларзону гирён.
Дил, эй дил, мекунӣ то кай ту ёдаш?
Варо ман дӯсттар медорам аз ҷон!

## САОДАТИ ДУНЁ

Шоҳи манӣ, ба сӯи дигар ту назар макун,
Аз ҳоли зори сӯхтаҷонам ҳазар макун.
Ҳар шаб ба рӯи роҳи ту дорам ду чашми чор.
Роҳат нишину ишқи маро ту хабар макун.
Ин фикри ту, саодати дунё чу бо ман аст,
Ёрам, биёву аз мани ошиқ гузар макун.
Роҳи дигар куҷост магар, то кунам убур,
То фавҷи нафрат аст, ба ман зар сипар макун.

## ИНТИЗОРӢ

Чи рӯзу солҳо бигзашт, маҳзун интизор астам,
Ки боре як бародар баҳри ман дар пушти дар ояд,
Бигӯяд, хоҳари ҷонам, туро пазмон бигаштам ман,
Ба оҳу гиряву зорӣ ҳаме бо чашми тар ояд.
Барои омаданҳояш ба роҳаш гул бикорам ман,
Ки хокашро ба чашмонам кунам, ҳар дам агар ояд.

## ИНТИЗОРАМ БОШ!

Интизорам бош, дар хайма, ки ояд ёр боз,
Омадӣ аз шӯри дил бо нағмаю бо сӯзу соз.
Аз барои омаданҳоят, бубин, гул гаштаам,
Зудо, эй бевафо, аз роҳи пурпечу дароз.
Барнишин он ҷо, ки бошад нақши изи пои ман,
Хоҳам он чӣ дар дилам бошад, бигӯям ман ба ноз.
Машъали ин кулбаи зулмоти ман ҳастӣ, азиз,
Гулбадастатро бикун бо мақдами худ сарфароз.

## БАРНАГАРД

Аз он ки рафтӣ, барнагард,
Ҳаргиз дигар, эй бевафо.
Рафтӣ ба кӯйи дигаре,
Ёдат ба хайр, эй носазо.
Меҳре, ки бар дил доштам,
Оташ задӣ дар як замон.
То кай бигардам ман, бигӯ,
Бо ғусаву дарду ҷафо?

## КУҶОӢ?

Азизам, рафтию дил ғарқи хун шуд,
Куҷоӣ ту? Куҷоӣ ту? Куҷоӣ?

Вале ҷуз ту надорам ишқи дигар,
Бидон, номеҳрубонам, бевафоӣ!

## НОСАЗО

Лаҳзае бо ту будам, хуш буд ҳаёту зиндагонӣ,
Пас чаро, бар ман бигӯ, бегонавор аз ман ҷудоӣ?
Ёри ҷонам, гар ба гирди ман ҳазорон ошиқе ҳаст,
Рафтию танҳо бимондам, носазоӣ, носазоӣ!

## ҒАЗАБ

Бар суроғи дигаре рафту фаромӯшам бикард,
Он ки дорам дӯсташ, он шаҳсавори бевафо.
Кош рӯзе бинамаш, гирам гиребонаш ба қаҳр:
Рост гуй, аз мо ҷафо дидӣ, ба мо кардӣ ҷафо?

## БАҲОР ОМАД

Зи ман рӯзе ту ёд овар, бидон, ман ошиқат ҳастам,
Ҳамеша мекунам ёдат, ҳамеша бо ту пайвастам.
Баҳор омад, биё бо ман замоне сайри саҳро кун,
Зи гул гулдастае барчин, бидеҳ онро ту бар дастам.

## НАБУД

Дар шаби торе ситора дар само пайдо набуд,
Дар ҷудоӣ ёри бепарвои мо шайдо набуд.
Бори дунёро, бигӯ, Майно, куҷо дорӣ ба худ?
Осмони софи ин дил ҳеҷ хунполо набуд.

## МОДАРАМ

Ман талаб дорам туро умри дарозе, модарам,
Ҳар нафас бар ҳифзи ҷонат зинда ҳастам, гавҳарам.
Панҷаи гарму малеҳатро ниҳодӣ бар сарам,
Аз азобу ранҷ озодам бисозӣ, ёварам.
Чун бигӯям, бас бузургӣ, хоксорӣ мекунӣ,
Дар само ту моҳтобу зарфишонӣ, ахтарам.
Кай шавад, то ин ғарибӣ бигзарад, ай меҳрубон,
Эй тамоми орзуям, модарам, тоҷи сарам.
Дилнавозе ғайри ту ҳаргиз надорам дар ҷаҳон,
Сабри Майно то куҷо бошад, бигӯ, эй раҳбарам?
Эй Худои меҳрубонам, шав нигаҳбонаш мудом,
Модарам, волотарин яктову ҳам болу парам.

## ТАШНАИ ДИДОР

Моҳтоби осмонам, модарам,
Равшанбахши ҷаҳонам, модарам.
Бе ту, модар, ман ғариб афтодаам,
Аз ҷамолат бенасиб афтодаам.
Бе рухат дунё ба чашмам тор шуд,
Зиндагӣ бе ту басе душвор шуд.
Бе ту кору зиндагӣ мушкил бувад,
Бори ҳиҷрони туам дар дил бувад.
Ҳастии ман, ҷони ман, бунёди ман,
Манбаи илҳом бар эҷоди ман.
Ман ба ёдат рӯзҳоро бишмарам,
Шеъри нав пайдо шавад дар дафтарам.

## БЕҲТАР ЗИ ҶОН

Модарам, танҳо наӣ дар ин ҷаҳон,
Бо ту ҳастам меҳрубон, беҳтар зи ҷон.
Нестӣ ту якаву танҳо дигар,
Оҷизу бечораву хуни ҷигар.
Бо туам, то ҳаст ҷон андар бадан,
То бувад руҳу тавон андар бадан.
Аз вафои ту нагардам ҳеҷ гоҳ,
Ҷуз вафои ту надорам ҳеҷ роҳ.
Зиндагиям бо ту дорад рангу бӯ,
Бо ту дорам дар дилам сад орзу.

## НОМАҲОИ МОДАР

Ҳар қадар бори ҷаҳон бар душ дорад модарам,
Чашм андар роҳи ман хомӯш дорам модарам.
То ба кунҷи осмон аз суду аз сӯзу зиён
Як нафас чашму диле рупӯш дорад модарам.
Бод меорад ба сӯям номаҳои модарам,
Номае аз меҳри пур ҳангомаҳои модарам.
Оҳ, дар дунё диле набувад, ки холӣ аз ғам аст,
Пеши чашмонам дарида ҷомаҳои модарам.

## ҶИЛОИ МЕҲР

Намеравад зи ёди ман ҷамоли меҳрҷӯи ту,
Калиди ҷумла бахтҳо, ҷилои меҳри рӯи ту.
Барои ман ту, модаро, азизу нағзу меҳрубон,
Насими форам оварад ҳамеша нек бӯи ту.
Худо кунад, ки бар сарам бимонӣ сабз ҷовидон,
Равам мудом ҳар даме ба меҳраке ба сӯи ту.

Биёӣ, чӣ шавад, агар суроғи сабзи ин мариз,
Ба чашми интизордил нишастам ба кӯйи ту.

## МЕҲРУБОН

Бе ту андар зиндагӣ барги хазонам, модарам,
Ноумеду хаставу озурдаҷонам, модарам.
Нозпарвар, нозбардорам будӣ, ай меҳрубон,
Аз пайи роҳи шумо ҳар дам равонам, модарам.

## ЭЙ ПАДАР!

Эй падар, баҳрам дуои бахт деҳ,
Ай Худо, руҳи матину сахт деҳ.
Чун набудӣ дар канорам, ай падар,
Бе ту будам ман басе бо чашми тар.
Лаҳзаҳои шодиам бе ту гузашт,
Кулфату сад доғ бо ту ёр гашт.
Бе ту кору зиндагӣ душвор ҳаст,
Дил ғамину хаставу бемор ҳаст.
Эй падар, меҳри ту дар ҷони ман аст,
Қуввату дил, зӯру дармони ман аст.
Кош бошӣ ту ҳамеша дар барам,
Сояи ту кам нагардад аз сарам.

## НОДИРА



*Нодира Ханҷарова (Нодираи Собирзод) 11-уми январи соли 2000 дар шаҳри Турсунзода, дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст.*

*Баъди хатми МТМУ №101–и шаҳри Турсунзода таҳсилашро дар факултаи журналистикаи ДМТ идома дода истодааст.*

*Аз хурдӣ шеър менависад. Узви фаъоли маҳфили адабии "Ворисони Турсунзода" мебошад. Чакидаҳои хомааш дар нашрияҳои шаҳрӣ ва ҷумҳуриявӣ пайваста ба табъ мерасад. Инчунин, бо дастгирии нашриёти "Истиқбол" ва ҳафтаномаи "Тоҷикистон" шеърҳояш дар маҷмӯаҳои дастаҷамъонаи "Гулханди ғунчаҳо" ва "Килки сабз" ба нашр расидааст.*

*Ҳоло дар нашрияи "Ҳидоят"-и КИ ҲХДТ дар шаҳри Турсунзода ҳамчун хабарнигор кор бо фаъолият мекунад.*

## ВАТАН

Ман ба дунё омадам бо шуҳрати номат, Ватан.
Бо шукуҳи илму фарҳангат, зи даврони куҳан.
Мепарастам зарраи хоки туро монанди зар,
Сабзаю хори биёбони ту зебою ҳасан.
Аз канори меҳрборат бахти хандон ёфтам,
Дар сипосу шукри ту, аммо намеёбам сухан.
Чашмаҳои софи ту бар қалби ман илҳом дод,
То нависам шеърҳо дар васфи ин боғу чаман.
Бахту тахтам бо Ватан, дар ишқварзӣ будан аст,
Дар раҳи ишқи Ватан фарқе надорад марду зан.
Аҳриман гар бар замини поки ту по мениҳад,
Гарчи зан ҳастам, вале ҷангам ба онҳо тан ба тан.
Машъали рӯйи ҷаҳонӣ, машъалафрӯзат манам,
Сарвати танҳои ман, эй Тоҷикистон, эй Ватан!

## ТУРО МАРДОНА ДОРАМ ДӮСТ

Туро эй ҷони ширинам, на чун ҷонона дорам дӯст,
На чун Ширину чун Лайлӣ, чу як девона дорам дӯст.
Муҳаббат зеби номарду ҳавасбозон намебошад,
Бале, зан ҳастаму аммо туро мардона дорам дӯст.
Бубинам гар туро рӯзе, зи чашмонат гурезонам,
Ба дил шарму ба рӯ парда, туро шарқона дорам дӯст .
Муҳаббат гар ниҳон бошад, бидон, ки бе забон ишқ аст,
Зи халқу дӯстон махфӣ, ба дил пинҳона дорам дӯст.

Бубин, ҳатто азизи дил туро бар худ ҳасад бурдам,
Ба худ рашку ба худ қаҳру зи худ бегона дорам дӯст .
Зи сӯзи оташи ҳиҷрон туро наздам садо кардам,
Агарчанде мусалмонам, гаҳе риндона дорам дӯст .
Бидуни мири қалби Нодира дунёст вайрона,
Биё, обод кун андар дилам кошона, дорам дӯст.

## ИНТИҚОМ

Саломат бош, эй нашнида пайғому саломамро,
Агарчанде намегӯӣ алайки ассаломамро.
Ба дастонат гули розу ду чашмонат ба роҳи ман -
Намудам сарфи ин андешаҳоям субҳу шомамро.
Мабайлатро зи дастонат намемонӣ тамоми рӯз,
Вале боре намехонӣ зи мессенҷар паёмамро.
Бигуфтӣ: «дар муҳаббат ишқи ту нопухтаю хом аст!»
Биё, бар оташи ишқат бизан, паз ишқи хомамро.
Агар бо ёди номаҳрам ба сина машъал афрӯзӣ,
Бисӯзад хонаи қалбам гирифта дуда бомамро.
Набошӣ дар канорам бе ту ниму ниму нимам ман,
Давомам дар давоми ту, намехоҳам тамомамро.
Ба қалби худ мунаққаш кун муҳаббат гуфта номамро
Накардӣ гар, бигирам рӯзи маҳшар интиқомамро.

## ҲАМОН БОНУ...

Ҳамон бону манам, к-аз ошиқӣ сад бор ғамдида,
Ҳамон хонуми дар боби муҳаббат хеш санҷида.
Ҳамон зан, ки ғурури аҳли занҳо инҳисораш буд,
Кунун дар зери пойи ишқи нодаркор афтида.
Ҳамон сода, ҳамон зудбовари афсонаи дунё,
Ҳамон рӯзарду хуниндил, аз ин пайкор шармида.
Ҳамоне ки садоқатро либоси ишқ медонист,
Гуноҳи бевафоеро тамоми умр бахшида.
Ҳабиби дил кунад бо дигарон ишрат, валекин ман
Миёни дуди ҳиҷрони ҳамон беор печида.
Ҳамон нотарси аз бори гарони зиндагии сахт,
Дигар аз наштари борики ишқи хор тарсида.
Ҳамон олиҳае, ки дилкашу нозида механдид,
Бирезад ашки ҳасрат аз ғаму озор шӯрида.
Бигӯ Нодираи нодон, зи ҳоли худ чӣ медонӣ?
- На он бону манам, к-аз ошиқӣ лак бор ғамдида…

## ШУДГОРИ ЛАБ

Маро то бар ҳамон рӯзи муяссар интизорам бош,
Наоям гар, ба дидори қиёмат дӯстдорам бош.
Шумори ошиқонам гарчи аз мӯйи сарам бисёр,
Ҳамехоҳам, ки дар қайди Ҷунуни бешуморам бош.
Ба номи соҳиби ҳаждаҳ ҳазор олам бигӯ: “Савганд!”
Агар солам расад бар як саду ҳаждаҳ, канорам бош.
Шаби одина болинро ба зери сар намемонам,
Ки ёри маҳрами ман дар бари Парвардгорам бош.
В-агар санги маломат мезананд аҳли риёкорон,
Ба майдон мебарову пеши душман ифтихорам бош.
Чаҳористони умри нокасон танҳо ҳасадкорист,
Ба шудгори лабам аз дони ишқат хандакорам бош.
Чу булбули асиру бенаво ҳабси қафас ҳастам,
Биё, аз мулки озодӣ зи хасмам хостгорам бош.
Худо нокарда дасти ғайри ту сӯям дарозӣ кард,
Сари қабрам ба дасти кӯтаҳат мармаргузорам бош.

## ИКСИРИ ҲАЁТ

Дил зи дасти гирудори зиндагонӣ хаста аст,
К-аз ҳама ин кору бораш ҷон ба берун ҷастааст.
Панҷаи қисмат кушуд роҳи Самарқанду Ҳисор,
Сарҳади байни ману ту то ба ҳоло баста аст.
Ношукуфта ғунчаи васлат бидуни оби ишқ,
Дар замирам гӯиё хори ҷудоӣ раста аст.
Мечашам аз чашмаи дидорат иксири ҳаёт,
З-ин сабаб ҳар соати умрам зи ту вобаста аст.
Барканам аз сина сигналҳои сими ҳиссиёт,
На, набитвонам, ба ноқилҳои ҷон пайваста аст.
Нодира, аз мо хабар кун мири шаҳри ошиқон:
Тири ҳаҷр ойинаи чашми маро бишкаста аст.

## ШАМСИ ВАҲДАТ

Абри сияҳ чу бигрифт, болои боми тоҷик,
Таҳқири ҳамдигар шуд, ҳарфу каломи тоҷик.
Ҷои салом бигрифт, дашному зарбаи мушт.
Дар ҷанги шуми миллат, додар бародараш кушт.
Пайваста авҷ бигрифт, ғоратгарӣ, разолат
Мардум наметавон кард, дар хонааш иқомат.
Ҷонро ба каф гирифта, аз дасти аҳриманҳо,
Бигрехт халқи мазлум, бар дашту бар даманҳо…
Уммеди халқи тоҷик аз раҳмати Худо буд,

Чун миллати накӯном аз ҷангу хун раҳо шуд.
Шамси накӯ баромад, болои Қасри Арбоб.
Гулҳои тоза бишкуфт, бедор гашта аз хоб.
Андар фазои ваҳдат, парвозӣ шуд кабӯтар,
Оғӯши хеш бикшод, бар ҳамдигар бародар
Парвона шуд парасту дар шифти боми миллат,
Бо пайки шодмонӣ аз кишвари муҳаббат.
Ин бахту ин саодат, лак солу то бақо бод,
Зеро Суруди миллат дар кишварам садо дод.
Монанди нон муқаддас, асъори миллии мо,
Дар арсаи ҷаҳонӣ, чун ори миллии мо.
Бинед накби Шаршар, Анзоб гашта бунёд,
Бо ғайрату талоши ин Сарвари Худодод.
Андар китоби Гиннес, бингар нишони тоҷик,
Бо Парчами баландаш, ҳам шаъну шони тоҷик.
Имрӯз НОБ-и Роғун гардидааст чароғон,
Аз Кохи Нури кишвар уммеди мо фаровон.
Аҳди бародарӣ шуд, бо дӯстони ӯзбек,
Андар фазои озод, «мисли қуёшу ойдек»
Бигрифт ранги дигар деҳоту кӯчаю раҳ
Аз файзи мустақилӣ, дар тӯли соли се даҳ.
Бахти накӯи давлат, ин шаъну шону шавкат,
Аз нури шамси ваҳдат, бо Пешвои миллат!

## ДУХТАРИ ТОҶИК

Эй духтари тоҷик, туро ҳусн кунад зам,
Ин тоқию ин беқасабу куртаи адрас.
Гесӯи диловези ту машшота нахоҳад,
Ҳамвор кунад баски варо шонаи атлас.
Аз накҳати ту рашк барад атри Фаронса,
Ҳар ғунчаи гул дар ҳасади сурхии лабҳот.
Ҷон духтарако, Мона Лиза пеши ту таслим,
Аз Нодира эҳдои ту бод ин ду-се абёт.

## ТОҶИКУ ӮЗБЕК

Дар кишвари соҳибҳунар, тоҷику ӯзбекро нигар,
Хуршедсон ду роҳбар, тоҷику ӯзбекро нигар.
Аз дӯстӣ болидарӯҳ, азми муҳаббат мекунанд,
Тоҷи фараҳмандӣ ба сар, тоҷику ӯзбекро нигар.
Биншаста андар анҷуман бо ҳамрадифи якдигар,
Пайванд чун ширушакар, тоҷику ӯзбекро нигар.
Андар миёни ин ҷаҳон дар дӯстӣ партавфишон,

Монандаи шамси саҳар, тоҷику ӯзбекро нигар
Бикшода дастам бар дуо шукри Худоро мекунам,
Эй дӯст, бар гулшан гузар, тоҷику ӯзбекро нигар.
Бо сад ҳавас ифшо кунам, бо килки сабз иншо кунам,
Аз Нодира ашъори тар, тоҷику ӯзбекро нигар.

## ОЗАР

Манам озар, туӣ озар, ҳама рашку гумон озар,
Аз ишқи нотамоми мо макони булбулон озар.
Биё наздам, нишин як дам, бигӯ, ки дӯст медорам,
Бубин, рӯям зи шарми дӯстдорӣ арғувон озар.
Азизам гӯ, лазизам гӯ, туӣ қанду мавизам гӯ,
Ҷаҳони ман бигӯ, то ки шавад ҷон бекарон озар.
Ҳамеша ҳаҷри ту сӯзад маро дар вартаи вулқон
Чаро, ки оташи қалбам ба ёдат ҷовидон озар.
Рабудӣ ту қарор аз ман, кунун то кай гурезонӣ?
Танам чоку дилам пурхун ба ёди дилситон озар
Бубин наргиси мастамро ҳазину зору маҳҷур аст,
Ба мижа ашки хунолудаву дар дил ниҳон озар.
Аё оташпарасти ман, зи дасти гулхани ишқат,
Замин озар, замон озар, ҷаҳони ошиқон озар!

## ҲАҶРИ ИШҚ

Меравам имшаб зи ту сӯи мазори ҳаҷри ишқ,
Ман ба Ҳақ ҷон месупорам аз фишори ҳаҷри ишқ.
Не, наметарсам дигар аз қотилони ошиқон,
Шоҳидам бар шаҳидони бешумори ҳаҷри ишқ.
Бо ҳама ин сарбаландиву ҳама мағруриҳо,
Сар фуруд орам ба назди ҳамма кори ҳаҷри ишқ,
Дар фироқаш мекашад оҳи гарони пургудоз,
Байни саҳрои Ҷунун лайлитабори ҳаҷри ишқ.
Нодира, дар нимароҳи гулшани меҳру вафо,
Мутрибу ҳам шоиру ҳайратнигори ҳаҷри ишқ.

## ИШҚ ҒАВҒОИ ДИГАР

Бо ҳама ғавғои дунё ишқ ғавғои дигар,
Лаб ҳувайдои дигар, ботин таманнои дигар.
Дер шуд, аммо чӣ созам ишқ савдои дигар?
Тан ба ҷойи дигару савдои дил ҷойи дигар.
Ишқварзӣ кардани мо бо касону нокасон,
Иштибоҳи бегумон аст ё муаммои дигар.

Чашми ёрон ошиқи чашмони шаҳлоям, дареғ
Чашми гумраҳ маъшуқи чашмони шайдои дигар.
Ишқи нокоми маро фатвои дил дар банд кард,
Ай дило, медодӣ баҳрам кош фатвои дигар.
Дар канори ғунчалабҳои кибори бӯстон,
Нағмахонӣ мекунад булбул ба шевои дигар.
Мезанам доду фиғон аз дасти номардони дун
Қайс – Маҷнуни дигар, Нодира – Лайлои дигар.

## ҲАЛВОЯТАМ

Эй азизу шаҳриёрам, ёри шаҳророятам,
Дар миёни нозанинҳо ғунчаи лабвоятам.
Идию ҳалво чӣ хуш ояд дар ин моҳи шариф?
Идии ту ин манам, ҳалвоятам, ҳалвоятам.
Дӯстдори суратам ҳастӣ ва ё ки сиратам?
Гуфт: «не ину на он, бе ин ҳама шайдоятам!»
Ту чӣ месозӣ агар ишқи маро сармо занад?
Гуфт: «то рӯзи аҷал ман оташи гармоятам.»
Аз Душанбе то ба Регар он қадар ҳам дур не,
Ҳар куҷое меравӣ пеши назар пайдоятам.
Гар назар меафканӣ бар духтари ҳамсояат,
Бо ту сад ғавғо кунам, оре, бале, ғавғоятам.
Аз сари ҳар ибтидою интиҳои зиндагӣ,
Ту ҳамон Қайси маниву ман ҳамон Лайлоятам!

## ДИЛАМРО МАШКАНЕД

Ин дили бишкастаамро бори дигар машканед,
Шӯрбахти содаро бо кори дигар машканед.
Бори дунё дар барам, савдои олам бар сарам,
Қомати хамгаштаро бо бори дигар машканед.
Дил зи дасти ваҳшати дунёи дун андар ҳарос,
Бо набарду ҷангу бо пайкори дигар машканед.
Туҳмату овозаи мардум миёнамро шикаст,
Ору номуси маро бо ҷори дигар машканед.
Сарбадори адлу инсофу ҳақиқатҳо манам,
Гардани печидаро бо дори дигар машканед.
Дил бидодам бар касе, аммо накарданд эътироф,
Аз такаббур бо яке инкори дигар машканед.
Нодира бо ин дили сад поराаш нодир бувад,
Ин дили садпораро такрори дигар машканед.

## РУМОНТИК ШАВ!

Муҳаббат они «ман» не, они «мо» аст!
Ба ғайри «мо» ба «онҳо» нораво аст.
Ба мисли аҳли номардон маёзор,
Алорағми ҳасудон дӯстам дор.
Бидон, ки ишқ аз кампутари дил,
Намудан ҳазфи ин барнома мушкил.
Бидуни ту тавону қудратам чист?
Маро ними нигоҳи ту энерҷист.
Башорат мекунад афсунгари бахт,
Ки дар толеъи мо бинвишта: хушбахт!
Шароби талхро аз ғам нанӯшем,
Кунун бо қаҳваҳои ишқ хушем.
Макун армон, ба вақте ҳаст имкон
Бирав, ҳамроҳи ман бар Ошиқистон.
Румонтик шав! Агар борон биборад,
Муҳаббат ҳам намои хоса дорад.

## РАШК

Туро шаббодае дар субҳидам бӯсидаю бигзашт,
Худою, рашки ман омад…
Бале, бӯсиду ин бӯса
маро дар гулхани ишқат
чунонам сӯхт, чунонам сӯхт, ки
аз чашмам сиришкам бесухан омад.

Магар мақбули ту бӯсу навозишҳои
он шаббоди номаҳрам?
Кӣ медонад?!
Яке боз ояду бо накҳати гулҳо
туро мафтуни худ созад,
навозиш карда, рӯю мӯйҳоятро пардозад?
Ва ё хоҳӣ, ки ин рашки гулу шаббодаи саҳро
маро дар оташ андозад?

Нигар бар косаи сабрам, кунун лабрез мегардад,
Намехоҳам тааммулро,
чаро, ки мефизояд қаҳраму ҳасрат.
Набитвонам бипӯшам чашм з-ин ҳолат,
Ба рашки худ, намешинам ба кунҷи хилвате танҳо,
Барои ишқи дилдода
ба ҳар чӣ дар набард оям,

Бигирам интиқомамро аз ин беор шаббода,
аз ин беор шаббода!!!

## МОДАРАТРО ДӮСТ ДОР

Аз ҳама ошиқтаратро – модаратро дӯст дор!
Дилкушою дилбаратро – модаратро дӯст дор!

Бахти худ асло маҷӯ аз домани зеборухон,
Шодиву бахтоваратро – модаратро дӯст дор!

Бо итобу бо ғазаб парҳез бинмо аз шароб,
Замзами меҳри баратро – модаратро дӯст дор!

На рафиқу хешу ақраб бар ту бовар мекунанд,
Содаю хушбоваратро – модаратро дӯст дор!

Дастро боло макун тори сараш, эй нохалаф
Очаи муштипаратро – модаратро дӯст дор!

Ғамбаратро розӣ кун қабл аз сафар сӯйи абад,
Соябоншакли саратро – модаратро дӯст дор!

Дӯстам, пеш аз ҳама аввал Худоро дӯст дор,
Пас Худо, ҷисмофаратро – модаратро дӯст дор!

Мерасад билҷумла аз пайғамбари мо ин паём:
Модаратро, модаратро, модаратро дӯст дор!

## ШОКИЯМ

Дубора рафтӣ аз барам, бирав, бирав, дигар наё,
Дубора фарқи санги раҳ накардӣ аз гуҳар, наё.

Дақиқаҳои вопасин ва охарин муоширот,
Ду чашми қаҳвагунаам бадар намо зи хотират.

Бидуни шубҳаю гумон туро занад уболи ишқ,
Намерасад ба бозият таҳаммулу маҷоли ишқ.

Магӯ, ки: “шонси дигарам бидеҳ, азизи дил, бубахш!”
Муҳаббати дурӯғинат ба ёри дигарат бубахш!

Бирав, бирав, ман аз ҳамон хиёнати ту шокиям,
Намепарам фазои ишқ, кунун зи аҳли хокиям.

## ФАРЗАНДИ ДИЛ

Дил бехабар аз дунё як ишқ таваллуд кард,
Ногаҳ ба сари ошиқ оварда ҳазорон дард.

Бо ҳавсалаи мутлақ аз рози ниҳон гуфтем,
Маъшуқи ҷафопеша, бар ишқ вафо н-овард.

Бар тифли дили – «модар» бишкофта чун элок
Сад тири тағофул зад, ин зиндагии номард.

Сӯзад ба дилам ин дил, дил сӯхта дар ишқе
Бо ин ҳама пурсӯзӣ, дунёи ману дил сард.

Исонафасе ояд, то зинда шавам аз нав,
Эй ишқи кафанпӯшам, як бори дигар баргард.

## ИЛҲОМИ ҒАЗАЛСОЗ

Як духти ғазалгӯйи навосози дуторам,
Бар аспи садоқату вафои ту саворам.

Оҳу шаваму аз паси сайди дили ман бош,
Сайёди дигар то накунад қасди шикорам.

Аз сардию сармои зимистон наҳаросам,
Метарсам агар, ки гузарад бе ту баҳорам.

Бар фитнаи номуҳтарамон ханда занам, чун -
Ки ҳеҷ набуду нашавад ғайри ту корам.

Маъшуқпараст, ошиқи сад лоларухонӣ,
Бо қудрати ишқам ба ҳама нуқта гузорам.

Бар тахти дили зор нишастиву баногаҳ,
Бигзашта зи масъулияту кардӣ фирорам.

Илҳоми ғазалсоз куҷо рафт зи шоир?
К-аз баъди ту ман кайфияти шеър надорам.

## ТАФОВВУТИ ИШҚ

Бо муҳаббат зиндагӣ оғоз шуд,
Бо муҳаббат дафтари дил боз шуд.
Бе муҳаббат шедро ҳам нур нест,
Гар аъмое дӯст дорад, кӯр нест.
То мабод олуда домонат зи гард,
Ишқро аз “ишқ” бояд фарқ кард.
Нозил ояд ишқ аз сӯйи Худо,
Мекашад монандаи оҳанрабо.
Аз ҳавас то бар муҳаббат роҳ дур,
Мерасад ҳар кас агар бошад сабур.
Гар надорӣ бар ғамаш тобу тавон,
З-он муваффақ гаштанат андар гумон.
Аз муҳаббат ҳар қадар гӯӣ, кам аст,
В-аз муҳаббат ҳар чӣ гӯӣ, форам аст.
Бо муҳаббат омадан ин исмат аст,
Бо муҳаббат рафтани ман қисмат аст.

## ДУБАЙТҲО

Дӯстонатро чӣ гӯям, чашм бар ҷайбат кунанд?
Гар либоси кухна пӯшӣ, беибо айбат кунанд,
Фарқи марду зан намемонад, дар ин охирзамон
Аҳли мардон гар зи пушти бонувон ғайбат кунанд.

Гаҳе қаҳрӣ, гаҳе ҷангӣ, гаҳе дар ёди ҳамдигар,
Бисӯзам андар ишқи ту зи оташ ҳам фурӯзонтар.
Кабӯтарҳои мактубӣ расонад номаҳои ишқ,
Ту аз қалби Душанбею ман як кунҷаки Регар.

Ёри шайтонӣ ба сӯям беибо кардаст имо,
Бехабар аз ҳоли худ уфтодаам чоҳи бало.
На зи оташ мегурезам, на зи вулқон дар панаҳ,
Аллакайҳо хок бинмуд оташи ишқат маро…

Эй ки мекардӣ маро дур аз канорат ҳар қадам,
Лак азобу ранҷ, алам, ғам... дам ба дам бинмуда зам.
Дар китоби зиндагиам сад ҳазорон сафҳаест,
Сафҳаи номи туро баркандаму оташ задам.

## МЕҲРОНА БОНУ



*Меҳрона Бону 10-уми марти соли 2006 дар рустои Иттифоқи шаҳри Ҳисор таваллуд шудааст. Таҳсили ибтидоиро дар муассисаи таҳсилоти умумиасоси рақами 80-и шаҳри Ҳисор гирифтааст.*

*Меҳрона аз хурдӣ зеҳни буро дошта, аз синни сесолагӣ ба омӯхтани илм пардохта, дар синни сею нимсолагиаш сураҳои китоби «Ҳазрати Ёсин ва Таборак»-ро азёд кардааст.*

*Зеҳни буррову иродаи матини ӯро дида Шуъбаи маорифи шаҳри Ҳисор Меҳронаро дар синни 5-солагӣ ба синфи якум қабул намуданд.*

*Меҳрона аз синни 8-солагӣ ба навиштани қиссаву ҳикояҳои хурд шуруъ намуда, аввалин чакидаҳои хомааш дар рӯзномаи «Маорифи Ҳисор» ба табъ расидаанд.*

*Меҳрона алъон истиқоматкунандаи шаҳри Санкт-Петербурги ФР буда, дар ҳамон ҷо таҳсили худро идома медиҳад. Ӯ ғайри аз забони модариаш – тоҷикӣ, забони русиро ҳам хуб медонад ва забони англисиро ҳам омӯхта истодааст. Меҳрона инчунин хатти ниёгонро ба хубӣ медонад.*

## ДАР ИНТИЗОРИ ПАДАР

Имрӯз ангушти калонии поям сих зад. Аз бибиам пурсидам:

- Хала задани ангушти пой чӣ хусусият дорад?

Он кас гуфтанд:

- Ба хона касе меояд.

Дарав дилам орзуи омадани падарамро кард. Дар ҳамин вақт назди дарвозаи хонаамон як мошини сафед истод. Сар аз тиреза берун карда нигоҳ доштам, бибибам сарзанишам кард:

- Берун сард аст. Аз тиреза бисёр нигоҳ накун! Бемории ман кифоя нест, ту худатро бемор мекунӣ?!

Ман ба ҷанҷоли бибиам аҳамият намедодам, ҳушу хаёлам ба мошин, хаёл мекардам даруни мошин падарам бошад. Бибиам ба чеҳраи ман назар кардаву суол дод:

- Ту дар ин мошин киро интизорӣ?

Ҳамин вақт аз осмон як ҳавопаймо мегузашт. Ба сӯйи у нигаристаму гуфтам: «Шояд падарам бошад???»

## ФАРИШТАИ БЕНАЗИР

Ин ҷо дугонаҳои зиёд дорам.

Ҳамаамон аз ҳар миллатем. Милена карейка аст. Фатима доғистонӣ, Гулнора тотор, Настя белорус, чичен Адигей ва ғайра.

Модару падари Фатима аз ҳам ҷудоанд. Фатима бо модараш зиндагӣ мекунад. Як ҳафта шуд, ки модарашро зора дорад, ки пояфзоли наваш бихарад. Модараш мегӯяд, ки:

- Падаратро бигӯй, пули алиментро фиристад, мехарам.

Падараш ҳам ҳар чизро баҳона дораду пул намефиристад. Бечора Фатима дар байн мондааст.

Милен бо бибиаш зиндагӣ мекунад. Бибиаш 24 соат сигор мекашад. Милен ба бибиаш аз мағоза сигор мехарад. Худаш ҳам аз он сигорҳо кам-кам дуд мемонад. Бибиаш медонад, сарзанишаш намекунад.

Эльдар ҳам яке аз дӯстони мост. Онхо тоторанд. Бо модараш зиндагӣ мекунад. Дар бораи куҷо будани падараш намедонам. Модараш бисёр зани дағалу майзада аст. Маошашро фақат менӯшад. Ба писараш сару либос намехарад.

Модари Настя ҳам майзада аст. Ӯ ду хоҳар дорад. Падари Настя белорус аст. Модараш баьди ҷудо шудан аз падари Настя, шавҳари ӯзбек кардааст. Хоҳаронаш аз ҳамон падари ӯзбекаш. Аз рӯйи бадмастии модараш, падари ӯзбекаш хам таркашон кардааст. Назди хонаи Настяшон қуттии калони порупартоист. Настя аз он ҷо барои худашу хоҳаронаш пояфзолу либоси мекобад.

Бо Катя модараш мудом соз нест. Фақат чанг мешавад. Ӯро аз хона меронад. Дари хонашонро қуфл мекунад. То бегоҳ дохили хона шудан намемонад. Хӯроки нисфирӯзӣ намедиҳад. Бечора Катя ҳамеша карз мепурсад. 20 рубл 50 рубл..

Ана ҳамин хел зиндагӣ доранд инҳо.

Ба ҳоли ҳар яке инҳо нигариста, акнун фахмидам, ки ту фариштаӣ, очаҷон!

Фариштаи беназир!

Марову бародарамро бе кӯмаку дастгирии касе ба воя расонидӣ. Аз падар алимент талаб накардӣ. Дар мушкиливу хастагиҳяот «наметавонам» нагуфтӣ. Беҳтарин либосро пӯшонидиамон, гуруснаамон намондӣ. Мӯҳтоҷи касеамон накардӣ. Бо майу шароб вақтатро хуш накардӣ. Болои ҷойнамоз факат ашк рехтиву аз Худо мадад ҷустӣ. Чун мардон муҳоҷир шудӣ. Дар муҳоҷират ҳам моро

танҳо напартофтӣ. Мушкилат шуд, ҳам моро бо худ бурдӣ. Ба хастагиҳяот нигоҳ накарда, шабҳо китоб мехондиву нақл мекардӣ, ба мо таълими диниву дунявӣ медодӣ. Ин буд, ки ман дар синни 11-солагиам Қурьонро хондам. Бародарам дар синни 9-солагӣ. Барои мо шуда натавонистӣ аз рӯйи ихтисосат фаъолият намоӣ. Музди меҳнатат кифоягӣ намекард, ки ҳам хӯрониву ҳам пӯшониву ҳам хона бисозӣ. Ҳар бор моро сару либосхарӣ мебурдӣ, мегуфтем:

- Очаҷон, барои худатон ҳам чизе бихаред!

Мегуфтӣ:

- Ман ҳама чиз дорам. Фикри маро накунед...

Боре нагуфтӣ, ки: «Ба падарат занг зан, бигӯй кӯмакамон кунад». Ӯ ҳам аз худ инсоф намекард. Модари баору номусам, ҳамаи мушкилиро ба зиммаи худ гирифтиву пеши касе сар хам накардӣ...

Модари дугонаам аз ман боре пурсид:

- Очаат ҳоло ҳам ҳамон хел зебост?

Бале. Очаҷонам зебост. Очаҷонам фариштаи беназиру беозор аст. Ҷавониву зебоиятро ҳам дар роҳи таьлиму таьмини мо бохтӣ, очаҷони ҷони ман!!!

Кадом як корнамоиятро гӯям? Модари шеру модари шеьрам! Саропо одобу иффатӣ очаҷони порсоям.

Имрӯз бо меҳнату азобҳои ту соҳиби хонаи калон бо шароити замонавӣ. Ҳама шароитамон муҳайё. Аммо, афсӯс, ки ин ҳама бар ивази саломатии ту ба даст омад.

Фикри зиёду меҳнати вазнин туро афгор кард.

Ҳар дам фишорбаландӣ азиятат медиҳад.

Модари заҳматкашидаву ранҷдидаам...

Барои тасвири ин ҳама муҳаббатат қалам ва мани камсавод оҷизӣ мекашем...

Фариштаи беназирам, 44 баҳор умрат муборак!

Худованд як умр болои сари ману акаҷон соябон бошад!

Дӯстат дорам, фариштаи беназир!

## АШКИ ҲАСРАТ

Зиндагӣ баҳрест пуртуғён, гоҳ маҷрояшро гум мекунаду гоҳ ба шӯр меояд. Ҳар фарде, ки таҳаммули ин тӯфонро дошта бошад, зиндагиро бурд месозад. Имтиҳони зиндагӣ мисли оташ аст. Ҳам мепазонаду ҳам

месӯзонад. Модоме ки хоки инсонро бо ғам сиришта бошанд, ғам ҳамқадами ҳаёти мост ва мо бояд ба пухтану сӯхтан омода бошем.

Дунё барои зиндагон аст. Дар умри дурӯзаи худ нек бояд зист, то баъди гузаштан аз дунёи фонӣ туро бо номи накӯ ёд созанд. Аз худ кори некро бояд мерос гузошт, ки баъди сари ту идомадиҳандаи аъмоли неки ту бигардад.

Дар деҳаи Иттифоқи ҷамоати деҳоти Ҳисор зиёда аз 180 хоҷагӣ ҳаёт ба сар мебаранд. Аксарияти аҳолии деҳа хешу таборанд. Ин деҳа дар таги кӯҳҳои баланди Боботон ҷойгир шудааст. Мардуми ин ҷо зиндагии миёнаҳол доранд. Ҷавонони деҳа бархе дар муҳоҷират, дигаре ба кори хоҷагидорӣ машғуланд. Теппаҳои хоки кулолӣ, ки дар дохили ҳамин деҳа мебошанд, аксарияти ҷавонон ба рехтани хишт машғуланд.

Аз поёни деҳа, ки дарёи Чангоб убур мекунад, боқимондаи ҷавонон аз ин дарё санг ҷамъ намуда, ба мошинҳои боркаш бор намуда, ҳаққи меҳнат меситонанд.

Ҷавонон кам ба илм дода шудаанд. Аз ин рӯ, ҷавонони маълумотнок ангуштшуморанд. Аҳли деҳа иттифоқона зиндагӣ мекунанд. Агарчанде аксари ҷавонон бемаълумот бошанд ҳам, таълиму тарбияи хуб доранду бо меҳнати ҳалол зиндагӣ мекунанд. Дар деҳа ҷавонони майзада, ғоратгар ва дурӯғгӯю бероҳа дида намешаванд. Ҳама бо меҳнати ҳалолу обилаи кафи даст ҳаёт ба сар мебаранд.

Ҷавонони хиштрез аз бегоҳ рафта, хокро канда лой мешӯранд. Субҳи барвақт бо салқинии рӯз лойро ба хиштқолабҳо ҷой намуда мерезанд. Писарони қобил дар як рӯз то панҷсад дона хишт мерезанд. Онҳо байни худ мусобиқа ташкил намуда, бо шавқ лойи шӯридаашонро ба хишт мубаддал менамоянд. Мегӯянд, ки: «Чашм номард асту даст мард». Чашм аз кори душвор меҳаросаду даст иҷро мекунад. Ҷавонон бо ҳамдигар шӯхикунону зарофатгӯён кори худро ба анҷом мерасонанд.

- Мухтор, канӣ ҳисоб кун, чанд хишт рехтӣ? – гӯён, Мирзо мепурсад.

- Корат чӣ? Ё ту милиса-мӣ? – ҷавоб дод нимҷиддӣ Мухтор.

- Метарсӣ, ки чашм мегирата? – бо ханда дар байни сухани Мухтору Мирзо даромад Исмат.

- Ҳа, чашми бобои ту санга мекафонд. Бо тарафи бобоят нарафта бошӣ? – гуфт Мухтор.

- Аз афташ маро бинӣ, шалворатро тар мекунӣ, гӯй! – Ҳа, Мухтор? – гӯён хандид Исмат.

Ҷавонон бо чунин шӯхиву бозӣ саргарми кори худ буданд. Танҳо дуртар аз ин ҷавонон як ҷавон нишаста тамоку мекашиду аз чеҳраи заъфаронаш маълум буд, ки ӯ ҷавони ин деҳа нест. Қиёфаву андомаш ба ҷавонони шаҳрӣ монанд буд. Чеҳрааш пур аз ғаму андуҳ менамуд. Ба шӯхиву хандаҳои ҷавонон эътиборе ҳаме намедоду фикру хаёлаш банди кадом андешаҳое буд. Алимуҳаммад, ки ҷавони зираку доно ва раҳмдил буд, назди ин ҷавон омада нишаст. Кунҷковона пурсид, ки:

- Акаи Муҳаммад, парастуи хаёлатон ба кадом сайёра парвоз дорад?

Ин суоли ногаҳонӣ фикри Муҳаммадро пароканда намуда, - ҳеч, - гӯён ҷавоб дод.

- Камтар дуд гирам гуфта нишастам, уф! – гуфту боқимондаи сигорашро ба замин партофт.

- Акаи Муҳаммад, ман Шуморо мефаҳамам. Гарчанде аз Шумо хурд бошам ҳам, аз Шумо пештар ин шаҳди чашидаи Шуморо чашидаам. Ба он тарафе, ки чашми Шумо банд аст, 18 сол аст, ки чашми маро интизор кардааст, - гӯён ба тарҷумаи ҳоли худ оғоз намуд Алиммуҳаммад:

- Сесола будам. Қиблагоҳамро он қадар дар хотир надорам. Аз рӯйи нақли модараму бародаронам шунидаам, ки падари бегуноҳу фақирамро дар ҷанги шаҳрвандӣ бе ҳеч гуноҳу айб ваҳшиёна куштаанд. Шабе бо туҳмате силоҳбадастон ба хонаамон даромада, падарамро мебаранд ва дар болои қабристони русҳо мепароананд. Баъди се рӯзи ба қатл расонидани падарам бо силоҳбадастон ба хонаамон омада, кофтукоб мекунанду мегӯянд, ки ба онҳо хабар рафтааст, ки мо дар ҳавлиамон чоҳ канда гулӯла пинҳон карда бошем. Ҷойи маълумотрафтаро силоҳбадастон мекананд, ки раҳматӣ падарам дар он ҷо шалғамҳоро чоҳ карда будааст. Баъди дидани ин манзара силоҳбадастон аз кори кардаашон шарм мекунанду мераванд.

- Бале, Алимуҳаммад. – ба гап сар кард Муҳаммад. – Дар он вақт пурсупос набуд. Барои як кайк пӯстинро месӯханд. Одам дар чашми хунхӯрҳо пашша барин менамуд.

Саидмуъмин, ки дуртар аз ин ду нафар нишаста буд, носи даҳонашро туф карда, ба суҳбати ин ду нафар ҳамроҳ шуд:

- Ин ҷанги бародаркуш дили ҳеч касро бе доғ нагузошт. Падари ман марде аст, ки дар одаму одамгарӣ баҳо надорад. Дар сарвату дасткушодӣ баробараш кам аст. Ин ҷанг баҳона шуду душманонаш аз ӯ қасд ситонданд. Шаби зимистон буд. Ману хоҳару бародарам хоб

будем. Модарам он шаб то субҳ болои сари мо менишаст, зеро бародарам табъ дошт. Дар чор тарафи деҳа пост ташкил карда буданд. Мардони деҳа шабу рӯз дар он постҳо нишаста, деҳаро посбонӣ мекарданд. Шаб то рӯз тап-тапи автомату тирпаронӣ ба гӯш мерасид. Мардум аз молу сарваташон не, балки аз номуси зану духтаронашон метарсиданд. Дар бисёр деҳаҳо силоҳбадастон духтарҳоро дуздида мебурданд.

Муҳаммад гуфт:

- Бале!

Саидмуъмин гуфт:

- Падари ман низ дар қатори мардони деҳа дар пост меистод. Овози тиру тӯп баланд мешуд. Модари бечораам дам ба дам берун мебаромад. Аз падарам ташвиш буд. Шаби 18-уми декабри соли 1992. Барқ набуд. Ҳама ҷо торикистон. Дунё бӯйи хун мекард. Осмону замин мотам дошт. Сагҳо аз ҳар ҷониб уллос мекашиданд. Овози тап-тапи автомат ба гӯш мерасид. Мо садои суруду мусиқиро фаромӯш карда будем. Бо садои автомату тиру тӯп хобамон мебурд. Ними шаб як равшании калоне ба чашмам бархӯрд. Чашм кушода ба тиреза нигаристам, ки мисли чароғи мошин намуд. Аз ин равшании даҳшатнок хоҳару бародарам низ бедор шуданд. Овози модарам аз пушти дар меомад, ки:

- Касе нест. Танҳо се кӯдакам хобанд.

Мо садои модарамонро шунида, давида ба берун баромадем. Дидам, ки як гурӯҳ силоҳбадастон, ки зиёда аз 80 нафа буданд, гирди хонаамонро иҳота карда буданд.

* * *

Якчанд рӯз пештар хоҳарам хонаро рӯбучин намуда, адиёли ғафси падарамро назди тафдони барқӣ мегузоранд ва худаш ба берун мебарояд. Ӯ ба кору бори ҳавлӣ машғул шуда, ба хона намедарояд. Адиёл месӯзад ва оташ ба хона паҳн мешавад. Аз тирезаи тарафи ҳамсоя дуд мебарояд. Писари ҳамсоя бохабар шуда, омада оташро хомӯш месозад. Ҳоло оташхомӯшкунӣ ба анҷом нарасида буд, ки дар як тарактори тилешкадор чор оила аз хешовандони падарам, аз Қурғонтеппа сарлучу пойлуч, гиряву фиғон карда, ки: - Мо фирорӣ шудем. Дар деҳаамон ҷанг сар шуд, - гуфта омаданд.

Саидмуъмин оҳи чуқуре кашиду суханронииашро идома дод:

- Баҳонаи силоҳбадастон ҳамин буд, ки чаро гурезаҳоро ба хонаатон роҳ додед?! Падарам ёру ошноёни зиёд дошт. Кумандоне ӯро мешиносаду мегӯяд:

- Баробари шахсони дар рӯйхатбуда ту ҳам ҳастӣ, гурез! Як бригада ба хонаи ту фиристода шудааст.

Падарам ин суханро шунида, безобита мешаваду ба кумандон мегӯяд, ки:

- Ман бояд ба хонаам равам. Чӣ хел зану фарзандони ман дар хавфанду ман мегурезам?!

Силоҳбадастон аз сандуқҳо сар карда, тамоми ҷиҳози хонаро кофтукоб намуда, чизҳои дилхоҳашонро гирифтанд. Чанд халта орд, гандум, зағир, собуну айна бо қуттиҳо буд, пул, фалаки асал ва ҳар чи дар чашмашон хуб метофт, дар пушти мошини падарам, ки ГАЗ-53 буд, бор карда, боз ҳуҷҷатҳои мошинро гирифта, падару амакам ва се марди хешамонро дастонашонро паси пушт бастанду бурданд. Дар хона бобои 65-солаам бо панҷ зани шавҳаргумкардаву 18 кӯдак ҳайрон монд. Тағоям, ки шахси гапрас буд, дар муддати 11 рӯз бо талоши зиёд тавонист, падарамро бо хешон озод намояд. Хушбахтона падарам ба хона баргашт, аммо аз хона ба берун баромада наметавонист. Ҳасудонаш ҳоло ҳам аз паяш мезаданд. Падарам бо маслиҳати тағоям аз Ватан ба Туркманистон рафт. Ӯ рафту муддате хату хабараш набуд, чун ки дар он вақт ягон намуди алоқа фаъолият намекард.

- А бача! Саидмуъмин афсонаи бузаки ҷингилапора нақл дора! – гуфт Мухтор. – Ин лоёта язнаҳот мерезан?! – Бишинен, бишинен, шумо бачаҳои раисен! – киноязанон ба гапаш давом дод ва тез-тез лойро ба хиштқолаб партофтан гирифт.

Дар ҳақиқат ҷавони чолоку корӣ аст Мухтор. Қурбон дар ҷавоби сухани Мухтор гап қатӣ намуда, гуфт:

- Аламат кардай? Бра, трам қатишон бшин! Афсонаи раҳматӣ бобошона нақл доран.

- Ма раги уво занак нестм, ки ғайбат карда бшинм. Ма мардакм, кор мекнм, сумм мебарм хонам. Ранги як хел одамо дар хонаи хусурум катагӣ надорум-ку. – боз киноя зад.

Ин сухан ба Муҳаммад сахт расиду оҳи пурдарде кашид. – Акаи Саидмуъмин, баъд дараки отатона ёфтен? – пурсид Алимуҳаммад.

Ашк дар чашмони Саидмуъмин ҳалқа зад. Суханаш дар гулӯяш руст монд. Бо овози пасту гирифта ҷавоб дод:

- Аз рафтани падарам шаш моҳ гузашта буд, ки як саҳар додарам, ки акнун ба синни 15-солагӣ қадам мегузошт, аз ҳад зиёд қай намуд. Ӯро ба беморхона бурданд. Духтурон гуфтанд, ки: «Рӯдаҳояш печидааст, бояд ҷарроҳӣ намоем». Ҷарроҳӣ намуданд. Вақти амалиёт

барқ хомӯш шуд. Ҷаррохӣ дер давом кард. Аз байн як моҳ гузашт, лек ягон беҳбудӣ набуд. Боз табибон ташхис гузарониданд. Маълум шуд, ки дар дарун чизе мондаанд. Дастпӯшаки табибон монда будааст. Духтурон бо баҳонаи барқ хомӯш шудан худро сафед намуданд. Ҳамин тавр бо ҳар баҳона бародарам се бор ҷаррохӣ шуд ва баъд аз се моҳи беморӣ аз олам чашм пӯшид.

Дигар Саидмуъмин давоми суханашро гуфта натавонист. Ашк дар чашмонаш ҳалқа зад. Муҳаммаду Алимуҳаммад низ андуҳгин шуда, тез-тез мижа мезаданду ба Саидмуъмин менигаристанд.

- Қурбон, бахудо ҳаминҳо девона шудаанд. – қоҳ-қоҳ хандид Мухтор. – бало ба паси ҳами лоё, ку биё, Қурбон, бишнем қати ҳами духтарако иқа гиря кунем. - Боз киноя зад. – ку гап занен, баро чӣ гиря дорен? Биген, мо ҳам гиря кунем охи. Ҳаҳаҳа хандид. – Эҳ ҳоло дунбаатонро мӯрча нагазидааст, мастӣ Саидмуъмин. – Хай куҷои дунбаи туро мӯрча газидааст? Ку бинем! Ҳаҳаҳа, - гуфтан ба ту таъсир намекунад, ҷонам рав, лоятро рез! – гуфт Саидмуъмин ва аз ҷояш хест. Садои мусиқии телефонашро баланд намуд. Сайёди Субҳон алами Саидмуъминро зиёд намуд:

*Борони баҳор мекунад сабзара тар,*
*Дар ҳаққи ту сӯхтам, фарзанди падар.*
*Фарзанди падар пораҳои ҷонам,*
*Номакта гирам, бишканад армонам.*

Саидмуъмин баробари Сайёд мехонду мегирист ва ба сӯйи дарё мерафт. Оби дарё зиёд шуда буд. Гӯё ашкҳои Саидмуъмин оби дарёро зиёд карда бошад. Ҳарчанд наздик мерафт, садои дарё бадланд мешуд. Гӯё дарё низ бародар гум карда бошад, ки бо Саидмуъмин ҳамовоз мешуд. Аз садои баланди дарё истифода бурда, бо овози баланд наъра мекашиду дод мегуфту алам мерезонд. Лаҳзаҳои кӯдакиашонро бо бародараш пеши назар меовард. Он лаҳзаҳо як-як пеши чашмонаш ҷилвагар мешуд. Дар замини маккаи даравидашуда бародараш болои хар савор буду Саидмуъмин харро метӯронд. Бародараш аз тарс дод мегуфт. Саидмуъминро завқ медод. Аз тарс бародараш худро ба замин партофт. Пушти сараш ба чӯби хушкшудаи ҷуворӣ зад. Пӯсти сарро даронда, ҷароҳати калон шуд. Падар давида омада, ӯро ба бемористон бурд. Модар бошад Саидмуъминро сарзаниш менамуд. Ӯ бошад, сари хам гунаҳкорона болои хунҳои рехтаро бо хок мепӯшонид. Суруди Сайёд ҳам ба охир расид. Дили Саидмуъмин ҳам холӣ шуд. Дигар

ҳавсалаи кор кардан надошт. Дасту рӯяшро шуста, сӯйи хонаашон равона гардид…

## РУХШОНА



*Рухшона Асрорзода (Норова) 17-уми июли соли 2006 дар деҳаи Артучи ҷамоати деҳоти Рӯдакии шаҳри Панҷакент зода шуда, дар айни замон дар синфи 7 МТМУ №34 ба номи Абдураҳмони Ҷомии шаҳри Панҷакент таҳсил менамояд.*

*Рухшона ҳанӯз ҳангоми таҳсил дар синфҳои ибтидоӣ ба эҷоди шеър машгул шуд. Намунаҳои ашъори ӯ дар нашрияҳои кӯдакону наврасон «Анбоз» ва «Пайрав», рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Чашмаи меҳр» ва маҷмӯаи нахустини мавсуф бо номи «Хуршеди ҷаҳоноро» ба нашр расидаанд.*

### ВАТАН

Ту ҳастӣ ҷон ба ҷонам, Тоҷикистон,
Туӣ зӯру тавонам, Тоҷикистон.
Чу модар меҳрубон ҳастӣ ту бар мо,
Ҳамеша меҳрубонам, Тоҷикистон.

Беҳтарин неъмати дунё, Ватанам,
Гавҳари нодиру якто, Ватанам.
То абад манбаи илҳоми манӣ,
Кишвари хурраму зебо, Ватанам.

### ГУЛЕ ДАР БОҒИ ВАТАН

Ватан ба мо ягона,
Азизу ҷовидона.
Номи он Тоҷикистон,
Аз ӯ кунем шукрона.

Хоки шоирхез, Ватан,
Марзи диловез, Ватан.
Дар боғи ту мерӯям
Чун гули мушкбез, Ватан.

### БА ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Бо сад ҳазор сабурӣ,
Нотарсиву ҷасурӣ.
Ту бахри Тоҷикистон
Заҳмат кашидӣ шоён.
Пешвои олиҷаноб,

Зарурӣ ба мо чун об.
Ту донoиву оқил,
Нуру чароғи манзил.
Дар сулҳу осоиш ту,
Дар меҳру навозиш ту,
Саҳми арзанда дорӣ,
Рӯйи фархунда дорӣ.
Мардуми Тоҷикистон
Ғамгин буданду гирён.
Ҷангро хотима додӣ,
Овардӣ сулҳу шодӣ.
Нотарсона омадӣ,
Далерона омадӣ.
Баҳри бақои миллат,
Баҳри фардои миллат,
Сулҳу сафо овардӣ,
Нуру зиё овардӣ.
Сулҳ омад, ҳамватанон,
Шодӣ кунед бепоён.

## МОДАР

Модар вожаи зебо,
Хуршеди ҷаҳоноро.
Хонаро диҳад оро,
Номаш бошад гуворо.
Модар чароғи хона,
Модар ба мо ягона.
Ҳамеша меҳрубон аст,
Меҳраш дар дилу ҷон аст.

## ОФТОБИ НУРБОР

Офтоби нурборам, модарам,
Эй нишоти рӯзгорам, модарам.
Мушфиқу ҳам соябонӣ бар сарам,
Роҳпо, чашминтизорам, модарам.
Кони лутфу хони икромам туӣ,
Хайрхоҳу хайрборам, модарам.
Дӯст медорам туро мисли Ватан,
Аз ту бошад ифтихорам, модарам.
Рост гуфтанро зи ту омӯхтам,
Ростгӯву росткорам, модарам.

## ЗОДРӮЗИ МОДАР

Модарҷони меҳрубон,
Муборак зодрӯзатон.
Баҳри моён ғамхоред,
Ҳарчанд хеле серкоред.
Бо ғамхории шумо,
Ба воя расидем мо.
Бо дастгирии шумо,
Шудем боақлу доно.
Сад ташаккур баҳратон,
Бинед умри ҷовидон.
Хурсандед, доред зодрӯз,
Илоҳо, бошед фирӯз.

## ТАБРИКНОМА

Имрӯз иди модарон
Омад бар ҳар хонадон.
Идро табрик бигӯем,
Хурсанд шаванд модарон.
Бо табрикномаи хуб,
Ҳам бо гулҳои маҳбуб.
Тӯҳфае ирсол кунем,
Модарро хушҳол кунем.

## КИТОБ

Панду ҳикмат дорӣ ту,
Маърифати беҳисоб.
Рози донишро ёбем
Мо ҳамеша аз китоб.
***
Китоб мисли муаллим,
Ба мо медиҳад таълим.
Дорои илм аст китоб,
Манфиаташ беҳисоб.
Хоҳӣ, бигиру бихон,
То, кӣ шавӣ ҳамадон.
Аз чӣ бузург аст китоб?
Медиҳад дарси одоб.

## МУАЛЛИМА

Муаллима чун оянд,
Ба синфамон дароянд.
Олами илму дониш,
Ҳам ҳунару ҳам хониш,
Сӯямон дар кушоянд,
Дилро равшан намоянд.

## МАКТАБ

Мактаб ба мо меҳрубон,
Дӯст дорем аз дилу ҷон.
Чун аз дараш дароем,
Хурсанд аз он бароем.
Аз вай дониш омӯзем,
Меҳри хониш андӯзем.
Хонем гар хубу аъло,
Шавем боақлу доно.
Мактаб чӣ бошад? Дарёб:
Ҷойи илм асту одоб.

## ОМӮЗГОР

Омӯзгори донишманд
Ба моён медиҳад панд.
Шахси ҳимматбаланд аст,
Донову шарафманд аст.
Қадри омӯзгор бидон,
Эй хонандаи нодон.
Ба панди ӯ гӯш андоз,
То ки шавӣ сарфароз.

## РӮЗИ ОМӮЗГОР

Омӯзгор идат табрик,
Ҷашни бузургат табрик.
Касбат пурмашаққат аст,
Пур аз меҳру заҳмат аст.
Илму фазлу донишро
Меомӯзӣ ту бар мо.
Доим ҳастӣ меҳрубон
Баҳри мо хонандагон.

## РӮДАКӢ

Рӯдакии бузургвор,
Ту ба ин ном сазовор.
Шеъри ту оламгир аст,
Баҳри барнову пир аст.
Гарчӣ рафтӣ аз дунё,
Шеърат ҳамеша бо мо.
Аз чӣ ту ҷовидонӣ?
- Султони шоиронӣ.

## САДРИДДИН АЙНӢ

Садриддин Айнӣ-
Алломаи мо,
Аз китобҳоят
Мо шудем доно.
Осоратро мо
Аз бар намоем.
Дар олами илм
Кишваркушоем.

## ЗАБОНИ МОДАРӢ

Шодем, ки давлат дорем,
Шодем, дорем сарваре.
Шодам, ки мегӯям шеър
Бо забони модарӣ.

Имрӯз комам ширин аст
Бо забони тоҷикӣ.
Бар забонам гардон аст
Шеъри ноби Рӯдакӣ.

Исмоили Сомонӣ
Шоҳи давлати мо буд.
Парварда лафзи дарӣ,
Шаъни миллати мо буд.

Аз забони худ шодем,
Аз забони модарӣ.
Забоне, ки омӯзад
Ба мо инсонпарварӣ.

## ЗАБОНРО ПОС ДОРЕМ

Агар мо модаронро дӯст дорем,
Агар як заррае эҳсос дорем.
Забони модариро гум насозем,
Забони модариро пос дорем.

Забон омӯхтам бо меҳри модар,
Забон омӯхтам бо шири модар.
Агар мо қадри модарро бидонем,
Забони модариро пос дорем.

Забони модариро пос дорем,
Чун аз модар варо мерос дорем.

## МУЖДАИ НАВРӮЗӢ

Бо тоқии зардӯзӣ,
Бо куртаи гулдӯзӣ,
Бо шодиву фирӯзӣ,
Омад пайки наврӯзӣ.

Бо ҳусни навбаҳорон,
Бо кокули обшорон,
Бо хуршеди дурахшон,
Омад пайки наврӯзӣ.

Бо садои булбулон,
Бо мавҷи майсазорон,
Бо базми пиру ҷавон,
Омад пайки наврӯзӣ.

Бо рӯбучини хона,
Бо шеъру бо тарона.
Бо шодиву шукрона,
Омад пайки наврӯзӣ.

## НАВРӮЗ

Наврӯз – ҷашни хуҷаста,
Наврӯз беҳтарин рӯз аст.
Дар Тоҷикистони мо,
Наврӯз рӯзи фирӯз аст.
Наврӯз хушрӯзӣ орад,
Ба мо беҳрӯзӣ орад.
Дар Ватани мо наврӯз,

Бахту пирӯзӣ орад.
Занон суманак пазанд,
Духтарон зебо рақсанд.
Хонандагони мактаб,
Шодон ҳастанду хурсанд.
Ҳамаи пиронсолон
Шаванд дар ин ид ҷавон.
Мехонанду мерақсанд
Духтарону писарон.
Бо муждаи беҳрӯзӣ
Омадӣ наврӯзи мо,
Бошӣ ҳамеша ҷавон,
Эй ҷашни фирӯзи мо.

## МЕҲРГОН

Меҳргон моҳи меҳр ояд,
Ба дил шодӣ физояд.
Дар Тоҷикистон ин ид,
Орад бешумор навид.
Зеро дар ҷашни Меҳргон,
Хурсанд аст марди деҳқон.
Шабу рӯз дар заҳмат аст,
Ҳосил баҳраш сарват аст.
Деҳқон ҳосил ғундорад,
Файзу баракат орад.
Зеро меҳнати деҳқон
Зарур аст бар ҳамагон.
Бошад ҳосили деҳқон,
Зеби ҳар як дастархон.
Бояд донед бачагон,
Ки меҳнати деҳқонон,
Дар ҳаёти одамон,
Мебозад нақши калон.
Аз ҳамин сабаб Меҳргон,
Бошад ҷашни деҳқонон.

## ПАДАР

Эй падари меҳрубон,
Дуогӯйи фарзандон.
Ҳаргоҳ хоҳед аз Худо
Саломатии моро.
Падарҷони меҳрубон,

Насиҳатгӯйи моён.
Хоҳед шумо ҳамеша,
Омӯзем касбу пеша.

## БОРОНАКИ БАҲОРӢ

Чак-чак мерезад борон
Бар фарози куҳсорон.
Файзе орад ба саҳро,
Баракате ба даштҳо.
Боронаки баҳорӣ,
Аҷаб ту хушгуворӣ.
Пас аз он, ки меборӣ,
Рангинкамон меорӣ.

## ТАЙЁРА

Тайёра дорад парвоз,
Ба кишварҳои пурроз.
Хоҳам равам ҳамроҳаш,
Ба кишвари дилхоҳаш.
Падарҷонамро ёбам,
Оварам бар диёрам.
Чун шудаам пазмонаш,
Равам, гирам домонаш.
Хоҳам, ояд ба наздам,
Гӯям пазмонаш ҳастам.
Оем бо ҳам ба хона,
Бо тайёра шодона.
Бародаронам хурсанд
Ба назди падар даванд.
Кошки ин орзуям худ
Зудтар амалӣ мешуд.
Лекин ноумед нестам,
Зеро ман воқиф ҳастам.
Падарҷонам оянд зуд,
Ба назди духтари худ.

## БИБӢ ШАРИФОВА



*Бибӣ Шарифова 1-уми январи соли 1938 дар деҳаи Дарги ноҳияи Айнӣ ба дунё омадааст. Дар синни 2-солагӣ аз падар маҳрум монда, бо ҳамроҳии бародараш Ҷумаев Шариф ба тарбияи амакашон Давлати Шайх ба воя мерасад. Падараш, Шайхов Ҷумъа, ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ рафта барнамегардад.*

*Бибӣ аз синни 12-солагӣ дар ҳавои байтҳои халқӣ, ки дар водии Зарафшон маъмуланд, ба гуфтани байт огоз менамояд.*

*Ӯ соли 2008 ба Маккаю Мадина сафар карда, ба зиёрати хонаи Худо шарафёб шудааст.*

*Намунае аз дафтари байтҳои дар ҳавои байтҳои халқӣ гуфтаи Бибӣ:*

Рафтаму расидем ба оби Замзам,
Шояд, ки зиёратам қабул шад, баччам.

Ҳар чор писарам очая кардед ҳоҷӣ,
Аз меҳнати кардагем наям норозӣ.

То зинда ҳаям, бачам, ту қадри мана дон,
Баъд аз мурдан насӯзу фотиҳа нахон.

Тақдири Худо будаст, рафтам Каздон,
Иброҳима зан диҳам, мурам беармон.

Як додару як хоҳаракем дар дунё,
Раҳмоя хӯрад Худои боли саро.

Во, додари ҳамтанам рафтаст зи ҷаҳон,
Гапам назанед, ба сина дорам армон.

Оқибати дарди банда бошад ба аҷал,
Феъли хуши духтуро табобат ба касал.

Як додару як хуҳар будем зиндаҷудо,
Зардоби ятимӣ бар сарам дарду бало.

Додар мана партофту бурафт бар шаҳро,
Зардоби дили хуҳар ба ранги дарё.

Аз дасти ятимиҳоша кард тарки ватан,
Ӯ мурду бурафту ашки ман дар доман.

Рузе, ки мурам бароваред Дашти Мазор,
Як рузи ятимӣ бар назар буд ҳазор.

Ҳар ҷо, ки равам хотири ноҷаъм дорам,
Ман нози ягон каса намебардорам.

Дуди дили оча мебурод бар осмон,
Дар зиндагиям набудаам ман хандон.

Аз дасти ятими ҳама оҳам ба Худо,
Гапам назанед, дилам шудаст обу адо.

Доди ҳама доду доди ятим бедодӣ,
Дар рӯйи дили ятим нест ободӣ.

Ободи надорад ин дили пураламам,
Ман мемурамо, ба ҳасрати додаракам.

Ман модари пурҳасрату пурармунам,
Байти ғами худ ба ҳар нафас мехунам.

Бибеш мурадо, бобо шаҳи беозор,
Ҳар се амакат бари туянд хизматгор.

Балнитсаи Роҳатиба додош касалай,
Ку дусти азизе, ки бигирад хабараш.

Балнитсаи Қистакузба рафтам бемор,
Гуфт, ин касали раг аст, аз ин ҷо бардор.

Балнитсаи марказиба будам, писарам,
Бахтам, ки калун буд, нашуд хун ҷигарам.

Қосиму Раҳимову Мирзо, писарам,
Аз дуриятон ҳамеша хуни ҷигарам.

Балнитсаи Қистакузба бемор шудам,
Бар дидани додару хуҳар зор шудам.

Сардухтури Қистакуз ташакур ба шумо,
Бастед ба марги ногаҳонӣ раҳи мо.

Ман аз раҳи дур сайри ҷаҳон омадаам,

Бемор шудам, дил ба фиғон омадаам.

Бемор шудам, мана, табобат кардед,
Чун модари худ бароям хизмат кардед.

Дар саҳнаи балнитса ниҳоли арча,
Медсестраҳо ҳама худи гулғунча.

Умрам ки гузашт ба ғурбати дунёӣ,
Аз ғурбати бачаҳо шудам шайдоӣ.

Умрам бигузашту ман наосоидам,
Аз ғурбати бачаҳо ба сил печидам.

Войи ҷунам, ба ин қадар пураламӣ,
Аз ғурбати бачаҳо шудам ман касалӣ.

Доим шабу руз ду дасти модар ба дуо,
Аз давлати бачаҳо кунам кайфу сафо.

Шаб то саҳара Худоба дорам зорӣ,
Мардои мусофира ба модар орӣ.

Умри гузарон ба сад алам мегузарад,
Афсӯс, ки одамӣ ба ғам мегузарад.

Ҷуни мана сухтӣ додари беписарам,
Мурдию бурафтию бисӯзад ҷигарам.

Дар ҳасрати додари худам дарди силам,
Мегирям кам намешавад дарди дилам.

Гапои мана навишта дар тоқ мунед,
Ҳаргоҳ, ки ба ёдатон биём, хунед.

Доим ба дилам ҳазору як ғам дорам,
Асло хабари бада намебардорам.

Доим дили оча, бачаҳо, пуралам аст,
Додар мурдаст, хуҳар кунун кӯҳи ғам аст.

Об овардам зи чашмаоби Нарзан,
Шояд, ки шифо шавад барои фарзанд.

Раҳмат ба Президенди мардумдӯстам,
Осоиши бандаҳо свети шабу рӯз.

Хонаи Худо даромада нола кунам,
Дар тоати Ҳақ дили худа вола кунам.

Бо оби ду чашми худ таҳорат кардам,
Маккаю Мадиная зиёрат кардам.

Ҷӯбора калон кардаму об овардам,
Сад ғурбату меҳнатоба тоб овардам.

Аз дасти туя, бачам бемор шудам,
Охир ба касали сил гирифтор шудам.

Оча, мурадо, ба баччаи сарсахташ,
Месӯзаму мемурам барои бахташ.

Оча, мурадо, ба баччаи зиндаҷудо,
Бар дидани очаат ту баргарду биё!

Баччаи саводноки мардикорам,
Пазмон шудамат, биҷӯ илоҷи корам.